ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

# ҶОМИ САРГАРДОН

**Қисса ва ҳикояҳо**



Тошканд
«Тамаддун»
2014

**УӮК: 821.512.133.1**
**КБК: 84(Тож)7**

**И48 Имомназар, Юнус.**
Ҷоми саргардон: қисса ва ҳикоялар тӯплами / Ю. Имомназар – Тошкент: «Tamaddun», 2014. – 280 бет.

***Муҳаррир:*** Тоҷибой Икромов

***Тақризгар:*** Холназар Ӯролзода

Ба гуфтаи Ҳаким Умари Хайём, Кӯзагари даҳр чунон ҷоме месозад, ки ба зебоии он ҳар гуна ақл офарин мехонад. Вале Офаридгор ин ҷоми бемисли худро аз озмойишҳо гузаронда дубора ба хок яксон мекунад. Аз назари нависанда, инсонҳо низ монанди он ҷомҳои бемисланд, ки ба ҳар кӯ меафтанд, аз имтиҳоноти рӯзгор мегузаранд, гоҳе сарсахту сахтҷон ҳастанд, гоҳе нозуку латиф ва гоҳе орому гоҳе саргардон. Аз пайи ин, ҳаёт доимо моломоли рафтору одоб ва бархӯрдҳои неку бад, росту дурӯғ, писандидаву номақбул аст ва ҳар кас ба мизони ақлу гузинаи хеш зиндагии худро месозад. Маҳз ба ин маънӣ маҷмӯаи нави қиссаю ҳикояҳои Юнуси Имомназар мураттаб шудааст, ки давоми мантиқии бахши аввали китоби «Аз санг сахт, аз гул нозук»-и ӯст ва барои мутолиа ба хонандагони синну соли мухталиф пешниҳод мегардад.

**УӮК: 821.512.133.1**
**КБК: 84(Тож)7**

ISBN 978-9943-4479-4-3 «TAMADDUN», 2014

## Муқаддима

Дар сарзамини Осиёи Марказӣ аз қадимулайём халқу миллатҳои гуногун умр ба сар мебаранд ва ба хусус, дар соҳаи адабиёт бо якдигар ҳамкорӣ ва таҷрибаомӯзиҳои ногусастанӣ доранд. Бо таваҷҷуҳ ба оинаи тарих, аз оғози асри бистум сар карда то ба имрӯз дар кишварҳои ин минтақа имкониятҳои васеъ барои эҷодкорони миллатҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст, ки аз пайрезии фазои мусоиди сиёсӣ ва фарҳангию адабӣ дарак медиҳад. Пӯшида нест, алломаи тоҷик Садриддин Айнӣ баробари ибрат гирифтан аз насру назми замони худ пайваста ба аҳли илму адаб маслаҳату машваратҳо додааст ва худ гузашта аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ низ асарҳои мондагор офаридааст. Адиби қазоқ Мухтор Авезов яке аз аввалин романҳои дар Осиёи Марказӣ зуҳуркарда – «Рӯзгори мозӣ»-ро ба кӯҳи Тияншоне, ки гӯё ногаҳон дар ҳаволии саҳро пайдо шудааст, монанд мекунад. Бердӣ Карбобоев романи «Навоӣ»-ро, ки ба қалами Мусо Тошмуҳаммад Ойбек мансуб аст, бо нафосати ба худ хос ба забони туркманӣ гардондааст ё Пиримкул Қодиров ҳар се китоби эпопеяи «Қисмат»-и Хизир Дарёеврo бо маҳорат ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст... Ин мисолҳои мухтасар гувоҳӣ бар он мебошад, ки равобити халқҳо бо ҳунари зуллисонайнӣ ва мутарҷимӣ дар бахшҳои назму насри адабиёт таҳкиму рушд ёфта ва меёбад.

Ҷойи зикр аст, ки силсилакӯҳҳои Нурато маҳдудаеро марбут ба ноҳияҳои Нурато ва Хатирчӣ (вилояти Навоӣ), Фориш (вилояти Дизак), Қӯшработ ва Пастдарғом (вилояти Самарқанд) ба тӯли қариб сесад километр фаро мегирад ва дар водию адиру дараҳои он миллатҳои мухталиф, аз ҷумла, тоҷик, ӯзбек, қазоқ, туркман, араб, қароқалпоқ дар ниҳояти дӯстиву бародарӣ умр ба сар мебаранд. Дар ин минтақа шоиру бахшиҳое монанди Саид Муҳаммад Паноҳ, Эргаш Ҷуманбулбул, Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Қувноқ бо ашъору достонҳои назмию насрии худ ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони ӯзбекӣ домани шуҳрат густурдаанд. Имрӯз низ ба ҳиммати эҷодкорони ҷавону пурталош ба ҳусну таровати маънавии ин хитта ҳусни тоза зам мешавад. Яке аз нависандагони пурумед, ки дар деҳаи Эҷи кӯҳпояи Нурато ба дунё омадааст ва саъй дорад пойи маҳкам дар майдони адабӣ гузорад, Юнуси Имомназар аст.

Дар асл, калимаи «эҷ» муаррари вожаи «эг» аст. Тавре ки дар фарҳангҳои қадимии форсӣ-тоҷикӣ омадааст, чунончи, аллома Деҳхудо ба нақл аз «Форсномаи Носирӣ» менависад: «Вожаи «эҷ» дар асл «эг» буд, дар форсии бостон ба маънии «қалъа», «бору». Баъд аз тасарруфи аъроб онро «эҷ» гуфтанд. Дар қадим шаҳре муътабар буд ва чандин сол пойтахти мулуки Шабонкора буд...». Бо ин ном деҳае дар ноҳияи Сурхаи вилояти Симнон ва шаҳри қадимие дар қисми ҷанубу шарқии вилояти Форси Эрон мавҷуд аст. Дар ҳақиқат, деҳаи Эҷи кӯҳпояи Нурато низ бо қалъаҳои худ, минҷумла, бо қалъаи бостонии «Феҷак» маъруф аст. Бино ба гуфтаи торихномаҳо, сарбозони шикастхӯрдаи Спитамен дар Самарқанд аз лашкари Искандари Мақдунӣ фирор карда, ба қисми шимолии риштакӯҳи Нурато меоянд ва дар байни дараҳои сердолударахт маскан гирифта, барои эмин мондан аз ҳамлаҳои душман барои худ қалъаю истеҳкомот сохтаанд. Нахустин бошишгоҳи онҳо қалъаи Эҷ будааст.

Дар чунин як деҳаи бостонӣ, ки қадимати он бештар аз ду ҳазору дусад сол аст, ба дунё омада, аз табиату накҳати бепоёни он нашъа бурда, худро ба атрофиён шиносондан орзуи ҳар як эҷодкор аст. Аз ҷумла, Юнуси Имомназар ба ин бахт ноил шуда, хешро бо маҳорати мақоланигорӣ, ёддоштнависӣ ва истеъдоди нависандагӣ мешиносонад. То имрӯз китобҳои ӯ бо номи «Аз гулгашти Мусалло то нақши Ҷаҳон», ки сафарномае дар хусуси шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва Теҳрон аст ва «Аз санг сахт, аз гул нозук», иборат аз маҷмӯи қиссаю ҳикояҳо ва мақолаю очеркҳо, манзури хонандагон гардидаанд. Ҳоло бошад, китоби нави адиб бо муҳтавои тозаи бадеӣ аз чоп баромадааст, ки он ду қисса ва достонҳои кӯтоҳро дар мавзӯъҳои мухталиф, ки обхӯрда аз чашмаҳои зиндагӣ, рафтору муносибот, бахту тақдир ва олами рӯҳию равонии одамон аст, фаро мегирад. Дар асарҳои Юнуси Имомназар аксаран воқеаҳои одии ҳаётӣ, эҳсосоти содаи одамон тобиши муассир ва назокати бадеӣ ба худ мегиранд. Минҷумла, дар ин китоб сарнавишти инсоне, ки ба роҳи нодуруст по гузошта фитрати зиёии худро аз даст медиҳад ва дар дунёи танги қочоқу ифроти динӣ сарсон мешавад, бехабар аз он ки пушаймонӣ ва фоҷеаю азобҳои рӯҳӣ дар пеш аст; ватандӯстии одамони одии кӯҳистонӣ, ки барои нигаҳдории осойиши мардум ва ҳифзи обрӯйи зодгоҳи хеш дар муқобили душман истодагарӣ намуда, дар ҳар қадам ба хотири посдории расму улгуҳои миллӣ саъю талош мекунанд; ҷонканӣ ба хотири ҳифзи табиат ва манфиати ҳамдиёрон, меҳрубонӣ ва олиҳимматии инсонҳо, амалу одоби нораво ва номақбули одамони сустирода, ҳунармандӣ ва лаёқати инсонҳои боистеъдод, майлу назокати қалбҳои ошиқ, меҳри беандоза ба ватани бобоӣ, бетакаллуфӣ ва ғайбатҳои бемавриди пушаймонзо, бархӯрдҳои ноҳинҷору дилозор ва амсоли ин мавзӯъҳое баён мешаванд, ки хонанда аз пайи мутолиа беихтиёр рӯҳиятҳои нав ба нав ба худ мегирад ва дар пайравӣ ба қаҳрамонҳои қиссаҳо гоҳе хурсанд мешавад, гоҳе ба шӯр меояд, гоҳе ба олами андеша фурӯ меравад.

Оре, ҷанбаҳои рангини ҳаёти инсонӣ ва ба хусус, равону рӯҳияти одамонро фаро гирифтани китоби эҷодкор як амри воқеӣ дар олами фарҳангист. Мо низ, бо умеди ин ки хонанда аз ин лиҳоз китоби хонданӣ дар даст дошта бошад, ба адиби ҷавон комёбиҳои эҷодӣ орзу мекунем.

***Тоҷибой Икромов,***
*рӯзноманигор,*
*муовини сармуҳаррири «Овози тоҷик»*

# ҚИССАҲО

## ГУРЕЗ АЗ ХУД

**Ҳар он кас, ки дар биму андӯҳ зист,**
**Бар он зиндагонӣ бибояд гирист.**
***(Фирдавсӣ)***

## Сабуксарӣ

Ромиш фикр мекард баъд аз хатми донишгоҳ ӯро низ дар кишвари ҳамсоя нигаҳ медоранд. Чун аз дер боз қонуни нонавиштае барои донишҷӯёни хатмкунанда ҳукмрон буд, онҳо мутааҳҳид мешуданд бар ивази таҳсилоти гирифтаи худ кор кунанд ва то ҳадде барои рост кардани миёни хамидаи мамлакат саҳм гузоранд. Дар асл, ин дархости номатлубе ҳам нест, бисёр давлат ин гуна сиёсатро доранд. Аз сӯйи дигар, худи донишҷӯ низ бояд моҳияти чунин як бархӯрдро дарк намояд. Аммо, бар хилофи пиндоштҳояш, мисли ҳамкурсони дигар ба дасти ӯ низ дипломашро доданду роҳи сафед хостанд, мисли ин ки изҳор доштанд: «чор тарафат қибла». Ин амали устодони донишгоҳ Ромишро ба ваҷд овард. Азбаски шабу рӯз даст ба гиребон шудани маслаку мансабталошони бехуд зиндагии мардумро нооромсохта буд ва хурду калон, одами худию бегона вақту бевақт ба доми авбошон афтида азоб мекашиданд, Ромиш бе гапугуп аҳд кард ба зодгоҳ баргардад. Ӯ дарчаҳои умедро дар рӯ ба рӯйи худ кушода дид ва бе дудилагӣ, гӯё болу пар бароварду ба сӯйи ватан дартоз шуд.

Агарчи панҷ сол дар сарзамини дигар будубош дошту ба гарму хунуки он диёр ва хайру шарри сокинонаш одат карда буд ва гӯё таноби маҳкаме ӯро ба он сӯ кашида меистод, обу ҳавои зодгоҳ бо нафосати дигар дар вуҷудаш нишаст. Ромиш аз остона берун меомаду дар ҳар қадами деҳаи худ оромишу фараҳи бепоёнро ҳис мекард, ба хусус, меҳрубонии волидайн ва самимияти ҳамдеҳагон дилашро ба зиндагӣ гарм месохт. Ӯ дар мактаб аз фанни торих дарс гирифт ва ба омӯзондани ҳақиқати рӯзгори чандин сол таҳрифшуда камар баст.

Ромиш омӯзгорӣ мекард, вале юғи бераҳми тангдастӣ хонаводаашро азият медод. Вақте ки падару модар қарзу қавола карда барояш зан гирифтанд, мушкилот аз пештар бештар гардид. Ӯ бо падар рӯзҳои дароз ба хотири дарёфтани қути лоямут талош мекард, аммо якашон ду намешуд. Аз камобӣ нисфи боғашон хушк шуда буд, аз пайи даштҳои холию бирён бошад, чорвои дарашон – бузу гӯсфандон ва гову гӯсолаҳо нимсеру нимгурусна монда, ёрои ғизодеҳӣ надоштанд. Рӯзҳо пайи ҳам мегузашту субҳонаҳо бо чою нони хушк, наҳор аксаран бо шӯрбою биринҷи холӣ ва шом ҳам бо дӯғу чурғот сипарӣ мешуд. Гоҳе медид, ки падару модараш маълум накарда, бо гап шикам сер мекарданд ё оби хушки атола меошомиданд. Дар ин миён модари ҷонсахт ба коре даст зад, ки дар тӯли умри худ накарда буд. Ӯ фурсат ёфта гоҳу бегоҳ бо хар аз кӯҳ ҳезум меоварду ва ба ҳамдеҳагон мефурӯхт. Ҳамсараш бошад, то нисфҳои шаб зеху курок[1] медӯхт ва барои пул кардан ба занҳои савдогар медод. Ин ҷонканиҳои аҳли хонавода дар пеши чашми Ромиш сурат мегирифтанд, аммо ҷуз муросокорӣ чораи дигар надошт. Ӯ низ ба тақдир тан дода, бо умеди фардои нек талош мекард.

Чунин тирзании фалак ба шонаҳо буду як бегоҳӣ дари Ромишро ду нафар марди ношинос кӯфтанд. Аз рӯйи одоб меҳмононро қабул кард. Марди бузургтар, ки сарулибоси диданӣ дошту чанд ангуштарии гаронбаҳои чашмакдорро дар ангуштҳояш зада, як дастбанди занҷирмонанди тиллоиро дар банди дасташ овезон карда буд, пас аз ҳолу аҳволпурсӣ ба сухан омад:

– Ману рафиқам барои кори муҳиме пеши ту омадем, муаллим, – меҳмон каме сукут кард ва ҳайрати чеҳраи Ромишро пай бурда афзуд: – Номи ман Истам, дӯстам Ғайрат. Мо шунидем, ки ту дар кишвари ҳамсоя хондаӣ ва бешак, обу ҳавои он ҷоро аз ҳама беҳтар мешиносӣ. Ҳамин тавр?

– Оре, панҷ сол вақти кам нест, хеле макон бароям ошно аст. Вале, аз ман чӣ мехоҳед?

– Кори савоб карданӣ ҳастем, – каме оҳанги гуфторашро нармтар карда ба ҳарфаш идома дод ҳамон мард, – ту дархости моро анҷом медиҳӣ, мо ба зиндагии ту кумак мекунем.

[1] **қуроқ** – порчаи нақшдор, ки аз тикаҳои гуногунранги матоъ дӯхта мешавад

Ба тану ҷони Ромиш мурғак давид. Пешниҳоди марди ношинос айни муддао буд, гӯё кабки умед ба дасташ меомад. Бо ин ҳол, шубҳаомез пурсид:

– Чаро ман бояд хостаи шуморо анҷом диҳам? Каси дигар наёфтед?

– Ту одами бафаҳмӣ, бародар, марди варзишкарда менамоӣ, ба дӯстони худ садоқат дорӣ. Айнан ҳамин гуна хислатҳо писанди мост, – ба сухан ҳамроҳ шуд марди дуюм, ки ӯро ҳамроҳаш Ғайрат ном бурда буд, – ва хабар ҳам дорем, ки оилаатон ба пул муҳтоҷ аст.

– Мо дар зиндагии худ камӣ надорем, – бо ин ки гапи охири меҳмон ба Ромиш хуш наомад, нороҳат нашуда, ба асли мақсад наздик шуданӣ шуд: – Аммо аз кори судовар ҳам рӯ наметобам, агар аз дастам ояд. Чӣ мефармоед?

Марди аввалӣ каме оҳиста ва бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

– Номаи моро ба Гулдор мебарӣ. Он ҷо туро одами худӣ қабул мекунад ва хатро гирифта ба мо занг мезанад. Вақте ки ин кор дурусту бекаму кост анҷом шуд, мо ҳамон лаҳза ҳазорта аз «кабуд» ба хонаат мерасонем.

Муаллим ба андеша рафт. Ҳис кард, ки меҳмононаш одамони одӣ нестанд, онҳо амалҳои пинҳонӣ анҷом медиҳанд. Ӯро аз рӯйи ночорӣ дар гирдоби худ афканданианд, мехоҳанд бо дасти дигаре кор кашанд. Бо вуҷуди ин, сар аз тахайюл бардошт:

– Медонед, аз Сариоб то Гулдор чӣ қадар роҳ аст? Бояд се ноҳияро бурида гузашт, ҳама ҷо пури милиса, постҳои гумрук, – Ромиш ором шуд ва чун дид меҳмонон бо нигоҳҳои исроромез ба ӯ чашм медӯзанд, аз нав ба гап даромад: – Аммо, пешниҳоди шумо хеле аҷиб аст, ман метавонам бо мазмуни номаатон шинос шавам?

– Ин барои ту муҳим нест, – равшан ҷавоб дод Истам – ҳамон марди аввалӣ, ки ҷиддияти чеҳрааш ҳамоно боқӣ мемонд, – ту коратро мекунӣ ва ҳаққатро мегирӣ.

Ромиш дудила шуд. Агарчи аз бархӯрди ду марди ношинос бӯйи наҳс меомад, пай мебурд, ки даромади хуберо аз каф раҳо мекунад. Ба ҳар ҳол, зиёд андеша накарда гуфт:

– То мавзӯи амалиётро нафаҳмам, кореро аз ман интизор набошед, маро маъзур доред.

– Нони даҳонатро пешпо назан, мо ба ҳар кас ин пешниҳодро намекунем, – бо бетоқатӣ ба сухан омад Ғайрат, – агар розӣ шавӣ, кордат дар равған меғӯтад.

– Нағзакак фикр кун, муаллим, – илова кард Истам ва як коғазчаи ёддоштро ба дасти Ромиш дода истода афзуд: – Мо то се рӯзи дигар дар деҳаи шумоем, агар назарат иваз шуд, ба ин шумора занг зан.

Меҳмонон аз ҷо хестанд ва бо Ромиш, ки хомӯш сари ҷо менишаст, саридастӣ хайрухуш карда ба берун баромаданд.

Маъмулан, инсон иродаи худро, ба хусус, он тинатеро, ки дар тӯли солҳои зиёд ба вуҷудаш роҳ ёфтааст, наметавонад ба осонӣ бой диҳад. Фақат ин зиндагӣ аст, ки одамро ба нишебу фарозҳое меафканад ва маҷбур месозад, нохудогоҳ, бар хилофи раъйи худ коре носавоб анҷом диҳад. Ва паёмади мушти зиндагиро «накди ҳазор озор» хондаанд, ки онро ҳар қадар кам шуморӣ, боз ҳам бисёр аст. Аз дасти ин мушт гоҳе чашми хирад кӯр мешавад, неруву тавон танҳоро тарк мекунад, бандаи оҷиз аз пайи васвасаи шайтон ба роҳ меафтад. Ромиш пайваста заҳмат мекашид, вале боз ҳам медид, ки камбудиҳоро рафъ накардааст ва маъюсона дар худ меандешид: «Амон аз дасти хонадорӣ – яке мехарӣ, дуто надорӣ». Айнан дар дили чунин рӯзҳо пайдо шудани Истаму Ғайрат боиси он гардид, ки ҳама тавону таҳаммули ӯ ноустувор шавад. Агарчи пай мебурд, кори онҳо нохушие дар пеш дорад, фақирӣ пардае ба рӯйи чашми ақлаш кашид ва фақат сурати пул ба назараш намуд. Бо ин ҳол се рӯзро чӣ хел гузаронд, фақат ба худаш аён. Мехост бо падар суҳбат кунад, пешниҳоди он дуро дар миён гузорад, аммо иродааш даст надод. Бовар дошт, аз падар ҷуз сарзаниш ҳарфи дигаре нахоҳад шунид. Ӯ ҳамеша мегуфт, ки ба умеди оши ҳамсоя турб натарош, фақат нодон ба сарвати бедардимиён талвоса мекунад. Як луқма нони меҳнатӣ ширинтарин насиба аст.

Ромиш бо дудилагӣ дар охирин лаҳзаҳои рӯзи сеюм, вақте ки сафедии хокиранг бо пардаи тирафом ҷо иваз мекард, гӯшаки телефонро ба даст гирифт. Ҳанӯз коре накарда

буд, аммо дасту пояш меларзиданд, ҳайкали баландаш гӯё аз ҷунбиш бозмемонд. Аз он сӯ садои ошноро шунид: «Муаллим, чӣ кардӣ?», – мепурсид Истам. Ӯ базӯр ҷавоб дод: «Ман розиам»...

Ромиш чизҳои муҳими чандрӯзаро дар борхалтаи ҳамкорони нави худ андохта ба роҳ баромад. Ӯ бо баҳонаи тӯйи арӯсии кадом як дӯсташ по ба сафар бардошт. Ғалаёни аз дил сар задаро дар худ фурӯ бурда, дар ҷодаҳои шинос мошинҳои кирояро тез-тез ивазкунон, то сарҳади кишвари ҳамсоя расид. Шояд бахт ба рӯяш хандид, дар наздикии посгоҳи «Оббурд» ба як гурӯҳ одамони маҳаллӣ пайваст, ки ба маркази кишвари ҳамсоя арӯс мебурданд. Дар ҳалқаи тӯйбарони шоду хуррам марзбонон василаҳои ӯро низ тагурӯ накарданд. Ҳамин тариқ, ҳамроҳ бо тӯйбарон аз посгоҳи «Пишох» низ гузашта рафт.

Ҳамон рӯз, ҳанӯз торикӣ надаромада, ба шаҳри Гулдор расид. Дар чорбоғи гузари «Оҳангарон» ӯро ду нафар марди тануманди ришдор қабул карданд. Онҳо бо хушнудӣ барояш илтифот нишон доданд. Дар хусуси амонати овардааш чизе напурсида, ӯро нахуст ба даври суфраи меҳмонӣ хонданд. Аз забонашон «муаллим», «муаллимҷон»-гӯйӣ канда намешуд, ба назар мерасид, ки ӯ барояшон кори бузурге анҷом додааст. Ҳарчанд мехост худро бехаёлу ором нигаҳ дорад, аз дасташ намеомад, аз тарсу ваҳми номаълуме дилаш ҳавл меовард, омода буд ҳар чи зудтар аз дасти онҳо дарравад. Ӯ низ мехост бо хушҳолӣ гап занад, вале забонаш ба ком часпида буд. Ба пурсишҳояшон кӯтоҳ ҷавоб мегуфту дубора дар гирдоби хаёлҳои изтиробомези худ ғарқ мешуд. Рафтори худро наметавонист дар тарозуи ақл баркашад, гӯё ин одамони бегона ӯро ҷоду карда буданд.

Дар поёни суҳбат яке аз мизбонон борхалтаи овардаи Ромишро кушод. Бе мулоҳиза бо кордчаи худ пушти ҳам се дарбеҳро, ки дар асл се кисаи дарун ба дарун дар дохили борхалта дӯхта шуда буд, пора кард. Аз он бастаи хурди наворчаспшудае баромад. Дарҳол рӯяи онро низ бо кордчааш бурида партофт. Вақте ки аз баста қатор-қатор қуттичаҳои вазелин дар омад, чашмони Ромиш калон боз шуданд. Ӯ акнун пай бурд, ки ба чӣ коре даст задааст, чаро дилашро ваҳм зер мекард. Мехост чизе гӯяд, аммо забонаш гирифта буд. Мисли ин ки хун ба сар зада бошад, ба рӯяш сурхӣ дамид, тану ҷонаш тафсида рафт. Мизбон бошад, ба ӯ таваҷҷуҳе накарда, сарпӯши чанд қуттичаро кушод ва таркиби онҳоро бӯкунон ба ҳамроҳи худ гуфт:

– Телефон кун, Асил, нома бекаму кост расид.

– Хуб, ҳамин ҳозир занг мезанам! – ҷавоб дод дӯсти вай ва гӯшии ҳамроҳашро ба даст гирифт.

Дар ҳавои хурсандӣ суханҳое бо телефон радду бадал шуданд ва Асил гӯшакро ба Ромиш дароз кард:

– Сардорамон туро мехоҳад, гап зан, – гуфт ӯ ва бо ишораи рафиқи худ ба хонаи дарунӣ даромада рафт.

Ромиш, ки ҳанӯз ҳам баданаш пир-пир меларзид, телефонро ба баногӯш ҷафс карду нимовоз гуфт: «Лаббай». Аз он сӯ садои ошнои Истам омад: «Салом, муаллимҷон, коратро дуруст анҷом додӣ. Ҳамин ҳозир «нома»-и ту ба дасти завҷаат мерасад. Имшаб дар ҳамон ҷо истироҳат куну фардо ба роҳ баро». Садо қатъ шуд, ӯ бо карахтие, ки бори нахуст ба ин зайл вуҷудашро фаро мегирифт, аз ҷо хест...

Ромиш аз Гулдор баромаду шаҳракҳои Пишох, Оббурд, Сапедак ва маркази Чашмасорро гузашта ба Сариоб расид. Чун аз ҳад зиёд побанди хаёлҳои печида буд, нафаҳмид ин ҳама роҳро чӣ хел паси сар кард. Ӯ ба ин гуна сафарҳо одат дошт, аз ҳеҷ чиз намеҳаросид, аммо ин бор аз мӯйи сар то нохуни по тарсу воҳимаеро дар худ ҳис мекард. Раҳораҳ бо ҳисси таассуф дар худ меандешид: «Наход, дидаю дониста ба қочоқчиёни афюн ёрӣ расонам? Наход, хондаю шунидаҳои худро дар хусуси тарёк, ки офати ҳаёти инсонист, нодида гирам? Э вой, охир аз пайи ин корам чанд кас бемору бангӣ шуда, чанд оила чорқади ғаму андӯҳ ба сар мекашанд-ку?! Чаро омӯзондаҳои падару устодонро аз ёд бурдам, чаро ба хотири нафси худ бо кашонандаҳои «шира»-и аҷал ҳамдаст шудам?...».

Ромиш ноором буд, дарун-дарун доғ мешуд, аз он ки виҷдонаш харош хӯрда буд, дилу ҷигараш гӯё аз лахчаи пушаймонӣ месӯхт. Ба касе майли ҳарф задан надошт, ин

дарди худро бо касе ҳам наметавонист баҳам бинад. Аҳёнан хаёле ӯро ором месохт, «ин кори шуданӣ буд, ҷойи ман каси дигар ҳам чунин амал мекард», – мегуфт худ ба худ, вале ҳамон лаҳза гӯё нидое аз мағзи дил баланд мешуд: «Эҳ, номард!». Вақте ки ҳамсараш подоши барояш расидаро доданӣ шуд, аз ғояти хастадилӣ ба он нигоҳе ҳам накард, фақат нимғурма гуфт: «Ҳоло ба касе нагӯ, дар сандуқат саришта кун». Ӯ феъли падарро хуб медонист, агар пули муфтро медид, дар пӯсташ каҳ ҷо мекард.

### Кӯза ҳар рӯз намешиканад

Ромиш пас аз хатми донишгоҳ асло хоҳиши мондан дар деҳаро надошт. Ҳарчанд зодгоҳ азиз буд ва аз обу ҳавои босафои он сер намешуд, барояш зиндагии сахти кӯҳистониён, ки аз бештарин имконоти муосир маҳрум буданд, дандоншикан менамуд. Намехост дар ин ҷо хонаю дар кунад, умрашро бо обу ҳезумкашонӣ ва молу боғдорӣ гузаронад. Ҳанӯз овони донишҷӯйӣ орзуҳое дар дил парварида буд, мехост дар шаҳр хона гирад ва падару модарро, ки ғайр аз ӯ каси дигаре надоштанд, бо худ барад. Агар манзилу боғи қишлоқашон ва бар замми он, ҳама моли хурду калонашонро мефурӯхтанд, метавонистанд дар шаҳр хонаи корикалонеро харанд. Ӯ кор мекард, волидайн аз заҳматҳои гарон фориғ мешуданд, зиндагии беранҷу осуда ба сар мебурданд. Вале, вақте ба падар дарди дил гуфт, аз гуфтан пушаймон шуд. Вай ҷаҳломез ҷавоб дод: «Ман об дар ҷувоз мекӯбам, бо мижгонам хору хас ҷамъ мекунам, дастамро ба оташ мезанам, лекин боғу дарамро тарк намекунам. Ҳамин зиндагии «пуразоб» аз ҳаёти шоҳонаи шаҳриҳоят сад бор беҳтар аст. Ман намехоҳам ватангадо шавам, бояд тобутам аз ҳамин дарвозаи ҷӯбинам барояд». Ин посухи падар аз сари тамоми андешаҳои ранг ба рангаш оби сард рехт. Ӯ худро иваз кард, ноилоҷ ба рӯзгори қишлоқӣ часпид.

Баъд аз сафари кишвари ҳамсоя қариб се моҳ чун бод гузашта рафт. Ромиш ба худ омад. Он ҳама ҳавлу ҳаяҷоне, ки дошт, фаромӯш шуд. Ӯ ба мактаб мерафту падар духтуриашро мекард ва модару ҳамсараш ҳам аз кору талошҳои худ сар намебардоштанд. Мехост аз пули ёфтааш барои хона харҷҳое кунад, аммо аз падар тарсид. Азбаски пули моҳонаро яклухт ба ӯ медод, намедонист ин даромади тасодуфиро чӣ хел маънидод кунад. Аз ин рӯ, ту дидию ман не, лом-мим нагуфт ва ба ҳар чӣ доштанд, қонеъ шуда, ба таҳаммули тангдастию мушкилот идома дод. Аҳвол «Аҳмади порина» буд, мисли рӯзҳои пешин азияти хонагиҳоро дида ба рикқат меомад, намедонист бори гарони онҳоро бо чӣ роҳе сабук кунад. Ҳатто дар ин айём фикри мардикорӣ ба сараш зад, хост мисли чандин ҳамдеҳа ба кишвари Паҳновар сар гирад. Лекин ин хоҳишро низ падар ба кунҷи ҳалқаш зад: «Ту кай одами бафаҳм мешавӣ? – рӯйрост гуфт ӯ. – Панҷ соли ҷудоӣ кам буд магар? Чӣ намерасад? Ё аз ману модарат сер шудӣ?». Аз дасти сахтгириҳои падар ба танг омада буд, ҳис мекард, ки ҳеҷ кореро наметавонад озодона, бо хости худ анҷом диҳад. Гӯё ҳар қадамашро падар наззора мекард, дар сурате ки хостаҳои дилаш беҳадду беадад буданд.

Вақте ки Ромиш аз хаёлҳои бесарунӯг азият мекашид ва рӯз то рӯз бештар дарк мекард, ки дар ҳуҷраҳои тори падар ба танг меояду зиқ мешавад, дубора Истаму Ғайрат ба суроғаш омаданд. Нафси бад – балои ҷон, ин дафъа Ромиш бо иштиёқи зиёд ба ошноёни ҳомиаш бағал кушод. Ҳангоми вохӯрӣ заррае аз пушаймониҳои се моҳ пеш ба хотираш наомад, омода буд чордасту чорпо аз пайи дастури нав ба роҳ барояд. Ӯ худро идора намекард, ҳисси ғун доштани сарват дигар ҳама ангезаҳои вуҷудашро дар худ фурӯ мебурд. Гӯё қувваи ниҳоне ӯро ваҳшивор дунбол мекард, мехост ҳар чи зудтар аз дасти он раҳо шавад. Ин ҳолати ӯ барои Истаму ҳамроҳаш айни муддао буд. Истам бо ҳамон чеҳраи ҷиддии худ, ки суханашро кӯтоҳу муҷаз ва фаҳмо баён мекард, дасти Ромишро фушурда гуфт:

– Акнун ту ба Гулдор чизе намебарӣ, хатро аз он тараф медиҳанд. Ба маҳзи ин ки «нома»-и нав ба дастамон расид, се ҳазор дар чимтолат[1] мешавад.

[1] **чимтол** – киса, чайб

– Ин дафъа бори калон мефиристанд, эҳтиёт кун, – илова кард Ғайрат.

Чашмони Ромиш аз хурсандӣ барқ заданд. Аз он ки пули бисёр барояш пешниҳод мешуд, наметавонист хушҳолии худро пинҳон кунад. Ӯ бе тааммул, дилпурона ваъда дод:

– Дар кӯтоҳтарин муддат нома ба дастатон мерасад, ман ба ин қавл медиҳам!

– Рафту воқеае пеш омад, ту моро намешиносӣ, – бо таъкид арз кард Истам.

– Касе, ки ҳамтои худро фурӯшад, сахт пушаймон мешавад, умед мекунем ин рӯз ба сари ту намеафтад, – каме тамасхуромез ба гапи сардораш ҷон дод Ғайрат.

Як лаҳза андоми Ромиш ба ларза омад, мисли ин ки арақи сарде тамоми танашро нам мекард. Бо ин ҳол, худро ба даст гирифта, нимовоз гуфт:

– Ман номард нестам.

Истам роҳхарҷӣ дод. Ҳар се дар зоҳир бародарвор худоҳофизӣ карданд. Ромиш бо фикру хаёлоти мубҳаму печида аз шаб базӯр то рӯз расид. Саҳарии барвақт, бо баҳонаи вохӯрии ҳамкорон дар пойтахт, танҳо бо ҳамсараш хайрухуш карду ба роҳ баромад.

Дар посгоҳҳои марзӣ ба рафтуомади аҳолии бумӣ – онҳое, ки дар ноҳияҳои наздик ба сарҳад зиндагӣ мекарданд, зиёд кордор намешуданд. Марзбонон хуб медонистанд, ки агар бо танк ҳам ҷилави онҳоро гиранд, боз ҳам аз роҳи худ барнамегарданд. Дар тӯли чандин сол риштаҳои хешовандӣ ва дӯстии ин мардум чунон маҳкам шуда буд, ки имкон надошт хонаводае бе робита бо ҷониби дигар рӯз гузаронад. Додугирифти асбобу анҷоми рӯзғордорӣ, харидуфурӯши маҳсулоти деҳқонӣ ва ҳунарҳои дастӣ, ташкили бозию ҷашнҳои дастаҷамъӣ бе собиқа идома мекард. Қудою хешовандон  аз диду боздиди ҷигарбандҳои худ асло даст намекашиданд. Аз ин хотир, тафтишу баррасиҳои посгоҳӣ аксаран сарсарӣ сурат мегирифт, кормандон намехостанд бо одамони одӣ зиёд даргир шаванд. Ин ҳолат ба Ромиш низ имкон дод, ки бе мамониат аз марзҳо гузарад, азбаски боре надошт, барояш боз ҳам осонтар буд. Ӯ ҳамон рӯз то гузари «Оҳангарон»-и Гулдор расид ва бо ошноёни худ мулоқот кард...

Бори навбатии Ромиш вазнинтар буд, худи ӯ аниқ намедонист, ки чӣ бурда истодааст. Барояш як мошини «Жигули»-ро ҳам дарбаст гирифтанд. Нишастгоҳи ақиби мошин бо чарми сиёҳ рӯпӯш шуда буд. Аз бағали чапи он лаби калон-калон бахязадаи чармро бурида, борхалтаро дар дарунаш ҷо карданд. Пас аз дубора дӯхтани маҳалли чокшудаи рӯпӯши чармӣ чизе ба назар наменамуд. Дили пурваҳми Ромиш каме таскин ёфт. Ронанда аз ҷумлаи мардҳои чаққону зираке буд, ки дар ҳар ду посгоҳи марзӣ ошно доштааст. Қарор шуд ӯ муштарии худро аз посгоҳҳои «Пишох» ва «Оббурд» гузаронда баргардад. Ба тартиби маъмул, об бо роҳи худ мерафт, монеае ба чашм намерасид. Агар ронанда кори худро бекаму кост анҷом медод, барои Ромиш ҳам осон мешуд, метавонист борашро солим то манзил расонад. Ӯ чандин бор бо одамони низомипӯш рӯ ба рӯ шуда буд, аз санҷишу пурсуҷӯйи онҳо ба осонӣ мегузашт, зеро ҳамеша ба худ бовар дошт, хилофи қонун коре намекард, дилпурона шиноснома нишон медоду бо роҳи худ мерафт. Ҳоло бошад, ҳама умед ба ин марди ғӯл аст. Ронанда тамоми роҳ манаҳ мезад, гапзаниро қатъ намекард. Бо як даст фармони мошинро дошта, бо дасти дигар ҳай бинӣ мекофт. Гоҳе чашми Ромиш ба ӯ, ки бо як ангушт дар сӯрохии бинӣ гӯё кудуқ меканд, афтида, дилаш беҷо мешуд. Бо вуҷуди ин, маҷбур буд тоқат кунаду ба саволҳояш ҷавоб диҳад. Ронанда бо қирраи чашм ҳолати ӯро хонда истода, як лаҳза аз биникобӣ даст бардошт ва пурсид:

– Дар ин кор навдастӣ мегӯям?

– Чаро?

– Рангат паридагӣ, чашмонат пури тарс, панҷаатро аз дастгираи дар ҷудо намекунӣ.

– Дуруст пай бурдӣ. Агар инсон маҷбуран ба шуғле даст занад, хеле сахт будааст. Дар назар ҳеҷ коре намекунӣ, аммо тамоми рагу пай меларзаду гӯё бори дунё ба дӯшат мешинад.

– Ту марди бардам менамоӣ, тарсро аз худат дур кун! Бо ин ҳол осон ба доми ментҳо[1] меафтӣ. Онҳо бо як нигоҳ одами шубҳанокро мешиносанд.

[1] **мент** – милиса; *ин ҷо:* ходими посгоҳи сарҳад

– Чӣ кор кунам, иродаам дасти худам нест.

– Худро бепарво гир, – ронанда хам шуду аз сандуқчаи пеш китоберо баровард ва ба Ромиш дода афзуд: – ин китобро мутолиа кун ё нахонӣ ҳам саргарми он бош, ту чун марди зиёӣ ҳастӣ, фикр мекунанд аз оламу одам хабаре надорӣ.

Ромиш аз суханҳои ронанда каме ба худ омад. Китоби додаашро боз карду ба мутолиа андармон шуд. Гарчи мундариҷаи китоб аз қиссаҳои ҷолиби фоҷиавӣ иборат буд, ӯ наметавонист бо диққат мутолиа кунад. Чашм ба саҳифаҳои сиёҳшуда дӯхта буду хаёлаш дар олами дигар парвоз мекард, наметавонист ҳавосашро ҷамъ кунад. Дар паҳлу низ ронанда оби даҳонашро пош дода гап мезад. Гоҳе ба гӯшаш суханҳои ӯ медаромад: «Ошноҳои ман дар ҳар ду пост[1] обрӯ доранд, касе наметавонад гапашонро дуто кунад, – мегуфт бо фахр ронанда, – ҳоло мебинӣ, чӣ хел ба ман тамаллуқ мекунанд. Вақте ки маро диданд, аз хурсандӣ ҷойи нишаст намеёбанд, гӯё халоскорашон бошам, давида ба пешвозам мебароянд. Забонашонро кӯтоҳ кардаам-дия! Ку бинам, чӣ тавр хостаамро ба ҷо намеоваранд?! Дастмояе, ки ман медиҳам, ягон мусофир намедиҳад, боз чӣ дастмояе – ҷарақ-ҷарақ коғазҳои кабуд! Ба ин дунё омада лаззаташро бояд чашид, имконият ҳамеша дар кафи даст нест. Касе аз ман илтимос мекунаду сармоя медиҳад, ман аз каси дигар хоҳиш мекунаму ваҷҳе медиҳам, ба ҳар кас коркардаш «ош» шавад. Ба ин корҳо бояд одат кунӣ, зиндагият меҷунбад, кордат чарб меистад. Сарват дошта бошӣ, ту зӯр, вагарна эътиборе надорӣ...».

Мошин бо суръат ба пеш мерафт. Ромиш саъй мекард худро ором нигаҳ дорад, вале ҳар гоҳ чашмаш ба курсии ақиб меафтид, вараҷае танашро метаконд. Боз худро ба нодонӣ зада, китоби дасташро варақ мегардонд. Бе он ки матлаберо дарк кунад, чанд саҳифаро тез хонда мебаромад. Аҳёнан ба нақлҳои ронандаи ғӯл гӯш меандохт, пай мебурд, ки ӯ зиёд манманӣ мекунад. Бо ин ҳол, ҳарфе намезад, чашм ба пешу ба табиати атроф медӯхт, мехост бо тамошо аз хаёлоти парешон раҳо ёбад. Ҳарчанд ба посгоҳ наздик мешуданд, ҳаяҷонаш бештар мегардид, ҳаври нафасгире сари дилашро месӯзонд, торафт бештар боде ба дарун мекашид. Аз шиддати изтироб пешонии обгирифтаи ӯ ҷило медод, ларзиши дасту пояш бештар мешуд. Ин ҳолати ӯро ронанда ҳис кард магар, ёзиду бо кафи даст ба сари зонуяш зад ва тааҷҷуби худро пинҳон накарда, каме ҷаҳломез гуфт:

– Эй бача, ба ту чӣ шуд? Дилу ҷигар, ки надоштаӣ, чаро ба ин тарафҳо омадӣ? Фикр мекунӣ, луқмаи нон осон ба даст меояд?

– Намедонам, воҳима зер мекунад, қалбам гӯё сих мезанад.

– Дигар ба қафо роҳ нест, ҳар чӣ ҳаст, аз пешониамон. Аммо ҷойи воҳима ҳам нест, магар нагуфтам ошноҳои зӯр дорам? Худатро ба даст гир, ором шав. Мебинам, ки ҳайбати шер дорию дили рӯбоҳ. Ин тарсуӣ ба ту намезебад, бача!

Ромиш дастмоли аллакай таршударо дубора аз пешонӣ кашид, беихтиёр муштҳояш таранг шуданд. Ба назар ҳама чиз бад намуд, беш аз ҳама марди ришдори ғӯл. Ҳис кард, ки вуҷудашро ба ҷойи тарс ғазаб фаро мегирад. Худро бад дид, хунаш ба ҷӯш омад. Таҳаммулро аз даст дода, хост ба ронанда дарафтад, аммо дигар дер шуда буд. Дар рӯ ба рӯ хонаи дидбонии марз ба назар расид. Ҷаҳлаш фаромад, сари ҷо ором шуд. Маҷбур буд худро нигаҳ дорад, ба гуфтаи ронанда, ба пушт роҳ нест, дигар сархаша ҳам фоида надорад. Дам дар дарун монду ду чашм ба пеш дӯхт, то ҳар чи пеш ояд бубинаду аз каму зиёдаш воқиф шавад.

Ронанда мошинашро дар назди чӯби кӯндаланги сиёҳ-сафед, ки садди роҳ буд, нигаҳ дошт. «Ман ба доди командирҳо расида бармегардам», – гуфт ӯ ва пиёда шуда ба сӯйи посгоҳ роҳ пеш гирифт. Ромиш сар такон дод ва хомӯш худро ба китобхонӣ зад. Гӯё китоб мехонд, вале зери чашм вазъи посгоҳро муоина мекард. Марди ғӯл рафту бо ду-се нафар ҷавони низомипӯш, ки ба дӯши ҳар кадом автомате ҳамоил буд ва яке ҳам дар даст сагеро бо бандаш дошта меистод, салом дод ва ба посгоҳи онҳо дохил шуд. Ҳанӯз ронанда набаромада, ду нафар ходими гумрук бо ҳамон саги дами дасташон ба тарафи мошин қадам бардоштанд. Ромиш онҳоро диду ба таҳлука афтид, ҳарорати сӯзоне дар пайкараш

давид, худ аз худ дасту поҳояш ба ларза даромаданд, аз ҳаяҷон варақҳои китобро дар зери ангуштон ғиҷим кард. Тарси вай бештар аз саги бӯйгири онҳо буд. Мебоист ронанда пеши таҳқиқу ҷустуҷӯро гирад, аммо ӯ ба чашм намерасид. Ходимон торафт наздик мешуданд, Ромиш бошад, аллакай дар зери обу арақ монда буд. Ҳанӯз чизе маълум нашуда, баданаш дарақ-дарақ меларзид. Намедонист чӣ кор кунад, чӣ хел пеши бозҷӯйии онҳоро гирад. Аммо аз мошин нафаромад, базӯр худро нигаҳ дошта мунтазири амр монд.

[1] **пост** – посгоҳ, ҷойи дидбонӣ

Баробари расидан яке аз ходимон дари мошинро аз самти Ромиш боз кард ва бе муқаддима дағалона овоз дод:

– Ҳуҷҷат!

Ромиш ҷуръат карду аз кисаи шим шиносномаашро баровард. Вақте ки ходим санадро варақ мезад, ҳамкори ӯ дарҳои дигар ва бағоҷмонаки мошинро кушода саги дасташро ба кор андохт. Ин ҷо Ромиш тамом шуд, дигар наметавонист худро ба даст гирад, гӯё тану ҷонаш мисли пуфаки сахт бодгирифтае омода буд бо як насими кӯтоҳ битаркад. Ӯ беихтиёр дари мошинро боз карда поҳояшро ба замин гузошт ва аз дар дошта истода рост шуд. Тамоми ҳушу хаёлаш ба саги бӯгир банд буд ва аз он чӣ метарсид, пеш омад. Саг зиёд пайгирӣ накарда, аз самти чап фуки худро ба нишастгоҳи ақиб молидан гирифт. Ба бӯгирӣ қонеъ нашуда, ҷаста ба болои ҷойи нишаст баромад ва ингосзанон ба хойидани бахяе, ки соҳибкорони Ромиш зада буданд, сар кард. Ходими ботаҷриба ин ҳаракати сагро дида, дарҳол аз пайи кор шуд. Ӯ бе таваққуф кордчаи дамкӯтоҳи худро ба даст гирифта, наххҳои рӯкаши чармиро бурида партофт. Ҳамоно аз бозёфти ногаҳонии худ ба шигифт омада, ба ҳамроҳаш дод зад:

– Ҳаким, биё ба ин тараф, қочоқчиёнро гирифтем!

Ходими аввалӣ аз қазия воқиф шуду башаст дастҳои Ромишро, ки бо ҳоли парешону чашмони гурезон сари по ларзида меистод, ба пушт тофт ва бо ҳалқаи оҳанӣ қуфл зад. Бо як силкав ӯро ба пеш тела дода амр кард:

– Наҷунбида сари ҷо ист! – ва худ ба кумаки ҳамкораш шитофт. Ходим аллакай даҳони борхалтаро боз карда буд, дар он рад-рад бастаҳои шубҳанок ба чашм мехӯрданд. Ӯ бо ҳаяҷон гуфт:

– Айнан мисли борҳои дирӯз аст, ба гумонам, ин ҳам аз мафияи Истам.

– Бардор, биёр ба қаровулхона, – гуфт ходими калонтар ва ҳамзамон Ромишро низ ба пеш андохт...

Ҳанӯз аз як хатти марз нагузашта дастгир шудан хеле аламовар буд. Ромиш ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ки ба ин осонӣ ва зудӣ гирифтор мешавад. Ӯ ва ронандаи ғӯлро бо дасту пойи баста савори мошини «Ҷип» ба зиндон мебурданд. Аҷиб ин буд, ки дигар асло ҳаяҷон надошт, баданаш намеларзид, сари дилаш сард буд. Фақат ба мағзу ҳуши ӯ хаёлоти печ дар печ ҳуҷум меоварданд. Дар лавҳаи хотир чошу пареш чеҳраҳои ошно, манзараю воқеаҳои дидааш падид омаданд. Аҳёнан дарк мекард, ки якравию гурусначашмӣ ӯро ба чӣ рӯзе афканд. На ба гапи падар, на ба илтимоси ҳамсар гӯш дод, на аз таассуфу пушаймониҳои худ бардошт кард. Дафъаи аввал ботинан азоб кашид, вале он иштибоҳ такрор ёфт, нафаҳмид, ки кӯза ҳар рӯз намешиканад.

## Кулбаи эҳзон

Ромиш ба ватан барнагашт. Аз пайи ҳою ҳавасҳое, ки ба мағзаш роҳ ёфта буд, дар кишвари бегона маҳбус шуд. Ӯ медонист, зиндон тарбиятгоҳи гуноҳкору ҷинояткорон аст, маконест, ки дар он инсони хатокор иштибоҳи худро дарк мекунад ва аз он пас поро дониста мебардорад. Вале, ҳанӯз аз рӯзҳои аввал вай гуноҳи худро фаҳмид ва ҳис кард, ки дигар ниёзе ба зиндон надорад. Ӯ омода буд, дар сурати раҳоӣ ёфтан асло хилофе накунад.

Орзу мекард, озод шаваду дартоз равад ба пеши падар ва бо ҳазор тавбаю тазарруъ аз ӯ бахшиш пурсад, бо меҳрубонии беҳад узри худро ба модари мушфиқаш расонад. Дар воқеъ, хонумаш обистан буд. Ӯ мехост болу пар барораду ба сӯйи ҳамсари азизаш парвоз кунад, он ғуссаеро, ки ҳангоми хайрбод дошт, аз ӯ берун созад.

Дар оғӯши хобу хаёлҳои ширин Ромиш ҳис кард, ки сахт такон мехӯрад. Ҷасту сари ҷо нишаст ва дар дили шаб, аз қаъри торикии маҳбас овозеро шунид:

– Зуд аз ҷо хез, ҳазрат туро мехоҳад!

Ромиш ҳамоно сар бардошту рӯйи тахти сахт нишаст, аммо нахост ба по хезад, дар асл намехост риштаи хаёлҳои ширинаш канда шавад. Ин беғамии ӯ марди миёнравро асабонӣ кард магар, дубора садо дод:

– Ҳазрат дар кунҷи хобгоҳ туро интизор аст, маътал накун, ба ғазабаш гирифтор нашав!

Ромиш дар хусуси зӯргӯйӣ ва тазйиқ дар маҳбасҳо зиёд шунида буд, вале се рӯз боз аз он нишонае намедид, ҳама ҷиму сокит менамуданд. Албатта, дар тӯли рӯз гоҳ-гоҳ ғайб задани маҳбусон барои ӯ тааҷҷубовар буд. Онҳо дастаҷамъӣ ба хонаи бағалӣ мегузаштанд ва сархаму хомӯш ба ҷойи худ бармегаштанд. Ин қадар дар худ гирифтаву бефарқ будани зиндониҳоро тасаввур ҳам намекард. Касе ба вай кордор намешуд ва ӯ низ чизеро намепурсид. Бо ин ҳол, се рӯз гузашту ниҳоят ба суроғаш омаданд. Пас аз таҳдиди марди ношинос бо дили нохоҳам аз ҷо хест. Дар байни ду қатор катҳои симини дуқабата ба самти кунҷи хобгоҳ роҳ пеш гирифт. Дар зиндон хомӯшӣ ҳукмрон буд, ҳама мехобиданд, вале аз ҳар ҷо баъзан садои хур-пуфи баланд ва дар хоб гапзании маҳбусон шунида мешуд.

Ромишро дар кунҷи хона марде шамъ дар даст пешвоз гирифт. Ӯ дареро, ки ҳар рӯз зиндониён ба муддате аз он ворид шуда ғайб мезаданд, боз кард. Пасу пеш ба дохил даромаданд. Хона чароғон буд, дар пешгаҳ марди ришдоре, ки ба тан яктаҳи остиндароз, дар сар тоқии ироқӣ дошт ва байни ангуштон тасбеҳ мегардонд, сархам чорзону зада менишаст. Дар ду ҷонибаш ҳам ду нафар ришдори дигар – яке марди калонсол ва дигаре ҷавонтар машғули мутолиаи китоб буданд. Чунин як манзара барои Ромиш ҳайратовар менамуд. Бо нахустин нигоҳ дарёфт, ки дар ин ҷо одамҳое бехабар аз олами берун умр ба сар мебаранд. Ба ҳар ҳол, одамҳое, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ба онҳо пеш наомада буд, агарчи дар ин бора аз китобу филмҳо тасаввурот дошт.

Ромиш пас аз салом гуфтан бо ишораи марди ришдор, ки зоҳиран «ҳазрат» ӯ буд, дар пойгаҳ зону зад. Нишастагон бо қавоқҳои овезон аламзада ба назар мерасиданд, ҳама хомӯш буданд. Баъд аз сукути тӯлонӣ марди болонишаст донагардонии тасбеҳро қатъ карда сар бардошт ва пурсид:

– Мусулмонӣ?

Ромиш аз таърихи башарият огоҳӣ дошт. Ҳарчанд бо рӯҳияи нав бузург шуда буд, ба бисёр чиз бо диди худ назар мекард, вале дар тӯли умри ҷавонаш нахустин бор ба ин гуна пурсиш рӯ ба рӯ мешуд. Фикр накарда ҷавоб дод:

– Оре, мегӯянд мусулмонем.

– Мегӯянд? – қатори марди ришдор ду нафар ҳамроҳаш ҳам теғ кашида ба Ромиш назар афкананд.

– Падарам чандин бор гуфта буд, ки агар динатро пурсанд, ҷавоб деҳ: «Алҳамдулиллоҳ, мусулмонам», вале ин таъбир бо ангезаҳои ботинии худам ҳамоҳанг нест.

– Яъне худро кофир мехонӣ?

– Ман нагуфтам кофирам, – дарҳол ҷавоб дод Ромиш, – то ҷое, ки хондааму шунидаам ва худамро мешиносам, як нафар инсон ҳастам, миёни мусулмону кофир фарқе намебинам.

– Худоро мешиносӣ?

– Худо аз назари ман «Офаридгор» аст, яъне ҳама чиз офаридаи ӯст, вале барои ин асоси илмӣ надорем.

– Донотарошӣ мекунӣ? Агар илмат Худоро нашиносад, аз он чӣ суд?

– Дар торих хондаам, бани башар то замоне, ки арзи вуҷуд кардааст, дар баробари офаридаҳои вақту макону табиат ҳамеша оҷиз будааст ва бо ин заъф худоҳое барои худ сохтааст.

– Он дар замони ҷоҳилият буд, вале ҳоло ҳама якто Худо ва расули охирро доранд. Магар паёмбаронро ҳам намешиносӣ, ки бани башарро ислоҳ кардаанд?

– Тавре ки мегӯянд, ҳамеша байни Худо ва мардум паёмбарон будаанд, аммо барои инсонҳо чӣ хидмате кардаанд бароям равшан нест.

– Ҳамеша паёмбарон будаанд, ки бандаҳои эътиқодманд бо ёди Худо даст аз гумроҳию бадкорӣ бардоштаанд. Мо камолоти бандаи Худоро дар сурати паёмбари охир мебинем. Бо торихе, ки хондаӣ, ин ҳақиқатро қабул дорӣ?

Ромиш намедонист чӣ ҷавобе диҳад, ҳарчанд фикрҳои зиёд дар зеҳну ҳушаш болои ҳам чида мешуданд. Ӯ ҳанӯз дарк намекард, ки ҳадафи марди ришдор ва ҳамраҳони ӯ чӣ аст, чаро мехоҳад пиромуни ин мавзӯе, ки барои ӯ мафҳум нест, баҳс кунад. Дар паси пурсуҷӯйи ҳамсуҳбати худ таҳдиду зӯргӯйиро пай мебурд, вале бо тинати якравӣ намехост ба ӯ сари итоат хам кунад ва ба он чи мефармояд «хуб» гӯяд. Бо вуҷуди ин, азбаски бо мулоқоти мардҳои ношинос дар худ ҳисси тарсу рам дошт, дигар аз сухан гуфтан худдорӣ кард, лаҳзае хомӯш монд.

Марди ришдор низ Ромишро ором дида, ба идомаи баҳс маҷбур накард, дар сурате ки чеҳраи ҷиддиаш ҳамоно боқӣ буд, аз нав ба сухан омад:

– То имрӯз ҳар торихеро хондаӣ, моли худат, вале аз ин пас дарси маро гӯш мекунӣ. Ман дини воқеӣ ва эътиқоди асилро ба ту ёд медиҳам. Агар хостӣ, мисли ҳама сари ҳолу по ба роҳӣ, агар на, ба сафҳаи умрат худат хати бутлон мекашӣ.

Лаҳзае сукут ҳукмфармо шуд. Гӯё ҳама гӯшу ҳуш ба ҷавоби Ромиш буданд. Ӯ ҳанӯз ҳам мағзи гапи ҳамсуҳбати худро дарк накарда, пурсид:

– Ин таҳдид аст?

Он лаҳза ҳамроҳи калонсоли марди ришдор аз дасти ӯ китобчаи дарозкардаашро гирифту дар пеши Ромиш гузошт ва бо зарда гуфт:

– Ҳазрати Назруллоҳ як гапро такрор намекунад, агар хоҳӣ аз зиндон зинда бароӣ, ба суханаш гӯш кун. Ҳар чӣ дар ин китобча навишта шудааст, то фардо ҳифз мекунӣ ва ба эшон имтиҳон месупорӣ.

Боз хомӯшӣ ба миён омад. Ромиш мехост чизе гӯяд, вале марди дар пеши дар буда омаду аз зери бағалаш гирифт ва тела дода, аз дар берун сохт. Ромиш дар зиндони торик, канори катҳои дуқабатаро даст-дасткунон ба ҷойи хоби худ баргашт. Ба тахти хоб нишаста худро хеле танҳо дид. Танҳоӣ ҳузновар буд, дилаш дар қафаси сина беист метапид, мехост гиря кунад, вале аз чашмонаш ба ҷойи ашк гӯё ҳаври оташ мебаромад, бар замми ҳаяҷони ботинӣ торикии зиндон ба ҷисму ҷонаш фишор меовард. Бо дард оҳи чуқуре кашиду сарболо худро ба рӯйи кат ҳаво дод.

Ромиш кори кардаи худро пеши назар оварда, ҳам афсӯс мехӯрд ҳам тааҷҷуб мекард. Акнун дарк намуд, ки чӣ қадар марди гӯлу сода будааст. Бо як бор «мазахӯрак» шуду ҷонашро бар рӯйи қил гузошт. На фақат андешаи атрофиёнро нодида гирифт, ба майлу иродаи худ низ мухолиф баромада, по ба роҳи каҷ гузошт. Ҳоло ҳавои маҳбас ба оҳистагӣ вуҷуди ӯро фаро мегирад, дарёфт, ки оромии лаҳзаӣ моддаи таркандаи пинҳоне дар остонаи талабҳои сахту зӯроварӣ будааст. Мебояд ҳама омӯхтаю ангезаҳои чандинсоларо як сӯ ҷамъ кунаду ба дунёи дигар ворид шавад. Аммо чӣ хел, бо кадом рӯ? Магар метавонад он чиро, ки пайваста ҳазён хондаасту воизони онро сафсатагӯй, ба манзили ҳастиаш қабул кунад? Пас, озодӣ, худшиносию хуландешӣ чӣ мешавад? Он ҳама «афюн» хонданҳо, «алҳазар» гуфтанҳо, дуриҷӯйиҳо аз Худою расул ба куҷо меравад?

Хоби Ромиш гурехта буд. Ӯ китобчаи навёфтро канор нагузошта аз ҷо хест ва ба самти дари даромадгоҳи хобгоҳ, ки он ҷо фонуси дудагирифтае равшан ба чашм мехӯрд, рафт. Дар зери нури хираи фонус китобчаро ба варақзанӣ пардохт. Саҳифа гардонда аз мутолиаи навиштаҳои номафҳум сардард гирифт. На тавҳидро фаҳмиду на тамҷидро, на

истиғфору на имонро. Барояш ҳама калимоти сиёҳранг – намоз, рӯза, закот, ҳаҷ бегона намуданд. Тавзеҳоти тоҷикиашро хонда чизеро дарк накард, чӣ расад ба матнҳои арабӣ! Хост пораеро хонаду ҳифз кунад, аммо пай бурд, ки ранҷи беҳуда мекашад, донаи пуч дар замин мекорад. Китобчаро як сӯ гузошт, беҳолона сарашро миёни панҷаҳо гирифт: «Агар гуфтаи «ҳазрат»-ро мисли боде гирад, онро аз гӯши дигар ба кӯйи фаромӯшӣ фиристад ва худро ба гӯлию карахтӣ занад, чӣ хоҳад шуд?», – андешид ӯ ва дар худ ҷавоб ҷуст: – «Чӣ мешуд, дар ин торикистон, ки салтанаташ ба дасти ин шуморадорон[1] аст, дар сараш чормағз мекӯбанд, обу хӯрокашро ба захр табдил медиҳанд ё аз омадан ба ин дунё пушаймон мекунанд!». Бо ин ҳама фикр, якравиаш рӯ гирифт, хост аз таҳдид сар тобад...

Шаби дигар фаро расид. Боз ҳамон даъват, ҳамон хона, ҳамон қиёфаҳо. Ромиш бо сари баланд ба чашмони марди ришдор теғ кашида нигоҳ мекард. Ӯ низ аз вай чашм наканда, риши пурмӯйи гирдашро хилол карду ба сухан омад:

– Гӯшам ба туст, чӣ омӯхтӣ?

– Нахостам чизеро ёд бигирам, – бурро ҷавоб дод Ромиш, – дину тақвои ту барои ман бегона аст.

Мард абру хам накард, асабонӣ ҳам нашуд, фақат бо оҳанги ҷиддитар гуфт:

– Ба ҷони худат ҷабр мекунӣ, писар, аз мусулмонӣ рӯ натоб.

– Маро ба ҳоли худам гузор, – Ромиш китобчаро пас дод ва ба ҳарфаш илова кард: – Ту ки медонӣ, бо зӯрӣ динро ёд намедиҳанд!

Марди ришдор аз ӯ рӯ гардонд. Китоби сиёҳранги ғафсеро рӯйи лавҳи чӯбӣ боз карда истода, ба навкарони худ амр дод:

– Ин кофирро аз роҳ гардонед, то ақлаш надаромад, пеши ман наёред.

Мардҳои хона интизори ин дастур буданд магар, ҳамон замон ба сару дӯши «кофир» рехтанд ва ба дасту почакзаниҳои ӯ эътиное накарда, то монда шудан лату кӯб карданд ва ҷасади абгоршудаашро кашолакунон оварда ба рӯйи тахтхоб партофтанд. Ромиш дервақт ба худ омад, бо ҷонкоҳию печутоби беҳад дарду сӯзишҳои тану ҷонашро то дамидани субҳ таҳаммул кард.

Рӯзи дигар зиндониёнро ба алафдаравӣ бурданд. Офтоб гӯё замину осмонро месӯзонд. Маҳбусон ҳанӯз ба кор надаромада арақшор шуда буданд. Дар ин дамои рӯз ва ҳавру гарде, ки аз байни алафҳо берун меомад, дос задани Ромиш ба монанди майда шудани қоқ[2] дар ҷувоз буд. Аз нӯги по то пушти сар пӯсти баданаш лаввас зада месӯхт, ҷойҳои шаллоқ хӯрдааш дарди ҷонкоҳ доштанд, дилаш беҳузур шуда захра туф мекард. Болои мурда чил чӯб, нозири маҳбас тасмаи одоби худро дар ҳаво алвонҷ дода, зуд-зуд дар гирду бар пайдо мешуд ва барои даравгарон имкон намедод, ки бекор нишинанд. Вақте ки теғи офтоб ба болои сар омад, ҳама ба хӯроки нисфирӯзӣ баромаданд. Дар зери чодари саҳроӣ маҳбусони хастаю абгор ба ҳам часпида менишастанд ва бесаброна қошуқҳои худро ба косаю обхурӣ зада, зудтар овардани наҳорро дархост мекарданд. Ромиш базӯр чашмонашро мекушод, сараш ба поин овезон буд, аз беҳолӣ наметавонист оби биниашро пок кунад. Дар ин асно, вақте ки ғизоро оварданд, нозир ду нафарро аз байни маҳбусон ба пеши худ хонд. Ромиш дид, ки он ду кас аз одамони марди ришдор буданд. Дилаш шуввӣ рехт, бо ин ҳол, дар қатори дигарон мунтазири хӯрок монд. Аммо, аз он чи метарсид пеш омад, яъне дар ҳини тақсими хӯрок нобакорон косаи ӯро гӯё надиданд. Хӯриаш омад, лекин илтимос накард, ноилоҷ як тика нони хушкро хойида нишаст. Наҳорро хӯрда-нахӯрда, нозирон зиндониёни худро дубора ба майдони алаф пеш андохтанд. Ба назар мерасид, ки онҳо ният доранд дар ҳамин рӯз тамоми пайколи гирифтаашонро даравида гиранд. Ромиши хастаҷон то вақти шом ҷуссаи беҳоли худро бо азоб рӯйи поҳояш кашол кард. Ӯ аз афтида мондан метарсид, зеро ба афтодагон нозирон раҳм намекарданд.

---

[1] **шуморадорон** – манзур аз ин калима «маҳбусон» аст, ки ҳар яке рақами худро дорад ва дар маҳбас ӯро бо он рақам садо мезананд;

[2] **қоқ** – меваи хушк, ки бо роҳи хушконидан дар зери офтоб ба даст меояд (масалан, қоқи себ, қоқи шафтолу, қоқи нок)

Боз як шаб ҷомаи сип-сиёҳи худро ба бар намуд. Баъд аз рӯзи кории пурмашаққат тамоми маҳбусон ба хоби амиқ рафта буданд. Ромиш низ дуру дароз сихзаниҳои паю пайкарашро дар худ хӯрда, ба ғанаб рафт. Ҳанӯз пинак набурда, зарбаи сахте ӯро ба по хезонд. Наметавонист коре кунад, ду марди тануманд маҳкам аз дасту аз нефи шалвораш гирифта, кашолакунон ба хонаи дарунӣ бурданд. Дар хонаи чароғдор боз ҳамон манзараи ошно: мардҳои хомӯши дар камин нишаста, марди ришдори босалобат, тасбеҳу лавҳу китобҳои шинос. Навкари масъул Ромишро рӯ ба рӯйи ҳазрати худ нишонд. Сарвар чизе нагуфт, ба чеҳраи сиёҳу кабудчашудаи ҳариф синчакунон ҳамон китобчаи ошноро ба пешаш партофт. Ҳама муҳри хомӯшӣ бар лаб зада буданд, ин сукунат дили Ромишро ба ҳавл меовард, намедонист чӣ тавр ранҷу гуруснагиву алами бо ҳам омехташударо дар худ ҳазм кунад. Ӯ пай бурд, ки оҷиз мондааст, дар ин кулбаи эҳзон дигар ёрои таҳаммули ҷабру ситамро надорад, дилу бедилон дасташро ба сӯйи китобча дароз кард.

## Камзӯли дарбеҳдор

Солҳои охир бозори Истам касод мешуд. Ӯ наметавонист сари вақт дархости суфоришгарони худро ба ҷо оварад. Роҳҳои рафтуомадаш садду монеаи зиёд дошт, дар марзҳои се кишвари ҳамсоя сарсон шуда, ошкору пинҳон гоҳ савора, гоҳ пиёда, гоҳе бо мошини саворию баъзан бо қатор[1] моли дастёбнамударо то манзили даркорӣ мерасонд. Аз як сӯ, дурдастии шаҳре, ки дар он суфоришгаронаш лона зада буданд ва аз ҷониби дигар, талабу ғур-ғурҳои ҳамешагии онҳо ҳолашро ба танг меовард. Чанд маркази пинҳонии ӯ фош шуда, гумоштаҳои наздику боэътимодаш ба даст афтида буданд. Ҳарчанд эҳтиёткорона амал мекард, аммо ҷосусони давлатӣ изи ӯро меёфтанд, молашро мусодира карда, ҳамкоронашро ба зиндон меандохтанд. Ин вазъ то ҷое расид, ки дигар натавонист аз одамони худ истифода кунад. Ӯ дунболи ёрдамчиёни содаву гумроҳ гашт ва чанд муддат камубеш ба нияти худ ноил гардид. Сарнавишти чунин мардикорони беминнат барояш аҳамияте надошт.

Истам бо пайдо кардани Ромиш сараввал хушҳол шуд. Вақте ки номаи нахустин бекаму кост ба манзил расид, ӯ гумон кард, ки гуфтаи сариобиён ҷон дорад – Ромиш марди зираку боҳуш аст. Аммо, вақте ки баъд аз дастгир шудани ду вакилаш Ромиш низ бо тарёк ба доми гумрукиҳо афтид, ҳама орзую ҳавасаш ба бод рафт. Чанд моҳ руст шуда гашт ва аз тариқи одамони худ вазъи парвандаи ин ҳамкори навро пурсида истод. Ба бахти ӯ, Ромиш ягон сирро фош накардааст, ба ҳама пурсиши ҷонгудоз тоб оварда, ба муҳлати ҳафт сол зиндонӣ шудааст. Ин ҷасорати марди қишлоқӣ ӯро ба ваҷд овард ва хуни гарми инсонӣ дар рагу пояш давиду ба деҳаи Сариоб хабар фиристод.

Шамоли дараки наҳс ба зудӣ дар деҳа паҳн шуд ва пеш аз ҳама, хонаводаи духтурро ба ларза андохт. Акнун, пас аз муддати тӯлонии хавотиркашиҳо, достони гум шудани муаллими торих бо обуранги тоза даҳан ба даҳан гашт, ҳар кӣ ба дигаре мерасид, бо шигифту таассуф қазияро бозгӯ мекард. Падари Ромиш дам дар дарун монд, сархаму малӯл аз рӯ ба рӯ шудан бо ҳамдеҳагон истиҳола кард. Бо дили хунобшуда намедонист бо чӣ забоне ба ҳамсару арӯсаш ҳамдардӣ кунад. Дар ин миён набередор шуд, бо умеди ин ки писараш аз маҳбас раҳо шавад, ба набера Наҷот ном гузошт. Барои духтур аламовар буд, асло фикр намекард писари ӯ – як нафар аз авлоди «хӯҷаҳо», ки ҳамеша худро ба табори муътабари деҳа дахлдор медонистанд ва бо ҳалолкорию назми хос шуҳрат доштанд, ба чунин ҷинояте даст мезанад. Ӯ тааҷҷуб мекард, чӣ тавр писари боадабу софдилаш ба бероҳа по гузоштааст? Бо кадом хаёл? Ба чӣ сабаб? Дар куҷо ба ӯ нарасид, кадом хоҳишу дархости ӯро нодида гирифт?...

[1] **қатор** – поезд

Духтур вақтро ба пас наандохт, бо даст додани нахустин фурсат ба роҳ баромад. Ӯ шаҳру деҳотро паси сар гузошта, дар кӯчаҳои Гулдор пурсида-пурсида ҳабсхонаи писарро пайдо кард. Маҳбас гирдогирд бо девори бетонии баланд иҳота шуда буд ва ин девор дар тамоми тӯлаш ба сар садди симхордори печида дошт ва дар фосилаи наздик чароғҳои хиёбонӣ рӯ ба дохил насб шуда буданд. Девор аз ду ҷониб то дарвозаи калони оҳанин омада қатъ мешуд. Ин дарвозаи калон дар бағал дари хурди одамгузар низ дошт, ки онро посдорони силоҳбадаст нигаҳбонӣ мекарданд. Чунин манзараи дилхуркунандаро бори аввал медид ва дар ҳоле ки шӯру ангезаи дидорбинӣ сари дилашро ҳар чи бештар фаро мегирифт, беист қадам монда ба дарбонҳо наздик шуд. Баъд аз арзи матлаб ва пурсуҷӯ ӯро ба дохил бурданд. Пеш аз он ки писарашро бубинад, дар утоқи кори раиси ҳабсхона суҳбати шиносоӣ доир гардид. Безобитагӣ ва ҳаяҷони ӯро раиси маҳбас хуб дарк мекард, зеро чунин ҳолат барояш як бор-ду бор иттифоқ наафтода буд. Бо суханҳои нарм, нахуст барои ором кардани меҳмони нави худ ба гап даромад:

– Исми «зиндон» шуморо ба ҳаяҷону ошуфтагӣ афкандааст, гумон мекунед, ин ҷо зиндониён ҳоли табоҳ доранду азоб мекашанд ва минҷумла, писари шумо. Аммо дили худро васеъ гиред, ҷойи хавотир ва ғуссахӯрӣ нест.

– Бовар кунед, то расидан ба Гулдор қариб монд дилкаф шавам. То ҳол намефаҳмам, чӣ тавр писарам ба нобакорӣ даст задааст, он ҳам қочоқи тарёк, ки дар хоби шаб наметавонист бинад. Вале аз ин зиндоне, ки мегӯед, асло хавотир надорам. Ҳар касе, ки хато мекунаду ба дигарон ҷабр мерасонад, бояд зиндонӣ шавад!

– Ромиши шумо бошад, аз он хатокорон нест, на рафтораш, на бархӯрду бардошташ ва на чеҳрааш ба ҷинояткор мезанад. Иштибоҳаш фақат якто буда – фош накардани ҳамкорони хатокор. Агар қочоқчиёни аслиро мегуфт, ӯро, ки пушту пешаш тоза аст, ба ин ҷо намеоварданд. Парвандааш бо ҳукми «қочоқчӣ» баста шудааст.

– Яъне ҳама айбро ба гардани худ гирифтааст?

– Оре, амак, аз ин хотир ҳам ба ҳафт сол буриданд.

– Э вой! – духтур нола кашид. – Чӣ гуноҳ доштем, чаро ин мусибат ба сари мо омад?

– Акнун афсӯс хӯрдан фоида надорад, агар «сар равад ҳам сир наравад» намегуфт, ба ин рӯз намеафтид. Ҳоло ба хонаи мулоқот мегузаред, чун аз роҳи дур омадаед, то ним соат фурсат медиҳам. Ба гуфтаю дастурҳои нозирон амал кунед, умедворам, писарро дида ба худ меоед, – сипас раис тугмачаи рӯйи мизро фишор дод. Як нафар марди низомӣ дар назди дар ҳозир шуд. Раиси маҳбас дафтари рӯйхати маҳбусонро боз карду бо ангушт аз пайи исми Ромиш гашт ва ниҳоят онро пайдо карда ба тобеи худ рӯ овард:

– «Р-64»-ро барои мулоқот омода кун, – ва худаш ҳам аз ҷо баланд шуда, падари Ромишро, ки бо шунидани ҳарфи охири ӯ оҳи чукур кашида буд, ба хонаи интизорӣ бурд.

Духтур ба дидани писар шитофта, дар дил ният дошт боз бо раис мулоқот кунад. Ӯ аз тақдири Ромиш нигарон буд, умед мекард шояд роҳе барои берун овардан пайдо шавад. «Охир, ҳафт сол муддати кам нест! Кӣ метавонад ин қадар озод бошаду ҷигарбандаш гирифтор?! Ҳоли бачаҳо чӣ мешавад? Наход ҳафт сол наберааш бе падар месабзад? Ҳафт сол хомӯш гаштан кори осон аст? Маро ин ҷавонмарг тамом кард, ҳама буду шудамро аз байн бурд, дар пеши дӯсту душман шарманда шудам. Агар зинда бошам, ин сархамиро шояд тоқат кунам, аммо зиндагии худаш чӣ мешавад? Бо он ҳама хондану савод гирифтан боз ҳам нодон монд, беақл. Наход, дидаю дониста ба кӯйи аҷал по гузорад? Кош дардашро мегуфт, кош маслиҳат мекард, охир, падар будам, илоҷи дардашро меёфтам...», – духтур сархам бо чунин хаёлҳо менишаст, ки садои гирифтае ӯро ба худ овард:

– Додо?

Духтур ду панҷаи худро аз зери мӯҳои сафедшудааш ба пушт кашиду ба сӯйи овоз сар боло кард. Онсӯтар Ромиш рост меистод: бо андому дасту пойи лоғару заҳиршуда, мӯйсари гирифта ва арақчини сафеди чиркин, дампойии[1] тунуки фарсуда, камзӯли хокиранги доғолуд ва ҷо-ҷо дарбеҳзада. Аз лоғарӣ чашмонаш дар косахона ғӯтида, абрувонаш дурушттар, гӯшҳояш паҳну баланд ба назар мерасиданд, ранги рӯяш парида,

лабҳояш барҷаста менамуданд, қомати бе он ҳам баланд гӯё боз ҳам дарозтар шуда буд. Ӯ писари худро бо чунин ҳолат тасаввур намекард, вале ҳоло ин «ходаи бенур» воқеан Ромиши ӯст! Ҳамон Ромише, ки ба тану басташ ҳар кас ҳавас мекард, аз раҳу рафтораш дигарон ба ваҷд меомаданд, бо танумандӣ ба ҷавонҳо тимсоли ибрат буд. Вале ҳоло аз он чеҳра нишоне нест, ҳаёти зиндон тану тӯши Ромишро гирифта, рангу нурашро рабудааст. Агар ба ҷойи духтур каси дигар мебуд, шояд бо дидани ин ҳоли писар ба фиғон меомад, худро ба дару девор ё ба замин мезад. Вале ӯ, ки марди ботаҳаммул буд, бо оромӣ аз ҷо хесту ба сӯйи Ромиш қадам бардошт. Падару писар дам дар дарун чанд лаҳза дар оғӯши якдигар монданд. На падар ҳарф мезад, на писар, на падар гила мекард, на писар.

[1] **дампойӣ** – кафши бепошнаи бандакдор, ки маъмулан онро дар хонаю ҳавлӣ мепӯшанд

Бо ин ки аз ғояти пазмонӣ намехостанд дастҳои худро раҳо кунанд, ҳар ду ба рӯйи харакҳои хонаи мулоқот нишастанд. Духтур буғзу ҳавои гирди гулуяшро базӯр ба дарун кашида ба сухан омад:

– Ба ту чӣ шуд, Ромиш?

– Намедонам.

– Касе маҷбур кард?

– Не, фақат пешниҳод буд.

– Ман зинда-ку, чаро як даҳан нагуфтӣ?

– Медонистам, шумо пешамро мегиред.

– Акнун чӣ шуд? Бо худсарӣ ба чӣ расидӣ?

– Пушаймонам.

– Эҳ бачаи нодон, пушаймонӣ дигар чӣ фоида дорад? Ҳамаамонро сар ба зер кардӣ, зиндагиатро аз роҳ баровардӣ!

– Бубахшед, додо, гунаҳкорам.

Духтур бори аввал ба чунин ҳолат меафтид. Ҳеҷ гоҳ ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки фарзандаш рӯзе рафтори ношоям мекунаду зиндонӣ мешавад. Ҳоло мехост ӯро сарзаниш кунад, танбеҳ диҳад, ҳама ҷаҳлу қаҳрашро ба сари писари худсар резад, аммо дилаш нашуд. Меҳри мулоиме вуҷуди ӯро фаро гирифта, дасту забонро аз амалу ҳарфи носазо нигаҳ медошт. Ӯ оҳанги гуфторро нармтар карда афзуд:

– Писардор шудӣ, номашро Наҷот мондем.

Ромиш як қад парид. Лаҳзае ба чашмони падар нигарон истоду хӯриаш омад. Духтур аз ду китфаш дошт ва ба дидаҳои ашколуди ӯ нигоҳкунон илова кард:

– Оре, ману очат наберадор шудем, вале аз набудани ту хурсандиамон дар дарун монд. Келин гирифтории туро фаҳмида обу адо шуд. Шабҳои дароз гиря карда мебарояд магар, ҳар саҳар чашмонаш мисли машк варам. Агар кӯдак намебуд, девона мешуд.

Ромиш худро дошта натавонист, дар оғӯши падар бо овоз гиря кард. Духтур гармии оби дидагони писарро бар дӯшу тани худ ҳис карда, дигар сухан нагуфт. Дар зери кафи даст бадани устухонии Ромишро молида истод ва лаҳзае баъд бо ғамхорӣ пурсид:

– Чаро ин қадар лоғар шудӣ? Хӯрок кам медиҳанд, кор бисёр мекашанд?

– Агар ба равиши  ҳабсхона хобухез медоштем, муаммое набуд, – ором шуда гуфт Ромиш, – вале дар давоми се моҳе, ки гузашт, маро зиндониҳо ба ин ҳол оварданд.

– Нозирон-чи, тарафгирӣ намекунанд?

– Куҷо, барои онҳо муҳити маҳбусон ором бошад шуд, ҳаққи эътироз кардан надорӣ.

– Чӣ мусибатҳо ба сарат омад?

– Мусибат нест, вале осудагӣ ҳам надорем. Дар ин ҷо маро «мусулмон» карданд.

Духтур бо ҳайрат ба даҳони писар нигоҳ карда монд. Шигифти худро аз чеҳра наканда гуфт:

– Яъне, мулло шудӣ?

– Ҳанӯз не, лекин мусулмониро аз ҳад зиёд ёд медиҳанд, намедонам оқибат чӣ мешавад, – Ромиш дар хусуси зарбу латҳое, ки хӯрда буд, тарсу бим ва камхобиҳое, ки кашида буд, лом-мим нагуфт. Ӯ дили падарро озурдан нахост.

– Он чиро ман медонам, ниҳоди дини ислом пок ва нек аст. Лоақал, одаме, ки дину диёнат дорад, ба бероҳагӣ намеафтад, аз бадкорию бадтинатӣ ҳазар мекунад. Умедворам ту ҳам онро ба ин маънӣ мефаҳмӣ, дубора ба роҳи иштибоҳ пой намебардорӣ. Худатро эҳтиёт кун, сабуру сангин бош, сабр калиди хурсандиҳост, санги вазнинро об намебарад...

Ба ин минвол, суҳбату дарди дил гуфтан тамом нашуда, муддати мулоқот ба поён расид. Падару писар аз ҳам ҷудо мешуданду қалби ҳар дуро хори шохаҳои сарнавишт мехарошид. Падар бо дили пурхун то нопадид шудани писар, ки дар канори як нафар нозири маҳбас ба дохил мерафт, нигарон монд. Аввал ҳарфу рақами «Р-64», ки калон-калон дар тахтапушти Ромиш ба чашм мехӯрд ва поинтар домани дарбеҳдори камзӯли кушоди ӯ, ки то аз дид ғоиб шудан албонҷ мехӯрд, диққати духтурро ба худ ҷалб кард. Падар беихтиёр дасташро маҳкам ба рӯйи синаву дил кашид, дарёфт, ки писараш ба қалби ӯ низ ончунон дарбеҳе задааст...

## Наҷот

Ромиш ҳар рӯз, сапедии бомдод надамида, «аллоҳу акбар» мегуфту аз ҷо баланд мешуд ва зери лаб дуои расидани рӯзи навро мехонд. Забонаш ба арабӣ мепечид ва ҳатто ҳис мекард, ки рӯҳияташ бештар бо гуфтани оятҳои арабӣ боз мешавад ва гӯё ин отифаро забони модариаш надорад. Худи Ромиш бехабар, ду соли маҳбусӣ ӯро билкул тағйир дод, тавре ки фикру зикраш бо дуою салавот, диду назараш бо тавҳиду имон, иқтидояш ба имому расул, розу ниёзаш дар саҷдагоҳ бо Худои ягона банд буд. Ӯ Сариобро дар пиндори худ дигар бо симои пештара тасаввур намекард, мардони даҳрии онро аз ёд бароварда, ҳамаашро бо чеҳраҳои тоза, либоси исломӣ ба бар медид. Ӯ хаёлан занону духтаронро дар ҳиҷоб, бо пӯшоки маҳрамона ба пеши назар меовард. Агар замоне зодгоҳашу ноҳияи Чашмасор бо хонаҳои навсохт, бо мактабу биноҳои театру идораҷот ба назараш зебо менамуданд, ҳоло он падидаҳоро нодида мегирифт ва фақат шаҳомати диёрро бо зиёратгоҳу маконҳои ибодатӣ қабул мекард. Масҷиди ҷомеъ, қабристону хонақоҳи Сариоб, оромгоҳҳои Хӯҷа Абдураҳмону Гӯрисӯфӣ ва Пиритурк, саҷдагоҳи Чинори Калон муқаддасу мунаввар дар дидгоҳаш ҷилвагар мешуданд, агарчи боре ҳам ба тавофи онҳо муяссар нашуда буд. Ромиш, бехабар аз худ, диди тоза бо ақидаи кӯҳна касб кард ва ҳар шабро бо саҷда паси сар гузошта, субҳи навро бо дуо пешвоз мегирифт.

Марди ришдор ва ҳамраҳони дурушти ӯ дигар зишту дағал наменамуданд, балки чун соҳибони фазои рӯҳиву ниёиш ба зиндониён роҳнамо буданд. Ромиш бо мурури замон онҳоро ба навъи дигар қабул кард ва бо тавозуъ ба марди ришдор «ҳазрати имом» мегуфт. Дар воқеъ, ин ҳазрат дунёи навро ба рӯяш боз карда буд. Ӯ усули ибодатро ёд дод, имони саҳеҳро омӯзонд, ба доштани тақво ва саъю талош дар роҳи Худо ишора фармуд. Ромиш бо гузашти замон ба таври шигифтангез тағйири ақида кард ва акнун бо ин андеша монд, ки Худованд дар зоти худ танҳо ва дар сифоташ ягона аст ва аз ҳама чизу ҳама кас бениёз мебошад. Дигар барои Ромиш андешаҳои чанд сол пеш аҳамият надоштанд, ӯ Офаридгорро воҳид дарёфт ва ба ҳама чиз қодир ва дар ихтиёри он будани низоми оламро дарк кард. Ромиш аз муқаррабони[1] имом гардид ва дар омӯзондани дину аҳкоми шариат дасти ӯро гирифт. Дар пешаи нави худ сахтгиру ҷоннисор буд ва бо он чи куфру бидъат менамуд, дар талош шуд.

Дар ин миён даргириҳои беамони шаҳрвандӣ тамоми гӯшаю канори кишвареро, ки дар он Ромиш зиндонӣ буд, фаро гирифт. Аз тохтутози интиқомҷӯён шаҳри Гулдор низ эмин намонд. Дару дарвозаҳо пайи ҳам шикаста, молу маноли мардум ба яғмо рафт ва ҳар рӯз хабаре аз қатли одамони бегуноҳ ба гӯш мерасид. Дар натиҷаи ин афтударафтҳо аз кӯчаю паскӯчаҳои шаҳр гарду хок ва дуду ғубор ба осмон печид, дар лойи касофат

якдигарро шинохтан амри муҳол буд. Дасти зимомдорон[2] кӯтоҳу маҷрӯҳ шуд ва сафи авбошу дузду қотил густурдатар. Ин бесарусомонӣ зиндагии шаҳрро аз роҳ бароварду мардуми ҷабрдидаро ба оворагӣ афканд. Ҳама зӯр, ҳама соҳиб, ҳама шиоргӯю носеҳ гардиданд, касе ба бандае гӯш наандохт. Шояд ба бахти Ромишу ҳамтоёни маҳкумаш буд, ки аз пайи ҳарҷу марҷи ба миён омада дарҳои оҳанию чандтабақаи зиндон ҳам шикаста шуд ва маҳбусон аз ин ғафлати ҷомеа сари вақт истифода бурданд. Онҳо бо шӯр ва ҳавлу ҳароси дастдода ба ҳар чӣ пешпо хӯрданд, шикаста пора карданд ва тамоми санаду коғазҳои ҳабсхонаро сӯхта хокистарашро ба бод доданд. Дар радифи зиндониёни фирорӣ Ромиш низ по ба гурез ниҳод. Ӯ бо умед, ҳама сиёсату ранҷу вобастагиро паси сар карда, ба сӯйи ватан роҳ пеш гирифт. Наҷот ёфтан аз қафасаҳои оҳанию бетонӣ, раҳоӣ аз коркашию тааддиҳои зиндонбонон, нафаси озод кашидан пас аз чокарӣ ва беҳуқуқиҳо ба тану ҷони Ромиш оромиш мебахшид. Ӯ дар ҳар тангное, дар ҳар посгоҳе забони дил ёфту бе дарди сар аз хоку буми бегона берун омад. Бо ин ҷадал аз муқтадӣ[3] ва ҳамраҳони маҳбус ҷудо шуд, вале дар рӯ ба рӯйи худ дари саҷдагоҳи паҳновареро боз дид.

---

[1] **муқарраб** – наздик, маҳбуб;
[2] **зимомдор** - ҳоким, ҳукмдор, фармонфармо
[3] **муқтадӣ** – роҳнамо, роҳбар (касе, ки дар риояти аҳкоми динӣ ба ӯ пайравӣ мекунанд)

Ромиш бе таваққуф ба сӯйи Сариоб роҳ пеш гирифт, барои вохӯрӣ бо азизу пайвандони худ шитофт. На таъқибро фикр кард, на дубора дастгир шуданро. Гоҳ-гоҳе охирин сухани ҳазраташ дар пушти гӯш садо медод: «Аз ин ҷо гурехта ба кишвари худ, ки расидӣ, касе бо ту коре надорад. Инҳо аз паят мегарданд, вале берун аз марз дасташон кӯтаҳ аст. Худо бароят амон диҳад!». Аз ин хотир, ба пушт нигоҳ накарда гурехт ва хушбахтона, садду монеаҳои таҳдидомез паси сар монданд ва баъд аз ду рӯз худро ба Чашмасор расонд. Пули пасандозе, ки ба ҳиммати ҳазрати Назруллоҳ ҷамъ карда буд, айнан то зодгоҳ – деҳаи Сариоб расид ва дар ин ҷо бо дасти холӣ, бо чашми чор дарвозаи ҳавлиро кӯфт, дар ҳоле ки ларзиши беохир вуҷудашро фаро мегирифт. Гумон мекард, банохост пайдо шудани ӯ хонагиҳоро дар ҳайрат мегузорад, аз хурсандӣ ба худ ҷо намеёбанд, охир, қариб панҷ сол зудтар дида ба дидор мерасид! Бо ин иштиёқ ҳаяҷони ботиниро дар худ фурӯ бурда, дам дар дарун ба садои помонӣ мунтазир истод. Чанд лаҳза гузашту сабук-сабук қадамзании касе ба гӯш расид ва бо ҳаракатҳои нозук зулфини дар аз дохил боз шуд. Ромиш дар рӯ ба рӯ ҳамсари худ Руқияро дид – занеро, ки бо маҳзунӣ, чашмони маъюсу ғамзада, чорқади калони ба сар гирифта ва куртаи нилгуни дароз хеле солманд ба назар мерасид. Бо дидани ин ҳолати ҳамсар ҳуш аз сари ӯ парид, дилаш шуввӣ рехт. Руқия низ марди дарвешнамоеро бо сарутани фақирона, чашмони дар косахона ҷошуда ва рухсори пур аз риш дида, яке хӯсид ва чун ӯро нашинохт, саравал худро ба қафо кашид, вале ҳамоно аз мағзи ҷон нола карда фиристод ва ҳавосашро аз даст дода, худро ба оғӯши шавҳар афканд. Бо садои доду шеван модари Ромиш давида ба ҳавлӣ баромад. Ӯ низ сарулибоси азо ба тан дошт, рӯмоли сафед ва пираҳани сиёҳ пӯшида буд. Ин манзара Ромишро ба ҳавл овард, чун ҳамзамон бо навҳаю фарёдҳои занон чизе наметавонист ба забон орад, ноилоҷ, беовоз ҳар дуро дар оғӯш гирифта истод.

Пешомади сахт, лаҳзаҳои дилғашкунанда, талхию тундиҳое, ки ба сари инсон меояд, аз азал дар пешонӣ навишта шудааст. Аз ин тазйиқот ҷойи гурез нест, одами хатокор баъд аз гузашти муддати зиёд ҳам мебояд ба пешовардҳои сарнавишташ таҳаммул кунад, агарчи қалбаш сих занад ё ҷигараш об шавад, ё ки шушаш ба ҳалқ ояд. Вақте ки Ромиш ҳамсару модари ба шӯр омадаашро дар бағал нигаҳ медошт, онсӯтар паяк-паяк омадани писараки хурдсоле, ки ӯ низ ҷомаю миёнбанд ба тану тоқӣ ба сар дошт, ҳолашро баҳам зад. Пай бурд, ки нохушии сахте дар хона пеш омадааст ва бе он ки худро нигаҳ дорад, бо овози баланд пурсид:

– Додом канӣ?!

Ба ҷойи ҷавоб фарёди ҷонхароши занҳо бештар шуд ва дар ин миён писарак ҳам ба онҳо расид. Ромиш сари ду по нишасту ӯро ба оғӯш гирифт. Модар гирякунон ба забон омад:

– Умри додот калта будааст, бо ҷони дардманд чашм пӯшид. Як моҳ дилаш дар даст морпеч гашт, вале зиндагӣ вафо накард, моро партофта рафт.

– Ҳар рӯз шумора ном мегирифтанд, «писарама надидам, писарам наомад»- гӯён аз забон монданд, – илова кард Руқия.

Аз ин хабари наҳс дасту пойи Ромиш беҷон шуд, раъшае аз сар то по вуҷудашро ларзонд. Ҷойи ин ки писаракро рӯйи даст бардораду хурсандӣ кунад, бо нимҷонӣ дар ҳамон роҳрави хокӣ нишаста монд. Наҷотро маҳкам дар бағал дошта, беовоз ба гиря даромад. Медид, ки ҳама арзу узраш ба бод меравад, охир, тамоми роҳ фақат падарро фикр мекард! Мехост аз ӯ бахшиш пурсад, ба дурусткорӣ қавли фарзандӣ диҳад, умри худро фақат дар кӯйи ҳалолӣ ба гарав монад. Аммо ҷойи ин ба пешонӣ санги номуродӣ хӯрд, оламу атроф дар назараш торик шуд. Худро то чанд вақт бемадор, беҳолу бехаёл ҳис кард. Бо ноумедӣ мушти ҳасрату надомат ба замин кӯфт...

Ромиш бо амри тасодуф аз зиндон раҳоӣ ёфту ба зодгоҳ баргашт, вале ин наҷот ба ӯ он қадар хушҳолӣ набахшид. Дубора хонаю дари худро бо тағораи шикаста ва танӯри лабкафида дид. Реҳлати қиблагоҳ файзу таровати хонаводаро аз байн бурда буд. Ба қалбҳои дардгирифта на вай дармон шуда метавонисту на модару ҳамсараш. Ӯ побанд дар эътиқоди худ монд, сарулибоси муллоиро бадар накард. Дар муддати кӯтоҳ ҳамсарашро низ ба ҳиҷоб даровард. Модараш бошад, ба ӯ гардан натофт, ба эроду даъвати худ аз вай чунин посух гирифт: «Қиблагоҳи ман падарат буд ва ӯ маро фақат бо ҳамин ҳол меписандид. Ман танҳо бо ҳамин сурат ба пешаш меравам». Ба ин якравии модар ҷуз муросо илоҷи дигаре надошт. Ӯ аҳд карда буд ҳамаро «мусулмон» кунад, вале бо мурури вақт пай бурд, ки орзуҳояш дар муҳити сариобиён аз хобу хаёле беш нест. Ӯ на фақат мусалмониро ёд надод, балки бо саҷдаю дуохониҳои беҳад ва қироати дурударози сураҳо лақомаки[1] даҳони одамон гашт, ҳар кӣ ба давраш мерасид, бо мазоҳу масхара ӯро тарк мекард.

Хонаи дарунии нимаравшан нишастгоҳи доимии Ромиш буд. Дар ин ҷо аз ояту дуою салавот хондан сар намебардошт. Аз по маҳсӣ, аз сар арақчини сафед ва аз тан яктаҳи дарозашро канор намегузошт. Ӯ маҳрамона ва бо зикри Худою расул гаштани Руқияро низ сахт талаб мекард. Аммо, аз пайи ниёишҳои мураттаб ба мухолифати сахт дучор шуд. Модар аз бекорӣ ва шуғли ғайримуқаррарии ӯ ба нафрат омад, доду бедодаш ба сари ӯ аз ҳад гузашт. Ин бархӯрди очаро Ромиш наметавонист таҳаммул кунад, бо ҳам нахондани андешаҳояшон мисли ду қутби яксони оҳанрабо буд. Барои баргардондани оҳанрабо бошад, дар ҳеҷ кадоме майлу иштиёқ сар намезад.

Шояд омад даст дод, дар ҳоле, ки номуросоӣ ба қуллаи авҷаш мерасид, яке аз ошноёни Ромиш ӯро ба масҷиди ҷомеи Чашмасор даъват кард. Пешниҳоди муриди имом шудан барои Ромиш баҳонаи хубе гардид, ки аз дасти модар халос шавад. Ӯ оиларо ба ҳоли худ гузошта, ҳама анҷомашро бардошта аз деҳа рафт ва дар як ҳуҷраи масҷиди ҷомеъ муқим шуд. Бо ин ҳол чун як муриди гӯшанишин дар домани тоату ибодат ҷой гирифт. Модари мискин бошад, ба сарнавишт тан дода, дуртар будани писари ба дунёи дигар ғарқидаашро афзал донист. Руқия низ бо Наҷоташ наметавонист аз хона бадар равад, барои онҳо оғӯши шавҳари якрав ва ҳуҷраи масҷид тангӣ мекард.

---

[1] **лақомак** – воситаи нӯшхор (масалан, ҳамон милаи филизие, ки асп дар даҳон хойида меистад ва ба нӯхтааш пайваст аст); ин ҷо ба маънии маҷозӣ омадааст

## Гирифторӣ

Дар рӯзҳои аввал Ромиш танҳо буд. Фақат дар ҳуҷраи тори худ менишасту гоҳ-гоҳ барои анҷом додани корҳои имоми масҷид ва тоату ибодат берун меомад. Вале бо мурури замон ин ҳолат бо ангезаҳои ботинии ӯ, ки обхӯрда аз дарсҳои ҳазраташ буд, ҳамоҳангӣ накард. Мехост дар атрофи худ одами бисёр ҷамъ кунад, тавре ки дар «масҷид»-и зиндон пайравонаш ӯро иҳота мекарданд. Бо ин ҳадаф вақту бевақт аз пайи ҷавононе афтид, ки барои намозгузорӣ ба масҷид меомаданд. Онҳоро муддатҳои тӯлонӣ дар ҳуҷраи худ нигаҳ медошт ва он чиро аз дину диёнат медонист, барояшон талқин мекард ва меомӯзонд. Барои ҷавонон низ оятхонӣ ва қиссаҳои Ромиш ҷолиб буданд, ба ин гуна саргармии муфт беш аз пеш алоқаманд мешуданд.

Мегӯянд, бори каҷ ба манзил намерасад. Ромиш ҳанӯз ҳамон рӯзе, ки хонаводаи худро тарк карда дар масҷид гӯшанишин шуд, ба чашми пайгирон афтид. Баъдан, даробарои беохири ҷавонон сарборӣ шуд. Ромиш паёмади амалҳои худро фикр накарда ба ифрот гузашт ва гузошт, ки кабкаш мисли хурӯс хонад. Аммо дар ҷомеае, ки бунёдаш ба қолибҳои демократӣ ва озодманишӣ асос меёбад, ба ифротгароӣ роҳ нест. Аз пушти ӯ одам афтид.

Вазъияти ноҳинҷоре барои Ромиш пеш омад. Ӯ намехост маскани наву маҳфилҳои худро аз даст диҳад, вале як рӯз шогирдони содиқаш хабар оварданд, ки қарор шудааст тафтиши калоне гузаронда шавад. Тавре ки моргазида аз ресмони ало метарсад, Ромиш шабошаб масҷидро тарк карду ба истгоҳи мошинҳои савории Чашмасор омад. Бо пули калоне як мошини сабукравро дарбаст кироя кард ва бо мақсади водӣ рӯ ба гурез ниҳод.

Ромиш намедонист ба куҷо меравад, таваккал ба Худо, ба самти номаълум сар гирифт. Дар айни ҳол ҳар чи тезтар дур шудан аз назари пайгирон ягона мақсади ӯ буд. Раҳорах ҳис мекард, ки меҳри модару бачаҳояш аҳёнан аз таги дил ҷӯш мезанад, вале рӯҳияи моломол ба худоҷӯйӣ пардае ба рӯйи ин ҳавр мекашид. Гӯё бо тамоми вуҷуд қасд дошт бо ин фирор ба даргоҳи Худованд наздиктар мешавад. Агар дар маҳдудаи Чашмасор бар маснади ибодат нанишаст, дар манзили дигар ҳатман ба орзуи худ хоҳад расид.

Ромиш нағз медонист, ки дар ҷойи нав он чиро лозим аст барояш пухта намемонанд. Агар бахташ омад кунад, ба хубию хушӣ дастмоя хоҳад ёфт, агар на, бо умеди Худо сар ба ҷустуҷӯ мезанад. Ин бор дигар пушту паноҳе надошт, ба касе, мисли деҳа, наметавонист такя кунад. Ӯ баробари расидан ба шаҳри Хумак, ки яке аз сернуфустарин шаҳрҳои водӣ буд, аввал суроғи масҷидҳои ҷомеъро гирифт, мехост дар як масҷиди хилват манзил гузинад. Бо кумаки як ронандаи таксӣ ба ин нияти худ низ расид, вақти пешин дар як гӯшаи шаҳр вориди масҷиди «Хонақоҳ» гардид. Ӯ дар қатори одамони саҷдагузор тамоми намозҳояшро адо кард ва сархам ба дуою ниёиш нишаст. Лаҳзаеро мепоид, ки ҳама бадар раванду ӯ бо ягон хидматгузор ё имоми масҷид мулоқот кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Пас аз орому хилват шудани намозгоҳ Ромиш аз ҷо хест, зери чашм ин тараф он тарафи масҷидро аз назар гузаронда, ба сӯйи хонаи имом по бардошт. Ӯро марди қадкӯтоҳи фарбеҳ, ки симои тозаи муллоӣ дошт ва риши гирди худро хилол карда менишаст, пешвоз гирифт. Баъд аз ҳолпурсиҳои муқаррарӣ ба нигоҳҳои кунҷковонаи имом пай бурда, Ромиш бе тааммул ба сухан омад:

– Дар қироату ваъз ва анҷоми ибодатҳои исломӣ ҳеҷ дастикамӣ надорам. Ҳар қадар метавонед аз ман кор кашед, фақат сарпаноҳ диҳеду ба хӯрду хӯрокам расед шуд.

– Аз куҷо омадӣ? Чаро масҷиди моро интихоб кардӣ?

– Ду сол дар кишвари ҳамсоя зиндонӣ будам. Тасодуфан аз он ҷо гурехтаму ба зодгоҳам Сариоб баргаштам. Дар масҷид кор мекардам, ба хоҳишмандон дарси Қуръону аҳкоми шариат медодам, вале аз қафоям одам афтид, ноилоҷ пой ба фирор ниҳода, ба ин сӯ омадам. Интихоби даргоҳи шумо ҳам тасодуфӣ буд.

Имом аз ростгӯйии меҳмони нохондаи худ ба ваҷд омад. Баъд аз шинос шудан нахост ҳарфи сахте занаду дили ӯро ранҷонад, бо мулоимат гуфт:

– Агар муллои калон ҳам бошӣ, наметавонам ин ҷо нигаҳ дорам. Аммо, агар истодагарӣ кунӣ, бояд номатро ба сабт расонӣ. Фақат иҷозати болоиҳо барои ман ҳуҷҷат аст.

– Худамро нишон намедиҳам, агар хоҳед, дар ҳезумхона, дар таҳхона, дар ҳар ҷое дилатон хоҳад нигаҳ доред. Бояд чанд муддат пинҳонӣ зиндагӣ кунам, – каме илтиҷоомез арз кард Ромиш.

– Ин кор аз дасти ман намеояд, – бо қатъият ба суханаш идома дод имом ва афзуд: – аммо барои он муддате, ки мехоҳӣ руст шавӣ, хоки ватанро тарк кун. Дар он тарафи сарҳад ба шаҳри Оқсойи Хумористон меравӣ ва дар хиёбони Ҷидалӣ масҷиди «Албоқӣ»-ро пайдо мекунию саломи маро ба Мулло Зиёдбек мерасонӣ. Шояд Худо ёрӣ диҳад, он ҷо сарат дар амон монад.

– Ташаккур, домулло, нағзиатонро фаромӯш намекунам.

– Аз Парвардигор умед дорам, барои як мусулмони ростқавле кори савоб карда бошам, Худо хайратро диҳад.

Ромиш субҳи рӯзи дигар ба роҳ баромада истода, ҳанӯз ҳам перомуни имоми масҷид андеша меронд. Равшан маълум буд, ки ин ҳомии дин қарзи худро дар назди мақомоти ҳокими кишвар муқаддас мешуморад ва қадаме фаротар аз талаботи қонунӣ бардоштанӣ нест. Барои ӯ ҳам ҷомеаи ором ва ҳам осойиши одамон аз омилҳои муҳим аст, мехоҳад «на сих сӯзаду на кабоб». Аммо дар кишвар мондани ҷавоне мисли Ромишро нахост, бешак, тарозуи адли ӯ ба он сӯйе моил буд, ки ҳар кас дар шуғли худ ифрот кунад, бояд аз ҷамъият дуртар бошад. Шояд фироқ, маҳрумӣ ва машаққатҳои мусофирӣ ин гуна касонро ба худ оварад?

Ин дафъа сафар барои Ромиш осон нагузашт. Агарчи бо як тӯда савдогар аз хатти сарҳад бе мушкилӣ баромаданд, дар он сӯ муддате бо сари худ гашт. Раҳораҳ бо як ронандаи «Москвич» ошно шуду ба зодгоҳи ӯ – деҳаи Кӯктош омадани худро нафаҳмида монд. То ба манзили ронанда расиданд, рӯз қариб домани равшанашро ҷамъ мекард. Ронанда ба ақибкашӣ ва дуриҷӯйии Ромиш эътибор надода, ӯро ба хонаи худ даровард.

– Мо ҳама дар ин дунё мусофирем, бародари худро асло дар нимароҳ намепартоем. Ҳоло ки шаб шуд, дигар ба ҷое намерасӣ. Беҳтар, имшаб бо ҳам дарди дил мекунему фардо субҳ ба роҳ мебарой, – гуфт ронанда ҳангоми аз дарвоза даромадан ва Ромиши дудиларо бо ишораи даст ба дохил хонду илова кард: – Дунё хеле танг шудааст, бародар, ба касе як меҳрубонӣ намекунию поят аз осмон меояд. Рӯзҳои охир ҳама ҷо нотинҷ, деҳаи мо ҳам. Аз дасти ҷоҳилу ғоратгарон мардум ба дод омадаанд.

Ронанда дар хусуси чӣ гап мезад, Ромиш сар дарнаовард. Бо вуҷуди ин, ба худ ҷазм карду вориди хона шуд ва сухани ҳамроҳи худро набурида, фақат ба он гӯш андохт. Ӯ бо лаҳҷаи тозаи маҳаллӣ суҳбат мекард ва мекӯшид вазъи мавҷудро барои меҳмони худ батафсил шарҳ диҳад:

– Агар шунида бошӣ, чанд сол пеш силоҳбадастони Хумористон хеле одамони моро қатлу ғорат карданд. Ҳарчанд бо мурури замон пеши бедодгариҳо гирифта шуд, оташи ҷаҳли миллатчиҳо ҳанӯз нахобидааст, гоҳу бегоҳ одамҳои бегуноҳро дастгир мекунанд, гурӯҳҳои номаълум ба хонаҳо ҳамла оварда, бо зӯрӣ ҳама чизро ба яғмо мебаранд. Одамон бечора шудаанд, намедонанд дарди худро ба кӣ гӯянд.

Ромиш акнун камубеш ба мағзи гапи ронанда сарфаҳм рафт. Ҳамон соле, ки дар ноҳияҳои ҷанубии Хумористон ҳаракатҳое монанди нобаробарии миллӣ рух дода буд, ӯ дар мактаби Сариоб муаллимӣ мекард. Он замон зӯргӯйӣ ва ба маҳви ом даст задани гурӯҳҳои мусаллаҳи номаълум дар ҳама ҷо овоза шуда буд. Аз дасти онҳо одамони бегуноҳ на фақат зери зарбу лат монда буданд, ҳатто ваҳшиёна кушта мешуданд. Овозаи сӯхтану таркондани хонаҳо, аз байн бурдани бачаҳо, ҳатто шиками зани ҳомиларо чок карда, порагӯшти чандмоҳаро ба миёни тӯдаи мардум партофтани қотилон ҳамаро ба таҳлукаю ғазаб оварда буд. Ҳоло медид, ки идомаи он бедодгариҳоро ошнои ронандааш ба ӯ хотиррасон мекунад. Пас, то имрӯз зӯроварӣ идома дорад.

Дар ҳамон лаҳзае, ки Ромишу ронанда вориди хона шуданд, ногаҳон садои қиёчув ва доду фарёд аз кӯча шунида шуд. Ронанда дарҳол ба қафо гашт ва ба Ромишу зану бачаҳояш, ки ҳамоно ба ҳавлӣ баромада буданд, дод зад:

– Зуд, ҳама ба чердак бароед! – ва худаш бо ду-се ҷаҳиш ба самти оғилхона қадам партофту норвони баландеро овард ва сарболо дар зери дарчаи пушти бом гузошт.

Аввал як писарчаю духтараки аз ӯ бузургтар ва аз пайи онҳо модарашон ба боло баромаданд. Сипас бо ишораи ронанда Ромиш ҳам ба норвон часпид. Вақте ки сархам дохили чердак шуданд, ронанда аз поин норвонро бардошту ба як гӯша ҳаво дод ва худаш ба самти таҳхона давид. Ин ҳаракатҳои ӯ, ки оилаашро наҷот дода, худ ба маънии «ҳар чӣ бодо бод» гӯшаеро интихоб мекард, Ромишро ба ваҷд овард. Ҳама дам дар дарун, сокиту гӯшу ҳуш ба берун дар пушти бом монданд. Андак вақт гузашту аз байни доду шевани зану бачаҳо овозҳои дағали мардона баланд шуд. Аз самти кӯча, айнан аз пасу бағали ҳавлии ронанда шунида мешуд:

– Яке ин ва боз ду хонаи дигар монд, ҳамаро дастгир кунед!

– Мошин ҳамин ҷо мемонад, дигар ба поин намеравем, дер шуд!

– Даҳони ин безориҳоро банд, Асғар!

Дар ҳамин асно дарвозаи ҳавлии ронанда низ калон кушода шуд. Дигар давутози номураттаби меҳмонони нохонда бараъло ба чашм мехӯрд. Ромишу ҳамраҳони ба таҳлука афтида аз дарзҳои шифери пушти бом дида медӯхтанду ҷуз тамошои ин манзараи хунук илоҷи дигар надоштанд. Фурсате нагузашта ду марди низомӣ ронандаро аз ҷониби таҳхона кашолакунон ба назди дарвоза оварданд. Дар ин дам, агар Ромиш сари вақт зану бачаҳои ӯро ба оромӣ намехонд, бешубҳа дод мезаданд. Онҳо базӯр, об дар даҳан гирифта нишаста монданд ва маҷбур буданд бо қалбҳои реш бархӯрди хунуки зӯроваронро дида истанд. Сарвари калони низомипӯшон ба маҳзи ин ки ронандаро дар пеши худ дид, бо қундоқи автомат зарбаи сахте ба китфаш фаровард ва дод зад:

– Сарти малъун, ба гумонат аз дасти мо фирор мекунӣ! Дирӯз дар куҷо будӣ?!

– Ман намефаҳмам, мо чӣ гуноҳ кардем? – бо азоб арз кард ронанда.

– Гуноҳатро дар додгоҳ мефаҳмӣ. Агар имрӯз ҳам намеомадӣ, аз зану бачаҳоят ҷудо мешудӣ!

– Ман як таксичиам, бо касе коре надорам, маро раҳо кунед, – боз ҳам илтиҷоомез ба сӯйи сарвари низомиён бо мушкилӣ рӯ гардонда гуфт ронанда.

– Ту таксичии ҷосусӣ, лаънатӣ, гуфтам-ку арзатро дар додгоҳ мегӯйӣ!

Ин ҷо ронанда мехост чизе гӯяд магар, зарбаи дуюми низомипӯшон ӯро аз по афтонд. Нолаи ҷонкоҳонааш баланд шуд ва ба ин ҳол ҳамсараш тоқат наоварду яку якбора аз пушти бом фарёд зад:

– Нобакорон, куштед-охир, бас кунед!

Ин ҳақорати ногаҳонӣ раҳбари дастаи мусаллаҳро бештар ба ғазаб овард ва дастур дод:

– Ҳамаро аз бом фароред, дастҳояшонро баста ба мошин савор кунед!

Дарҳол ду нафар навкар ба ин сӯ он сӯ давида норвонро пайдо карданд ва ба дами дарчаи чердак тиргак гузоштанд. Яке бе хавотир ба самти шиферҳои пушти бом пайи ҳам тир холӣ кард. Ҷонсарак, аз тирборон шудан тарсида, Ромишу бачаҳои ронанда пушти ҳам ба норвон часпида ба ҳавлӣ фаромаданд. Навкарони низомипӯш онҳоро низ теладеҳон ба тарафи сарвари худ оварданд ва дигар, бе пурсупос ба мошини болопӯшида савор карданд. Баъд аз доду афғони беинтиҳо, як тӯда марду зани ба шӯр омада асири низомипӯшон шуданд ва дар вақти говгум аввал як мошини сабукрав ва аз қафои он мошини баланди болопӯшидае зану кӯдакони нолони дар деҳа монда ва гузарҳои ба гарду хок омехтаро дар пушт гузошта, ба самти Оқсой ба роҳ баромаданд. Ромиш аз ин асорати нобаҳангом лолу карахт буд, намедонист чӣ кор кунаду додашро ба кӣ гӯяд. Лоилоҷ, сар ба зер дар гӯшае нишаста монд ва дар ҳавои такондиҳии мошин зери лаб ба дуохонӣ даромад...

Он шабу ду рӯзи дигар Ромиш бо шаш мард дар як хонаи зерзаминӣ, ки кафи бетониаш билкул нам буду кафпӯше ҳам надошт, зиндонӣ шуд. Зану бачаҳоро ҳамон шаб ҷудо карда буданд, шояд онҳоро дар ҷойи беҳтаре нигаҳ медоштанд. Вале истодан дар ин заҳдон, ки мебоист доим қадам зананд, аз кас мардонагӣ мехост. Ӯ ҳатто дар ҳабсхонаи

Гулдор ба ин ҳол гирифтор нашудааст, агарчи он мавқеъ гунаҳкори воқеӣ буд. Сахт асабонӣ шуд, бештар аз ҳамраҳони asиршудаи худ доду фарёд кард. Азбаски ин бор гуноҳе надошт, намехост ба ин гирифторӣ таҳаммул кунад, бо ғазаб роҳравон мушташро ба девори бетонӣ мезад. Хуншор шудани дасташро намедид, вале ҳис мекард, ки пушти панҷааш месӯзад. Бо вуҷуди ин, ором намешуд. Чанд бор ронандаи ошнояш дил дод, аммо тасаллиҳои ӯ асаре надоштанд.

Шаби аввал гузашту аз ду даричаи хурди зерзаминӣ равшании субҳ ба дохил зад. Ромиш мунтазир буд касе ба суроғашон меояд, аммо шарфаи пое ба гӯш намерасид. Дилу ҷигараш гӯё об мешуд, аз ғояти роҳравӣ мушакҳояш таранг шуда дард мекарданд, азбаски туфи даҳонро бисёр хӯрда буд, гулуяш месӯхт. Ниҳоят, пас аз интизории тӯлонӣ садои помонӣ шунида шуд, ки ҳадди ақал ду нафар аз зинаҳо поин меомаданд. Ҷунбуҷӯли асирон бештар гардид, ҳар кадом бо умед ба сӯйи дар дида дӯхт. Ду-се қуфлро дар пушти дари оҳанӣ кушоданд ва ба маҳзи каме роғ шудани дар аввал милаи автомат намудор шуд. Навкари мусаллаҳ аз пушти дар амр кард:

– Нурбек, ба берун!

Яке аз гирифторшудаҳо давида ба пеш омад ва ҳамон дам Ромиш садо баровард:

– Мо ҳеҷ гуноҳе надорем, чаро дар асорат гирифтед?

– Инро ба калонҳо мегӯйӣ, сарт!

– Мо сарт нестем, раҳо кунед! – дубора дод зад Ромиш.

– Ҳар вақт навбатат омад, раҳо мешавӣ, – баланд шуд ҳамон овоз аз пушти дар.

Боз садои равшани помонӣ дар зинаҳои бетонӣ ба гӯш расид, ки ин бор рафта-рафта пасттар мешуд. Асирони хун ба сар ҷӯшида бар рӯйи кафи бетонии нам дубора ба қадамзанӣ пардохтанд...

Танҳо субҳи рӯзи сеюм навбат ба Ромиш расид, ки то ин дам тамоми асиронро аз зерзаминӣ бурда буданд. Ҳолаш аз ҳам рехта, дилаш заъф меовард. Базӯр рӯйи по рост меистод, агар аз дару девор намедошт, шояд ба замин яксон мешуд. Ӯро ду нафар сарбоз кашолакунон ба боло бурданд ва аз роҳрави дарозе гузашта ба як хонаи хурдак дохил шуданд. Ҳамин ки дар пушти дар дастҳояшро раҳо карданд, ӯ беҳолона аз по даромад ва ба рӯйи тахтафарш афтида монд. Надонист чӣ қадар беҳуш хобидааст, сардиеро дар бадан ҳис карду чашмонашро кушод. Як нафар марди шикамдори қадкӯтоҳ бо сарутани маъмулӣ ва як марди болобаланди варзида, ки либоси хокиранги низомиаш сартосар акси баргро дошт, дар муқобили ӯ меистоданд. Аз сатили дасташон маълум буд, ки ба рӯяш об пошида, ӯро ба худ овардаанд.

Ба ҳуш омадани асири худро дида, марди қадкӯтоҳ ба пушти миз гузашт. Шиносномаи Ромиш дар миёни ангуштҳои ӯ буд. Мард ҳуҷҷатро боз карда, бо каме тааҷҷуб пурсид:

– Ту Ромишӣ?

Вақте ки дид асираш бо сар тасдиқ мекунад, аз нав пурсид:

– Чашмасорӣ ҳастӣ?

Ромиш боз ҳам саре ба аломати тасдиқ такон дод. Ӯ мехост ҳарф занад, аммо ҳолати дилбеҳузурӣ дошт, сараш гӯё беист чарх мезад.

– Мебинам, ки ту тоҷикӣ, на сарт?!

Боз ҳам сари Ромиш ба поин такон хӯрд. Марди қадкӯтоҳ шиносномаро ба марди низомипӯш дода гуфт:

– Инро беҳуда овардаед, аз душманони мо нест. Шикамашро сер кунеду ҷавоб диҳед.

– Итоат! – ҷавоб дод ҷавонмард ва беист хам шуду аз зери бағали Ромиш гирифт...

Ҷон ширин аст. Инсон дар ҳар ҳолат ба хотири раҳондани худ аз тазйиқу мушкилот талош мекунад. Агар хоре ба пойи кас халад, чӣ қадар ҷонгирак аст, чӣ расад ба зулму зарбаҳое, ки ба сари одам фурӯ меояд! Вале азият фақат ба ҷону тан латма задан нест, он таъсиру таaддиест, ки рӯҳи касро мехарошад. Дар ҳоле ки ҷисму рӯҳ бо ҳам якҷоянд, онҳо хубу бадро боҳам таҳаммул мекунанд. Агар аз пешомади нек хурсанд шаванд, аз қасди

бад яксон азоб мекашанд. Ин ҷисми махсус дар қолаби тан ва рӯҳи ғоиб дар атрофи майнаи инсон аст, ки вай будани худро дар байни дигарон пай мебарад ва ба ҳар бархӯрде хоҳ бо нишот, хоҳ бо яъс, бардошт мекунад. Ромиш аз иштибоҳи силоҳбадастон аламзада шуда буд, сахт азоби рӯҳӣ кашид, аммо худи онҳо аз ин пешомад ҳеҷ пушаймоние надоштанд. Пушаймонӣ чӣ, ҳатто дар ин хусус фикр ҳам намекарданд. Барои онҳо маҳбусии Ромиш як иттифоқи ногаҳонӣ буд, ки ҳамеша дар вақти иҷрои корҳои бузург пеш меояд. Ӯ бояд шукр гузорад, ки бе ҷазо раҳо мешавад, зеро на ҳар кас ба чунин "лутфу ҳиммат" муяссар мегардад.

Ромиш дар кӯча монд. Хиёбонҳои камодами Оқсой ғаши ӯро меоварданд. Бо саргарангӣ чанд муддат намедонист ба кадом самт по бардорад. Ҳарчанд ғизои додаи ҳарбиён ба ӯ қувват бахшида буд, аммо ҳанӯз ҳам бедармонӣ ва дилбеҳузурӣ дошт. Оҳиста-оҳиста, аз девору шабакаҳои оҳанӣ, ки пиёдаравро аз боғчаю ҳавлии назди хонаҳо ҷудо мекарданд, дастгирон ба роҳ даромад. Таваккал по мебардошт, ҳанӯз ба куҷо рафтани худро андеша намекард. Вақте ки кӯча тамом шуду чорроҳае пеш омад, аз роҳравӣ бозистод ва дар охири пиёдарав бар рӯйи як ҳошияи бетонӣ рӯ ба фазои озоди чорраҳа нишаста монд. Аз хастагӣ бо ангуштон пешониашро молида истода, калимаи ташрикро[1] чанд бор зери лаб гуфт. Бо ин гӯё ба худ омад, маслиҳати имоми масҷиди Хумак ба зеҳнаш зад: хиёбони Ҷидалии Оқсой, масҷиди «Албоқӣ», Мулло Зиёдбек. Ромиш беихтиёр ҷон гирифту ба по хест.

Пайдо кардани масҷиди «Албоқӣ» барояш мушкил нагузашт. Аммо ба назди масҷид омаду тараддуди аз ҳад зиёди ходимон ва зиёраткунандаҳо ӯро дар ҳайрат гузошт. Ҳарчанд барои дидани дӯсти имоми «Хонақоҳ» мешитофт, ин даробароҳои шубҳанок ба дилаш ваҳм овард. Бе он ки амале кунад, дар дами дари даромадгоҳ як ҷавони саллапӯшро, ки яқинан аз ходимони масҷид буд, нигаҳ дошт ва пурсид:

– Бародар, ин ҳама давуғеҷ барои чӣ? Аз чӣ хавотир доред?

– Бояд масҷидро тарк кунем, мегӯянд, ба рӯйхати сиёҳ афтидаем, ҳарбиён омада истодаанд.

– Мехостам дасти Мулло Зиёдбекро гирам, зиёрат карданӣ будам.

– Зиёратро фаромӯш кунед, ака, агар соятонро тезтар наканед, ба доми ҷангараҳо меафтед! – гуфт ҷавон ва дигар маътали пурсуҷӯйи Ромиш нашуда, башаст давида аз ҳавлӣ ба берун рафт.

---

[1] **калимаи ташриқ** – ин дуоест, ки мусалмонон аксаран дастаҷамъона ва бо мақсади ифодаи шукру эътирофи худ, ки Худо бузургу ягона аст ва ҳамтое надорад, баён медоранд *(«Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа илаллоҳу валлоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил-ҳамд»)*

Бо вуҷуди ин, Ромиш масҷидро тарк накард. Ҳеҷ бовараш намеомад, ки ба хонаи Худо низ ҳамла содир шавад, беимонӣ то ин ҳад нарасидагист. Шояд овозаи мардум бошад, охир аз дастдарозӣ ба масҷид чӣ суд? Агар лозим шавад, кормандони хатокорашро ба осонӣ дар ҳама ҷо дастгир мекунанд. Дар ҳар сурат, худро каме канор гирифту ба назди дарахти туте, ки дар як гӯшаи ҳавлӣ, чанд қадам дуртар аз дари даромадгоҳ қарор дошт, омад ва ноумедона ба пешомади нобаҳангом нигарон монд. Лаҳзае нагузашта дурустии амри ҷавонро бо чашми худ дид. Ҳанӯз давутози одамон тамом нашуда, ба назди дарвозаи калон як автобуси хурд омада истод ва дар як чашмпӯшӣ аз он паси ҳам низомиёни силоҳбадаст фаромаданд. Баробари пиёда шудан як марди сиёҳҷурдаи тану тӯшдоре, ки зоҳиран сарвари гурӯҳ буд, бо ишора ва нидоҳои баланд амру дастур додан гирифт. Дар як зум тамоми сарбозон аз ду дари даромадгоҳ худро ба дохил заданд. Ду нафар ҳам дар берун ба посбонӣ монданд. Вақти зиёде нагузашта, аз дохил пушти ҳам садои тирандозӣ шунида шуд. Ромиш бо чашми худ дид, ки шишаи яке аз тирезаҳои баланди масҷид реза-реза шикасту тане аз он ба рӯйи ҳавлӣ сарнагун шуд. Аз пушти он нафари дигаре бо либоси пора-пора ва дастону чеҳраи хуншор ҷаҳида ба ҳавлӣ баромад. Нафари аввал аз ҷо нахест, аммо марди дуюм, ки бо ҳарос давида ба кӯча гурехтанӣ буд, роҳравон аз пушт тир хӯрд ва ғелида ба канори ҷӯйи бетонӣ афтид. Ҳамзамон аз дари масҷид чор-панҷ

нафар муллобашара таҳти нишонгирӣ ва тааддии сарбозон берун омаданд. Онҳоро бераҳмона бо милаю қундоқи автомат зада-зада тела медоданд.

Чунин як манзараи даҳшатборро Ромиш бори аввал медид. Дар чеҳраи сипоҳиён ҳисси ғазабу нафрат равшан намудор буд, гургҳои ваҳшиеро ба хотир меоварданд, ки ба тӯдаи бедифои гӯсфандон ҳамла мекарданд. Далели ин хунхорӣ чӣ буд, сар дар намеовард. Ба ақлаш намеғунҷид, ки чунин бедодгарӣ дар як кишвари исломӣ рух медиҳад. Одамон аз ҳеҷ чиз наметарсанд – на аз Худо, на аз охират, на аз уболи хунрезӣ... Ромиш аз тарси ногаҳонӣ ба ларза афтод. Бо ин ҳол, хешро ба даст гирифту каме ором шуд ва аз пушти дарахти тут тамошоро бас карда, ба қафо гашт ва бо як хез ҷуссаи худро аз девори ҳавлӣ ба берун андохт. Шояд сарбозон ӯро пай бурда буданд, аз паси сар садои тирандозиро шунид. Бо ҳавл, ҳама қувваташро ба поҳояш ҷамъ оварда, ба самти номаълум фирор кард.

## Мукофоти гуреза

Намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад. Модари Ромиш бо гузашти чанд муддати ҳамзистӣ фаҳмид, ки дигар аз писар умеде нест. Ӯ на фақат ҷойи падарро нагирифт, сарвари оила нашуд, ҳатто ба решаи орзую ҳавасҳои модару ҳамсараш низ табар зад, аз ҷаҳони худ гурехта, ба олами шубҳанок даромад ва оилаи худро хандахариши мардум сохт. Модар пай бурд, ки дарислоҳи якравии писар оҷиз аст, ноилоҷ, даст аз домани ӯ бардошт ва ба майли худ гузошт. Агарчи дилаш намехост, ба ҳама чунин вонамуд мекард, ки аз баҳри писари худбин баромадааст, ӯро чашми дидан надорад. Дар воқеъ, ин ягона фарзанди вай буд, ки худоҷӯйиро аз ҳад гузаронд ва бо ин эътиқоди худ ғайри Худою расул ҳамдарди касе нашуд. Бо ин гуна саргармӣ аз наздиктарин одамони хеш даст шуст, ба навъе, ки сар аз китоб набардошта, дуохонӣ карда, ранҷу азобҳои ҷисмӣ ва рӯҳии атрофиёнро пай набурд. Ӯ кунҷи узлат гузидан ва бо сари худ буданро авлотар донист, бехабар аз он, ки бо ин амали беҷо на фақат ба хонаводааш, ҳатто барои тамоми сариобиҳо дари бозҷӯйӣ ва тафтишро боз кард. Ба кори манъшуда даст заду ҳам худро ҳам дигаронро дар зери суол гузошт.

Пас аз он, ки Ромиш бо шунидани хабари нохуш шабошаб думашро хода кард, рӯзи дигар, саҳарии барвақт маҳалли кори ӯ милисаборон шуд. Аз сар то бун масҷидро тагурӯ карданд. Ба ҷуз ду-се даст китобу рисолаи динӣ аз Ромиш дараке наёфта, тамоми ходимони масҷидро ба маҳкама кашиданд. Барои масъулони ҳуқуқу тартибот ин амалиёт кам буд, онҳо қадами худро фаротар гузошта, ба Сариоб низ фурӯ рехтанд. Даставвал, дар ягона маркази маҳалла бонги хатар зада, ҳамроҳи сарварони деҳа ба хонаи Ромиш сар халонданд. Ин кофтуков фақат сархалонӣ набуд, балки ба дилу ҷигари бе он ҳам реш-реши модару ҳамсари марди хатокор нештар халонданд. Модар то он дам хавф мебурд, ин гуна бозҷӯйиро гӯё дар хоб дида буд ва он рӯз ҳискардаҳои худро бо чашми сар медид. Бо ҳоли парешон ва дили маъюс ҳар чиро медонист бозгӯ кард.

Он рӯзҳо дар Сариоб ва деҳоти атрофи он овозаҳои мухталиф паҳн шуда рафт. Дар нӯги забони ҳама исми Ромиш мегашт, мегуфтанд, ки ӯ «ваҳҳобӣ» шудааст, ба кадом як ҳизби мамнӯъ гаравидааст. Вале дар асл, ин гапҳо бофтаи иғвогарон буд, онҳо бо нақлҳои пуробуранги худ аз Ромиш як ифротгари исломӣ ва дигаркуни сохти ҷомеа месохтанд. Ғоиб шудани Ромиш ба ин ҳангомаю овозаҳо дастаки хуб гардид, ҳатто гап паҳн шуд, ки гӯё ӯ барои пайвастан ба тӯдаҳои ҳаммаслаки худ гурехтааст. Вале ба куҷо касе намедонист ва тахминҳое чун рост паҳн мешуд: гӯё ба пойтахт, ба водӣ, ба кишвари ҳамсоя...

Амали пеш аз худи Ромиш ҳамсари ба ҳиҷоб даровардаашро бадбахт кард. Руқия низ ба тасбеҳу калӯшу маҳсӣ ва ҳиҷоби пӯшидааш одат карда, аз тақводорӣ сар намебардошт. Аммо, дар ҳоле ки асли воқеаро ҳанӯз дарк накарда буд, се рӯзи тамом дар зери пурсуҷӯ монд. Ӯро ба чанд дар дароварда, номаю забонхатҳо нависонданд, имзоҳо

гирифтанд ва ниҳоят, дар хонаи раиси шӯъбаи амниятӣ тафтиш идома ёфт. Онҳо ду нафар дар хонаи бозпурсӣ менишастанд. Рӯ ба рӯйи Руқия пардаи тиреза боз буд ва шӯълаи гарми офтоб рост ба чашмонаш мезад. Аз ин гармӣ ҳаври танаш бештар мешуд, гӯё курта ба бадан мечаспид. Бо рӯмолчаи худ араққои сурату пешониро пайи ҳам тоза мекард, бо мушкилӣ оби даҳонро фурӯ мебурд, лабу ҳалқаш хушк шуда буд. Раис бастаи коғазҳои парвандаро як-як аз назар мегузаронд ва ҳамзамон ҳаракатҳои Руқияро зери чашм мехонд. Бо ин ҳол, намехост зуд ба асли матлаб расад. Шояд бештар аз ним соат ба ин зайл гузашт, дар охир, абруҳояшро ба сӯйи ҳам ҷамъ карда, ба сухан омад:

– Медонӣ, шавҳарат ба чӣ роҳе даромадааст?

Руқия ин саволро чандин бор шунида буд, аз ин рӯ норозиёна арз кард:

– Ҷавоби маро дар коғазҳои дастатон навиштаанд, чаро боз мепурсед?

– Пурсуҷӯ ба ҷонат расид? – бо оҳанги ҷиддӣ гуфт раис ва илова кард: – Мехоҳам ҳар чӣ ҳаст аз забони худат шунавам, агар рост гуфтӣ, растӣ, агар на, гила аз худат.

Руқия араққои пешонии худро поккунон гуфт:

– Ростӣ, се рӯзи тамом аз пушти ходимонатон калоба шудам. Ё баред ба ҳабс партоед ё ҳамин ҷо маро парронеду ҳам худро ҳам маро аз ин азиятҳо халос кунед. Дигар мадори ҷавоб пас додан надорам.

– Худатро ба даст гир, хоҳар, ин вазифаи мост, ки барои равшанӣ андохтан ба мушкилот бояд далел ҷамъ кунем, – гуфт раис ва аз ҷо хесту як нах сигор равшан кард. Дар хона ба қадамзанӣ даромад ва сигорашро дудкунон ба сухан идома дод: – Ту мехоҳӣ бо мо ҳамкорӣ кунӣ?

– Вақте ки ман ҳанӯз дар никоҳи шавҳарам ҳастам, чӣ хел ин корро кунам?

– Новобаста аз ин ту як нафар шаҳрвандӣ ва масъулияти худро бояд дарк кунӣ.

– Шумо бар зидди ҳукми шариат меравед?

– Барои ман ҳукми қонунӣ бартар аст, на хости шариату хутбаи мулло.

– Агар ман ин корро кунам, бар зидди шавҳарам гувоҳӣ диҳам, маро сангсор мекунанд.

Раис тааҷҷуб кард ва ҷиддияти худро аз даст надода афзуд:

– Кӣ сангсор мекунад? Магар дар замони ибтидоӣ гаштаӣ?

– Шавҳарам ҳамин хел талқин мекард.

– Гумроҳ шудаӣ, хоҳар, пас диндории ту низ ба хотири шавҳарат аст, на аз рӯйи эътиқод.

– Эътиқод чист намедонам, аммо ба намоз ва ҳамин либосҳо одат кардаам. Гуруснагиро ҳис намекунам, лекин як намозам қазо шавад, сахт беҳолу бесаранҷом мегардам.

Раис барои ин ки эҳсосоти Руқияро бештар дарк кунад, намехост ба пурсуҷӯ хотима диҳад, вале бениҳоят хаста будани ҳамсуҳбаташ ӯро нигаҳ дошт. Бо як дилгармӣ, ки маъмулан ба аҳли тафтиш хос нест, гуфт:

– Хоҳар, ман туро ҷавоб медиҳам. Аз ин пас касе ба тую хонагиҳоят кордор намешавад, вале бо як шарт.

Чашмони Руқия аз хурсандӣ барқ заданд. Бо умедворӣ ба раис зеҳн монд ва лаб кушод:

– Ман чӣ кор кунам?

– Тақвою эътиқод кори туст, вале ба хурофот роҳ надеҳ ва мисли шавҳарат дигаронро ба ин кор ташвиқ накун, ин як. Дувум, бояд донӣ, ки ҳанӯз ҳеҷ кас шавҳари туро гунаҳкор нахондааст, аммо парвандаи ӯ набояд боз монад. Ҳар гоҳ ба ту ё ба модарат занг зад ё ба суроғатон омад, ба ман хабар расон, – раис як варақаеро, ки рӯйи он шумораи телефон ва адрес ба назар мерасид, дар назди Руқия гузошт ва ба суханаш идома дод: – Ин вазифаи ману кормандонам буд, ки чанд рӯз туро пурсуҷӯ кардем, вале аз ин пас тақдират дар дасти худат аст. Агар ба гапам даромадӣ, зиндагият осуда мегузарад, агар на, ҳам ба худат ҳам ба писару модаршӯят ҷабр мекунӣ. Ҳоло ба ту ҷавоб!

Гӯё як хирман бор аз дӯшаш афтида бошад, Руқия худро хеле сабук ҳис кард. Хушҳол аз дар баромаду ба касе нигоҳ накарда, бо дав ба сӯйи истгоҳ шитофт. Мехост ҳар чи зудтар худро ба хона расонад, модаршӯ ва писарашро ёд карда буд. Ӯ дар автобуси Сариоб нишастан замон ба фикр фурӯ рафт. Се рӯзи оворагӣ дар идораҳои нозирони тартибот ва умури амниятии ноҳия ӯро хастаю лакот кард, ин се рӯз намозҳояш қазо шуданд. Саволҳои якнавохту яксони бозпурсҳо, ки фақат кӣ будану чӣ кардану чӣ шудани шавҳарашро мепурсиданд, ба ҷон расида буд. Ӯ Ромишро хеле дӯст медошт, ба вай аз дилу ҷон эҳтиром мегузошт ва то ин дам ягон гапашро дуто накарда буд, вале ҳанӯз ҳам намефаҳмид, ки чаро аз дасти ӯ ин қадар азият мекашад. Зани ҷавон наметавонист амалҳои шубҳаноки шавҳар, аз ҳама кас даст кашидану ба гурезагӣ рӯй овардан ва ба сарҳо мукофоти тазйиқовар бор кардани ӯро дарк кунад.

Руқия бо пул хостани ёрдамчии ронанда ба худ омад. Кирояи роҳро доду ба ҳамсафарон чашм дӯхт. Диққати ӯро бештар духтаракону занон, ки ҳама либосҳои васеъ ва сабуки миллӣ ба тан доштанд, ҷалб кард. Касе мисли ӯ напӯшида буд, касе мисли ӯ бо ҳиҷоб сару горданашро маҳкам набаста буд. Медид, ки онҳо ба сар рӯмолҳои хурд доранд, баромадагии мӯ аз пешу гесувонашон аз қафо ҳуснашонро меафзуд, дар пироҳану поҷомаҳои гулдору ҳарранг ва кушод худро озод ҳис мекарданд. Онҳо аз мардон намехӯсиданд, худро канор намегирифтанд, балки озодона бо онҳо суҳбат меоростанд. Медид, ки ҳар яке барои худ бепарво аст, аз чизе ноҳинҷорӣ надорад. Руқия аз ин манзара ба завқ омад, ба худ андешид, ки баробари расидан ба манзил тарки ҳиҷоб мекунад, вале намоз мехонад бо чунин либосҳои миллӣ! Ба зиндагии пештарааш бармегардад, фақат бо намоз, зеро бе таҳорату намоз худро наметавонад тасаввур кунад. Дар худ ҳис кард, дигар ба ҳар гуна ваъзе, ки шавҳараш дода буд, ниёз надорад...

Модари Ромиш бошад, аз Руқия бештар нороҳат буд. Ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ки як рӯз писараш – ҳамон писаре, ки доимо «очаҷон» мегуфту ба ӯ ғамхорӣ мекард ва аз заҳматҳои падар ранҷ мекашид, ба роҳи бад меафтад. Рӯзҳои аввали аз маҳбас баргаштан ба назар мерасид, ки орому фурӯтан аст, меҳрубон менамояд ва ниятҳои хуб дорад, вале сонитар чун кундаи нимсӯхта будани ӯ, ки фақат дуд мебаровард, маълум шуд. Бо он ки ҳалиму беозор менамуд, даст аз корҳои дунявӣ кашида буд ва ҳастию зиндагиро фақат дар чаҳорчӯби тоату ибодат медид. Модар аз ин ҳолати дилгиркунанда зиқ шуда, ӯро ба роҳ даровардани шуд, хост одитарин роҳи расидан ба озодию фориғболиро аз зиндони хаёлот барояш талқин кунад, аммо насиҳатҳояш беасар монданд. Ӯ на фақат фарзанди худро баргардонда натавонист, балки қариб монда буд худаш ба доми фиребу таадди вай гирифтор шавад. Ин буд, ки ду ҷигарбанд бо ду олами хаёлот якдигарро тарк карданд. Оила вайрон шуд. Модар аз рафтори писар, ки баъд аз даргузашти шавҳараш зарбаи гароне буд, сахт рӯҳафтода шуд. Фарзанд мисли доғе менамуд, ки пардаи обрӯю манзалати хонаводаро олуда мекард. Ӯ зиқ шуд, ҷойи шавҳари доно ва озодманишашро холӣ дид.

Вақте ки Руқия аз маркази ноҳия баргашт, арӯсу модаршӯ ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд ва то замоне, ки ғубори ғам аз дил набаромад, ашкрезӣ карданд. Модар сару дӯши келини худро силакунон ба сухан омад:

– Дар пешониамон ин рӯзҳо ҳам будааст, духтарам, худатро ба даст гир. Агар зинда бошад, як рӯз меояд, хатои худро мефаҳмад, мо аз бори таънаҳо халос мешавем.

Ин дам Наҷоти хурдсол аз хона баромаду модарашро дид ва бо забони ширини кӯдакона «очаҷон!»-гӯён ба сӯяш тохт. Ҳар ду бо ҳам Наҷотро сари даст бардоштанд ва модар дубора ба сухан омад:

– Писаратро эҳтиёт кун, духтарам, ӯ бояд ифтихори мо гардад.

Руқия бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва дербоз дар оғӯши якдигар монданд.

## Ошноӣ бо марди «қаландар»

Ромиш наметавонист бо дуохонӣ шикам сер кунад. Аз масҷиди «Албоқӣ» гурехту дар ғурбат танҳо монд, на адрес дошту на пуле, ки сарпаноҳ ёбаду хӯрду хӯрок пайдо кунад. Шояд лутфи Парвардигор буд, роҳравон ба бозори моли Оқсой омадани худро нафаҳмида монд. Ҳамон лаҳза мардеро дид, ки бо як азоб ду гову як гӯсоларо кашола карда меоварад. Ба назар мерасид, мард аз роҳи дур меояд. Ӯ аз ғояти гарду хоки ба сарутанаш нишаста базӯр чашм мекушод, нӯхтаи гову гӯсолаҳои қайсарашро бо мушкилӣ дар даст нигаҳ медошт. Бо вуҷуди гармии рӯз, ба тан шалвори пахтагин, пиҷаки ғафс ва ба поҳояш мӯзаҳои чармини соқбаланд пӯшида буд, дар сар кулоҳи сиёҳ-сафеди намадин, ки бештар чӯпонҳо мепӯшиданд, дошт. Ромиш бо дидани ин манзара беихтиёр ба сӯйи ӯ шитофт ва барои имдод аз банди молҳояш гирифт. Марди хаста ӯро дида хушҳол шуд ва бо миннатдорӣ канда-канда ба сухан омад:

– Илоҳо, барака ёбӣ, писарам! То аз кӯҳ фаромадаму ба ин ҷо расидам, ҷонам ба лаб омад. Дасти танҳоӣ шиканад, мол кардаму ба худ балои ҷон харидам. Дастёр надошта бошӣ, ҳолат ҳамин будааст, азоби дунёро мекашӣ.

– Молҳоро ба фурӯхтан овардед?

– Мефурӯшаму аз як ташвиш халос мешавам. То дирӯз зан буд кумак мекард, аз қазо раҳматӣ шуду ҳама кор ба гардани худам монд. Боз як тӯда бузу гӯсфанд дорам, онҳоро ҳам ба бозор мебарорам.

– Аз куҷо меоед?

– Роҳам дур, аз Қоралангар фаромадам, – бо миёнбанди худ гарду арақҳои гардану рӯяшро пок карда гуфт мард, – лекин чӣ илоҷ, зиндагиятро бояд ба роҳ монӣ, дегат ҷӯшида истад, вагарна касе бо ту кор надорад.

Ромиш химчаи дасташро низ аз марди соҳиб гирифт ва «бош-чу»-гӯён молҳоро ба дохили бозор даровард. Бозори мол гавҷум буд, саг соҳибашро намешинохт. Ҳанӯз ба қатори молфурӯшон нарасида, Ромишу мард дар иҳотаи харидорон монданд. Яке тану тӯш, дигаре сару даҳон, севумӣ пистони говҳои фурӯширо даст-даст карда, барои худ натиҷа мегирифт. Паси ҳам пурсиши нархи молҳо сар шуд. Марди соҳиб худро гум кард, намедонист ба кӣ барои кадом молаш чӣ нархе гӯяд. Дар ин ҷо ночории ҳамроҳашро дида, Ромиш дасту остин барзад. Ӯ сари баҳсу талошро ба каф гирифт ва бо зиракӣ аз байни харидорон ҳамонҳоеро, ки қимати аз ҳама баландро мегуфтанд, интихоб кард. Ниҳоят, дую ним-се соат аз байн гузашту харидуфурӯш ба итмом расид. Ромиш аз байни тӯдаи одамон ба як гӯша баромад ва пулҳоро як-як шумурда тахт карду ба соҳиби мол дод. Мард ҳамоно бастаҳои пулро дар халтачае андохта зери бағал кард. Ҳар ду бо хушҳолӣ даст ба дасти якдигар дода аз бозор хориҷ шуданд. Бо ҳам рост ба чойхонаи назди бозор рафтанд ва танҳо дар он ҷо мард кулоҳашро аз сар гирифт ва «уфф»-гӯён оҳи хастагӣ аз дил баровард. Ба духтараке, ки ҳамон лаҳза барои хизмат болои сарашон сих шуда буд, чою нон ва санбӯса суфориш доду ба гап даромад:

– Пир шав, укаҷон, хеле ҳушёр будаӣ, маро аз як азоби алим наҷот додӣ, – гуфт ӯ ва халтачаашро боз карду як бастаи хурди пулро бардошт ва нашумурда дар пеши Ромиш гузошт.

– Ин барои чӣ? – гуфт Ромиш ва пули мардро ба ӯ пас дода илова кард: – Ба кас савоб ҳам лозим, ман аз бекорӣ ба шумо ёрӣ расондам ва аз ин худам хурсандам. Ба ҷойи пул ҳамин чою нон кифоя.

– Хоксорӣ накун, ман аз сидқи дил медиҳам, ба хизматат розӣ шав, – мард дубора бастаи пулро дароз кард.

Ромиш ин ҷо ба асли мақсадаш омад, ки аз дақиқаҳои аввали дидани марди деҳотӣ ба зеҳнаш зада буд ва рӯйрост гуфт:

– Акаҷон, ман ҳанӯз исматонро ҳам намедонам, худам Ромиш ҳастам. Ин чанд рӯзи охир мушкилоти зиёдро аз сар гузарондам ва аз пайи нону насиба мегаштам, ки шуморо пеш омадам. Агар малол наояд, маро ба худ ҳамроҳ гиред, ҳар коре фармоед анҷом медиҳам.

Мард лаҳзае бо ҳайрат ба Ромиш чашм дӯхта монд. Нигоҳ карда истода ба лабонаш табассум давид ва нобоварона гуфт:

– Яъне, мехоҳӣ ман туро ба хизмат гирам? Аз дасти мани фақир, ки ҳама маро Эсанқаландар меноманд, чӣ меояд?

– Гуфтед, рамаи бузу гӯсфанд дорам, ҳамонро бо ҳам бонӣ мекунем. Агар кори хонаю боғ ҳам буд, аз дастам меояд. Шикамам сер шаваду рӯзам гузарад шуд.

– Ин гапат дуруст, ука, – бо каме андеша гуфт Эсан, – лекин мебинам, ки ту ҳам танҳой. Аз куҷо омадӣ, хонаат дар куҷост?

– Ман мусофирам, дарбадарам.

Дар ин асно духтараки пешхизмат як табақ санбӯса оварду бар рӯйи миз гузошт. Ҳаври санбӯсаҳои доғ то мағзи ҷон нишаст, Ромиш нафаси роҳат кашид. Эсан бастаи пулро дубора дар халтачааш андохта истода, арз кард:

– Деҳаи мо дурдаст аст, ҳама имконоти зиндагиро надорад, аммо туро бо худам мебарам, барои ду кас ҳама чиз ёфт мешавад!

Ромиш бо хурсандӣ ба по хест ва ба маънои миннатдорӣ бо ҳамроҳаш – Эсан, ки ӯ низ нимхез шуда буд, даст дода, сар ба сар монд. Бо ин ошноӣ ва суҳбати гарм чою нон ва санбӯса хеле хушмаза ба дилҳо нишаст...

Дар ҳақиқат, ин зиндагӣ аст, ки инсонро ба ҳар кӯ меандозад. Баъзан кору ҳоле пеш меояд, ки дар хобат надидаӣ. Ромиш манзилеро меҷуст, ки ба пайгирии диндорӣ муносиб бошад ва ҳатто ёдгирифтаҳои худро паҳн кунад, аммо нобасомониҳои рӯзгор садди роҳаш шуданд. Ӯ ноороми шаҳрро диду бо даст додани нахустин фурсат худро канор гирифт ва пешомадашро сарсарӣ тасаввур карда, роҳи Қоралангарро пеш гирифт. Ба гуфтаи Эсан, роҳи деҳааш аз шаҳр хеле дур буд ва дар баландии доманаҳои кӯҳӣ қарор дошт. Ромиш ба кулбаи фақиронаи ошнои нав омада, худро хеле осуда ҳис кард, дар назараш ин деҳаи дурафтода аз ҳама балою қазо эмин менамуд.

Қоралангар дар болотарин нуқтае, ки ду доманакӯҳ бар фароз тӯл кашида бо ҳам мепайвастанд ва дар самти дигар боз ба поин доман мегустурданд, ҷойгир шуда буд. Деҳаи он қадар калоне ҳам набуд, танҳо даҳ-понздаҳ хонаи маскунии шиферпӯш аз пасу пеши дарахтҳои беду сафедор ба чашм мехӯрд. Дар назди хонаҳо сабзазор кам буд, вале дар нишебиҳо токзор дида мешуд. Ҳар хона барои худ қӯтон ва молхонаи болопӯш дошт. Ромишу Эсан аз роҳи борики канори деҳа гузашта ба болотарин гӯшаи самти чап расиданд ва аз як дарвозаи шабакадори чӯбин, ки барои наафтодан аз ду тараф бо банди тасмаӣ ба ду ходаи дар замин кӯфташуда маҳор мешуд, ба дохили ҳавлӣ даромаданд. Манзили Эсан аз ду хонаи даҳлез дар васат иборат буд ва андоваҳои рӯяш рехта бенуру зишт ба назар мерасид. Пушти бом шифер надошт, дару тирезаҳо хеле фарсуда ва бо ғиҷирроси баланд бастаю кушода мешуданд. Дар назди хона боғчаеро девори гилини на он қадар баланд иҳота мекард. Ба ҷуз чанд дарахти тут ва навдаҳои ток дигар чизе дар он ба назар намерасид. Эсан ва Ромиш халтаҳои китфи худро, ки раҳорах нону озуқаворӣ харида буданд, дар ошхона гузоштанд ва соҳиби хона аз он ҷо як чойҷӯши сиёҳшудаеро бардошту бо об пур кард ва ба Ромиш дода, ба гап даромад:

– Дар оташдон алов куну чой ҷӯшон, ман ба хӯрок тайёрӣ мебинам, як палов мепазем, – гуфт ӯ ва кулоҳу пиҷаку шалвор ва мӯзаҳояшро кашида дар як гӯша гузошт. Дар зери онҳо боз як қабат сарутани сабуктар дошт, ки беихтиёр хандаи Ромишро овард. Эсан ба ин завқи ӯ пай бурду ба суханаш идома дод: – Ман дар чилаи тобистон низ ҳамин хел мепӯшам, лекин фикр накун аҳмақам. Агар ту ҳам ду даст либос пӯшида мол бонӣ кунӣ, баъд мефаҳмӣ, ки гап дар куҷо будааст. Одам салқин меистад, гармиҳои доғ ба ту асар намекунанд.

– Яъне, мисли термос ҳам гармӣ ва ҳам сардиро ба дохил намегузаронад-гӯед?! – ба тасдиқи ҳарфи ӯ ба гап омад Ромиш. – Ман дар ин бора шунидаам, аммо бори аввал мебинам, – ӯ аз ҳезумҳои дами даст кӯтоҳ-кӯтоҳ майда карда, зери оташдонро равшан кард ва чойҷӯши мисини сиёҳро бар рӯйи он гузошт. Эсан даробарокунон гап дод:

– Дар ин ҷо ҳар як хонавода мол бонӣ мекунаду ток мепарварад. Дигар ҷойи даромад надорад. Агар деҳқонӣ кунам гӯйӣ, замин бисёр, об ҳам ҳаст. Аз ҳамин қабати хона як ҷӯй об ба поин меравад. Дасти ман намерасад, тамоми рӯз аз пайи мол мегардам. Акнун сабук шудам, фақат ду аспу чандто бузу гӯсфандам монд. Агар ту кумак кунӣ, боғамро ҳам обод мекунам, – ӯ каме сари ҷо истода, бо ишора ба боғчааш гуфт: – Решаи навдаҳои ток дар об, ҳанӯз хушк нашудааст. Агар парвариш кунем, аз ҳамин ҷо то даҳ қутӣ ангур мегирем. Соли дигар обчакорӣ ҳам мекунем.

Ромиш аз суханҳои ошнояш ба завқ омада, дар миёни гап гуфт:

– Баъд мардум мегӯянд, Эсан – деҳқон, на Эсан – қаландар!

– Оре, оре, – гуфт Эсан ва ҳар ду хандиданд.

Зиндагии нав барои Ромиш як дунёи дигар буд. Ӯ бо дидани азобу машаққатҳои ногаҳонӣ тағйири рафтор кард ва аз он якравиҳое, ки дар хонаи падарӣ дошт, чизе намонд. Дар ин ҷо низ тоату ибодат мекард, вале фақат дар паҳлуи кор. Ӯ қавлу қарори худро, ки ба Эсан дода буд, мисли каломи Худо муқаддас медонист, асло ният надошт ваъдахилофӣ кунад. Рӯзҳои дароз аз кор сар намебардошт ва баробари Эсан ҷон меканд. Бештар нигоҳубинии молҳо дар пуштаю адирҳои атроф ба зиммаи ӯ буд. Эсан як аспи савориашро низ дар ихтиёри ӯ гузошт. Дар воқеъ, ду аспи соҳиби хона аз зотҳои олӣ ҳисоб мешуданд ва ба гуфтаи Эсан, онҳоро тез-тез ба бузкашиҳо мебурдаанд. Ромиш ба тану тӯши бақувват ва роҳгардиҳои муназзами ҷонварон қоил шуда буд.

Рӯзҳо тез мегузаштанд, аммо дар бистари хоб ҳушу хаёли Ромиш бо хотирот банд мешуд. Ӯ аз амалҳои беҷойи худ афсӯс мехӯрд, наметавонист бемеҳриҳои ба волидайни худ нишондодаро фаромӯш кунад. Дилаш ба модари хастаҳол, ба зани сар ба зер ва ба писари хурди бегуноҳ месӯхт. Танҳоӣ ва дасткӯтаҳии онҳоро аз ҳар ҷиҳат тасаввур карда дар худ мепечид. Намедонист чӣ кор кунад, чӣ тавр ба имдоди ҷигарбандҳояш расад. Гоҳе ба фикри он мешуд, ки ҳама чизро партояду рост ба хона сар гирад, аммо боз ҷон ширинӣ мекард. Феълан мусофириро аз кори таваккал бартар медид. Бо ин ҳол, ният дошт, баъд аз ду-се сол ҳатман ба хона хоҳад рафт, эҳтимолан бо бародархондаш. То он вақт, Худо медонад, кӣ ҳасту кӣ не, шояд аз пушти ӯ дигар наоянд...

Эсан ба Ромиш сахт одат карда буд. Ба туфайли ӯ намозҳои чанд сол пеш ёдгирифтаашро аз нав ба роҳ монд. Гӯё бо як чашмпӯшӣ аз байн ду сол гузашту ҳолу авзоаш хеле иваз шуд. Бо дастёрии Ромиш аз молу деҳқониҳо фурӯхта болои хонаашро бо шифер пӯшонд, дару дарвозаҳояшро нав кард, ба ҳар дуяшон сарутани тоза харид. Ин омадҳо буду аҳд карданд дар тирамоҳ, ба маҳзи ин ки корҳои хона сабук шавад, бо ҳам ба Сариоб раванд. Ӯ мехост додархонди худро ба назди оилааш расонад, вайро аз дасти танҳоӣ наҷот диҳад. Ин сафар шояд пешомадҳои нохуше дошта бошад, аммо бояд пеш гирифт, дигар ҳоҷати имрӯзу фардо кардан нест, агар толеаш нек аст, рӯз мебинад.

### «Ромишро оварданд!»

Руқия нома гирифт. Ин нахустин номае буд, ки шавҳари бедаракшуда пас аз муддати тӯлонӣ мефиристод. Бо ҳарос, ларзаи дасту панҷаашро базӯр коста, лифофаро боз кард. Як саҳифа бо хатти Ромиш пур буд, бетоқатона чашм рӯйи навиштаҳо давонд: «Салом, азизам! – аз нахустин сухани шавҳар сандуқи синааш пур шуд, зери мижгон ашк ҳалқа зад. – Аз он чи гузашта буд, хеле таассуф мехӯрам, намедонам узрамро бо чӣ забон баён кунам. Вале бо вуҷуди ин қадар ҷудоиҳо як нафас ҳам шуморо фаромӯш накардаам... – қатраобе ба рӯйи коғаз афтид, Руқия пушти даст ба рӯйи дидаҳо кашиду аз нав ба қироат часпид. Ромиш саргузашташро навишта буд ва дар поёни нома ёдовар мешуд: – Азизам, дар ниҳоят аҳд кардам ба деҳа баргардам, бародархондам ба ман ҳамроҳӣ мекунад. Пас аз ду ҳафта ба роҳ мебароем. Ҳар чи бодобод, агар милисаҳо гирифтанд, таслим мешавам, агар на, бо шумо мемонам. Саломи маро ба очаю Наҷоти азизамон ҳам расон, ман

тамоман одами дигар шудам, ба ҳамаатон ғамхорӣ мекунам. Бо паём ва узри бисёр, Ромиш».

Бо дарёфти ин нома Руқия бетоқат шуд, модар аз ӯ бештар. Ҳар ду Ромишро пазмон шуда буданд, агарчи хатокориҳояш нобахшиданӣ буд, мехостанд зудтар ӯро бубинанд. Барояшон сиҳату саломат гаштани Ромиш давлати калон буд, дигар ҳеҷ кинае аз ӯ надоштанд. Модару арӯс аз пайғоми хуш худро сабук ҳис карданд ва аз ҳамон дам омодагиро барои пешвоз гирифтани ҷигарбанди худ оғоз намуданд...

Дар Қоралангар бошад, Эсан яке аз ҷиянҳои худ – Бердимуродро ба хонааш овард. Ба ин ҷавон, ки хеле чусту чолок буд ва дар замони сукунати Ромиш доимо ба наздашон омада меистод, корубори зиндагиро ёд дод. Мебоист ӯ то вақти аз Чашмасор баргаштан ба хонаю ҷо ва молҳо нигаҳбонӣ кунад.

Корҳои омодагӣ ба сафар анҷом мешуду як рӯз, бе хабару бе даъват дари Эсанро ду нафар марди ношинос кӯфтанд. Ҳар ду қадбаланд, тануманд мисли паҳлавонон, вале бо чеҳраҳои бадрехт буданд. Ромиш аз сурату чашмони бозикуни мардҳо дарҳол пай бурд, ки нияти онҳо хуш нест. Меҳмонони нохонда пас аз пазироӣ ба Эсан рӯ оварда арзи матлаб карданд:

– Мо таърифи аспони шуморо шунидаем, мехоҳем ҳар дуро бихарем.

Эсан бо каме табассум ҷавоб дод:

– Ҳоло аспонамро намефурӯшам, мавсими бузкашӣ медароя, ман бо онҳо хеле кор мекунам.

Мардҳо ба ҳамдигар нигоҳ карданд ва яке аз онҳо каме бо овози дағал, ки дар суханаш таҳдид ҳам ҳис мешуд, гуфт:

– Мо аспҳоро ба ин хотир мехарем, дигар бо онҳо коре надорем. Ту бояд фурӯшӣ!

– Агар хоҳӣ, ба иҷора медиҳам, вале нияти фурӯхтан надорам, – боз арз кард Эсан.

Марди дувумӣ аз ҳамроҳи худ кам наомада, ба сухан даромад:

– Ту пулатро, ҳар қадар хоҳӣ, мегирӣ, вале аспҳо на фақат дар давоми мавсим, балки ҳамеша бояд бо мо бошанд.

– Дар айни ҳол савдои мо намепазад, агар хариданӣ бошед, дар охири тирмаҳ суҳбат мекунем.

– Ту моро мазоҳ мекунӣ? – каме бо садои баланд ва норозиёна гуфт марди аввалӣ. – Он вақт чорпоят ба дарди холаат мехӯрад-ку!

Эсан аз рафтори меҳмонон ноҳинҷор шуду ба Ромиш нигоҳ кард. Маълум буд, ки ноrоҳат шудааст, мехост боз ҳарфе гӯяд, вале Ромиш пешдастӣ кард:

– Бародарон, хӯҷаин фаҳмо гуфт, ки аспҳоро намефурӯшад, боз чӣ иддао доред?

Марди аввалӣ аз ҷо баланд шуд ва ангушт ба сӯйи Эсан рост карда, бо овози баланд гуфт:

– Мо имрӯз хостем бо нағзӣ корамон ҳал шавад, фардо аз худат гила кун!

Марди дигар низ аз ҷо хест ва бо қаҳр даст афшонда, аз пайи ҳамроҳи худ ба роҳ даромад. Онҳо рафтанду Эсану Ромиш чанд муддат хомӯш нишаста монданд, таҳдиди бемаҳал ҳар дуро дар фикр андохта буд...

Бегоҳӣ Бердимурод молҳоро аз пуштакӯҳ овард. Ҳар се шом хӯрданд ва чун одати маъмул, ба хонаҳои хоби хеш рафтанд. Вале Ромиш дарун-дарун худро ғамгин ҳис мекард, гӯё дами доғе сари дилашро месӯзонд. Ӯ бистари хобашро ба рӯйи арзаки ҳавлӣ партофт ва бо тамошои ситораҳои осмон ғарқи хаёл шуд. Дастаи «ҳафт бародар» нигоҳи ӯро ба сӯйи худ кашид. Ин «аломати суол»-ро дар деҳа низ айнан дар ҳамон бахши осмон медид, ба назар зеботарин ситораҳои фалак онҳо буданд, ки дар ниҳоди худ сирреро нигаҳ медоштанд, вале ӯ асло наметавонист дарк кунад. Ба гуфтаи муаллими нуҷум, ин ҳафт бародар «Дубби акбар» аст ва ҳамеша дар муқобили он «Дубби асғар» ҳам ҷо мегирад. Ӯ дунболи ситораҳои асғар рафт, вале онҳоро надид. Болои сар «Роҳи каҳкашон» ба чашм хӯрд. Ин галаситораҳо мисли роҳаки печдори бобои осиёбчӣ, ки аз рехтани орд ҳамеша сафедча метофт, дар осмони тирафом ҷилва мекарданд. Дар даруни онҳо низ гӯё сирре нуҳуфта буд, вале Ромиш ҳай хира мешуду онро дарк намекард. Аз галаситораҳо поинтар

осмонро бадри мунир равшан месохт. Моҳ пур шуда буд, дар рӯяи он акси моҳчеҳрае бо доғҳои рухсор ба назар менамуд. Ин чӣ доғҳоест, чаро ба рӯяи заррин афтидаанд, барои Ромиш номаълум буд. Ӯ бо дида дӯхтан ба моҳ ёди Руқияро кард: ҳамсари азизаш номаи фиристодаашро гирифтагист, шояд интизори ӯ бошад; чандин бор моҳу ситорагонро бо ҳам тамошо кардаанд, Руқия дурахшонтарин ситораро аз они ман мегуфт. Дар ҳамин лаҳза ахтаре бо суръати тез сӯхта рафт ва нопадид шуд. Ба ёдаш омад, ҳамсараш ба сӯйи ситораи сӯхтаистода туф-туф мекард, мегуфт, ин сӯхтан хосияти бад дорад...

Дар дили ин хаёлкуниҳо, вақте ки шаб қариб аз нисф гузашта буд, ногоҳ садои тақ-туқи бисёр аз сӯйи тавилаи Эсан шунида шуд. Ромиш ҷаста аз ҷо хест ва тани башалвор ба сӯйи садоҳои нобаҳангом давид. Дар торикии шаб, ки аз моҳи пур равшанӣ мегирифт, се-чор нафарро дар назди молхона дид. Онҳо аспони Эсанро аз лаҷомҳояшон дошта кашида мебароварданд. Бо суръат ба он тараф давид ва дод зад:

– Киҳо ҳастед, чӣ кор мекунед?!

Дар ҳамин асно ногоҳ садои тири милтиқ пайи ҳам ду бор баланд шуд. Ромиш дар сандуқи дил ва як пояш сӯзиши ҷонкоҳеро ҳис кард, беихтиёр аз ҳаракат бозмонд. Худро натавонист ба даст гирад, ба замин афтод. Дар ҳоле ки медид, одамони ношинос аспҳоро савор шуда мераванд, аз қаъри ҷон фарёд зад:

– Акои Эсан! Бердимурод!

Вақти зиёд нагузашта, бо шунидани садои тиру ҷеғи баланд Эсану Бердимурод тохта ба болосари Ромиш омаданд. Ӯ бошад, ҳолати аз ҷо хестан надошт, якка нафас гирифта, хир-хиркунон лаб меҷунбонд. Эсан фаҳмид, ки гуфтанист: «Дуздҳо аспонро бурданд». Дуд аз димоғаш баромад, бо кумаки Бердимурод ҷуссаи вазнини Ромишро озод рӯйи даст бардошта ба хона даровард. Дар равшании чароғ, дар ҳоле ки ба ҳафт пушти дуздҳои номард нафрину лаънат мехонд, бе таваққуф ба бастани ҷароҳатҳои Ромиш пардохт. Вале дер шуда буд, ҷавон ба дарду сӯзиш тоқат наоварда, нафасаш дар гулу дармонд, бо чашмони нимапӯш дар дасти бародархонди худ ҷон дод...

Рӯзи дигар, дар сурате ки вуҷудаш об мешуду ашки дидагонашро дошта наметавонист, Эсани аламзада бо ёрдами ҳамдеҳагон Ромишро дар кафан кард. Ҳуҷҷатҳои лозим омода шуд ва ӯ чун роҳбалад муаррифӣ гардид. Як мошини сабукравро дарбаст иҷора кард ва ба самти кишвари ҳамсоя, ба тарафи Сариоб роҳ пеш гирифт. Ӯ орзу дошт бародархонди худро бо хушӣ ва сари баланд ба манзилаш расонад, вале ногаҳон ин бозиҳои тақдир ҳама умедашро ба бод дод. Ҳоло ҷасади берӯҳи Ромиш ҳамроҳаш буд. Ба ӯ нигоҳкунон гиря мекард, ҳасрат мехӯрд. Дар тӯли ин се сол бори аввал кӯҳнатарин либосҳояшро ба тан пӯшид ва ба ҷасади беҷони бародархонд чашми пуроб дӯхта, дар дил мегуфт: «Бубин, додарҷон, ман акнун Эсани қаландар шудам, ту маро бо ин ном шинохта будӣ». Эсан аз даргузашти Ромиш бисёр нороҳат шуд, воқеан, худро чун қаландару дарвешҳои бенаво медид, ҳис мекард, гӯё ҳама чизашро бой додааст.

Ҳанӯз мошини Эсан ба Сариоб нарасида, дар деҳа овозаи наҳс паҳн шуд: «Ромишро оварданд!»-даҳан ба даҳан мегуфтанд ҳама. Ин овоза чун тири туфанг ба гӯши модари Ромиш ва ҳамсараш низ расид. Модар бехудона дод зада ба кӯча баромад: «Чаро оварданд, чаро худаш наомад!». Аз паси ӯ Руқия низ гирякунон ба роҳ афтид. Наҷоти лолу карахт домани модарро маҳкам гирифта аз пушти ӯ медавид, намехост раҳо кунад. Онҳо то дами дарвозаи масҷиди маҳалла омаданд. Дар ҳақиқат, Ромишро меоварданд, аҳли ҷамъшуда даст ба даст ҷасади кафанпечи Ромишро ба тобут гузошта, бардошта ба ҳавлии масҷид дароварданд. Модар сафи одамонро чок карда худашро ба назди тобут расонд. Ду даст ба осмон бардошту ба зону зад, бо тамоми овоз «вой балам!»-гӯён худро рӯйи ҷасади писар афканд ва нолакунон дард гуфт: «Писари ҷавонмаргам, вой балам! Писари озордидаам, вой балам! Писари шӯрпешониам, вой балам! Чаро моро ба ин рӯзи сахт афкандӣ, чаро писаракатро ятим кардӣ, чаро?! Чаро Худо ҷони туро гирифт, вой балам!...»

Он рӯз на фақат оилаи Ромиш азо дошт, балки тамоми аҳли Сариоб фиғон бардоштанд, ҳама ба хотири муаллими худбохта либоси мотам ба бар карданд. Эсанқаландар дар умри худ бори аввал чунин азодориро медид.

**РАВЗАНАИ УМЕД**



**Маро ҷанги душман беҳ ояд зи нанг,**
**Яке достон зад бар ин – бар паланг.**
**Ки хира ба бадхоҳ манмой пушт,**
**Чу пеш оядат рӯзгори дурушт.**
***(Фирдавсӣ)***

### «Ёв омад!»

Чилаи тобистон. Ҳавои гарму дамгир деҳаи Эҷро тарк намекунад. Агарчи деҳа бо майсазору буттаю дарахтони пасту баланди худ табиати сабзи тамошобобе дорад, аз он насиму шаббодаҳои доимӣ гӯё қаҳр кардаанд. Дар кӯчаю роҳакҳои дастрасӣ касе ба чашм намехӯрад, ҳама худро ба қаъри боғу марғзор, то ҷое, ки имкон ҳаст, ба зери буттаю дарахтони серсоя задаанд. Ҳамчунин дар канори чашмаҳо ва лаб-лаби ҷӯйборе, ки ба шакли морпеч деҳаро аз васат ҷудо мекунаду нишеби доманакӯҳҳои ду ҷонибро ба ҳам мепайвандад, ҷунбуҷӯли одамон ба назар мерасад. Ҳар кӣ саъй мекунад аз дасти ҳавои доғу гирифта дурӣ ҷӯяд ва аз накҳати фурӯмонда дар миёни олами сабз нафаси осуда кашад.

Малоҳату Ҳалима низ аз ҳавои бемеҳри тобистонӣ фирор карда, дар мармиҷонзори Ҳакимбобои қозӣ паноҳ бурдаанд. Онҳо дар арзаки[1] дастсохти худ – рӯйи сангҳои паҳн нишаста кашидадӯзӣ мекунанд. Курҷуки[2] саркаҷ байни ангуштони нозук асир шуда, пайи ҳам рӯйи порчаи абрешимӣ гулу нақшҳое меофарад. Дар айни замон духтарон аз сурудхонӣ низ монда намешаванд, бе таваҷҷуҳ ба олами атроф, гоҳе бо ҳам, гоҳе ҷудо-ҷудо овоз мехонанд ва дар оғӯши табиат дилхушӣ мекунанд.

Бо вуҷуди гармии ҳаво коргоҳҳои деҳа фаъоланд, ҳама устою ҳунармандон машғули кори худ. Падари Малоҳат – Қодирамак низ мисли дӯстони рангрезу кулолгар ва дӯкондори худ аз коргоҳаш берун намеомад. Ҳарчанд ҷойи кори ӯ аз берун ҳам бештар метафсид, парвое надошт. Бо гарданбанди дарози пахтагин обу араќи сару рӯяшро беист поккунон оташи кӯраи оҳангариро канда намекард ва ба иттифоқи шогирдаш даст ба даст, бо тиқ-тиқи зиёд асбоб месохт. Шогирди дастбакори ӯ – Суҳроб ҷавони қадболои бозудоре буд. Бар замми ин, чеҳраи кашидаи аз дами оташ сурхшуда, гардани пуррагупайи ғафс, панҷаҳои паҳни таранг, поҳои баланди бақувват ва шонаҳои васеаш аз нерумандӣ ва паҳлавонии ӯ дарак медоданд. Ҳар як амри фармудаи устозашро бо ҳавсала ва ҳаросон нашуда ба сомон мерасонд. Кори онҳо бо навбат ва тартиби хос сурат мегирифт: хӯлаҳои оҳандорро об карда ба қолибҳои махсус мерехтанд; қитъаҳои омодаро аз қолибҳо берун оварда дубора дар кӯра сурх мекарданд; бо чангакҳои милабаланд қитъаҳои доғро гирифта рӯйи сандон мегузоштанд ва ба онҳо шакл медоданд... Амаки оҳангар путку болғазаниро бештар ба Суҳроб мефармуд ва ӯ низ ба ин кор бо иштиёқи баланд мечаспид.

Як ҳавлӣ он тараф, дар байни ду тути ғафси баланд, ки маълум буд бештар аз дусад сол побарҷоанд, дӯсти Қодирамак – Хӯҷамуроди кулолгар коргоҳ дошт. Ӯ низ бо шогирди худ – ҷавони ҷингиламӯйи болобаланд, ки чеҳраи борик ва панҷаҳои дурушти устухонӣ аз лоғариаш дарак медоданд, машғули кор буд. Усто Хӯҷамурод пушти дастгоҳи кулолгарӣ қарор гирифта, беист по мезад ва бо ду даст аз гили афшурдаи часпону лағзанда шакл ҳосил мекард ва зуд-зуд ба шогирдаш амр медод: «Мурод, об рез! Думи лоят канда нашавад, гили тағораро лагад зан! Араќи сару рӯямро пок кун, писар!...». Дар як гӯшаи коргоҳ аз хоки сурхранг теппачае ба назар мерасид, ки бешак, гили хоми зарфу ашё аз он гирифта мешуд. Дар рӯ ба рӯ се-чор қатор рафи тахтагиро ба девор зада, бар рӯйи онҳо ашёи омодаро дарчида буд: офтобаю кӯзаҳои хурду калони дастадору бедаста ва гарданадору гирд, лаълию тағораҳо, табақчаю косаю пиёлаҳо, лӯхтаку бозичаҳои мухталиф... Ин дастсохтҳои кулолгар софу сайқалшуда омодаи рангзанӣ буданд, аммо аз василаҳои рангомезӣ нишоне ба чашм намехӯрд, зоҳиран, ин кори устоҳои дигар буд.

[1] **арзак** – суфачае, ки барои нишастан дуруст мешавад;
[2] **курҷук** – бигиз; воситаи нақшу гулдӯзӣ бо нах

Дар ҳамин чилаи тобистон, ҳангоми нисфирӯзие, ки аксарияти аҳолии деҳа малӯлу пакар худро ба сояву гӯшаҳои салқин афканда буданд ва иддае ҳам саргарми пешаи худ ба оламу атроф эътиное намекарданд, ногаҳон оташи баланде бар сари Тепилелок, ки теппаи

дидбонии деҳа буд, афрӯхта шуд. Ҳамзамон бо ин аломати хатар дар сартосари кӯчаҳои деҳа садои вахмангези ҷорчиҳо пахш гардид: «Ёв омад! Ёв омад! Одамон гурезед, ёв омад!». Ин ду калимаи ошнои гӯшхарош дар як нафас аз поин то кунҷи деҳа, аз даҳан ба даҳан паҳн шуда рафт. Вақти зиёде аз оташи равшаншуда ва бонги ҷорчиҳо нагузашта, сели одамон ба гузари Дарифечак рехтан гирифт. Мебоист аз он ҷо ба қалъаи Фечак раванд, ки бошишгоҳи ҳамешагиашон дар ҳангоми фирор буд. Бо ҳавлу ҳарос, пӯшидаву нимпӯшида зану мард бачаҳои хурду калони худро дар бағалу аз қафои худ гирифта, шитобон ба роҳ баромаданд. Аз ҳама пеш деҳхудо – амаки оҳангар қадам мепартофт ва бо садои баланд ба сӯйи мардум дод мезад:

– Касе намонад, аз дасти ҳамдигар гиред! Василаҳои вазнини худро андозед дур! Биҷунбед, тез бошед!

Суханони ӯро аз самти рост Суҳроб ва аз самти чап Мурод – шогирди Хӯҷамуроди кулолгар бо овози баланд такрор ва ҳамаро ба пеш ҳидоят мекарданд. Тӯдаи ҳосилшудаи одамон мисли галаи бузурги беназме ба дараи Фечак даромада рафт. Қиюччув интиҳо надошт, бисёриҳо беист гумшудагони худро садо мезаданд. Маълум буд, ки на ҳамаи деҳотиён эълони хатарро дидаю шунида буданд. Дар байни тӯдаи бетартиб чашмони Суҳроб бо диққати беохир касеро меҷуст, аммо дар он шӯълаи ризоият намедурахшид. Ҳарчанд ба дара дарунтар мерафтанд, беқарорӣ ва ҳавлу талвосаи ӯ бештар мешуд. Дар ҷониби дигар дӯсти ӯ Мурод низ айнан ҳамин ҳолатро дошт...

Вақте ки деҳотиёни фирорӣ ба дараи Фечак паноҳ мебурданд, дар даромадгоҳи Эҷ гарду хоки ғафсе мисли тундбод сар ба боло кашид. Аз байни чангу ғубори беохир овози баланди арр-урр омехта бо садоҳои қадамзанию шеҳакашии аспон ба гӯш расидан гирифт. Саворахои ношинос аспони худро беист қамчин мезаданд, зоҳиран, намехостанд як лаҳза вақти худро талаф диҳанд. Онҳо ба тан ҷомаҳои қаҳваию хокиранг, ба сар кулоҳи чармини сиёҳ, ки лабаҳои сафедранги ба боло хамида дошт, пӯшида, камонеро аз китф гузаронда, поинтар дар тасмаи камарбандӣ ғилофи дарози ханҷарро овехта буданд.

Ба тӯдаи аспакиҳо марде савори аспи чипор раҳбарӣ мекард. Аз танутӯши баланд ва поҳои ҷамъшудааш то узангу маълум буд, ки марди қадболоест ва ришу мӯйлаби борику дарози ӯ чеҳраи пӯсту устухониашро боз ҳам дарозтар нишон медод. Чашмҳои хунгирифта мисли чашмони уқоби гурусна тез-тез ба ҳар сӯ бозӣ мекарданд  ва дунболи сайди худ ноором буданд. Пештоз ба хамгашти даромадгоҳи деҳа расидан замон, лаҷоми аспи худро ба самти барози Кӯҳи Сафед кашид. Дар як чашмзанӣ то нисфи кӯҳ боло шуда, ба сӯйи аскарон рӯ гардонд ва дар ҳоле, ки аспаш базӯр рӯйи по рост меистод, поҳои худро ба паҳлуи ҷонвар тиргаккунон мувозинатро нигаҳ дошт ва бо садои хирросии баланд дод зад:

– Нигоҳ кунед, дар қишлоқ паша пар намезанад! Ба назар мерасад, аз омадани мо хабар ёфтаанд, ё гурехтаанд ё руст шудаанд! Дигар ҷойи истиҳола нест, ба ҳар ҷое, ки поятон расид, зери даст намоед, ҳар кӣ муқобилат кард, аз дами теғ гузаронед, фироркардаро бо тир парронед, ҳар монеае, ки пеш омад, шиканеду оташ занед! Ёху, ҳама ба ҳуҷум!

Аспи даванд аз синаи  кӯҳ ба поин сарозер шуд ва ҳамзамон бо алвонҷ хӯрдани қамчини соҳиб дар болои сар ба пеш тохту бо зарбҳои ногаҳонӣ суръати бодро гирифт. Саворахо дар як он ба ду гурӯҳ тақсим шуданд ва як идда «ёху»-гӯён бо ҳаёҳуи баланд аз ақиби пештози худ афтиданд. Гурӯҳи дигар аз роҳи пурпечухами мобайнӣ ба самти рости деҳа ҳамлавар гардид.

Фурсати зиёде нагузашта деҳа дар зери гарду ғубор монд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо пушти ҳам забонаи оташи дудолуд баланд шудан гирифт. Омехта бо ҳаёҳу ва садои баланди ғоратгарон баосу маоси гову бузу гӯсфандон омехта бо аккоси беохири сагҳои деҳа аз ҳар сӯ ба гӯш мерасид. Хонаҳои одамон, ки бе он ҳам аз зери шоху барги дарахтон базӯр ба чашм мехӯрданд, нопадид гардиданд, гарду дударо намешуд аз ҳам ҷудо дид. Паси ҳам коргоҳҳои рангрезию кулолгарӣ, оҳангархона, дӯкони бофандагӣ харобу валангор шуданд

ва аз ҳар ҷое аспи ғосиб мегузашт, дар пушти сар камонаи дуду оташ ба осмон печида мебаромад.

Ёвигарӣ қариб як санг раҳ, то чашмаи Дарифеҷак идома ёфт. Вақте ки аскарон ба назди чашма расиданд, аввал марди пештоз ва баъд аз ӯ ҳамраҳони дар обу арақ ғӯтидааш ҷуссаҳои худро аз аспони ноором ба замин афкандан гирифтанд. Ду канори сойи об, ки хурӯшида аз чашма берун меомад ва каме ором шуда ба поин ҷорӣ мешуд, пури одаму асп гардид. Ҳар кас аз асп мефаромад, дарҳол ба тарафи чашма медавид. Мисли ин ки обро надидаанд, аскарони ёв бо бесабрӣ сари худро дар чашма фурӯ карда, то дам овардани шикам об мехӯрданд. Қатори онҳо аспонашон низ лагадзанон худро ба сой зада, аз оби он дам мекашиданд.

Ҳангоми ғалоғула ва саргармии обхӯрӣ ногаҳон доду ғиреви духтарона баланд шуд ва ҳама ба самти нолаву фарёд рӯ гардонданд. Аз самти поин як нафар аспакӣ ва аз пушти ӯ ду аскари ёв ду духтарро кашолакунон меоварданд. Духтарон ба дасту пойи аскарон дарафтида раҳоӣ ёфтан мехостанд ва бо овози баланд бедодкунон баду бероҳ мегуфтанд. Аммо, чун гесувонашон сахт дар панҷаи шахшӯлу дағали зӯрмандҳо монда буд, ноилоҷ аз қафои онҳо қадам мебардоштанд. Аскарон аз бозёфтҳои худ мамнун, ба шӯру ғазаби духтарон эътино накарда, то назди марди пештоз расиданд. Яке бо ҳавлу ҳарос ва ҳаяҷономез гузориш дод:

– Умратон дароз бод, саркарда! Дар иҷрои фармонатон ҳар коре аз дастамон омад анҷом додем. Аммо касе ғайр аз ин шайтонҳо пайдо нашуд. Гирифтани инҳо ҳам хеле мушкил гузашт, базӯр аз чакалакзор баровардем. Умедворем барои ҷаноби олӣ тӯҳфаи хубе бошад!

– Напурсидӣ одамон ба куҷо гурехтаанд?

– Касофатҳо ба ҷуз ҳақорат гапи дигар намедонанд, намехоҳанд сир бой диҳанд.

– Инҳоро худам пурсуҷӯ мекунам, дасту пояшонро баста дар асп бор кунед ва бурда ба ҷувозхонаи Абубакр андозед, – гуфт марди пештоз ва ба чор марди қавиҳайкал, ки зоҳиран муҳофиз ё муовинонаш буданд ва аз гирду атрофаш дур намерафтанд, рӯ оварду бо садои баланд суханашро идома дод: – Тамоми чорворо ба қӯтони Пиритурк баред, дар ҳар қарorгоҳ қаровул гузоред! То шаб ҷустуҷӯро канда накунед, ҳар одаму ғанимате, ки гирифтед, ба назди ман биёред! Шаб, ки даромад, ба ғайр аз қаровулон ҳама дар Бозорҷою масҷид ҷамъ шаванд. Фардо, саҳарии барвақт ба роҳ мебароем, Хоҷа Тағой дар юрти Қизилқум мунтазири мост. Ёху, ҳама ба пеш!

Дубора аз давутози савораҳои ҳамлавар гарду ғубори ғализ деҳаи сабзро аз назарҳо пинҳон кард, ёвигарӣ дар гузарҳои болои Эҷ идома ёфт...

## Гурезгоҳ

Одамони деҳа бо шӯру ғирев, ба ҳафт пушти ғосибон дуои баду нафрин хонда, ба қаъри дараи Феҷак паноҳ бурданд. То расидан ба паноҳгоҳ роҳи тӯлонии пурпечу хам онҳоро мондаю шалпар кард. Ба хусус, баромадан ба қуллаи болои кӯҳ хеле ҷонгиру хастакунанда буд. Ҳар як марду ҷавон кӯдаку бачаи хурдсолеро дар бағал дошт. Занон даст боло карда ба зону мезаданд ва лобаю гиряҳои ҷонкоҳашон қатъ намешуд. То замоне, ки деҳотиён роҳи мушкили рӯ ба фарозро паси сар намуда, ба бошишгоҳи болоикӯҳии худ расиданд, рӯз аз аср гузашта рафт. Қалъаи байзошакли сангин, ки гирдогирд нишебҳои тез дошт, бори дигар гавҷуми одамони гуреза ва муҳтоҷро ба оғӯш гирифт. Дигар ҷойи тарс намонда буд, касе наметавонист ба ин гурезгоҳ даст ёбад.

Издиҳоми мондаю афсурдаҳол бо ҳидояти сарварони авлодҳо дар хоначаҳои дохили қалъа, ки рӯ ба рӯйи ҳам дар ду тарафи роҳрави васатӣ воқеъ буданд, ҷой гирифт. Беш аз ҳама садои Қодирамаку Усто Хӯҷамурод баланд мешуд, пиру ҷавон ба хурдтарин амру ишораи сардорони худ диққат медоданд. Дар байни онҳо Суҳробу Мурод сахт

нороҳат буданд. Ҳар ду пас аз ҷойгир шудани одамон ба пеши Қодирамак омаданд. Суҳроб бо изтироб гуфт:

– Устоз, духтари шумову духтари Қозибобо нестанд.

– Ба мо иҷозат диҳед, ба қишлоқ баргардем, – ҳамоно илова кард Мурод.

Ранги рӯйи Қодирамак парид. Бо миёнбанд оби сару гарданашро пок карда, беҳолона «уфф»-гӯён садо баровард ва бар рӯйи санги курсимонанде нишаст. Усто Хӯҷамурод низ нигаронии ҳар серо пай бурду давида омад ва аз ҳоли гирифтаи дӯсташ рамуз фаҳмида пурсид:

– Чӣ гап, раис, аз чӣ нороҳат шудӣ?

– Духтарҳо бо мо нестанд, Ҳалимаро ҳам ҷо гузоштаем.

– Наход?! – сахт ба ҳаяҷон омад Усто ва дартоз ба сӯйи хоначаҳои занон рафту бо садои баланд фарёд зад: – Хадича!

Ҳамон дам аз як кулба зани калонсоли миёнхамидае, ки аз болои кулӯтаи худ рӯмоли калонеро баста буд ва гунааш базӯр ба чашм мерасид, берун омад. Ҳанӯз ӯ лаб накушода, Усто дубора дод зад:

– Дар кадом гӯр буded, чаро ҳама зану духтарон нестанд?!

– Чӣ кор кунем, ҳар ки дар гирду барамон буд, ба ин сӯ кашидем. Мо, ки наметавонистем ҳамаро ҷамъ кунем. Чӣ гап шуд?

– Гӯри падарат! – бо хашм гуфт Усто Хӯҷамурод ва ба пас гашта истода афзуд: – Занони солор шуда ҳавосатонро ҷамъ намекунед, бепарвоёни ношуд!

– Дигар афсӯс хӯрдан фоида надорад, Усто, занона ба ҳоли худашон гузор, – аз ҷойи нишасти худ ба сухан ҳамроҳ шуд Қодирамак, – агар бахт ёр гардад, ҷонашон дар амон мемонад, дубора якдигарро мебинем.

Ба тақдир тан додани деҳхудо ба Суҳроб хуш наомад. Бетоқатона дар муқобили ӯ қарор гирифту арз кард:

– Устоз, Мурод рост мегӯяд, рухсат диҳед ба деҳа баргардем. Дар ин ҷо нишастан чӣ суд? Ба мо бовар кунед, холӣ пас намегардем.

Қодирамак сарашро миёни дастонаш гирифт. Чанд муддат ба замин чашм дӯхта монд. Барояш равшан буд, ки бо як ишора ин ду ҷавони мағрур худро ба оташ мезананд, ба садоқат ва ҷонбозии онҳо ҷойи шубҳа нест. Аммо ҳанӯз ба дасти «ёв» наафтидаанд, номардӣ ва ҷаҳолати душманро намедонанд. Аз сӯйи дигар, барояш маълум буд, ки ин ҷавонҳои ба шӯр омадаро нигаҳ дошта истодан ҳам амри муҳол. Таваккал ба Худо, онҳоро ҷавоб диҳад, боз як бори дигар шуҷоати онҳоро бисанҷад. Ӯ бо ин андеша аз ҷо баланд шуд ва ба самти дари қалъа қадам партофт. Усто Хӯҷамурод ва Суҳробу Мурод низ аз қафояш афтиданд.

Харсангҳои самти рости кӯҳпояи қалъа аз диди ҷилав чун девораҳои соф тарошидашуда ба назар мерасиданд ва дар қисмати болоӣ то ба пояи девори гирд часпидан роҳрави тахту борикеро ҳосил мекарданд, ки одам метавонист рӯйи он қадам занад. Айнан ҳамин роҳрав барои бошандагони қалъа маҳалли тамошои роҳҳои рафтуомад ва гузарҳои деҳаи Эҷ буд, ба хусус, даромадгоҳ ва теппаи дидбонии деҳа равшан дида мешуд. Ғайр аз ин дар атрофи қалъа дигар ҳеҷ роҳи дастрасӣ вуҷуд надошт ва нишеби кӯҳӣ аз пояи бо сангҳои бузург чидашуда рост ба поин мерафт. Имкон надошт ҷонзоте аз муҳитҳои бағалу пушт боло равад.

Қодирамак дар роҳрав қадамзанон дурударoз ба сӯйи деҳа зеҳн монд. Гузарҳои оғушта ба гарду хок ва дудагирифта ӯро ба риққат овард. Дарахтон ва муҳити сабзи деҳа ба назар намерасид, олудагӣ ва ғубори ба осмон баромада ҳатто дарёчаи Шӯркӯлро, ки се фарсах поинтар қарор дошт ва ҳамеша чун тасмаи нилгун ҷилвагар мешуд, нопадид мекард. Чунин манзараи дилтангкунандаро чандин бор дар тӯли зиндагӣ мушоҳида карда буд, аммо барои ҷилавгирии он ҳеҷ коре аз дасташ намеомад. Ёвҳои хуношом ҳеҷ раҳме ба деҳотиёни мискин надоштанд. Аз дасти онҳо на фақат чизучора ва молу чорво ба яғмо мерафт, ҳатто ҳар каси асиршуда, агар гардан намефаровард, боиси лату кӯби сахт қарор

мегирифт ва ҳатто ба марг мубтало мегашт. Барои ҳамдеҳагони ӯ ягона пушту паноҳ ва нигаҳбон ҳамин бору буд – қалъае, ки пас аз роҳҳои пурпечутоби кӯҳӣ дар фарози дастнорас қарор дошт. Дар ин ҷо силоҳи асосӣ барои пас гардондани ситамгарони эҳтимолӣ тиру камонҳои бобоӣ ва албатта, сангу шаххҳои кӯҳӣ буданд, ки аз боло ба поин ба осонӣ партофта ва ғелонда мешуданд. Барои таъмини бехатарии одамон ҳар гуна кор ба таври махфӣ сурат мегирифт. Дар айёми фирор оби ошомиданиро аз чашмаи зерикӯҳӣ бо роҳи зеризаминӣ мекашонданд. Ғизои паноҳандагон аксаран аз ҳисоби гиёҳу рустаниҳои хӯрокӣ ва кабку ғурмҳои кӯҳӣ омода мегардид, ки ин корро асосан мардҳои чусту чолок ва таҷрибадор дар дили шабу саҳар анҷом медоданд. Дар ин гуна мавридҳо рамаҳои бузу гӯсфанди деҳотиён, ки дар яйлоқи кӯҳӣ нигаҳдорӣ мешуд, хеле ба дард мехӯрд. Агарчи роҳи расидан то яйлоқ дур буд ва рафтуомад то он ҷо ҳадди ақал як рӯзи тамомро мехост, занони обутобёфта ин масъулиятро ба ӯҳда мегирифтанд ва дар камтарин фурсат ширу ҷурғоту қаймоқи ҷамъшударо ба қалъагиҳо мерасонданд.

Душманони ғосиб, ки онҳоро кӯҳистониён «ёв» меномиданд, ба дили кӯҳ фирор кардани деҳотиёнро медонистанд ва ҳатто қалъаи Феҷакро ҳам шунида буданд, аммо аз ҳамла ба он худдорӣ мекарданд. Онҳо аз роҳҳои пурпечу хам ва дараҳои тангу хатарнок, ба хусус, аз мардони хунгарму сахткӯши кӯҳистонӣ сахт метарсиданд. Аз сӯйи дигар, барояшон ғаниматҳои дар деҳа ҷамъшуда кофӣ буд, бо ин дастбурдҳо маоши чандмоҳаи худро таъмин мекарданд.

Ниҳоят, Қодирамак аз андешаи амиқ сар боло кард ва бо як қатъияти камназир ба Суҳробу Мурод ва ҷавонҳои дигар, ки аллакай гирдиҳам омада буданд, рӯ оварда гуфт:

– Писаронам, ҳар чиро салоҳ медонед, онро кунед! Дигар аз дасти мо коре барнамеояд, ба ҷуз маслиҳату насиҳат. Коре кунед, ки истодагарӣ дар муқобили ёвро ҳар кас аз шумо ёд гирад. Худо бузург аст, мададгори ҳамаи мост! – Қодирамак сари дузону нишаст ва дигарон ӯро пайравӣ карданд. Ду даст ба омин кушода афзуд: – Парвардигоро, ба шермардони мо ақлу хирад ва неруву қудрат ато фармо, сафарашонро бехатар ва орзуву армонашонро бароварда гардон! Илоҳо, фақат бо пирӯзӣ ва ба хушиву хуррамӣ дида ба дидор расад!

Ҳама даст ба омин бардоштанд. Қодирамак аз ҷо хеста Суҳробу Муродро аз байни ҷавонҳо ба як гӯша хонд. Дар сурате ки изтиробу ҳаяҷон аз овозаш эҳсос мешуд, ба ҳар ду рӯ оварда гуфт:

– Асбобҳои ҷангӣ дар таҳхонаи Хондон аст. Найза, шамшер, табар – ҳар чӣ мехоҳед, бардоред. Ба эҳсос дода шуда беҳуда худро ба оташ назанед, аз рӯйи ақл кор кунед, – Қодирамак ду даст ба шонаҳои ҷавонон гузошт. Бо чашмони пурумед ба онҳо назар карда истода, ба суханаш идома дод: – Ман ба шумо бовар дорам, ҳоло фурсат расид, ки машқҳои дидаро дар амал собит намоед, Худо мадад диҳад!

– Мо албатта ба мақсад мерасем, устоз, – бо қатъият гуфт Суҳроб, – ҳеҷ ҷойи хавотир нест!

– Аз мо хотиратон ҷамъ бошад, агар сари ёвро ба пеши поятон наандозам, одам набошам! – бо дилпурӣ илова кард Мурод.

Аз ин матонати шогирдон Қодирамак ба ваҷд омад, бо вуҷуди ин, ҳис мекард, ки барои онҳо хеле безобита аст. Ӯ бо нигоҳҳои умедвор ҷавонҳоро гусел кард. Суҳробу Мурод боз се нафар ҳамсоли танаманди худро ҳамроҳ гирифта, баъд аз хайрухуши мухтасар бо роҳи каҷукилеб ба поин сарозер шуданд.

## Бозпурсӣ

Деҳаи Эҷро домани шаб фаро гирифт. Тохтутози ёвҳои тороҷгар поён ёфта буд, вале забонаи оташ ҳанӯз дар чанд ҷо ба чашм мерасид. Аҳёнан аккоси сагҳои нороҳатшуда ва шеҳаи аспон оромии шабро халалдор мекард. Аскарони душман асосан ба чор гурӯҳ тақсим шуда буданд: як гурӯҳ молу чорвои ғаниматафтодаро дар гузари

Пиритурк нигаҳ медошт, гурӯҳи дигар бо ҷамъ кардани ғаниматҳои Бозорҷой банд буд, чанд нафар ҷувозхонаи Абубакрро посбонӣ мекарданд ва боқимондаи аскарон дар дохилу беруни масҷиди Дарифечак давуғеҷ доштанд. Аҳён-аҳён равуойи сарбозоне низ дар кӯчаҳои ду ҷониби деҳа ба назар мерасид.

Саркардаи ёвҳо – ҳамон марди пештози торикбашара, ки бо забони тунд ва садои хирросии худ фақат амру фармойиш медод, аллакай ба ҷувозхона омада буд. Ӯ бар рӯйи ғӯлачӯби софусуфшудае, ки вазифаи курсиро адо мекард, менишаст ва дар наздаш ҳам як тахтаи пасттари дарозрӯя бо нону кулча, табақҳои пури гӯшт ва меваҳои тару тоза оро меёфт. Дар муқобили ӯ, чор-панҷ қадам дуртар, ду духтари асиршуда бо ҳоли абгору сарҳои ба поин овезон меистоданд, ки онҳоро бо танобҳои маҳкам ба ду сутун баста буданд. Дохили ҷувозхона аз се дона шамъ ва ду токчаи хурд равшан мешуд. Баъд аз танаффус ва хомӯшии тӯлонӣ марди пештоз ба сухан омад:

– Агар меҳмони худро бо таоруф пешвоз гиред, касе шуморо озор намедиҳад. Аммо одамонатон якраву гурезпоянд, асло намехоҳанд ба хизмати мо сар фароранд. Ин ҳолат дер давом намекунад, рӯзе ҳамаатон ғуломи Хоҷа Тағой хоҳед шуд.

– Ҳеҷ гоҳ! – садои духтар аз сутуни аввалӣ баланд шуд.

Марди пештоз бо шунидани ин луқмасухан хушҳол гардид ва аз хавотире, ки ба сабаби хомӯшии духтарон дошт, худро озод ҳис кард. Як дона себро аз табақча бардошту карсасзанон газ гирифт ва дубора суханашро идома дод:

– Ҳар чӣ ман гуфтам, он мешавад! Шумо, духтарон, ҳавои кибру ғururro аз худ дур кунед. Хотирҷамъ бошед, ки наздикони худро дигар нахоҳед дид. Беҳтарин қадаматон мутеъ шудан ва аз қафои мо омадан аст. Ту – духтари мағрурро, барои хоҷаи бузург нигаҳ медорам, дугонаатро ҳам худам ба занӣ мегирам.

– Мурдаамон ба шумо ёвҳои ваҳшӣ мерасад! – боз ба сухан омад ҳамон духтари аввалӣ, – Агар мард бошӣ, аскаронатро ҷамъ куну аз ин ҷо дафъ шав, мардуми моро ба ҳоли худаш гузор!

Марди пештоз қоҳ-қоҳ зада хандид. Ба назар мерасид, ки ҳатто аз ҷаҳл ва носазо гуфтани духтар лаззат мебарад. Дубора карче аз себро газида манаҳзанон афзуд:

– Замона моли зӯр аст, ҳар кӣ зӯрӣ кунад, дастболо ӯст. Шумоҳо марде надоред, ки дилу ҷигар дошта бошад, бо мо рӯ ба рӯ шавад. Ҳар ғанимате, ки мо мебарем, моли ҳалоли мост.

– Ҳанӯз ту зӯрмандҳои моро надидаӣ, вале рӯзе мерасад, ки аз дасти онҳо лахта-лахта хоҳӣ шуд! – сухани мардро бурида гуфт духтар.

– Ҳар чизе, ки мебарӣ, илоҳо, заҳар шавад! – духтари дувум низ бо қаҳр ба сухан омад.

Марди пештоз бештар хушҳол гардид. Ба тахтаи ҷилави худ такя карда аз ҷо хест ва риши тунуку борикашро масҳкунон ба духтари дувумӣ наздик шуд. Дар рӯ ба рӯйи ӯ қарор гирифту бо шумханди талх гуфт:

– Ҷонам, ҳар чиро ту захр мегӯйӣ, бароям асал аст. Намехоҳам шумо азоб кашед, фақат мутеи ман бошед бас.

Мард бо пушти ангуштони худ мӯҳои ба чеҳраи духтар фаромадаро боло зад, бо ду даст китфони ӯро дошт ва рост ба чашмҳояш дида дӯхта, сураташро наздиктар бурд. Мард мехост аз лабҳои хушкшудаю ларзони духтар ком бардорад, вале ба ин фурсат наёфт. Ҳамон лаҳза аз даҳони ҷамъшудаи духтар як лахт туф ба рӯяш пош хӯрд. Аз чунин бархӯрди ногаҳонӣ мард як лаҳза карахт шуд. Тани худро рост карду бо асабоният ба ақиб гашт ва наъра зад:

– Қаровул!

Дари ҷувозхона «тарақ» кушода шуду марде қамчинбадаст, ки лабиҳои ҷомаашро ба боло қат карда аз зери камарбанд гузаронда буд, зада даромад. Ӯ дар муқобили марди пештоз, ки бо рӯмолча рӯйи касиф ва оташгирифтаи худро пок мекард, қоим шуду гуфт:

– Амр фармоед, саркарда!

– Адаби ин сагбачаро дода мон! – бо ҷаҳл ба духтари дувумӣ рӯ оварда гуфт марди пештоз ва худаш дубора дар курсӣ нишасту ба табақи гӯшт даст андохт.

– Амри шумо воҷиб аст, саркарда! – гуфт посбон ва ҳамон лаҳза худро дар канори духтар гирифт ва бо тамоми қувват ба сару дӯши ӯ қамчин зад. Тасмаи бераҳм дар ҳаво албонҷхӯрон чанд бор дар бадану дасту пойи духтар фурӯ нишаст. Ва як зарбаи сахти ногаҳонӣ бар рухсори маъсума пахш шуду садои чирросии нолаомез ҷувозхонаро ба ларза андохт. Марди пештоз даст боло кард ва ба чокари худ дод зад:

– Лаънатӣ, ба рӯяш назан!

Посбон даст аз шаллоқ бардошта ба сардор рӯ овард ва саре хам карду дубора дар муқобили духтар, ки як тарафи чеҳрааш то зери манаҳ хароши хунолуде дошт ва ҷо-ҷо камзӯлчаю пироҳанаш пора шуда буд, қарор гирифт. Ҳамин ки аз нав ба зарбу лат додан пардохт, баробари дугонаи худ духтари аввалӣ низ ба фиғон омад, бо ҳар сухан аз марди пештоз тараҳҳум хост, аммо дили душман об намешуд, арзу илтимосҳои муштипар дар ҳаво мемонд.

Аз латукӯби пайиҳам ҳоли духтар бад шудан гирифт ва ниҳоят, пилкҳояш пӯшида шуду сараш ба поин афтод. Бо ишораи марди пештоз посбон қамчинкориро қатъ кард. Мисли ин ки чунин амалро чандин бор анҷом додааст, бе он ки сардораш амр диҳад, ба берун тохт ва як лаган обро бардошта даромад. Марди пештоз дубора дар пеши духтар мех шуд ва ҷаҳломез бо як даст мӯҳои парешони ӯро дар кафи даст ғиҷим кард ва якҷоя бо сараш ба боло кашид. Аз духтари беҳушшуда садое набаромад. Ҳамон лаҳза посбон чолокона оби лаганро ба сураташ пошид. Гӯё духтар ба худ омад, чашмонаш кушодаю баста шуданд, сараш дар зери дастони дурушти мард каме такон хӯрд, аммо аз нав беҳаракат монд. Мард ӯро ба ҳоли худ гузошта, ба духтари аввалӣ наздик шуд. Ҳоли маъюс ва гирифтаи духтар, ки пас аз талвосаю нолаҳои беохир садояш дар дарун монда буд, мардро ба заҳрханд овард. Ӯ бо ишора ба духтари маҷрӯҳ гуфт:

– Ҳоло ки намехоҳӣ ба ҳоли дугонаат биафтӣ? Ё боз ҳам густохӣ мекунӣ? То имрӯз касе ба дунё наомадааст, ки ба рӯйи ман туф андозад, ҳанӯз намедонед Абдуҷаббор кист!

– Номат дар гӯр! – бехаёл садо баровард духтар. – Зӯрат фақат ба духтарони дастбаста мерасад!

Марди пештоз базӯр ҷаҳлашро фурӯ бурда ба ақиб гашт. Дар дил ният дошт ин духтарро ба хоҷаи худ тақдим кунад, аз ин рӯ, намехост бадани нозуки ӯ хароше бардорад. Бо вуҷуди ин, дубора ба ҳарифи худ рӯ оварда гуфт:

– Носазогӯйиро бас кун, ноқисулақл! Ҳар чӣ мегӯям, гӯш андозу ба пурсишҳоям ҷавоб деҳ! Одамонат ба куҷо гурехтанд?

– Ба ҷое, ки дар хоби шабат ҳам нахоҳӣ дид!

– Ба қалъаи Феҷак ё дараи Ағба?

– ...

– Мегӯянд, Қодирбой деҳхудо аст, ӯ ҳоло дар куҷост?

Духтар бо шунидани исми деҳхудо дар худ ларзид, вале дубора хомӯш монд.

– Халтаҳои ҳосилро дар куҷо пинҳон кардаед?

Духтар боз хомӯш буд. Аз ин ҳол марди пештоз бештар асабонӣ шуд ва бо қаҳр дастҳояшро ба боло афшонда дод зад:

– Ба ту мегӯям, ҳамдеҳагонат василаю хӯрокаҳои худро дар куҷо руст мекунанд?!

– Дар лаҳади очат! – паст наомада дод зад духтар.

Аз ин ҷавоб мард оташин шуд, хост духтарро буғӣ кунад, аммо боз ҳам худро ба даст гирифт. Дар назди ӯ посбони ташнабахун қамчинашро бозӣ доронда омодаи амру фармон меистод. Мард бошад, бо азоб худро ором карду ба қафо гашт. Аз мехи ба забарфашаи[1] дар кӯфташуда камарбанду ханҷарашро бардошт ва ба посбон дастур дод:

---

[1] **забарфаша** – ҷӯби нигаҳдорандаи болодарӣ

– Дасту пойи ин бадзотҳоро кушода мон, он якеро ба ҳуш биёр. То субҳ аз дами дар як қадам дур наравед. Агар иттифоқе рух диҳад, аз каллаат ҷудо мешавӣ!

– Амратон воҷиб аст! – бо итоат ҷавоб дод посбон ва пас аз рафтани саркарда шарикони худро хонду аз пайи иҷрои фармон шуд...

Дар дохили Масҷиди Баландӣ ҳамҳамаи аскарон беохир буд. Онҳо гирди ҳам нишаста, ба сухани якдигар гӯш надода, гапзанон ғизо мехӯрданд. Марди побараҳнаи яктаҳпӯшидае чусту чолокона дар давру бари онҳо тор метанид ва аз ду дегчаи мисин дар обхӯрию кӯзачаҳояшон чой ё оби ҷӯш мерехт. Ҳамчунин зуд-зуд ба даҳлези масҷид баромада, лахчаи оташдонро, ки рӯйи он бештар аз даҳто зарфи чойҷӯшу обдастмонанд ҷӯшида меистод, тагурӯ мекард. Маълум буд, ки ӯ аз мулозимони масҷид аст ва аз ноилоҷӣ ба меҳмонони нохонда хизмат мерасонд.

Аз хонаи бағали масҷид, ки он ҷо маъмулан нишастгоҳ ва дарсхонаи муллои калон буд, садои зану кӯдак ба гӯш мерасид. Хонаро аз берун ду нафар аскар посбонӣ мекарданд. Вақте ки марди пештоз наздик шуд, яке аз навкаронаш давида ба пешвози ӯ баромад ва аз вазъи масҷид гузориш доду илова кард:

– Саркарда, асиронро дар хонаи мулло нигаҳ доштаем, ҳама зану кӯдаканд. Дар гузарҳои боло дигар касе намондааст, зоҳиран, омадани моро пештар фаҳмидаанд.

Барои марди пештоз низ ин қазия хеле тааҷҷубовар буд. Дафъаҳои пеш, ҳар вақт ёвигарӣ мекард, то бист-сӣ нафар мардро бо худ мебурд. Хоҷааш аз расидани қувваҳои муфти корӣ хушҳол мешуд. Аммо, ҳоло хушк аст, аз ин зану бачаҳо ба ҷуз дарди сар дигар нафъе намебарад. Бо ин ҳол, амр кард дари хонаро боз кунанд. Занони дар дохил буда бо дидани башараи ёв дар худ печиданду кӯдаконро маҳкам дар бағал гирифтанд. Бачаҳо ҳам ҳалқавор аз дасту гардани модарони худ дошта, ба мардони нав дохилшуда аз қирраи чашм нигоҳҳои тарсолуд афканданд. Дар миёни асирон духтараке нӯҳ-даҳсола танҳо менишаст ва хеле хушрӯ пӯшидаву дастпонаю гарданбандҳои гаронқимат дошт. Марди пештоз бештар ба ӯ диққат дода, ба навкари бағалдасташ фармуд:

– Он духтари оростаро ба ҷувозхона баред, гаравгон мегирем. Боқимондаро ҳам, агар лозим надоред, аз дар берун кунед, нонхӯри зиёдатӣ намехоҳам.

Навкар «хӯш!»-гуфту беист барои иҷрои фармон шитофт. Ӯ хез зада худро ба дохил андохт ва нахуст аз дасти духтарак дошта ба пеш кашид. Тарс ва дарди ногаҳоние духтаракро озор дод магар, бо садои баланд гиря карда фиристод ва имдодҷӯёна ба занҳои бурма шуда нишаста дида дӯхт. Аммо аз онҳо ҳеҷ ҳаракате барнаомад. Дар дами дар марди пештоз хам шуду ба гардани духтарак чанг андохт ва гарданбандашро канда бо заҳр гуфт:

– Айб аст асир марворид дошта бошад!

Ҳамзамон навкараш низ ёзида дастпонаю гӯшвораҳои духтаракро дағалона кушода гирифт ва бо тамаллуқ дар кафи дасти сардор гузошта, бо афти инҷи худ илова кард:

– Оре, хоҷам, ин ҳама моли шумост!

Маъсума аз дардҳои ғайричашмдошт бештар азоб кашид ва банди дасту зери манаҳашро молида-молида сахттар гиря кард. Аскари ёв бошад, ба мискинии ӯ эътиное надода маҳкам аз дасташ гирифт ва кашолакунон ба берун бурд. Духтарак аз қафо дартоз шуд, мебоист ба ҷувозхона раванд.

Марди пештоз бо мулозимони худ ба масҷид даромаданӣ буд, аммо аз берун яке аз гурӯҳбонҳояш, ки аскарони ба қисмати болоии деҳа фиристодаашро сарварӣ мекард, ӯро садо зад. Ба ақиб гашту дар дами дар гурӯҳбони худро ба обу арақ ғӯтида ва бо либосҳои гардолуду дудагирифта дид. Каме дуртар ду навкари ӯ низ бо ҳоли бадтар зани миёнсолеро маҳкам дошта меистоданд. Дасту панҷаи ҳар ду навкар ва сару сурати зан харошидаву хуншор буд, ҳолаш хеле риққатовар ба назар мерасид. Занак на рӯпӯшу сарбанд, на кулӯтаву[1] хаппак[2] дошт, мӯҳои сафедчашудааш тит-пит парешон буданд, аз даридагии гиребони курта нисфи сандуқи синааш урён ба чашм мехӯрд, гиря мекард ва оби дидааш бо хун омехта шуда ба поин мешорид, ҳоли сари по рост истоданро надошт,

лабҳои хаставу чокшудааш ҷунбида меистоданд, аммо садояшро касе намешунид. Гурӯҳбон дар назди марди пештоз қомати худро аз ҳолати таъзим рост карду арз намуд:

– Умратон дароз бод, саркарда, ин ҳам як инъоми дигар аз тарафи чокари гунаҳкоратон, – ӯ ба сӯйи навкарону зани асиршуда саре такон доду ду даст ба рӯйи сина гузошт ва чун нигоҳи пурсишомези сардори худро дарёфт, илова кард: – Гуфтанд, ин зани Ҳасанбой аст, ҳамон Ҳасани маъруф, ки кӯзаи тилло доштааст.

Чашмҳои марди пештоз ало шуданд. Аз боздиди аскарон даст кашида, як он ба гурӯҳбон амр кард:

– Ман аз пайи он сармоя мегаштам, занро ба хонаам гузарон! – ва дарҳол ба тарафи хобгоҳ, ки дар болохонаи Амонулло барояш омода карда буданд, роҳ пеш гирифт.

– Хӯш, саркарда! – ҷавоб дод гурӯҳбон ва ба навкаронаш дастур дод, ки занро ба ҳуҷраи мулло дароранд, то каме сари ҳол ояду худашро ба тартиб андозад...

Болохонаи Амонулло он қадар калон набуд, аммо ҳама чизро дошт. Дар он фаршу деворҳои комилан қолипӯшшуда, меҳробҳои пур аз кӯрпаю кӯрпача ва болиштҳои ранг ба ранг, вассаю болорҳои оройишёфта ва пурнақшу нигори сақф дар чашм метофтанд. Марди пештоз ҷома ва кулоҳи худро кашида, бо пойи луч ва пироҳани сафеди гиребонкушода бар рӯйи кӯрпачаи махмалин менишаст ва бо як хорчӯби ғафс дандонҳояшро мекофт. Ӯ мунтазири хонуми Ҳасанбой буд, мехост ҳар чи зудтар суроғи тиллоҳои бойро гираду бо сарвати бебаҳо дил хуш кунад. Агар ин неъмат ба дасташ меомад, дар пеши Хоҷа Тағой беҳтарин сарлашкар мегардид, охир, кадом навкар бо як юриш ин ҳама дастовезро пешкаш мекунад? Духтари париваши бокира, рамаи бузу гӯсфанд, кӯзаи тилло... Оре, ин муҳимтарин юриш дар беҳбуди сарнавишти ӯст, набояд камтарин имкониятро аз даст дод. Ба хусус, тилло! Ин неъмати бебаҳоро ҳама шунида буданд, орзуи ба даст овардани онро доштанд, вале то ба ҳол ба касе муяссар нашудааст. Хоҷааш мегуфт, чандин бор кӯҳистониҳоро ба хотири ситондани тилло қину азоб додааст, аз гӯшу бинӣ ва ҳар ҷое рост омада, милаи доғ гузарондааст ва ҳатто баъзе аъзои баданашонро низ бурида партофтааст, аммо, бо вуҷуди ин ҳама ситам, ба ҷуз чанд сабика чизи дигареро натавонистааст бигирад. Ҳоло бошад, ӯ дар дами хурсандии бекарон аст, иншооллоҳ, дурри мақсуд ба даст меояд!

Садои тақ-тақ задани дар хаёлбофиҳои марди пештозро барканд. Сар бардошту амр дод:

– Даро!

[1] **кулӯта** – сарпӯши тоқиямонанди занона, ки бо як порчаи овезон аз пушт гарданро низ мепӯшонад;
[2] **хаппак** – поралибоси ҳиҷобмонанде, ки даври гардану сари дили занонро мепӯшонад

Ҳамон гурӯҳбонаш вориди хона шуд ва аз қафои худ зани маҷрӯҳу озордидаро даровард. Агарчи зан мӯю сарулибоси худро мураттаб карда буд, чеҳрааш ҳанӯз ғамолуд, даври чашмонаш каб-кабуд, гунаҳояш хат-хат харошхӯрда ва лаби поинаш даридаву кашол ба назар мерасид. Дастҳояшро ба пеш, болои ҳам баста, ду сари бандро ба пушт гиреҳ зада буданд. Ӯ низ бо ишораи навкари ёв аз остона ба дохил даромад ва дар пойгаҳ сари дузону нишаст. Гурӯҳбон бо таъзим арз кард:

– Саркарда, амр фармоед!

– Зани Ҳасанбой ҳастӣ, номат чист? – бе муқаддима, баъд аз каме бодиққат нигоҳ кардан, пурсид марди пештоз.

Аммо аз зан садое барнаомад, ҳатто абру хам накард. Гурӯҳбон бо дастаи қамчинаш аз зери манаҳи зан бардошт ва ҳарфи сардорашро такроран пурсид. Нӯги чӯби қамчин ҷони асираро озурд магар, аз заҳри дард оби дида рехт. Гурӯҳбон аз хомӯшии ӯ бештар асабонӣ шуд ва кашидаю кушода бо қамчин ба гарданаш фаровард. Зан каме такон хӯрду рост шуд ва имдодҷӯёна ба марди пештоз чашм дӯхт. Нигоҳҳои ваҳмангези саркардаи ёвҳо бошад, ӯро бештар ба таҳлука андохт ва беихтиёр овоз дод:

– Оре, ман завҷаи Ҳасанбоям, номам Баҳоргул.

Марди пештоз хушҳол шуд. Хурсандии худро пинҳон накарда, бо орзуи сарватдорӣ ошкоро пурсид:

– Кӯзаи тиллои шавҳарат дар куҷост?

Зан аз нав хомӯш монд. Марди пештоз ба гурӯҳбон сар такон дод. Дубора қамчин чанд бор пайи ҳам ба тахтапушти зан фаромад. Асира аз зарбҳои ҷонкоҳ оҳу нола кард, аммо лаб ба сухан накушод. Марди пештоз ба навкари худ амр дод:

– Тағораи лахчаро биёр! Ин зотро ҷон аз танаш мебарояд, аммо гап аз даҳонаш не. Оташковакро ҳам фаромӯш накун.

– Хӯш, саркарда! – гуфт гурӯҳбон ва дартоз ба берун баромад.

Чеҳраи зан то баногӯш сурх шуда, сараш гӯё гиҷ мерафт. Аз тарсу дард баданаш кам-кам меларзид, дар поҳояш бедармониро ҳис мекард. Марди пештоз бошад, бо ҷаҳлу нафрат дандон газида, муштҳояшро гireҳ зада буд. Мехост чун гург ба зан ҳамла кунаду дилу ҷигарашро берун кашад. «Аммо ҳанӯз зуд аст, – меандешид дар худ, – аввал бояд аз забонаш гап гирифт, ба буридани он фурсат мерасад». Ӯ ба омадани гурӯҳбон мунтазир намонда, пурсишро идома дод:

– Аз маъюбу маслуқ шудан наметарсӣ? Ҷонат ширин ё зару зевари шавҳарат?

– Ту маро маъюб мекунӣ, – аз нав ба сухан омад зан, – на одамонамро.

– Ман туро мекушам! – бо ҷаҳл афзуд мард.

– Аз мурдан ҳам наметарсам, – сар боло кард зан ва рост ба чашмҳои хунгирифтаи душмани худ нигоҳ карда илова намуд: – Маро мекушӣ, аммо фардо сари худат ба бод меравад.

– Шумо, занҳои якрав, ҳама мағрур ҳастед, лекин бо ин ҳавобаландӣ ҳама чизатонро аз даст медиҳед. Каме димоғатро ба дарун каш, ҳар чӣ мехоҳам бароям дода, саломат ба пеши фарзандонат баргард, нофармонӣ накун.

– Он чизе, ки ту мехоҳӣ ҳафт пушти маро сер мекунад. Магар аҳмақам ризқи одамонамро ҳамин тавр осонакак ба яғмо диҳам?

– Агар бо хоҳиш надодӣ, бо зӯр меситонам! – бо хашм гуфт марди пештоз. – Маро Абдуҷаббори ҷаллод меноманд, ҳанӯз намедонӣ муштам чӣ зарбе дорад!

– Оре, ҳамаатон «ҷаббор»-ҳои бераҳм, ёвҳои хунхор ҳастед, ҳеҷ гоҳ аз куштану сӯхтану дуздидан сер намешавед! – дигар зан низ наметавонист худро идора кунад, тану ҷонаш бештар ба ларза омада буд.

Ба хона бо тағораи пури оташпора даромадани гурӯҳбон марди пештозро ба худ овард. Бо ҳамон ҷаҳле, ки вуҷудашро ҳар чи бештар фаро мегирифт, амр кард:

– Оташковакро дар бадани ин забондароз халон, бубинем, то кай якравӣ мекунад!

Чӯби дарози бодомӣ, ки дар дохили лахчаҳои тағора сурх шуда кам-кам дуд мебаровард, бо дасти гурӯҳбон боло шуд. Душман бе ҳеҷ мулоҳиза рӯ ба рӯйи асира истоду як сари чӯби аз оташ сурхшударо ба пушти панҷааш часпонд. Ҳамроҳи даст тамоми ҷони зан ҷиззас заду дуд аз димоғаш баромад ва «оҳ, ҷонам!»-гӯён нолаи дарднок кашид.

Марди пештоз тамоми абру ва ожангҳои пешонию андомашро ҷамъ карда, бо ғазаб ба зан чашм медӯхт ва мунтазир буд аз забонаш ҳарфе берун ояд. Аммо, чун мурод ҳосил нашуд, дубора ишораи азоб дод. Ин дафъа гурӯҳбон оташковакро, ки дар тағора дошта меистод, бардошта, бехаёл дар миёни ду пойи зан фурӯ кард. Зани дастбастаи ночор чун мори ба оташ афтида дар тани худ печутоб хӯрд, баландтар оҳу нола кашид ва гирякунон бо тамоми овоз дод зад:

– Ёвҳои хуношом! Илоҳо, ҳафт пуштатон сӯзаду ному нишонатон дар ҷаҳон намонад!

Чӯби лахчагирифта бори охир ба сари дили зан часпид. Ӯ натавонист худро нигаҳ дорад, дигар лаб наҷунбонда, аз дарди ҷонгир якпаҳлу ба рӯйи фарш афтид. Аз қирраи даҳонаш омехтаи хуну кафку зардоб рехтан гирифт. Ин ҳол марди пештозро бештар асабӣ кард. Ба по хеста, ноумедона гирд-гирди хона ба даврзанӣ даромад, бо ҷаҳл чанд бор

мушташро ба девор зад. Вақте ки дид, гурӯҳбонаш аз сари нав мехоҳад оташковакро дар бадани зани аз ҳуш рафта халонад, бо хашм наъра зад:

– Гум кун башараатро, лаънатӣ! – ва бераҳмона лагаде ба камари ӯ андохт.

Гурӯҳбон аз зарбаи ногаҳонӣ дар ҷо калавида монд. Базӯр худро сари по нигаҳ дошта, бо ҳавлу ҳарос қамчину чӯби оташкобиву тағораро бардошт ва аз даҳлез ба берун гурехт.

## Шабехунҳои борвар

Ҳамзамон бо паҳн шудани домани шаб гурӯҳи панҷнафараи Суҳроб ба Дарифеҷак расид ва дар гузари Хондон камин гирифт. Онҳо медонистанд, ки тӯдаҳои ёв ҳангоми ҳамлаҳои худ ба деҳа аксаран хонаҳои гирду атрофи Дарифеҷакро чун бошишгоҳ интихоб мекунанд. Ин ҷо барои ҷамъоварии ғаниматҳо ва истироҳату хобу хез хеле мусоид буд. То ба ҳол касе ҷилави ёвро гирифта муқобилат нишон надодааст, бо вуҷуди ин, онҳо дар ҳама ҷо нигаҳбон мегузоштанд, дар дил аз бархӯрдҳои ногаҳонии деҳотиён тарс доштанд.

Барои Суҳроб ва шариконаш бошад, ҳар як ваҷаби Дарифеҷак ва билкул, тамоми деҳа ошно буд. Онҳо возеҳу равшан медонистанд, ки дар куҷо сангу шах ҳасту дар куҷо ҷару ҷӯ, дар куҷо девору сангар ҳасту дар куҷо боғу ҷангал. Агар душман ҳам онҳоро медид, боке надоштанд, зеро медонистанд ба куҷо ақиб нишинанд, дар куҷо пинҳон шаванд ё ба кадом самт фирор кунанд. Ин дафъа хонаю дари Ҳакимбобои қозӣ, ки дар теппагии Хондон қарор дошт ва ба сабаби дар сари роҳ набудан аз чашми ёв дар канор монда буд, ба Суҳробу гурӯҳаш нишемангоҳи хубе гардид. Ин рӯзҳо худи қозӣ дар замини симбулоқиаш баҳорикорӣ мекард. Суҳроб ва дӯстонаш аспони худро дар оғилхонаи ӯ ҷо карданд. Пас аз он, вақте ки барои маслиҳат даври ҳам нишастанд, Суҳроб бо қатъият ва дурандешии ба худ хосе ба сухан омад:

– Ҳоло деҳаи мо гирифтори душман аст. Аз дасти ёв одамонамон гурехтаву хонаю дар ва молу ҳоламон ба яғмо рафтааст. Ин бадбахтӣ ҳар сол ба сарамон меояд ва мо ҳам аз бечорагӣ ҳамеша ба тақдир тан медиҳему аз баҳри ҳама чиз мебароем. Лекин дигар намехоҳам шаъну ғурури мардони деҳа поймол гардад, мо дигар тобу тоқати таҳдиду зӯроварирро надорем. Акнун фурсате расида, ки теғ аз ниём кашем ва то ҷон дар рамақ ҳаст, ин галаи тороҷгарро нобуд созем.

– Алҳақ, рост мегӯйӣ дӯсти азиз, ҳар чи зудтар сари корро бигирем, – ба сухан ҳамроҳ шуд Мурод бо ҳаяҷон ва бесабрие, ки вуҷудашро ором намегузошт. – Мо бояд ба ин ғосиби бехонаю дар пешпо занем, ради пояшро аз дару манзиламон чунон канда партоем, ки дигар ҳаваси моли бедардимиёнро накунад!

– Вале ин кор шитобу ҳаросониро намеписандад, мо камшуморем, душман бисёр. Фақат роҳи ҳила ва гӯл задани он ба мо пирӯзӣ меоварад. Ман дар ин хусус хеле фикр кардаам, аммо мебинам, ки бунбаст[1] зиёд аст.

Мурод бесаброна афзуд:

– Аввал саркардаи ёвро гирем, бешак, аскари бераҳбар сари калобаашро гум мекунад.

[1] **бунбаст** – кӯчаи сарбаста; маҷ. садду монеа; ночорӣ, ноилоҷӣ

– Рост мегӯйӣ, лекин ин амал ношуданист. Аз як сӯ, хонаи сардори худро сахт ҳимоят мекунанд ва дигар, мо ҳанӯз намедонем, ки кӣ дар куҷост.

– Бе гумон, як тӯдаи душман дар гузари Пиритурк аст. Ҳар боре, ки меомаданд, молҳоро дар кӯтони он ҷо нигаҳ медоштанд, – аз хомӯшӣ сар бардошт яке аз ҳамраҳони ҷавони Суҳроб. – Шояд аз байн бурдани онҳо мақбултар бошад, охир, ҳар кор кунем онҳо метавонанд садди роҳамон шаванд.

– Ин гапи ту ҳам ҷон дорад, Далер, – сари тасдиқ ҷунбонда гуфт Суҳроб, – аммо барои мо муҳимтар аз ҳама асир лозим аст. Агар касеро аз душман зинда мегирифтем, корамон осонтар ҳал мешуд.

– Маълум, ки бошишгоҳи асосиашон масҷиду хонаи Амонуллост ва ҳамла ба он ҷоҳо бефоида. Қодирамак мегуфт, ёв асирони худро дар ҷувозхонаи Абубакр нигаҳ медорад ва ин зиндон ҳам дар як гӯша аст. Шояд аз он ҷо оғоз кунем? – изҳори назар кард Мурод.

– Офарин! Айнан ҳамин андеша ба сари худам ҳам омада буд, – хушҳолона арз кард Суҳроб, – бо ҳар қимате, ки бошад, бояд ба ҷувозхона шабехун занем. Зиёд бошад, се-чор нафар нигаҳбон доштагист, якнафарӣ ҳам гирем, корамон дуруст мешавад. Ҳадди ақал якеро зинда гирифтан ба ӯҳдаи худам, Фарҳод ба ман дастёрӣ мекунад. Агар аз одамони асиршуда он ҷо бошанд, роҳбаладӣ кардан ба зиммаи Далеру Шуҷоъ. Ҳама пас аз амалиёт ба Хондон бармегардем. Мурод аз қафо меояд, ба ҳар ҳол, барои дилпурӣ аз набудани хатар. Феълан аспон дар ҳамин ҷо мемонанд. Вақти мо танг аст, бояд то сапедии субҳ ба корамон расем. Аз таҳхона ҳар ки барои худ силоҳи мувофиқ бардорад. Ҳар чи хоҳед ҳаст: шамшер, найза, табар, камон... Саъй кунед орому беовоз амал намоед, ё Алӣ!

Ҳама баробар нидои охири Суҳробро такрор карданд. Ӯ фонусро аз тоқча гирифту ба сӯйи таҳхона қадам бардошт, ҳамраҳон аз қафояш ба роҳ афтиданд. Ин таҳхона дар асл аслиҳахона буд. Ба он фақат се нафар – Қодирамак, Қозибобо ва Суҳроб ҳаққи даромадан доштанд. Миқдори силоҳҳоро низ танҳо ҳамин се нафар медонистанд. Аз ин хотир, ҳамраҳони Суҳроб дар пушти дар қарор гирифтанд ва худи ӯ бино ба хосташон ба ҳар кас яктоӣ шамшер баровард дод, ба ҷуз Мурод, ки вай дар машқу ҳарбҳо фақат табарро меписандид.

Баъд аз мусаллаҳ шудан гурӯҳи ташна ба қасос бо дилҳои пур, ба хурдтарин монеаю садоҳои шабонгаҳ диққат дода, аз бероҳаю пайроҳаҳои ошно ба пеш хазид. Беҳтарин маҳалли камин ва дидгоҳ дар наздикии ҷувозхона Шахи Хӯҷалӣ буд. Он бо харсангҳои яклухти баланде аз як самт ба сойи калони деҳа мепайваст ва аз ҷониби дигар бо теппаи сахти санглохе пӯшида мешуд. Роҳи асосии деҳа аввал ба деворҳои гирди ҷувозхона мерасид ва аз он ҷо ба боло, аз пушти теппаи Шахи Хӯҷалӣ гузашта идома пайдо мекард. Ҳамон лаҳзае, ки гурӯҳи фидоӣ дар пушти теппа, дар сӯрохии харсангҳо камин гирифт, дӯғу пӯписаи аскаре аз назди дари ҷувозхона шунида шуд:

– Ин сағираро ба пеши асирҳо андозед, – соҳиби овоз ҳамон навкари ёв буд, ки духтараки «зебо» пӯшидаро ба зиндон меовард, – қадаш як ваҷаб ҳам бошад, то ин ҷо очаи зорама нишон дод, аз гурбаи ваҳшӣ намемонад, нокас!

Посбони зиндон маҳкам аз пушти гиребони духтарак гирифту ӯро ба доду ғиреваш эътино накарда, аз дари кушода ба дохил тела дод ва зулфини оҳании дарро гузаронда истода, ба навкари хастаҳол ҳамовоз шуд:

– Рост мегӯйӣ, то ҷонашон ҳаст, зӯр мезананду даст намедиҳанд. Ёфтаи саркарда ҳам фақат ҳамин шайтонҳо шуд, Худо медонад, ба дардаш мехӯранд ё не.

– Бало ба пасаш, мо то саҳар нигаҳ медорему фардо ба чокаронаш месупорем. Дар дохил чанд асир дорӣ?

– Ду парии ваҳшӣ! – дар ҳоле, ки маълум буд ӯ низ аз зиндониҳо азият кашидааст, ҷавоб дод посбон. – Бо амри саркарда, ҳамин ки мехостам дасту пояшонро боз кунам, яке аз онҳо ба танам дарафтида рафт. Агар Ҷилқӣ ба имдодам намерасид, ба ҳолам маймунҳо механдиданд. Тамоми сару рӯямро ханҷол кард, фоҳиша!

– Аз инҳо бояд сахт бохабар шуд, ҳар гуна сӯрох барояшон роҳи фирор аст. Мабодо, аз дастамон дарраванд, саркарда моро намебахшад, ба дор овехтанаш аниқ.

– Ҳама ҷо маҳкам, паша берун намеояд! Ҷилқӣ дар пушт, ту ҳам аз самти ҳавлӣ қаровулӣ кун, ман ин ҷо мемонам, – гуфт посбон ва ханҷару камони худро такя ба девор гузошту сари ҷо чанд бор ҷаҳида-ҷаҳида дастонашро ба пешу пас алвонҷ дод ва шурӯъ

намуд ба бастану мураттаб кардани эзорбанду либосҳои худ. Навкари навомада ҳам ба ҷониби қисмати дидбониаш қадам партофта истода ёдоварӣ намуд:

– Дар ҳар сурат, бояд ҳушёр бошем, эҳтиёт ними ҳаёт гуфтаанд.

Дар хомӯшии шаб суханҳои гӯшраси ду посбон ба Суҳроб ҷон бахшид. Бо нимовоз ба ҳамраҳони худ гуфт:

– Ману Фарҳод ёви навомадаро аз ҳавлӣ мегирем ва рост ба Хондон мебарем. Далеру Шуҷоъ, шумо нигаҳбони пеши дарро яктарафа мекунед ва ҳар ки дар дохил аст, ба берун мебароред. Мурод, қаровули қафои ҷувозхона аз они туст. Ба маҳзи ин ки сарашро ҷудо кардӣ, ба ёрии бачаҳо рас. Ба ҳеҷ кас раҳм накунед, имрӯз силоҳи мо бояд ба хуни душман олуда шавад, ё Алӣ!

Ҳама бо садои паст баробар «ё Алӣ!» гуфтанд ва аз пайи сардори худ бо эҳтиёт қадамзанон ба пеш, ба сӯйи ҷувозхона раҳсипор шуданд...

Гирудор зиёд тӯл накашид. Ҷавонҳо дар як вақт ба сӯйи ҳадафҳои худ ҳамла карданд. Ҳамон лаҳзае, ки Суҳробу Фарҳод ба пушти девори ҳавлӣ расиданд, посбон нимғурма барои худ гапзанон аз он ҷо мегузашт. Фурсати нигоҳ кардан ба сояи ҳамлаваронро наёфта, мушти маҳкаме ба буни гарданаш хӯрд ва садои «ӯъ» аз ӯ баромаду ба замин парчин шуд. Дунафарӣ аз дасту пояш бардошта, бошитоб ба сӯйи Хондон ба роҳ афтиданд. Ҷавонҳо ба хонаи қозӣ омада даромаданд ва ҳанӯз фурсати нафас рост кардан нарасида буд, ки аз берун садои пойи бисёр ба гӯш расид. Суҳроб ба ҳамроҳаш бо даст ишораи «ту ин ҷо бош» карду ҷаста аз дар хориҷ шуд. Берун баромаду ба чашмҳояш бовар накард. Медид, ки аллакай дӯстонаш ҳам расида меоянд, дар равшании хираи моҳ ҳамроҳи онҳо қадду басти се духтарак, ки дутояшон калонтар буданд, ба назар метофт. Духтарон дасти ҳамдигарро гирифта бошитоб қадам мепартофтанд, маълум буд, ки ҳавлу ҳаросе доранд, гӯё касе ба таъқибашон нишаста бошад. Суҳроб ҳолати изтироболуди онҳоро пай бурда ҳамоно овоз дод:

– Натарсед, хавфу хатар дар пушт монд, – ва дар ҳоле ки аз ҳама пеш духтари якум ҳушу хаёлашро рабуда буд, бо ҳаяҷон гуфт: – Малоҳат, ин худатӣ?!

Духтар бо шунидани садои ошно худро гум кард ва беихтиёр сари ҷо истода монд. Ҳамраҳонаш низ таваққуф карданд. Баъд аз сукути лаҳзаӣ ӯ ба сухан омад:

– Раҳмат, акаи Суҳроб, мо медонистем шумо меоед.

– Худо умратонро дароз кунад, моро аз чанголи марг халос намудед, – ба тақвияти сухани дугонааш илова кард дувумӣ.

– Ин вазифаи мо буд, ман хурсандам, ки ҳамдигарро сиҳату саломат мебинем.

Суҳроб аз амалиёти нахустини гурӯҳаш мамнун буд. Дар худ меболид, ки ҳоло онҳо ҷавонмардони халоскоранд. Ба хусус, озод шудани маъшуқааш ба ӯ як ҷаҳон хурсандӣ ато мекард. Мехост ӯро танг ба оғӯш гирад, аммо мавридаш набуд, расму одоби қишлоқӣ ба ин роҳ намедод. Онҳо майлу ҳаяҷони ошиқонаро дар қалбҳои худ эҳсос мекарданд.

Аз хурсандӣ чашмони Малоҳату Ҳалима нам бардошта буд. Гиря намекарданд, аммо сандуқи синаашон аз боди ҳаяҷону хушнудӣ пур буд. Баъд аз муддате гирифтори душман шудан мефаҳмиданд, ки одами худӣ чӣ қадар қадр дорад. Самимият ва муҳаббати воқеӣ танҳо аз одами худ бармеояд. Ҳоло вохӯрӣ бо Суҳробу Мурод ва ҷавонони дигар барояшон қувват мебахшид, медиданд, ки дигар дар оғӯши дӯстдоштаҳои худ ҳастанд ва аз ҳар гуна хатар эмин мондаанд. Баъд аз он ҳама азобу ранҷ ба ин лаҳзаи мурод расидан чӣ қадар сафо дорад!

Ҷавонон дубора дар ҳавлии қозӣ ҷамъ шуданд.

– Боракалло, бачаҳо, нахустин ҳаракатамон босамар гузашт, – бо хушҳолӣ арз кард Суҳроб, – аммо кори мо ҳанӯз тамом нашудааст. Бояд душманро чунон гӯшмол диҳем, ки тамоми умр зарби дастамонро фаромӯш накунад. Ҳоло вақти кам дорем, Шуҷоъ духтаронро ба қалъа мебарад. Фардо субҳ, Худо хоҳад, боз ҳамдигарро мебинем.

– Мехоҳед худро ба оташ занед? Охир, гӯрсӯхтаҳо ташнаи молу ҷонанд, ба ҳеҷ кас раҳм намекунанд, – бо хавотир ба сухан омад Малоҳат.

– Ҷойи хавотир нест, мо кори таваккал намекунем. Ба қалъа, ки расидед, саломи моро расонед ва ҳама дар ҳаққи мо дуо кунед.

Сипас Суҳробу Мурод ва Шуҷоъ дуртар ба як гӯшаи ҳавлӣ рафтанд. Суҳроб гуфт:

– Мо амалиётро баъд аз пурсидани асир давом медиҳем. Эҳтимол дорад, субҳи барвақт душманро аз ақиби худ ба нова кашем, он дам дастгирии қалъагиҳо лозим мешавад. Шуҷоъ, ба Қодирамак расон, бояд бо як гурӯҳи мусаллаҳ дар хамгаштии даромадгоҳ ба Феҷак, дар пушти харсангҳои болои кӯҳ камин гиранд.

– Яъне то яку ним фарсах душманро ба дара мекашем? – ба гап ҳамроҳ шуд Мурод.

– Оре, ин охирин саъйи мо мешавад, бояд ба ёв зарбаи ҳалокатовар занем. Қодирамак бо ёрони худ дар ин кор таҷриба дорад. Ҳоло, Шуҷоъ, аз пайи духтарон шав, ҳар лаҳза ғанимат!

* * *

Деҳаи ғарқшуда дар оғӯши шаб сокину ором шуда буд. Меҳмонони нохондааш дигар тохтутоз намекарданд. Онҳо пас аз талаю тороҷи рӯзона дар хонаҳои Бозорҷой ва Масҷиди Дарифеҷак ҷойгир шуда, аз дастбурдҳои ройгон шикам сер мекарданд ва доди беғамӣ мезаданд. Аскарон сарулибос ва ҳатто чакмаҳои[1] худро дарнаоварда, бе назму тартиб рӯйи намаду пӯстакҳо ёзидаву дароз кашида буданд. Дар атроф тараддуди сагҳои бӯгир, ки аз пайи устухонҳои хойидаву нимхойида ва каллапочаҳои дурандохтаи ёвони гӯштхӯр гирди ҳам меомаданд, торафт зиёд мешуд.

Дар болохонаи Амонулло бошад, марди пештоз нороҳат буд. Баъд аз он ки пурсуҷӯйи Баҳоргул натиҷае надод ва ҷасади беҷони ягона донандаи ҷойи сарватро аз наздаш ба берун бурданд, ноором̄ӣ тану ҷонашро фаро гирифт. Худро бо ҷаҳл рӯйи бистар афканд, беохир аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гашта ғам хӯрд. Аммо дароз кашидан ба ҷонаш заду муштҳои гиреҳхӯрдаашро бо зарб ба замин кӯфт ва наъразанон парида аз ҷо хест. Бо шунидани доду бедоди ӯ ду нафар навкари посбонаш давида ба хона даромаданд. Саркардаи аз ғазаб оташгирифта фармон дод:

– Дарҳол аспамро омода кунед! Шаб ҳам бошад, хонаю дари Ҳасанбойро бо элак мебезам! Зуд бошед!

– Хӯш, саркарда!

Ба маҳзи ин ки аспҳо омода шуданд, марди пештоз ва ду нафар навкари ӯ пушти ҳам ба роҳ баромаданд. Ҷонварони аз позанӣ ба шӯр омада бе тарсу бим дар кӯчаи ноҳамвори тор ба сӯйи гузари болооби деҳа маҳмез заданд...

[1] **чакма** – мӯза

Дар ин ҳангом Суҳроб бо ҳамраҳони худ Шуҷоъ ва духтаронро ба сӯйи қалъа раҳсипор карду зуд ба хонаи қозӣ баргашт, то аз аскари ёв маълумот гирад. Мурод пешопеш худро ба дохил зад ва наистода аз гиребони асири ба худ омада гирифту аз суфа ба поин кашид. Дастҳояшро раҳо накарда, якрост мардро ба девор зад ва бо мушти гиреҳхӯрда, ки аз гиребон медошт, ба гулуи ӯ фишор овард. Ба нолаи дардолудаш эътино накарда, зӯроварона гуфт:

– Мараз, ҳар чӣ дорӣ ба сардор як-як холӣ кун! Агар моро маътал кардӣ, аз худат дон!

Ва дасти гиребонгирифтаашро раҳо карду беихтиёр мушти маҳкаме ба шиками асир фаровард. Бо зарбаи ногаҳонӣ асир «ӯъъ» гӯён ба пеш хам шуд, аз дард зонуҳояш ларзиданду дар дастҳои ба пушт бастааш беҳолӣ ҳис кард ва худ аз худ дар бехи чашмонаш ашк ҷамъ шуд. Муроди дар кӯйи интиқом ҷӯшидаистода бо садои Суҳроб ба худ омад.

– Вазнин шав, дӯстам, аввал гап гирем, баъд ҳар чӣ мехоҳӣ ихтиёрат, – гуфт Суҳроб ва дасташро рӯйи китфи Мурод гузошту ӯро ба сӯйи суфа ҳидоят кард. Дар ҳоле ки худи ӯ низ ғазабашро базӯр ба дарун мехӯрд, ба тарафи асир баргашту пурсид: – Ҳамраҳонат дар куҷо ҷамъ шудаанд? Чанд нафаред, саркардаат дар куҷост?

Лаҳзае дар хона, ки гӯё маҳкамаи қозӣ буд, хомӯшӣ ҳукмрон шуд, ҳама нафас набароварда мунтазири ҷавоби асир монданд. Вале, ё дард имкон намедод ё майли гапзанӣ надошт, аз ӯ садое набаромад. Суҳроб бошад, аз ин хомӯшӣ асабонӣ шуд, чун кам гуфтану бештар амал карданро дӯст медошт, пурсиши худро такрор накарда, давр заду бо пойи рост як лагад ба камари душман фаровард. Асир дароз ба замин ғалтид. Вақте ки талвосакунон мехост аз ҷо баланд шавад, Мурод ҷаста хесту ба ӯ ёрӣ дод ва дубора, аз гиребонаш гирифта, ба девор часпонда сиёсат кард:

– Ҳар чӣ медонӣ ба нағзӣ холӣ кун, вагарна тӯъмаи сагҳои дайду хоҳӣ шуд! – Мурод боз бо дасти ба китфаш нишастаи Суҳроб водор шуд, ки сари ҷояш баргардад. Асир бошад, аз нав рӯ ба рӯйи худ ҳайбати Суҳробро диду бештар ба ларза омад ва ин ҷо даҳонаш боз шуд:

– Саркарда дар болохона. Як занро ба пешаш бурданд, гуфтанд, зани Ҳасанбой аст.

Мард хомӯш шуду Суҳроб бо тааддӣ пурсид:

– Ёви малъун, гап зан! Чанд касро асир гирифтаед? – ӯ аз тақдири зану бачаҳои дигар, ки ба қалъа нарафта дар деҳа монда буданд, сахт хавотир дошт.

– Як тӯда зану кӯдакро саркарда ҷавоб дод, се духтар дар ҷувозхона буданд.

– Дурӯғ мегӯйӣ, ин мурувват кори шумо ваҳшиҳо нест! Ёвҳои дигар дар куҷоянд?

– Ду даста дар Пиритурку Бозорҷой монданд, ҳашт-даҳ нафар дар масҷид.

– Боз чӣ медонӣ? То кай дар деҳа мемонед?

– Хабар надорам.

– Гап зан, – оташин шуд Суҳроб, – саркардаат чӣ карданист?!

– Намедонам.

Суҳроб пурсишро дароз накард. Ба беҳуда гузарондани вақт маҳал надода, ғазаболуд шамшерашро ба даст гирифт ва тоб хӯрду бо як ҳаракати тез аз гулуи душман кашид. Ҳамоно аз сари бурида хун фаввора зада ба атроф пош хӯрд, тани беҷони ёв якпаҳлу ба замин афтид. Суҳроб силоҳи олударо дар ҷомаи ҷасади замингазида пок карду сари ҷояш гузошт ва ба ҳамраҳони худ амр дод:

– Савори асп шавед, аз Доничаку Кӯҳи Сафед давр зада ба Пиритурк меравем!

Ҳар се баробар «хуб шудаст!»-гуфтанду дунболи сардори худ ба берун давиданд. Чор савораи бо шамшеру табар мусаллаҳ бе тарсу ҳарос ба сӯйи даромадгоҳи деҳа роҳ пеш гирифтанд. Ба андак равшании маҳтоб, ки ҳар гуна қиёфаро маълум мекард, чашм хӯ гирифта буд ва дар зери он саворaҳо аз пушти девору дарахтон, дар пайроҳаҳои ошно ба сӯйи мақсад дартоз шуданд. Суҳроб савори асп медавиду аз торикии шаб, аз ҳуҷуму бархӯрдҳои ногаҳонӣ парво надошт. Танҳо сари як чиз андеша меронд: озод кардани деҳа аз душман. Ӯ пай мебурд, ки аз ҳамлаю зӯровариҳои ёв ба ғазаб омада, зӯру тавонаш даҳчанд шудааст. Ҳар лаҳза гӯё қалбаш амр медод: асло натарс, душманро аз дарат берун кун, то изи пояш намонад! Имрӯз бояд ин корро кунӣ, зеро фардо дер мешавад!

Суҳроб аспи худро қамчин зад. Аз паси ӯ ҳамраҳонаш низ чун бод мепариданду базӯр ба ӯ мерасиданд. Ҳар лаҳза барояшон ғанимат буд, намехостанд дар набард таъхир кунанд. Ҳамин ки ба Пиритурк омаданд, пеш аз ҳама гулхане дар назди молхонаи бесақфи калон диққати онҳоро ба худ ҷалб кард. Суҳроб лаҷоми аспро кашид ва дӯстонаш низ бозистоданд. Равшан маълум буд, ки посбонони молхона даври ҳам ҷамъ шудаанд. Дар атрофи оташ шину хези панҷ-шаш нафар ба чашм мехӯрд. Аз дасту позанӣ ва ҳаёҳуи баландашон маълум буд, ки бениҳоят хушҳолу бепарвоянд. Ин ҳол нафрату ғазаби Суҳробро дучанд кард, ӯ ба дӯстони худ ишораи муҳосира ва ҳуҷум дода, аз нав аспашро ба пеш ронд.

Ҳамлаи чор савора, ба навбати аввал, аспони ёвҳоро ба таҳлука овард магар, дар гирди меххҳои худ даврзанон шеҳа кашиданд. Аз ин садоҳои нобаҳангом ва ҳамлаи ногаҳонии саворон хуш аз сари аскарони бедаступошуда парид. Бо тарсу ҳарос аз ҳалқаи гулхан парешон шуданд, вале ҳанӯз даст ба камону ханҷарҳои худ набурда, ба зарбаҳои ҷонкоҳ дучор гардиданд. Худи Суҳроб бо як ҳуҷум сари ду нафарро аз тан ҷудо кард ва шамшери хунолудашро баланд бардошта дар атрофи гулхани равшан, ки гӯё бо забонаи баланди худ пирӯзии ӯро табрик мегуфт, чарх зада истод. Мурод низ ду аскари рӯ ба гурез ниҳодаро ба осонӣ бо табар зада ба замин яксон намуд. Аз ёвҳои дар ғафлатмонда яктоӣ ба Фарҳоду Ҷасур низ насиб гардид.

Чор савора дар атрофи гулхан даври ҳам ҷамъ шуданд. Аз танаи сурхшудаи баррае, ки ба хода гузаронда рӯйи ду ҳачча овезон карда буданд, бӯйи нимсӯхтаи гӯшт ба машом мерасид. Бағали он, бар рӯйи суфраи паҳн тикапораҳои нон ва се ханҷари дамкӯтоҳ ва як ханҷари дигар ҳам халида дар рони барра ба назар мерасид. Суҳроб пай бурд, ки ба кайфу сафои ёвҳои акнун гирди ҳам нишаста зарбаи сахт задааст. Аз асп худро ба поин андохт ва ҳамраҳонаш низ ба ӯ пайравӣ карданд. Бе тааммул корди қассобиашро аз ғилоф гирифту онро бар рӯйи гӯшти барраи сурхшуда кашид. Як тиккаӣ ба дӯстонаш дод, охирро худаш бардошт ва пеш аз он, ки ба даҳон барад, гуфт:

– Ин ҳаққи ҳалоли мост, бачаҳо, барра ҳам моли худамон аст, нӯш шавад!

– Нӯш шавад! – баробар ҷавоб доданд дӯстонаш ва ҳама руҷӯъ карданд ба тановул.

Ба даст даровардани гузари Пиритурк дар амалиёти оғознамудаи Суҳроб ҷаҳиши назаррасе буд. Аз нақлҳои Қодирамак медонист, ки деҳаи Эҷ аз қадим диққати атрофиёнро ба худ ҷалб кардааст. Азбаски доираи фаъолияти ҳунармандон, косибон, пешоварон, кишоварзон ва аҳли илму маърифат нисбати деҳоти дигар дар ин ҷо васеътар буд, омадурафти мусофирон бештар мушоҳида мешуд.  Ба хусус, маҳсулоти дастии эҷиҳо, ки дар коргоҳҳои хумрезию кӯзагарӣ, рангрезӣ, шаробсозӣ, дӯконҳои гилему қолибофӣ, оҳангархонаю осиёбҳо ба бор меомад ва ҳамчунин, неъматҳои деҳқонӣ маъруф буданд. Ин ҳаёти фаъол боис шудааст, ки тараддуди одамони кӯҳпояи атрофу авулҳо ва аҳли бодиянишин дар деҳа бисёр шавад ва аз тарафи амири Бухоро низ мирохуру амалдорони ботаҷриба барои назорат фиристода мешудаанд. Шайх Довуд яке аз маъруфтарин вакилони амир буд, ки ба муддати тӯлонӣ дар деҳаи Эҷ муқим шуда, пешрафти кору зиндагӣ ва додугирифти одамонро таъмин кардааст. Мардум баъд аз даргузаштани шайх ҷасади ӯро дар қабристони созмондодаи худаш ба хок супурда, барояш хонақоҳ дуруст кардаанд. Ба қавле, дар гузашта пойи муборaки Хоҷа Абдураҳмони Авф низ ба атрофи деҳаи Эҷ расидааст ва қабри калони Мазормиёна, ки зиёратгоҳи кунунии мардум мебошад, оромгоҳи ӯст. Гузаштаи гузари Пиритурк ҳам аз алоқамандии одамони шинохта гувоҳӣ медиҳад. Дар ин ҷо яке аз шайхони маъруфи туркзабон, ки исмаш дар хотирҳо намондааст, қисми зиёди умри худро гузаронда, тафсиру таъбирномаҳое ба забонҳои тоҷикию туркӣ навиштааст. Баъд аз даргузашти ӯ, дар бағали хона барояш қабр мебардоранд ва он ҷо барои аҳли таҳҷойӣ ва мусофирон чун зиёратгоҳ боқӣ мемонад.  Бо мурури замон наздикиҳои зиёратгоҳ пур аз боғу манзил мешавад ва ин гузари поёноб ба ҳурмати он шайх исми «Пиритурк»-ро мегирад.

Суҳроб ҳоло аз пешрафти амалиёти худ мамнун буд. Ӯ фикр намекард, ки ба ин осонӣ ёвҳоро аз байн мебарад. Бо ин ҳол, мефаҳмид, ки ҳанӯз талошҳои асосӣ дар пеш аст, набояд ҳушёриро аз даст дод. Агар аскарони Бозорҷойро ҳам нобуд мекард, кор хеле сабук мешуд. Ба гуфтаи Қодирамак, ёв ҳамеша қисми зиёди аскарони худро барои талаю тороҷ кардани чизучораи бозор ҷудо мекунад. Дар ин ҷо бештар асбобу анҷоми рӯзғордорӣ, хумҳои рангрезию шароб, намаду матоъҳои мухталиф, воситаҳои шудгору дарав, абзору олоти вобаста ба ҳайвонҳои саворӣ аз ҷумлаи дастбурдҳои тороҷгарон мегардад. Халқ ҷуз Бозорҷой макони дигаре надошт, ки дастсохту маҳсулоти худро барои дарёфти ду-се сикка ба фурӯш барорад. Инро ёв хуб медонист ва ҷоҳилона аз ҳеҷ гуна зулм худдорӣ намекард. Ҳама ҷабр ба дӯши халқи бечора меафтид, ҳар чизе, ки тайи муддати тӯлонӣ ба хотири рӯзгузаронӣ ҷамъ мешуд, дар як лаҳза нобуд мегардид.

Сухроб пас аз тановул ба по хест ва ҳамроҳи ӯ дӯстонаш низ аз ҷо баланд шуданд. Ӯ дастҳояшро ба ду ҷониб боз кард ва бо ин имо ҳама даври ҳам ҷамъ шуда, ҳалқавор дасти ҳамдигарро гирифтанд. Сухроб гуфт:

– Ин иттиҳод ва шуҷоати мо ҳаст, ки боз ҳам пирӯз хоҳем шуд! Ҳоло задухӯрдҳои сахттар дар пеш аст, мо бояд то дамидани субҳ Бозорҷойро ба даст гирем. Бояд саъй кунем душманро дар ғафлат гузорем. Лекин бе ишораю дастури ман ба ҳеҷ коре даст назанед, ба вазъият нигоҳ карда амал мекунем. Парвардигор ба мо ёрӣ диҳад, ё Алӣ!

– Ё Алӣ! – такрор намуданд ҳама.

Чор асп бо саворахои дилпуру нотарси худ ба ҷониби боло роҳ пеш гирифтанд...

* * *

Деҳаи Эҷ аз се ҷониб бо доманаҳои кӯҳӣ баста шуда, аз даромадгоҳ ба дашт пайваст буд. Ба сойи калону пурпечу хами он, ки оби худро аз боло то шонаҳои дашт мерасонд, нигоҳ карда, роҳҳои рафтуомади одамон ба вуҷуд меомад ва хонаҳо низ дар канори сой ва қабати роҳҳо сохта мешуд. Вале кӯҳаки гирди дастсохти Тепилелок ҷудо аз доманаҳои кӯҳӣ, ҳам аз даромадгоҳ ва ҳам аз фарози кӯҳҳо дар миёнҷойи деҳа ба назар мерасид. Он теппаи дидбоние буд, ки барои хабар ёфтан аз омадани мусофиру меҳмонҳо ё дарки таҷовузи душман хеле осон имкон медод. Дар атрофи Тепилелок хонаҳо пушти ҳам, ба шакли зина-зина бино ёфта буданд. Бозори калони деҳа дар ин ҷо баргузор мешуд ва Бозорҷой савдогаронро аз деҳоту авулҳои атроф низ ба оғӯш мегирифт. Тӯдаҳои ёв ҳангоми ҳамлаҳои худ аввал ба ин гузар асп медавонданд ва ҳар ғаниматеро, ки меёфтанд, ҷамъ карда бо худ мебурданд.

Он шаб низ як гурӯҳ ёв дар беҳтарин хонаи Бозорҷой, ки ҳама имконоти истироҳатро дошт, ҷамъ шуда, аз дастбурдҳои рӯзонаи худ лаззат мебурд. Шаб аз нисф мегузашт, шамъҳои кофурии кунҷу пойгаҳи хона сӯхта то охир мерасид, аммо аскарони ёв бедор буданд ва ба якдигар навбат надода сухан мегуфтанду шароб менӯшиданд. Ду нафар зани маҳаллӣ худро маҳкам дар яктаҳу рӯмолҳои калон печонда барояшон хизмат мерасонданд. Агарчи онҳо чанд бор устухонҳои ҷамъшударо ба берун дур андохта буданд, аз рӯйи дастархони ёвҳои маст думи табақҳои гӯшт канда намешуд. Дар ҳавлӣ, дар деги калони рӯйи оташдон боз ҳам шӯрбои лим-лим гӯшт ҷӯшида меистод. Ба назар мерасид, ки бузғолаю бярраи зиёдеро сар задаанд.

Сухробу дӯстонаш дар пушти харсанги калони самти рост, ки дуртар аз Тепилелок қарор дошт, лаҷоми аспҳои худро кашиданд ва паси ҳам пиёда шуданд. Барои Сухроб донистани вазъи Бозорҷой ва мавқеи ёв чун обу ҳаво зарур буд. Ӯ дар ин ҳамлаи худ наметавонист таваккал кунад, зеро яқин медонист, ки миқдори душман ба маротиб зиёд аст ва бешубҳа, аскарони варзида ҳам ин ҷо хоҳанд буд. Чун даври ҳам нишастанд, Сухроб ба Муроду Далер рӯ оварда гуфт:

– Ҷосусӣ мекунед. Мо бояд донем, ки ёв куҷосту чӣ кор мекунад. Аз посбонон эҳтиёт шавед. Аспҳо дар ҳамин ҷо мемонанд, агар корамон омад накард, аз ин ҷо гурехтан осонтар.

– Худо нишон надиҳад, – якбора ба сухан омад Мурод, – мо бояд ёвро яксон кунем!

– Ин мақсади мост, дар ҳар сурат, ба ҳар чиз бодиққат бошед. Ё пирам, ба пеш! – Сухроб бо кафи даст ба китфи рафиқаш зад ва Мурод ҳам аз бозуи ӯ гирифту сар дод ва гуфт:

– Хуб шудаст, дӯстам, ҳар чӣ дилат хоҳад, он мешавад!

Сухроб одат надошт дар як ҷо бисёр бимонад, интизориро бад медид. Вале ҳоло маҷбур буд ба ҳар қимате мунтазири ҳамраҳонаш бошад. Ӯ ба Мурод ва қуввату чолокии вай итминон дошт. Ҳангоми машқҳои тан ба тан аҳёнан дӯсташ ба ӯ низ пирӯз меомад, вале хеле амалҳояшро беандеша анҷом медод ва ҳамеша мегуфт, ки ё аз зер ё аз боло.

Ҳоло бошад, ҳамин таваккалии Мурод ӯро ба хавотир андохта буд, аммо чораи дигар ҳам надошт. Дар ин ҷо, баръакс, дурандешии Далер барояш неру мебахшид. Ин дӯсташ аз ҳад зиёд эҳтиёткор буд, ба мақоли «ҳафт бор чен куну як бор бур» амал мекард.

Аз байн чоряк соат, ним соат вақт гузашт, аммо аз «ҷосусон» ҳанӯз дарак набуд. Суҳроб фикр намекард боздиди маҳалли ҷогирифтаи ёв ин қадар тӯл кашад. Бо вуҷуди ин, сабр мекард, сари дузону нишаста ду мушти гиреҳзадаи худро гоҳ ба пешонӣ такя медод ва гоҳе ба ҳам зада дандон мехойид. Гӯё дилу ҷигарашро гургон тала мекарданд, бештар ӯро дастгир шудани ҳамразмонаш ба таҳлука меандохт. Фарҳод бошад, дар торикии шаб аз ин ҳолати сардор хабаре надошт, бо беғамӣ андармони аспҳо буд ва тез-тез дар байни онҳо, ки гоҳе ба замин лагадзанон ба якдигар хурӯш карданӣ мешуданд, қадам мезад.

Ниҳоят, лаҳзаҳои бетоқатӣ ба поён расид. Намоён шудани суроби се нафар Суҳробро ба худ овард. Аз ин каме безобита шуд ва худро ба харсанг ҷафстар карда, сиёҳиҳои омадаистодаро бо тамоми ҳуш зери назар гирифт. Хушбахтона, баъд аз наздик шудан садои ошно ба дилаш фараҳ бахшид:

– Дӯстам, инҷоед? – баланд шуд овози Мурод.

– Аз интизорӣ қариб буд торс кафам, чаро ҳаял кардед? Ҳамроҳатон кист?

Мурод ба Суҳроб расиду даст дод ва нафасгириашро баъд аз қадамзаниҳои тез ором карду гуфт:

– Аз дасти сагҳои дайду базӯр паноҳ бурдем. Лозим шуд ду нигаҳбони ёвро аз байн бардорем, то фурсати дилхоҳ расид, вақт бисёр гузашт. Ин ҳам Сакинаапа, бо арӯсаш ба дасти душман афтидааст, номардон аз ҳар ду кор мекашанд.

– Салом, Суҳробҷон, Худо ҳафт пуштатро обод кунад, ба мо кумак кун. Тамоми рӯз хунамонро ба лаб оварданд, бесоҳибон! – ба сухан омад зани чодарпӯш.

Суҳроб ба саломи зан ҷавоб доду бо як меҳрубонии ба худ хос арз кард:

– Нороҳат набошед, ҳама кор нағз мешавад. Вале, шумо чаро нагурехтед, охир ёвро аввал тепилелокиҳо мебинанд?

– Дар ғафлат мондем. Бо келинам ҳезум овардему хонаҳоро холӣ дидем. Дигар, дер шуда буд, ёвҳои ғаддор чун мӯру малах рехтанд. Ҳама ҷоро шикастанду оташ заданд, асбобу анҷоми ёфтаашонро дар анбори Салим ғун карданд. Худашон мисли гургу шағолҳои гурусна аз нисфирӯз то ҳоло дар хурохурӣ. Меҳмонхонаи Абдурауфро соҳиб шудаанд, хона буғ гирифтаст, аз бӯйи тарёку шароб нафастанг мешавӣ.

– Чанд нафаранд?

– Нуҳ-даҳ кас буданд.

Суҳроб ба сукут рафт. “Чӣ хел душманро ба даст гирад? – дар худ андешид ӯ. – Чӣ кор кунад, ки бе талафот ба мақсад расад? Сакинаапа ҳам наметавонад дервақт ин ҷо бимонад, аскарони ёв хабар ёбанд девона мешаванд, арӯсашро азият мекунанд”. Суоломез ба Мурод чашм дӯхт. Дӯсташ ин рӯҳияти ӯро пай бурда гуфт:

– Шабехун мезанем, Суҳроб! Натарс, ҳама масту мадҳушанд, ёрои дастбардорӣ надоранд.

– Ин кора накунед, писарам, – ба гап ҳамроҳ шуд Сакинаапа, – ҳар яке аз ин бесоҳибон ароқаша бағал карда нишастааст. Метарсам, ки хунрезӣ мешавад.

Суҳроб боз дар фикр монд: “Сакинаапа рост мегуфт, Худо накарда, агар аз ҳамраҳонаш бой диҳад, аз он бештар бадбахтӣ нест. Лекин дудилагӣ ҳам фоида надорад, бояд чорае андешад, аммо чӣ тавр? Шабехун?”

Дар ҳамин лаҳза Далер ба назди ӯ омад ва оҳиста халтачаи хурдеро ба дасташ дод. Дар ҳоле, ки Суҳроб аз гиреҳи дар кафаш буда ҳанӯз чизеро пай набурда буд, Далер зерлабӣ гуфт:

– Сардор, илоҷи кор дар дасти Сакинаапа аст.

– Яъне?

– Ин кисачаро дар деги шӯрбояш меандозад.

Чашмҳои Суҳроб равшан шуд. Халтачаро дар кафи даст зер карда, аз бозуи Далер гирифт ва пурсид:

– Заҳрро аз куҷо ёфтӣ?

– Худат намегуфтӣ, «ангура хӯру боғаша напурс?»

– Не, ба ростӣ, чӣ тавр ба ақлат расид?

– Падарамро, ки мешиносӣ! Аз ин чизҳо зиёд дорад, вақти аз қалъа баромадан «барои эҳтиёт, саришта кун» -гуфта, дода буд.

– Худо умрашонро дароз кунад, фикри хуб аст, дӯстам! – гуфт Суҳроб ва барои тавзеҳу анҷоми амалиёти минбаъда ҳамраҳонро ба назди худ хонд...

Сакинаапа аз дарвозаи бози ҳавлӣ ба дохил даромад. Аз самти хонаи меҳмонони ширакайф садои баланди ҳою ҳангома ҳанӯз ба гӯш мерасид. Бар замми он, овози шоди хандаомези чанд кас аз айвони пеши даҳлез шунавотар буд. Аз он ҷо канда-канда садоҳое меомад, ки ба чи коре бо навбат якдигарро қувват медоданд ва аз миёни он овозҳо нидои ҷонкоҳонаи занона низ баланд мешуд, ки бо оҳу нола «очаҷон, очаҷон»-гӯён имдод меҷуст. Хун ба сари Сакинаапа зад. Башаст ба сӯйи айвон давид, вале дар ҳамин асно чашмаш ба оташи оташдону деги пурбухори рӯйи он афтид ва гуфтаҳои Суҳроб ба хотираш заду пойҳояш суст шуданд. Беихтиёр худро нигаҳ дошт, нотарсона халтачаро аз ҷайби яктаҳаш дароварду рост ба сӯйи дег омад ва бо зарда «киҳо кашан ҷавру ҷафо, киҳо кунан кайфу сафо» гуфта аз дил гузаронду тамоми хокаи заҳрро рӯйи обгӯшт пошид ва бо кафлеси чӯбин онро чанд бор баҳам зад. Сипас бо ҷаҳл кафлесро партофту дубора бошиддат ба ҷониби айвон роҳ пеш гирифт. Ҳанӯз ба айвон нарасида, аз қафо овози дағали аскаре ӯро боздошт:

– Куҷо мегардӣ, кампири шаллақӣ, шӯрборо каш ҳама мунтазиранд!

– Ун ифлосоната нигаҳ дор, духтарама мекушанд! – бо заҳру ғазаболуд паст наомада гуфт Сакинаапа.

Аммо ин гапдонӣ ба аскари ёв нафорид ва ӯ худро ба зан расонду кашидаю кушода мушти маҳкаме ба сараш фаровард. Бо як зарба қонеъ нашуда зани базӯр рӯйи по истодаро бо мушту лагад задан гирифт. Ба бахти Сакинаапаи зери шаллоқмонда, овози гирои аскари дигар ёви ба шӯр омадаро нигаҳ дошт. Ӯ бонг зад:

– Ҳоло ба кӯфтан фурсат меёбӣ, сар деҳ шӯрборо кашад!

Аз зарбу лат пеши чашмони Сакинаапа торик шуда буд, тамоми баданаш дард мекард. Бо вуҷуди ин, ҳар чи қувват дошт, ҷамъ карду ба по хест ва маҷбуран айвону арӯсашро ҳам ба ҳоли худ гузошта, ба сӯйи оташдон қадам партофт. Он чи дар дег буд, ба ҳам омехту дар чор табақи калони чӯбӣ кашид. Ду аскари аллакай ҳозиршуда табаққоро ба дохил даровардаанд. Сакинаапа ёрои дар по истодан надошт. Бо ин ҳол, чашму ҳуш ба сӯйи айвон шуд. Дигар аз он ҷо садои аскарони махмур ба гӯш намерасид, фақат гоҳ-гоҳ нолаи дардолуде шунида мешуд. Худро ба даст гирифту рӯйи по рост истод ва ба тарафи айвон хазид. Расидан замон, духтари олудаю жӯлидаро ба бағал кашид ва ҳама аламу ғамро дар худ фурӯ бурда, ҷонканон ӯро ба ҷониби дарвоза кашола кард. Дар берун онҳоро Суҳробу дӯстонаш мунтазир буданд. Ҳамин ки занҳои беҳолу бетоб намоён шуданд, тозон ба он сӯ давида аз дасташон гирифтанд ва ба камингоҳ бурданд. Сакинаапа хастаомез ба Суҳроб гуфт:

– Ман корама кардам, он тарафаш ба ӯҳдаи шумоён, эҳтиёт шавед, писарам.

– Барака ёбед, апаҷон, дилатон пур бошад, ҳамааш хуб мешавад, – ва ба Фарҳод рӯ оварда фармуд: – Ту Сакинаапаю арӯсашро бо аспҳо ба қалъа расон, мо аз ин ҷо як кор мекунем.

– Хуб шудаст! – ҷавоб дод Фарҳод ва илова кард: – Умедворам фардо сиҳату саломат ҳамдигарро бубинем, Худо мададгоратон бод!

– Ё оллоҳ!

Се нафар марди фидоӣ пасу пеш ба назди бошишгоҳи душман баргаштанд ва дар ақиби девор, наздиктар ба дарвозаи даромадгоҳ мунтазир монданд. Аз омаданашон вақти

зиёде нагузашта буд, ки садоҳои ғайримуқаррарӣ аз дохил баромадан гирифт. Чанд нафар қайкунону ӯқзанон давида худро аз хона ба берун заданд. Як аскари дигар аз паси онҳо маҳкам гулуяшро дошта, хирросзанон ҷуссаашро ба остона афканд. Вазъи пешомада барои Суҳроб чун рӯз равшан буд, ӯ дасташро ба пеш албонҷ доду ишораи ҳамла кард. Беруну дохили хона даргирии аҷибе ба вуқӯъ пайваст: аз як сӯ се ҷанговари ҳушёр моҳирона шамшеру табар мезаданд, аз сӯйи дигар аскарони шикаму гардан ба даст гирифта афтону хезон ба ҳамлаварон дарафтиданӣ мешуданд...

Вақте ки Суҳроб фаҳмид ҳама кор осону бе талаф анҷом шуд ва гавдаҳои беҷони ёв зери пояш хобидаанд, бо хурсандӣ ду даст ба осмон бардошту бо овози баланд фарёд зад:

– Мо ғолиб баромадем, пирӯзӣ муборак!

Бо пайравӣ ба ӯ садои дӯстонаш низ баланд шуд:

– Пирӯзӣ муборак!

Суҳроб боз овоз дод:

– Нест бод ёвҳои ҳарису ваҳшӣ!

Дӯстонаш ҳамовоз шуданд:

– Нест бод!

Суҳроб ва ду ёри ӯ бошишгоҳи ёвро ба ҳоли худ гузошта, бо табъи болида қадам ба сӯйи тавила бардоштанд. То ин муддат шаби маҳтобгун умри худро ба поён мерасонд, тӯдаи ситораҳои осмон тунук мешуд, қиёфаи одамону ҷонварон ва ҳар чизе, ки дар атроф буд, равшантар дида мешуд...

### Таъқиби бесамар

Дар ҳасрати тиллои бенишон марди пештоз ва ду нафар навкари ӯ аспҳои худро чорхез зононда ба гузари Гаргинон омаданд. Хонаю дари боҳашамати Ҳасанбой, ки аз беодамӣ «ҳувв» мегуфт, ҳавоси онҳоро парешон кард. Бехудона дар атрофи хонаю ҳавлии бой, ки гирдогирд бо девори баланд баста шуда буд, як бор давр заданд. Марди пештоз сӯрохие барои даромадан наёфта, ноумедона дар пеши дарвозаи калон аспашро нигаҳ дошт. Аз ниҳояти хастагӣ обу арақи сару гарданашро поккунон ба ҳамраҳонаш дод зад:

– Дарвозаро зада шиканед!

Навкарон дарҳол аз пайи кор шуданд ва ба иттифоқи ҳам бо гавдаю поҳои худ ду-се бор ба дари хурди дарвоза зада буданд, ки он кушода шуда рафт. Ҳар се бо ҳарос ба ҳавлӣ даромаданд ва фақат дар ин ҷо ба зеҳни марди пештоз расид, ки дар торикӣ беҳуда талош мекунад. Ӯ дар ҳавлию хонаи калони беодам намедонист худро ба куҷо занад: бехи девору дарахтонро канад, даҳлезу айвону танӯрхонаро гардад ё дарҳоро шикаста ба дохил дарояд, боз ҳам дар ин шабе, ки аз моҳи ҳанӯз пур нашуда базӯр равшан мешуд. Бо ин ҳол, чун тинати ёв вайронкориро announcementsмеписандид ва асло наметавонист ба ҳеҷ ҷо даст назада дарравад, саркарда дар ниҳояти ҳарисӣ ба навкарони худ амр кард:

– Оташ даргиронда аз сар то бехи хонаро гардед. Ҳар чӣ дар дохил аст, ба берун андозед, ягон сӯроху сунба нодида намонад! Ба обдасту кӯзаю гиреҳҳои пинҳонкарда диққат диҳед, ҳар чи шубҳанок аст, ба ман нишон диҳед. Карахт шуда ин ҷо наистед, зуд бошед!

Навкаронаш дарҳол латтаҳои чарбу чақмоқсангҳои худро, ки ҳамеша дар хӯрҷин гирифта мегаштанд, дар оварданд ва ба сари ду чӯби ходамонанд тикаҳои латтаро маҳкам печонда оташ равшан карданд. Дигар, бо шитоб зада ба хона даромаданд ва бехудона ба ҳар чи дар пешашон буд дарафтиданд. Садоҳои тарақ-турук, шарақ-шуруқи ба ҳам хӯрдани асбобу анҷом ва шикастану ба замин рехтани ашёву зарфҳо пушти ҳам ба гӯш расидан гирифт. Вақти зиёде нагузашта айвону рӯйи ҳавлӣ аз кӯрпаю болинҳои титупит, ашёи шикаставу дарҳам-барҳами рӯзғор пур шуд. Ду навкари ёв хастагиро ҳис накарда ҷон меканданд ва чизучораи ба дасташон афтидаро дур андохта, ба ҳар печу хамӣ ва

сӯроххои хона дасту по мезаданд. Гоҳ-гоҳ садои дағалу хирросии сардорашон онҳоро бештар ба ҳарос меовард ва бо саъйи тамом дар ҷустуҷӯйи зар талош мекарданд.

Кофтукови кӯр-кӯронаи ёвҳо хеле тӯл кашид. Чун натиҷаи матлуб ба даст намеомад, марди пештоз аз кӯра даррафта, худро ба ҳар сӯ мезад, аз диққати зиёд чашмонаш дард гирифта буд, ҳис мекард, ки дилаш беҷо мешавад. Агар рӯзи равшан мебуд, ҳолу авзои ӯ, ба хусус, чеҳраи пурчини қирмизшуда, рагҳои варами пешонию шақиқаҳояшро дида ба тарсу ваҳм омадани кас аҷаб набуд. Аз пушти муштy по заданҳо ба дару девор ҳама ҷояш хуншор шуда буд, наметавонист ларзаҳои ҳар замон авҷгирандаи танашро ором кунад. Аҳёнан ба дод омада навкаронашро ҳам мекӯфт ва онҳоро ба кандану ҷустуҷӯйи бештар маҷбур мекард. Вақте ки марди пештоз дид, чашми субҳ кушода мешаваду ӯ ҳанӯз ҳам ҳаракатҳои беҷо ва бенатиҷа анҷом медиҳад, ноилоҷ худро нигаҳ дошт ва ба ҳамраҳонаш дод зад:

– Бас аст! То худи Ҳасани лаънатиро наёбем, коре аз дастамон намеояд. Аз таҳи хонаю дараш оташ занед, чизе намонад, хокистар шавад!

Гов мурад ҳам алоии чашмаш намеравад гуфтагӣ барин, навкаронаш гӯё мунтазири ин сухан буданд, дарҳол ба харобкории дигар миён бастанд. Аввал бастаҳои хошоку ҳезуми хушкро дар гирду гӯшаи хона тӯда-тӯда партофтанд ва сипас ҳар ду аз як сар бо чӯбҳои шӯълавари худ ба оташзанӣ пардохтанд. Марди пештоз лаҷоми аспҳоро кашида дуртар рафт ва то омадани ҳамраҳони худ мунтазир монд. Муддати зиёде нагузашта хонаи боҳашамат бо ҳама дару девору боми худ дар зери алангаи оташ аз назарҳо нопадид шуд. Он дам аз дили гузари Гаргинон гӯё оташфишоне сар зада буд ва бераҳмона мехост ҳар чи дар роҳаш ҳаст, дар дӯзахи худ фурӯ барад. Марди пештозу ду нафар навкари хунгирифтааш каме чарс-чурс сӯхтану ба замин рехтани бому дари дар зери оташ мондаро тамошо карда, дар ҳоле, ки забонаи ҷаҳлу ғазабашон шикаста буд, бо дасти холӣ ба самти поёноби деҳа сарнишеб шуданд. Дар қафо бошад, забонаи оташ бо дуди беинтиҳои сари худ ба осмон печидан гирифт.

Ҳамзамон бо гашти ёвҳои ноумед, Суҳроб низ бо дӯстонаш сар ба боло шуда буд. Онҳо аспони аз тавилаи Тепилелок ба ғанимат ёфтаи худро сахт давонда, ба самти дараи Феҷак пеш мерафтанд. Мехостанд пурра рӯз нашуда аз бошишгоҳи дарифеҷакии тӯдаҳои ёв гузаранд ва бо ғиреви баланд онҳоро аз дунболи худ кашанд. Суҳроб нағз медонист, ки дигар имкони пинҳон шудан нест, аз ҳар ҷое, ки мегузаштанд, онҳоро душман медид. Бо ин ҳол, бо садоҳои шунаво ҳаёҳукунон ба пеш давиданд ва ҳар касеро, ки дар хоб ё бехабар буд, ба худ оварданд. Агар аз назди болохонаи Амонулло гузашта вориди дараи Феҷак мешуданд, дигар ҳеҷ ҷойи тарсе намемонд, зеро ёв фақат дар ҳамин тангно метавонист пеши роҳашонро гирад.

Ҳамон лаҳзае, ки гурӯҳи сенафараи Суҳроб ба хамгаштии назди болохона расид, аз самти боло садои ваҳмангезу хирросии баланде гузари Дарифеҷакро ба по хезонд. Ин овози марди пештоз буд, ки пас аз оташ задани хонаи Ҳасанбой бо навкарони худ ба бошишгоҳ бармегашт. Ӯ се савораи ношиносро дида, дарҳол ба асли қазия воқиф шуд ва бехудона қамчини дасташро алвонҷдеҳон ба таъқиб пардохт ва ҳамзамон дод зад:

– Гурезаҳоро нигаҳ доред! Нагузоред аз деҳа берун раванд! Зуд бошед, лаънатиҳо, ба таъқиб хезед!

Вале то замоне, ки аскарҳои нимхобу нимбедори ёв дар масҷиду атрофи он ба худ омадаву савори асп шуданд, аллакай савораҳои неруманд аз тангно гузашта рафтанд ва бо ҷодаҳои каҷукилеби кӯҳӣ ба самти дараи Феҷак фирор карданд. Яку ним-ду чақрим дуртар, аз пушти онҳо даҳ нафар аскари боқимондаи ёв таҳти раҳбарии марди пештоз бо арр-урр ва суръати баланд ба таъқиб нишастанд.

Суҳроб аз рӯ ба рӯ истода ҷангидан наметарсид, аммо кафидани чашми рӯз ва бисёр будани душман ӯро аз кори таваккалӣ боздошт. Пушти гӯшҳояш ҳам мураттаб суханони устодаш садо медоданд, ки ҳангоми баромадан аз қалъа гуфта буд: «Ба қуввати худат бовар карда баҳудаю беҳуда зӯр назан, аз зӯрам-зӯракӣ миён мешиканад. Бояд бо талошҳои имрӯз ояндаи дурахшонатро фароҳам созӣ. Ба ту ҳамаи мо умед бастаем,

талошатро дониста кун». Ин буд, ки дафъаи сеюм аз дастбагиребон шудан худдорӣ карду ёвро аз паси худ кашид, то дар фурсати муносиб ба дом афканад ва аз ҳамлааш ба деҳаи бегуноҳ пушаймон кунад. Бо ин ҳадаф аспашро қамчин мезад ва гоҳ-гоҳ ба ақиб назар афканда, ҳамраҳонашро низ барои бештар по зада фирор кардан фаро мехонд. Вақте ки бо роҳҳои пурпечутоб аз дамгаҳи Хокканию Кӯҳи Харкуш ва аз даромадгоҳи Феҷаки беоб гузашта ба дохилтари дараи Феҷак расиданд, марди пештоз бо одамони худ бештар аз ду чақрим қафо монд. Ин таъхир ба Суҳроб рӯҳ бахшид ва ба хатаре рӯ ба рӯ нашуда, дар андак муддат аз гузаргоҳи танги хамгаштии калон, ки дар фарози теппаи кӯндаланги он гурӯҳи мусаллаҳи Қодирамак камин гирифта буд, гузашта рафт.

Дар теппагии хамгаштӣ деҳхудо дастаи ҷанговари худро омода ба разм дар се қатор чида буд. Чун дарахтҳои бодому каҷҷак ҷангали анбӯҳеро мемонданд, дар теппаи кӯҳӣ касе дида намешуд ва ҷанговарон ба осонӣ метавонистанд аз камингоҳи худ ногаҳон ба душман ҳамла кунанд. Дар сафи пеш мардони сангандоз, дар қатори дуюм гурӯҳи камонандоз ва дар охир дастаи тақвиятӣ қарор доштанд. Қодирамак ҳанӯз дар овони ҷавонӣ ба ин монанд истодагарии деҳотиёнро дар муқобили ёв бо чашми худ дида буд ва чандин бор худаш ҳам иштирок кардааст, вале дар чанд соли охир чунин имкониятро надошт. Ҷидду ҷаҳди Суҳроб бошад, рагу пайи ҷавонии ӯро дубора ба ҷунбиш даровард ва ӯ ба пирии худ нигоҳ накарда, барои санг задан бар сари душман аз таҳти дил камар баст. Бо ин азм, ҳанӯз дар нисфи шаб нафарҳои худро оварда дар камингоҳ сари ҷо гузошта буд.

Ҳамин ки Суҳробу дӯстонаш чун бод аз хамгаштӣ гузаштанд, тамоми каминнишастаҳо гӯшу ҳуш ба сардори худ шуданд. Қодирамак бошад, омадани ёвро равшан медид ва то лаҳзае, ки пеши тӯдаи душман то бист-сӣ қадамии гузаргоҳи танг расид, сабр кард. Дигар, бо даст додани фурсати муносиб садои амромези ӯ баланд шуд:

– Санг!

Ҳамоно гулдурроси баланди ба ҳам хӯрдану ба поён ғелида рафтани сангу харсангҳо дар тамоми дара пахш шуд ва дар як лаҳзаи кӯтоҳ роҳи тангнои хамгаштӣ баста шуд. Аспҳои аскарони ёв бехабар аз ин сангрезии ногаҳонӣ инони ихтиёрро аз даст доданд ва бехудона худро ба ҳар сӯ заданд. Аспи марди пештоз ба ин гуна бархӯрдҳо одатӣ буд магар, як он шеҳаи баланде кашида, худро рӯйи поҳои ақиб рост кард ва бо як ҳаракати тез ба пушт печид. Ду савораи бағалӣ бошанд, бо аспҳои худ дар зери сангҳо монданд. Онҳое, ки аз ақибтар меомаданд, сари калоба гум карда, дар ду ҷониби роҳу ҷарии васатӣ ҷойи худ даврзанон парешон шуданд. Ҳанӯз марди пештоз ба худ наомада, садои Қодирамак аз нав баланд шуд:

– Камондорон, душманро ба нишон гиред!

Бе таваққуф дастҳои бе он ҳам риштаи камонро кашидаистода ба ҳаракат даромаданд. Шуввосзанон тирҳои беҳисоб ба сари душмани ба талвоса афтида рехтан гирифт. Дигар марди пештоз ҳама чизро бохта буд, ӯ базӯр ба худ омада дод зад:

– Ҳама ба ақиб, мегурезем! – ва худаш пешопеш рӯ ба фирор ниҳод.

То ин лаҳза Суҳроб низ чор нафар дидбони зери қалъаро ба гурӯҳи пешгарди худ ҳамроҳ гирифта, билофосила ба майдони муҳориба баргашт ва ба таъқиби душман, ки аз ҳамлаи камингирифтаҳо танҳо ду нафар ҷон ба саломат бурда буданд, пардохт. Савораҳои ёв бошанд, аз тарс бо қуввати дучанд мегурехтанд, Суҳроб медид, ки ҳеҷ гуна имкони расидан ба онҳо нест, бо вуҷуди ин дунболгириро қатъ накард.

Қодирамаку Усто Хӯҷамурод бо мамнуният ба шодию хурсандии беинтиҳои дастаи худ ҳамроҳ шуда пасу пеш ба поин фаромаданд ва ба сӯйи қалъа сарболо шуданд. Вақте ки ба нишемангоҳи болоикӯҳӣ расиданд, аҳволи мотамзадаи одамони дар он ҷо монда ва доду фарёди ҷонхароши Сакинаапаю чанд зани дигар хаёлашонро парешон кард. Гӯё аз сарҳо оби сард рехта бошанд, ҳама хурсандии каме пештар аз байн рафт. Расидани мардон Сакинаапаю занони даврашро бештар ба риққат овард ва дастаҷамъӣ дубора ба гиря даромаданд. Дар роҳрави даромадгоҳ ҷасаде дароз мехобид ва ба рӯяш тикаҳои матои кабуду сиёҳ андохта буданд. Деҳхудо даромадан замон ду дасташро ба пеш бардошту

занҳоро ба ором шудан хонд ва ба Хадича, ки нисбати дигарон сариҳолтар менамуд, рӯ овард:

– Чӣ хабар, чаро доду бедод мекунед?

– Келини Сакина худкушӣ кард, худашро аз асп ба таг партофт,– як андоз гуфт Хадича.

Аз паҳлуяш занаки сархами дигаре бари рӯмолашро нима боз карда илова намуд:

– Бо асп меомаданд, ба пеши роҳрави қалъа расиду моро дид ва якҳу худашро аз асп ба нишеби санглох партофт. Бечора Фарҳод ҳай талош кард, чанголзанон аз шаххо ба поён фаромад, аммо то расиданаш духтар ҷон дода буд.

Сакинаапа бошад беист гиря мекард ва дар васати гиряаш овоз мехонд: «Худо ҷони ёви дарбадарро гирад, духтарама ҷавонмарг кард! Илоҳӣ, зиндагӯр шавад, духтарама нопок кард! Худоё, ҳафт пушти ёви ваҳшӣ сӯхта равад, ой балам!». Ба ин нолаҳои ҷонхароши Сакинаапа зани қадкӯтоҳи лӯндае ҳамовоз мешуд ва ӯ бештар «балам» мегуфту даст ба замину ба зону мезад ва беихтиёр худро ба болои ҷасад меафканд. Занони дигар ӯро мебардоштанд, аз бару дӯшаш медоштанд, сила мекарданд, аммо ӯ девонавор наметавонист худро нигаҳ дорад. Қодирамак ба нолаҳои зан тоқат наоварда, ба наздаш омад ва тасаллиомез гуфт:

– Зайнабҷон, духтарам, дар тақдир ҳамин будаст, худатро ба даст гир. Духтарат намедонист ба дасти ёвҳо меафтад, вале сарнавиштро ману ту намесозем, Худо сабр диҳад! – Қодирамак аз ҷо баланд шуд ва ба Усто Хӯҷамурод рӯ оварду афзуд: – Муллоро гӯ омодагӣ бинад, ҳама ба қабристони Феҷак меравем ва аз он ҷо ба қишлоқ бармегардем.

Чун хурсандии мардони дастаи Қодирамак бо шунидани марги бемаҳали арӯси бегуноҳ ба ғам иваз шуда буд, ҳама аз расондани муждагонӣ даст кашиданд ва хомӯшона даст ба даст ба кумаки зану кӯдакон, ки бо дастури сарварони худ чизу чораҳояшонро ҷамъ мекарданд, андармон шуданд. Вақти зиёде нагузашта, одамони қишлоқ хомӯшу сархам аз фарози кӯҳии қалъа чун корвони борики тӯлоние ба поён, ба мақсади деҳа роҳ пеш гирифтанд...

Марди пештоз ба ин минвол анҷом ёфтани юришашро аслан тасаввур накарда буд. Таъқиби бесамар ва кушта шудани аскаронаш ӯро сахт аламзада кард. Дид, ки ҳеҷ коре аз дасташ намеояд, тамоми фикру зеҳн ва умедворияшро ба дастбурдҳои дар деҳа фароҳам овардааш баст. Бо ин хаёл аспашро чорхез давонд ва як нафар ёви зиндамонда ҳам аз қафояш пас намемонд. Марди пештоз башаст давида аз тангнои Дарифеҷак гузашту мустақим ба самти ҷувозхона роҳ пеш гирифт. Ҳамин ки расид, дарвозаю дари бози ҷувозхона ӯро ба ҳайрат овард. Бовараш наомада, худро аз асп ба поин афканд ва дартоз ба дохил даромад. Ғайриинтизор, ҳавлию ҷувозхонаи хоп-холӣ ва бар замми он, ҷасадҳои шахшудаи аскаронро диду хун ба сараш зад. Бо қаҳр мушти гиреҳхӯрдаашро ба сутуни дар заду дубора ба берун тохт ва бо як ҷаҳиш ба болои зини асп нишаста, беист почаку қамчинзанон ба сӯйи Бозорҷойи Тепилелок дартоз шуд. Ҳамроҳаш низ хомӯш аз қафои ӯ афтид. Вазъи Бозорҷой аз ҷувозхона бадтар буд. Хонаи дарҳам-барҳами Абдурауф ва мурдаҳои аскарон, ки дар ҳавлӣ, лаби остонаю рӯйи хона каҷу кулаву бетартиб афтида буданд ва дар сурату дасту пояшон шиёру лахтаҳои хуни сахтшуда ба назар мерасид, марди пештозро бештар ба ҷаҳл овард. Ғазаболуд дастҳояшро ба зону кӯфта ба боло афшонд ва бо садои хирросии худ мисли саг уллос кашид. Гӯё ки гунаҳояш аз ғазаб месӯхтанд, кулоҳи сарашро ба даст гирифта аз рӯйи сурат кашид ва дубора ба берун тохт. Бо ҳавлу ҳарос савори асп шуду умедворона ба самти Пиритурк чорхез зад. Ӯ ба зинда будани аскарони посбонаш дар Пиритурк каме умед дошт, вале чун наздик шуд, аз он ҷо низ касе ба пешвозаш набаромад. Донист, ки тамоми молу чорвои ғуншуда ҳам аз даст рафтааст. Аз тарси дастаи аспсавор дигар нахост дар он ҷо бимонад. Пай бурд, ки ҳамон гурӯҳи фидоӣ шабошаб корашро пухта кардааст, дар ҳоле ки ӯ бо ғами тилло сардарду сарсонӣ дошт.

Вақте ки марди пештоз ва ҳамроҳаш ба Пиритурк расиданд, гурӯҳи Суҳроб низ аз Тепилелок гузашта ба чашм намудор шуд. Бо дидани онҳо ёвҳои куллан бенасибшуда, ки

танҳо ҷон дар рамақ доштанд, ба рост печиданд ва бағал-бағали доманакӯҳҳои пайвастшуда ба дашти беканор фирор карданд. Суҳроб то теппачаи Пиритурк расиду аспи худро нигаҳ дошт ва аз қафои ӯ ҳамраҳонаш низ саф кашида таваққуф намуданд. Ӯ аз паси саворахои фирорӣ, ки чанг карда торафт дур мешуданд, нигоҳкунон гуфт:

– Хуб, ҳоло аз дастам даррафтӣ, ёви малъун! Бирав, ба хоҷаҳоят пайғоми моро расон, то бифаҳманд, ки мо дигар деҳотиёни бечораю мискин нестем! Агар боз як бор ҳаваси ин ҷоро кардӣ, гиларо аз худат дон, саратро ба фано надиҳам, Суҳроб набошам! – ӯ лаҷоми аспашро барои давр задан ба як самт кашиду рӯ ба рӯйи сарбозони худ қарор гирифт ва бо овози баланд дод зад: – Зинда бод рӯҳи паҳлавонони ниёкон, ки моро мададгор шудаанд!

Садои ҳама баробар баланд шуд:

– Зинда бод!

– Дуруд ба сарварони оқилу ҷавонмардони далер! – боз овоз дод Суҳроб.

– Дуруд бод! – ба иттифоқи ҳам ҷавоб гуфтанд сарбозон ва ҳама аз аспҳо пиёдашавон ва бо дастафшониҳои беохир ҳой-ҳойи хурсандӣ дода, ба Суҳроб наздик шуданд.

Ба маҳзи ин ки Суҳроб низ худро ба замин партофту аспашро раҳо кард, ҳама бо ҳам ҷуссаи ӯро ба рӯйи даст бардоштанд ва бо ҳаёҳуйи бештар ба боло андохтан гирифтанд. Суҳроб барои нахустин бор чунин ҳаяҷону шодмониро дар тану ҷони худ эҳсос мекард ва бо чор дасту пойи боз ба сӯйи осмон мепариду дубора худро рӯйи панҷаҳои бақувват медид ва беохир роҳат мебурд...

## Ҳашар

Барои аҳли Эҷ ба хок супурдани майит, хоҳ азони худ бошад, хоҳ бегона, аз ҷумлаи суннатҳои муқаддас ҳисоб мешуд. Ҳатто мурдаи душманонашонро бо расму одати маъмулӣ дафн мекарданд. Ин бор барои ҷасадҳои аскарони бадбахти ёв, ки баъд аз таҷовузи бесамар ҷони худро талаф дода буданд, дар хокҷойи мусофирон қабрҳо канда шуд. Чор нафар гӯрков ва гурӯҳи ихтисосдодаи Қодирамак то нисфирӯз фақат бо кафанкунию дафни ёвҳои кушташуда машғул гардиданд. Бо имомати Муллоғафур бошад, деҳотиён дар гӯрхонаи дараи Феҷак ва дар қабристони деҳа маросими дафни арӯси Сакинаапаю зани Ҳасанбойро гузарониданд.

Рӯзи дигар, вақте ки занону духтарон сархаму маъюс хонаю дарҳои худро ба тартиб медароварданд, мардони қишлоқ пасу пеш дар гузари Гаргинон ҷамъ шуданд. Бо сарварии деҳхудо – Қодирамак ва ҳамраҳонаш ҳашари калон оғоз ёфт, ҳама ба сохтани сарпаноҳи нав барои Ҳасанбою хонаводаи ӯ ва ятимоне, ки дар дараш кор карда рӯзашонро мегузаронданд, дасту остин барзаданд. Қодирамак мардону ҷавонони ҳозиршударо гурӯҳ-гурӯҳ ба корҳои мухталиф банд кард: як гурӯҳи калон каҷоваҳои сангкашониро дар харҳои худ баста барои кашондани санги иморат пардохтанд; панҷ-шаш нафар марди тануманд лойхонаи гирди бузурге дуруст карда ба лойкунӣ даромаданд ва ба онҳо писаракони дастёр даст ба даст бо дегмису машкҳо об мекашонданд; чанд кас ба дари одамон барои ҷустуҷӯйи болору васса ва дару тирезаҳои омода фиристода шуданд; чор нафар устои деворзани чирадаст бошанд, бо кумаки шогирдони худ ба андозагирии похсаи иморат ва мехкӯбиву бандкашӣ саргарм шуданд. Рӯйиҳамрафта, касе бекор набуд, гузари Гаргинон мӯрчахонаеро мемонд, ки сафи одамони машғул ба ҳар сӯю аз ҳар тараф тӯл мекашид ва коргарон гаронии корро нодида гирифта, аз таҳи дил ҷон меканданд.

Дар ин ҳангом барои рафъи хастагӣ ва истироҳат аз бандчаҳои най чайлаи васее ба шакли хиргоҳ сохта шуд. Қодирамак дар он ҷо нишаста рафти ҳашарро назорат мекард ва ҳар амру фармойише дошт, бо кумаки Усто Хӯҷамурод ва Суҳробу Мурод ба иҷро мерасонд. Ҳасанбой низ дар чайла буд, вале ҳанӯз ёрои ба худ омадан надошт. Аз ниҳояти

ғаму ғуссае, ки ба сараш омада буд, димоғсӯхта ва дилбеҳузур менишаст. Ӯ наметавонист ваҳшигарии ёвро, ки ҳамсарашро ҷоҳилона куштаву хонаю дарашро хоку туроб карда буд, дар худ ҳазм кунад. Агар дирӯз табиби деҳа – Хоксорамак ба имдодаш намерасид, шояд ҳамон вақт ӯ низ дилкаф мешуд. Ҳоло ҳам Муллоғафур аз наздаш дур намерафт, пайваста тасбеҳ гардонда дуохонӣ мекард. Бо вуҷуди ин, дилаш хуноб буд, аламзада менишаст.

Қодирамак пас аз ба ғалтак афтидани корҳои дами даст каме осуда шуд ва дар паҳлуи Ҳасанбой, ки ҳолати ӯ барояш чун рӯз равшан буд, нишаста ба сухан омад:

– Додар, ин сахтгириҳои рӯзгорро ману ту бисёр дидаем, аз ин рӯ намеарзад даст аз ҳаёт шуста худро бой диҳем. Худат нағз медонӣ, ҳамеша комгорӣ дар канори худ нокомиҳо дорад, тавре ки як рӯз сарват ҷамъ мекунию рӯзи дигар онро бой медиҳӣ, баъзан нозу нӯш дорему баъзан дарду ранҷ, гоҳе сар ба фарозему гоҳе бар нишеб. Лекин кори мардон нест, агар ба нокомӣ тан диҳад, ба хусус мисли туе, ки панҷ ангуштат пури ҳунар аст! Ғаму аламро аз худ дур кун, саратро бардор, нигоҳ кун ҳамдеҳагон чӣ талоше доранд! Гӯшта аз нохун ҷудо карда намешавад, шукр кун, ки нағзиҳоят бар абас нарафтааст, ҳама ғами тую хонаводаатро мехӯранд.

Ҳасанбой ба деҳхудо рӯ овард, маҳкам аз пушти панҷаи ӯ, ки ба дӯшаш гузошта буд, гирифту дардолуд арз кард:

– Ман фидои ту шавам, раис, агар шумо – ҳамдеҳагон намебудед, чӣ кор мекардам? Худоро шукр мегӯям, ҳазорон бор миннатдорам! Лекин марги бевақти Баҳор маро дилхун кард, ӯ ҳанӯз умре надида буд, бачаҳояшро танҳо гузошт, маро партофта рафт.

– Чӣ чора, ин ҳам дар сарнавиштамон будааст, сабур бош, додар! Писару духтаронат ба ту умед мебанданд, ту бояд сари ҳол бошӣ. Бубин, бахти ману туву қозӣ будааст, ки духтаронамон аз дасти ёв халос шуданд. Дар асорат ба сарашон чӣ бадбахтӣ меомад, Худо медонад.

– Рост мегӯйӣ, раис, вале чӣ кор кунам, дилам ҳавл меорад, ихтиёрам дар худам нест.

– Аз ҷо хез! – бе тааммул амр дод Қодирамак. – Агар бачаи хурдсол мебудӣ, коре надоштам, вале ин нозукдилӣ ба ту намезебад. Худатро ба даст гир, ба назди ҳашарчиён меравем. Охир, хонаро барои ту месозанд!

Ҳасанбой аз қафои деҳхудо ба роҳ афтид. Наметавонист гапи ӯро дуто кунад ва дигар ҳоли азодориро ҳам надошт. Вақте ки ба ҷойи сохтмон расиданд, тараддуди беҳадди одамон ӯро ба худ овард. Хурду калон онҳоро дида бо эҳтиром салом мегуфтанд ва аз нав ба кори худ мечаспиданд. Ба устоҳои деворзан наздик шуда, Қодирамак бо садои баланд салом арз кард:

– Монда набошед, азизонам! Худо ба ҳамаатон ёрӣ диҳад, кори савобатонро дар биҳишти худ арзёбӣ кунад!

– Саломат бошед! – баробар ҷавоб доданд устоҳо.

– Иншооллоҳ, кор, ки тамом шуд мулло Ҳасанбой ба ҳар кадоматон аз саркаҳои чорсолааш ҳадя медиҳад. Ба халқ бошад, аз гӯсфандҳои бӯрдоқиаш кушта дастархон паҳн мекунад, – афзуд Қодирамак.

Рашидака, ки дар деворзанӣ ҳамто надошт ва шӯхиву бозиро ҳам меписандид, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Саркаро чӣ кор кунем, аз сиккаҳои тилло дастовез диҳад! То кай кӯзаҳояшро пинҳон нигаҳ медорад?!

Ҳама ба суханҳои ӯ хандиданд, зеро овозаи кӯзаи тиллои Ҳасанбой ҳамеша вирди забони мардум буд. Худи Ҳасанбой бошад, илҳоми хурсанд шудан надошт, агарчи саргармии одамон ба кору ба хушҳолӣ ӯро ба ваҷд оварда буд. Ӯ аз шӯхии Рашидака низ нороҳат нашуд, чунки медонист бобокалонаш гӯё замоне кӯзаи тилло пинҳон кардааст, вале аз бетаваҷҷуҳӣ он кӯза гум шудаву бобо дар пайи он сарсону саргардон мемонад. Аз он воқеа ҳарчанд чандин сол сипарӣ мешавад, дарбеҳи «кӯзаи тилло доштан» аз насл ба

насл мегузарад. Ӯ марди сарватманд буд, моли зиёд дошт, аммо тилло не. Аз ин хотир, ҳар гоҳ нақлҳои ранг ба ранги ҳамдеҳагонашро дар хусуси кӯза ё сиккаҳои тилло мешунид, хушҳол мешуд ва бо мароқ гӯш мекард. Ӯ ҳанӯз намедонист, ки ёвҳо низ ба чунин нақлҳо фирефта шуда, занашро абгор ва макону манзилашро хокистар карда буданд.

– Кош Ҳасанбой тилло медошт, – риштаи суханро ба даст гирифт деҳхудо, – он вақт мо корҳое мекардем, ки дар ақл намеғунҷид. Бо ин ҳол, сарвати мо ҳамин зинда будан ва иттиҳоди мост. Хонаро, ки сохтем, ба коргоҳҳои худ мечаспем, нобакорон ҳама ҷоро вайрон кардаанд. Аз ин пас бояд деҳаро нигаҳ дорем, ба гуфтаи Суҳроб, то кай аз ёв тарсида рӯ ба гурез мениҳем?

– Ҳақ бо туст, раис! – гуфт Усто Хӯҷамурод, ки дӯсташу Ҳасанбойро дида ба назди онҳо омада буд. – Дигар одамамон ҳам кам нест, аз ин ҷавонҳо бештар ба оҳангархона ҷалб кун. Агар силоҳи бештар дошта бошем, натарсида бо душман рӯ ба рӯ мешавем.

Аз деворзанӣ сар бардошта, Рашидака илова кард:

– Ба мо ишора диҳед бас, бо ҳамин ташу каландамон ҳам ба ҷанг мебароем!

Ҳама бо аломати тасдиқ сар ҷунбонданд. Қодирамак ба ваҷд омад. Медид, ки корд ба устухони ҳамдеҳагонаш расидааст, дигар тоқати бардошти ҳамлаҳои ёвро надоранд. Ин ҳолат барои эҷоди сангар дар муқобили душман хеле созгор буд. Ӯ бо ҳаяҷон ба сухан омад:

– Худо мададгоратон бошад, азизонам! Мо ҳатман зодгоҳи худро ҳимоят мекунем, агар зарур бошад, то Бухоро меравам, ба худи амир арз мекунам. Охир, ҳар кор ҳад дорад, ин хел нест, ки ҳар ки бо асп аз биёбону аз пушти теппаҳо расад бояд таҷовуз кунад, он ҳам ба мардуми бегуноҳ!

– Вале то сарбозони амир меоянд, думи хар ба замин мерасад, – боз гап зад Рашидака, – беҳтар ин ки худамон дастаҳои фидоӣ ташкил диҳем.

– Ин гап ҳам ҷон дорад, – тасдиқ намуд Усто Хӯҷамурод.

Қодирамак арз кард:

– Донед, ки дастаи фидоии мо аллакай ташкил ёфт. Суҳробу Мурод ба ин кор асос гузоштанд, аввалин бор аз болои ёв пирӯз шудем. Дар тӯли умрам надидаам, ки пештози ёв бо шармандагӣ аз деҳаи мо гурехта бошад.

– Аҳсант, аҳсант! – овоз баромад аз чор тараф.

Ҳашар бо авҷ идома дошт. Ҳар чӣ зарур буд, ба маҳалли сохтмон кашонда шуд. Акнун бештар дунафарӣ бо занбар кор мекарданд, ба деворзанҳо сангу шағал мебурданд, лой мекашонданд ва дар як гӯша дуредгарҳо дару тиреза ва болору вассаҳои хонаро арраю теша зада барои насб омода мекарданд. Қодирамак вақте ки дид, кор хуб пеш меравад ва Ҳасанбой ҳам дар сари ҳашарчиён аст, бо ҳамраҳони худ ба онҳо барори кор хосту роҳи оҳангархонаашро пеш гирифт. Ба ӯ Усто Хӯҷамурод ва аз роҳ Суҳробу Мурод ва чанд ҷавони дигар ҳамроҳ шуданд. Мебоист ҳашари дигар дар гузари Доничак барпо шавад, навсозию таъмири коргоҳҳои харобшудаи оҳангарию кулолгарӣ, рангрезӣ ва дӯкони бофандагӣ мунтазири онҳо буд.

Қодирамак ҳар гоҳ медид, ҳамдеҳагонаш ба ҳашар дилбастагӣ доранд ва ҳеҷ гоҳ касеро дасттанҳо намегузоранд, хушҳол мешуд. Барои ӯ фарқе миёни одамон вуҷуд надошт, ҳамаро бо як чашм медид ва худаш корҳои дастаҷамъиро оғоз мекарду дили мӯҳтоҷонро меёфт. Дарк мекард, ки аз як даст ҳеҷ гоҳ садо намебарояд, ба хусус, дар шароити деҳ одамон сахт ба якдигар ниёз доранд. Ҳар гуна корро бо ҳашар дар кӯтоҳтарин муддат мешавад анҷом дод, дар сурате ки барои он як кас вақти тӯлонии умрашро бой медиҳад. Ӯ ин рӯзҳо мехост одамонро ба заминҳои баҳорикории Ҳакимбобо, ки дар он ҳосили гандуму ҷав расида буд, ҷалб кунад, аммо ҳамлаи ногаҳонии ёви лаин садди ин кор шуд. Бо шарикони худ ба гузари Доничак мерафт, аммо ҳушу хаёлаш побанди майдони баҳорикорӣ буд. Аз деҳаи Симбулоқ ҳанӯз хабаре надошт, қозӣ ҳам ба чашм намерасид. Хавотир мекашид, ки аскарони ёв ғаллазори ба ҳосил расидаро оташ зада бошанд. Аз Худо мехост, чунин набошад, зеро зимистон санги ҳама осиёбҳои деҳа бо

ғаллаҷоти баҳорикорӣ гардон мешуд. Бо ин андеша як он аз қадаммонӣ бозистод ва ба Суҳроб рӯ оварда гуфт:

– Мо аз Симбулоқ ҳеҷ хабаре наёфтем, ту ду-се нафарро ҳамроҳ гиру чорхез зан. Ҳар чи ҳаст, ба ман пайғом фирист.

Дигарон дар ҷойи истодаи худ ба деҳхудо нигарон монданд, вале Суҳроб мушаввашхотирии ӯро дарҳол пай бурду ҷавоб дод:

– Хуб шудаст, устоз! Ҳамин ҳоло ба роҳ мебароем ва дар аввалин фурсат ба шумо хабар мефиристам.

– Ё оллоҳ!

Суҳроб дартоз ба сӯйи Хондон роҳ пеш гирифт. Мурод аз пушти ӯ афтид. Мебоист аз тавила аспҳои худро бардошта, ҳар чи зудтар ба Симбулоқ раванд. Бо ишораи деҳхудо Фарҳоду Ҷасур низ ба ҳамроҳии онҳо шитофтанд.

## Симбулоқ

Барои касоне, ки аз самти офтоббаро ба Эҷ меомаданд, дар фосилаи камтар аз як фарсах то деҳа бошишгоҳи сарсабзе мавҷуд буд. Алалхусус, тӯдаҳои лӯлӣ, қабилаҳои кӯчманчӣ ва нозиру сарбозоне, ки дар роҳи Дизаку Нурато равуо доштанд, дар паҳнои васеъ хайма мезаданд. Ягона чашмаи сероби ин манзил манбаи зиндагӣ буд ва обашро бо ҷӯякҳои каҷу килеб ба ҳар сӯ мебурданд. Аммо мисли деҳоти дигар дар ин ҷо хонаводаҳои муқим вуҷуд надошт, фақат чанд нафар сарватманди эҷӣ аз заминҳояш барои киштукори ғаллаҷот ва парвои чорво – бузу гӯсфанду аспони худ истифода мекарданд.

Мардуми Эҷ ба заминҳои баҳорикорӣ хеле алоқаманд буд ва ҳар гоҳ ҳосил мерасид, хурду калон ҷамъ шуда, бо рӯҳияти шод ба дарав ва ҳосилғундорӣ камар мебастанд. Ҳангоми ҳашарҳои дарав, хӯшаҷамъкунӣ ва хирманкӯбӣ ҷашнҳои дилнишин баргузор мешуд. Рақсу бозии духтараконе, ки хӯшаҳои гандумро ба шакли гул бофта ба сар мегузоштанд, дар банди даст мезаданд, ба кокулҳояшон изофа мекарданд, интиҳо надошт. Ба ин хӯшаҳо «сунбул» мегуфтанд ва шеърҳои зиёд бо вожаҳои сунбулу сунбула аз даҳан ба даҳан мегашт. Ин мафҳум то ҷое барои эҷиён азиз шуд, ки ҳар кас мехост ба заминҳои баҳорикорӣ равад, мегуфт, «ба тамошои сунбула меравам» ва бо мурури замон исми ин макон бо номи «Сунбула» маъруф шуд. Вале дертар, ба муддатҳои тӯлонӣ хаймаю юрт зада нишастани кӯчманчиёни туркзабон исми аввали деҳаро аз забонҳо бардошт. Онҳо вожаи сунбуларо ба таври худ талаффуз карда, аввал «сумбулақ», баъд «симбулоқ» мегуфтагӣ шуданд ва аз он пас барои ҳама исми деҳа бо ин ном боқӣ монд.

Вақте ки Суҳроб бо ҳамраҳони худ ба Симбулоқ расид, ҳама ҷо орому сокит буд. Гандумзори қозӣ бо хӯшаҳои донабастаи худ заррину назаррабо ба чашм мехӯрд ва бо насими ороме саракҳои шилшилаӣ ба якдигар нозкунон рақси мулоим мекарданд. Дар ин гирду атроф нишоне аз ёвигарӣ дида намешуд. Саворахо ба тамошо андармон нашуда, ба сӯйи айвони Ҳакимбобо роҳ пеш гирифтанд. Ба айвон нарасида, дар назди дарахти тут, ки танаи бағоят ғафс ва шохаҳои пурпечи ба поин овезон дошт, аз аспҳои худ пиёда шуданд. Вақте ки лаҷоми аспҳоро ба шохаҳои тут мебастанд, аз айвон марди болобаланде ба берун омад – марде бо чеҳраи гирд ва риши ғулуи сиҳча, арақчини сафед ба сар, камзӯли тунук ва дарози хокистарӣ ба тан, маҳсии сиёҳи бухорӣ ба по. Суҳроб ӯро дидан замон, ба салом кардан шитофт ва дигарон ҳам аз қафои ӯ ҳаросон шуданд.

– Ассалому алайкум, Қозибобо! – бо эҳтиром овоз дод Суҳроб ва каме бо таъзим ду даст ба пеш дароз кард.

Ҳакимбобо бо хушҳолӣ ба дастҳои ёзондаи Суҳроб нигоҳ накарда бағал кушод ва гӯё писари ҷоноҷонашро медид, оғӯшкунон дар ҷавоб гуфт:

– Ваалайкум ассалом, шери бобо, хуш омадӣ, марҳабо! – сипас бо ҳама вохӯрду ба нишастан муроот кард. Маълум буд, ки қозӣ аз танҳоӣ дилтанг шудааст ва омадани ҷавонон барояш дилхушии беҳад ато мекард. Ӯ бо меҳрубонии ба худ хосе ба сухан

даромад: – Худам ҳам мехостам ба деҳхудо хабар кунам, омаданатон айни муддао шуд. Дар деҳа чӣ гап?

Суҳроб медид, ки қозӣ аз ҳеҷ чиз хабар надорад, орому бо майли хотир ҳарф мезанад. Як лаҳза хомӯш монд, намедонист суҳбатро аз куҷо шурӯъ кунад. Ба ӯ нигоҳ накарда, Мурод бе мулоҳиза гуфт:

– Қозибобо, ин ду рӯз ба сарамон бало омад. Ёви ваҳшӣ ҳама ҷоро харобу валангор кард.

Дар ҳоле, ки бо шунидани гапҳои росту пӯсткандаи Мурод ранги рӯйи қозӣ париду бо чашмони боз нигарон монд, Суҳроб ҳамоно ба хотири мулоим кардани вазъ ба сухан омад:

– Хушбахтона, онҳоро рондем, ҳоло ҳар оила хонаю дари худро ба тартиб медарорад. Қодирамак ҳам аз шумою ғаллазоратон дар хавотир буд, моро фиристод, ки хабар гирем.

– Ҳасанбоя шӯраш хушк шуд, – бо ҳаяҷон афзуд Мурод, – занашро ваҳшиёна куштанд, хонаю дарашро сӯхта хокистар карданд.

Сухроб боз оҳанги хабари нохуши дӯсташро нармтар карданӣ шуд:

– Баҳоргулапаро ҷо кардем, ҳама дар ҳашар – ба акои Ҳасанбой хона месозанд, – гуфт ӯ ва илова кард: – Бечора келини Сакинаапаро ҳам ба хок супурдем.

– Номардон ба номусаш расиданд, худкушӣ кард, – бетоқатона луқма партофт Мурод.

Қозӣ нооором шуд. Ӯ нобакорӣ ва бетараҳҳумии дастаҳои ёвро нағз медонист, вале ҳар гоҳ дар ҳангоми таҷовузи онҳо бо ҳамдеҳагон буд. Ҳоло бошад, аз бехабар монданаш афсӯс хӯрд. Тааҷҷуб мекард, ки чаро дӯсти деҳхудояш ӯро дар ҷараён нагузоштааст. Бо вуҷуди ин, ҳисси таассуфу дилсӯзиро дар худ фурӯ бурда, бар рӯйи кундаи тут, ки дар канори дари даромадгоҳ буд, нишаст ва каме шунаво дуо хонд: «Қолу инно лиллоҳ ва инно илайҳи роҷиъун». Ҳама баробар даст ба рӯ кашиданд ва қозӣ омирона ба ҷавонон гуфт:

– Аз тақдир ҷойи гурез нест, бачаҳом, ҳоло бояд зуд ба қишлоқ баргардем, – ва аз ҳама пеш худаш ба по хесту сарутанашро ба тартиб даровард. Ӯ роҳравон ба суханаш идома дод: – Нағз мефаҳмам ҳоло дӯстам чӣ ҳоле дорад, бешубҳа, барои замини ғалла паснигарон аст. Маро надида бештар ба таҳлука меафтад, бояд шитоб кунем.

Ҳама савори асп шуданд. Суҳроб дар хусуси асир афтодани духтари Ҳакимбобо лом-мим нагуфт, азбаски духтарҳоро наҷот дода буданд, нахост қозӣ нороҳат шавад. Ӯ лаҷоми аспи худро, ки бетоқатона сару гардан ба боло мекашид ва поҳояшро бо навбат ба замин мезад, кашида истода ба сухан омад:

– Бояд Симбулоқро давр зада бароем, барои дилпурӣ.

Ҳакимбобо ӯро фаҳмид ва сари аспашро ба самти болооб баргардонду бо овози гиро садо дод:

– Рафтем!

Симбулоқ мисли деҳаҳои дигари кӯҳпояи Нурато на дар васати доманакӯҳҳо, балки дар идомаи паҳное ҷойгир шуда буд, ки дар интиҳо ба нишебиҳои кӯҳӣ мерасид. Фақат дар қисмати болоӣ бо пуштакӯҳҳои кӯндаланг, ки оғози дараи Хадрӯд буданд, маҳдуд мешуд. Ягона чашмаи деҳа низ дар болотарин нуқтаи паҳно, аз бехи кӯҳ ҷӯш зада мебаромад ва ба се шоха тақсим шуда, заминҳоро обшор мекард. Дар он айёми тобистонӣ агар кас аз фарози кӯҳ ба деҳа назар меафканд, дар пеши назар гӯё замбӯруғи бузурги сар ба боло хобидаеро медид, ки пояи ғафси тиллоиранг ва кулоҳи гирди сабзгун дошт. Пояи зарринаш ҳамон ғаллазори Ҳакимбобо ва кулоҳаш муҳити сабз – буттаю дарахтзори деҳа буд.

Савораҳо бо роҳбаладии қозӣ аз самти чап ба роҳ даромаданд ва каме пеш рафта нахуст ба қабристони деҳа, ки дар асл хокҷойи мусофирон буд, расиданд. Дар ин ҷо сангҳои сари гӯрҳо аз байни алафу буттазор базӯр ба чашм мерасид, вале қабри бузурги

Хоҷа Рӯшноӣ, ки ба шакли мураббаи дарозрӯя бо санг деворчинӣ шуда буд ва дар ходаи сари он латтапораи сафеди офтобхӯрдае албонҷ мехӯрд, салобат дошт. Аз роҳ расида, дар назди оромгоҳ таваққуф карданд ва Ҳакимбобо сураи кӯтоҳе аз Калом хонду ҳама даст ба омин бардоштанд. Аз он баъд саворахо ба чарогоҳи Бобои Чӯббоз расиданд. Суҳроб дар хусуси Бобои Чӯббоз аз устодаш шунида буд. Бино ба нақли ӯ, то ҳамин чанд соли пеш марди зарофатгӯ ва ҳунарманде аз деҳаи Синтаб пайваста дар деҳаҳои атроф гашта ҳунари худро намоиш медодааст. Ӯ ду ходаи дарозро ба ду пояш баста, аксаран дар тӯйҳо ва рӯзҳои ид рақсу бозӣ карда мегаштааст. Аз қафояш занону духтарон дафзанону рақскунон мерафтаанд. Баъд аз сари ӯ, ин гузари Симбулоқро, ки нишемангоҳи доимиаш буд, бо номи «Бобои Чӯббоз» ёд мебаранд.

Суҳробу ҳамраҳонаш бо ҳидояти Қозибобо аз як гӯшаи чарогоҳ, ки дар он ҷо галаи асп ва дар поинтари доманакӯҳ рамаи бузу гӯсфандон ба майли худ мечариданд, гузаштанду сипас боғоти қисми болоии деҳаро давр зада то чашма омаданд. Бо ишораи Суҳроб ҳама пиёда шуданд ва аз чашма об нӯшида, аспонро низ барои об хӯрдан ба ҷӯякҳои обрав наздик бурданд. Аз он пас боздиди деҳа сар-сари қишлоқ то дари новаи Хорнок давом ёфт ва чун воқиф шуданд нишонае аз пойи бегона нест, ҳама аспҳои худро ба тарафи Эҷ қамчин заданд.

## Нишасти махфӣ

Масҷиди ҷомеи Дарифеҷак, ки онро «Масҷиди Баландӣ» меномиданд, чандон калон набуд, аммо нишастҳои аҳли деҳа аксаран дар он ҷо баргузор мешуд. Ин дафъа деҳхудо нахост ҷамъомади худро дар масҷид гузаронад, дарк мекард, ки масъалаи дар назар гирифтааш хеле ҷиддӣ аст ва бисёр гапро мебояд махфӣ нигаҳ дошт. Пас аз расидани Суҳроб ба ӯ дастур дод, ки сарони авлодҳо ва ҳар касеро, ки ба назараш қобили эътимод аст, вақти намози аср ба хилватхона даъват кунад. Хилватхона дар як гӯшаи ҳавлиаш қарор дошт ва тозаю озода нигаҳ доштани он ба ӯҳдаи Малоҳат буд. Дигар ҳеҷ кас ҳақ надошт ба он ҷо ворид шавад. Қодирамак чизҳои махфӣ, ҳуҷҷату коғазҳои муҳимро дар ин хилватгоҳ нигаҳ медошт. Агарчи ӯ оҳангар буд, ба шеъру адабиёт мухлисӣ мекард, Қуръонро бо маҳорати хос мехонд, аҳёнан дутор менавохту оҳанг месуруд. Ӯ китобҳои худро, ки фароҳам аз девони шоирони маъруф ва рисолаҳои динию ирфонӣ буданд, дар ҷевони чӯбини хилватхона нигаҳ медошт.

Вақте ки Суҳроб аз ҳозир шудани одамон хабар овард, Қодирамак дари дулингаи оҳангархонаашро мешинонд. Ба маҳкамиаш нигоҳ накарда, ин дари дулинга ҳам аз дасти ёви харобкор шикаста ба замин афтида буд. Худи оҳангархона он қадар зиёндида ба назар намерасид, аммо бисёр абзору олот ва дастсохтҳои усто гум шуда буданд ва ягон кӯраи оҳангудозӣ шакли солим надошт. Бо омадани Суҳроб деҳхудо корҳои бозсозии оҳангархонаро ба Усто Эгам ва коргаронаш супурда, дарҳол дасту панҷа шуст ва роҳи хилватхонаро пеш гирифт.

Суҳроб дастури устодашро ба наҳви аҳсан анҷом дода буд. Дар хилватхона тамоми сарони авлодҳо, қозӣ, Усто Хӯҷамурод, Ҳасанбой, Амонуллои баззоз, Абдумӯъмини дӯкондор, чанд нафар ҳунарманду молдори деҳа ва аз дӯстонаш Мураду Ҷасуру Фарҳод ғарки суҳбат даври ҳам менишастанд. Онҳо бо дидани Қодирамак гуррӣ аз ҷо баланд шуданд ва бо ӯ саломкунон барояш роҳ кушоданд, то ба пешгаҳ гузарад. Табассуми ҳамешагии деҳхудо дар чеҳрааш дида намешуд, ӯ хеле ҷиддӣ ва хаёломез менамуд. Маълум буд, ки воқеаҳои охир асари зиёд бар рӯҳияташ гузоштаанд. Ба аҳволпурсии тӯлонӣ майл надошт, бо ҳама кӯтоҳакак саломуу ҳолпурсӣ карду дар ҷойи худ нишаст. Дар паҳлуи росташ муллои деҳа ва аз чап Ҳакимбобою Усто Хӯҷамурод ва сипас ба синну сол нигоҳ карда, дар ду тараф сарони авлодҳои арбобӣ, шоҳигӣ, муллоӣ, қозигӣ, чалмагӣ ва дигар ҷамъомадагон ҷо гирифта буданд. Қодирамак андешаманд чанд муддат ба ҳозиршудагон чашм дӯхта монд ва ниҳоят, сукунатро халалдор карда ба сухан омад:

– Азизонам, аскарони ваҳшии ёв дубора ба сари мо тохтанд, зиндагии орому осудаамонро барҳам заданд. Ин тохтутоз ҳар сол як бор-ду бор такрор мешавад. Душман аз куҷо меояд, аслу насабаш кист, ба мо маълум нест. Вале як чиз равшан, ки дарди он молу сарват, қувваи кории муфт аст ва бо ин мақсад ғорат мекунад, мешиканад, месӯзонад, ба қатл мерасонад, хуллас, аз ҳеҷ коре рӯ намегардонад. Ҳоло ин дафъа мо тавонистем сари ҷаҳлашро шиканему аз хонаамон берун созем, агарчи харобии бисёр ба бор омад. Вале ин истодагарии мо бе ҷавоб нахоҳад монд, бовар дорам душман дубора ба сари мо медавад ва бешак, бо қувваи дучанд. Мегӯянд, ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд, боиси даъват шудани шумо низ интихоб кардани роҳи минбаъда, дарёфтани илоҷи амалҳои оянда аст.

Деҳхудо хомӯш шуд. Ҳама, мисли ин ки ба даҳон об гирифта бошанд, сокиту ором менишастанд. Касе ҷуръат намекард гап занад, зоҳиран барои изҳори назар кардан омода набуданд. То имрӯз ҳамлаи ёвро аз тақдир медонистанд, парешон буданд, ҳар кас фикри молу ҷони худро дошт. Бо ин ҳол, аз байни сарони авлодҳо – Салимбойи шоффбурут дар ҷойи худ ҷунбиду ғазаболуд ба сухан омад:

– Ба кӯрпат нигоҳ куну по дароз кун, вақте ки медонӣ бо ёв шӯхӣ карда намешавад, чӣ лозим буд зӯри беҳуда задан? Агар аз пайи номаъқулии имрӯз фардо сарамонро ба дор кашанд, кӣ ҷавоб медиҳад?

Аз ин иддаои Салимбой марди шикамлӯндаи паҳлуяш, ки ӯ низ аз ҷумлаи сарони авлодҳо буд, гӯё қувват гирифту илова кард:

– Дар воқеъ, густохии ду кӯдак ҷони моро дар хатар гузошт. Зӯр ҳамеша зӯр аст, агар соле як-ду бор ба ғорат гирифтор шавем осмон омада ба замин намечаспад, боз кор мекунему худамонро мегирем.

Чунин бархӯрди ғайричашмдошт аксарияти ҷамъомадагонро дар ҳайрат гузошт. Қодирамак асло гумон намекард, ки буздилӣ ин қадар ба дили мардони деҳа роҳ ёфтааст. Ӯ ҳанӯз лаб накушода, Ҳакимбобои қозӣ лаҷоми суханро ба даст гирифт:

– Мегӯйӣ, зӯри беҳуда?! – дуруст ба чашмони Салимбой теғ кашида гуфт ӯ ва афзуд: – Метарсӣ, ки сарат ба бод меравад? Он вақт, фардои фарзандонатро чӣ тавр сохтанӣ? Ман намефаҳмам, шумо қаҳрамонии Сухробу дӯстонашро густохии кӯдак мепиндоред? – Қозӣ ба Қодирамак рӯ оварду бо садои баландтар арз кард: – Ҳайф аст бо ин гуна касоне, ки дилу ҷигар надоранд, дар атрофи як дастархон нишастаем. Бо инҳо коре аз дастамон намеояд!

Салимбой паст наомад:

– Мехоҳӣ ҷилави душманро бигирӣ? Бо кадом роҳ? Зану бачаҳоятро ба пеши пояш мепартоӣ? Охир, кори ёв ғоратгарист! Онҳо қувваю силоҳ доранд, ба касе раҳм намекунанд ё дурӯғ мегӯям?!

– Аз Сухроб пурс чӣ кор бояд кард. Мо аз онҳо камтар нестем, радди пояшонро чунон канем, ки дар ду дунё ҳаваси ин ҷоро накунанд!

– Агар коре аз дасташон меомад, гузаштаҳо мекарданд. Ёдат рафт Қуллуқи даштӣ ба сари Расулу хонаводааш чӣ бадбахтӣ оварда буд? – кам наомада бо лабу лунҷи ларзон гуфт Салимбой. – Расул ҳам нотарс буд, ғурури ҷавонӣ дошт, вале як ёвро ханҷар заду аз буду нобудаш ҷудо шуд.

Марди бағалдасташ ба тасдиқи ҳарфҳои ӯ сар ҷунбонда, ба деҳхудо рӯ овард:

– Ҳанӯз ҳам вақт ҳаст, мо бояд коре кунем дилмондагии ёвҳои омада бардошта шавад. Мол мефиристед, узр мепурсед – ин кори шумо.

Ин ҷо Мурод дигар тоқат накард. Сари дузону нимхез шуду ба сӯйи марди лӯнда дастакзанон ба шӯр омад:

– Хори чашми дигаронро мебинеду тири чашми худро не? Наход ба ҳолу аҳволи Ҳасанакаю хонадонаш раҳматон намеояд? Наход худкушии арӯси Сакинаапа шуморо дилгир накунад? Ба харобу валангор шудани устохонаҳо чӣ мегӯед? Аз куҷо ин тарсугӣ ба

дилатон хона карда? Агар худатон коре кардани нестед, моро ба ҳоли худ гузоред. Аз шумо барин чолҳои тарсончак кумакеро ниёз надорем!

– То ту моро мефаҳмӣ, сад ҷома бояд дарронӣ, бача, – марди шикамлӯнда низ бо асабоният садо баланд кард, – аввал оби даҳанатро пок куну баъд мардонагӣ…

– Бас! – овози гирои Қодирамак ҳозиронро ба худ овард. – Мо ин ҷо ҷамъ шудем ба хотири рафъи мушкилие, ки пеш омадааст. Тири аз камон ҷаста дигар барнагардад, сад зорию тавалло кунед, душман шуморо намебахшад. Ба мо иттиҳод лозим аст, ҳамон иттиҳоде, ки Суҳроб бо дӯстонаш дорад. Ба ин ҷавонҳо майдони муҳориба боз мекунем, бигзор маҳорати худро сайқал диҳанд. Шумо – ҳама дасти дароз доред, агар аз сарвату дороии худ андак ҷудо кунед, бор рӯйи ғалтак меафтад. Ман ҷуз ин чораи дигареро намебинам.

– Ҳақ асту рост! – ба тасдиқи каломи деҳхудо сар ҷунбонда баён намуд Усто Хӯҷамурод. Ва қатори ӯ дигарон ҳам бо овозу бо имо ҳарфҳои сарвари худро ҷонибдорӣ карданд.

Салимбой, зоҳиран, худро гум карда буд. Фикр намекард тираш ба хок мехӯрад. Ҳамзамон бо дасту по гӯё қабзаи риши дарозаш ҳам меларзид. Ноумедона аз ҷо баланд шуда истода, бо ҷаҳл ба Қодирамак рӯ овард:

– Агар як хас аз хонаам кам шавад, як тор аз мӯйи бачаҳоям нобуд шавад, бо сарат ҷавоб медиҳӣ! Ман ҳеҷ гоҳ ин гуна худсариҳои шуморо ҷонибдорӣ намекунам, – гуфт ӯ ва нафарҳои дар пеш нишастаро бо нӯги даст ба пеш теладеҳон ба берун баромад. Марди шикамлӯндаи наздаш низ ким-чиҳое зерилабӣ ғур-ғуркунон ба ӯ ҳамроҳ шуд.

Аммо аз баромада рафтани ин ду нафар ҳеҷ кас ноҳохат нагардид. Усто Хӯҷамурод оҳи сабуке кашид. Ҳакимбобо лабханди маънидоре ба сӯйи деҳхудо заду ба ҳозирон рӯ овард:

– Дар ёдам ҳаст, соли гузашта худи ҳамин Салим як гала молро аз одамон маҷбурӣ ҷамъ карда ба сарвари ёв тортуқ карда буд. Ба хотири ҷонаш имонашро мефурӯшад, даюс!

– Ҳар чи ҳаст, ҳамдеҳаи мост, бояд ба давраамон дарояд, – гуфт Қодирамак бо андеша, – агар ба ҳоли худ гузорем, фардо моро ҳам мефурӯшад. Пас аз ҷамъомади имрӯз худам бо ӯ машғул мешавам.

Он нишасти тӯлонӣ ва пурбаҳс буду ба ӯҳдаи Суҳроб вазифаи муҳим вогузошта шуд. Мебоист ӯ ҷавонони деҳаро дар атрофи худ гирд оварда дастаи фидоӣ созмон диҳад ва атрофи чашмаи Феҷакро, ки аз чашмҳо дуртар аст, чун машқгоҳ баргузинад, дар теппаҳои даромадгоҳи деҳа сангар ва камингоҳ созад, дар гузари Тепилелок анбори аслиҳа барпо намояд, дидбонии шабонарӯзиро ба роҳ монад, тавре амал кунад, ки дигар ҳамлаю тороҷгарии душман дар дохили деҳа сурат нагирад…

**Ҷашни куштӣ**

*Гарат раъй бинад чу шери жаён,*
*Ба куштӣ бибандем ҳар ду миён.*
*(Фирдавсӣ)*

Суҳроб ҳис мекард, ки ҳар як ҳамдеҳааш аз пайи кашида шудани қаламрави зодгоҳ ба зери гарду хок ва дуду ғубор шуши пурбод дораду ашки ҳасрату надомат мерезад. Ӯ медид, ҳарчанд одамон сархаму дам дар дарун монда, ноаён оҳу нолаҳои бадард мекашиданд, боз ҳам рӯҳафтодаю дилшикаста нестанд, барои ба даст гирифтани худ ва дубора сохтани зиндагӣ дар тан мадор меёбанд, талош мекунанд. Гӯё ҳамлаҳои душман як амри одатист ва ин харобиҳо бояд ба амал меомаданд. Суҳроб бошад, ин бечорагӣ ва нотавониро наметавонист дар худ ҳазм кунад. Аз шиддати аламу ғазаб ҷойи нишаст намеёфт, гӯё дар ҳар нуқтаи пайкараш ҳиссу ангезаи қасос ҷо гирифта буд.

Бе ин ҳам Суҳроб бо ҳамсолони худ бозию машқҳои ҷангиро доир мекард, вале акнун ошкоро даст рӯйи оташ гузошт. Дар машқгоҳи Феҷак, гузашта аз куштигирию ҷанги тан ба тан ва сангбардорӣ, камонандозию шамшербозиро низ ба роҳ монд. Дар бадтарин шароит равишҳои аспсаворию аспсозиро ёд додан гирифт. Ҷавонҳои наврасида аз дасти ӯ ба дод меомаданд, аммо бо ҷидду ҷаҳд таҳаммул карда, ба ҳар гуна талабу тазйиқ хӯ мегирифтанд ва ин ҳол ба Суҳроб бештар дил медод. Вақте ки сафи ҳамразмонаш зиёд шуд, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кард ва барои дарси ҳарбӣ додан дӯстони худ – Муроду Фарҳод ва Далеру Ҷасурро низ ҷалб намуд. Гурӯҳҳои ташкилдодааш машқҳоро бо навбат мегузаронданд. Ба мавқеъ дастае бо куштию муштзанӣ, дастае бо камонандозӣ ва иддаи дигар бо аспсозӣ машғул мешуд. Гоҳе ҳам ҳамаро ҷамъ карда ба сангбардорӣ ва пойгаҳ меандохт.

Баъзан барпо шудани маъракаҳои куштигирӣ дар Эҷ ва деҳаҳои атроф ба Суҳробу ҳамразмонаш ҷон мебахшид. Чунин ҷашнҳои мардумӣ, ки бештар ба хотири суннатӣ кардани писаракон доир мегардид, тамошои дилчаспу пурҷозиба барои кӯҳистониҳо буд. Ҳамон рӯзҳое, ки рафъи харобкориҳои ёв дар Эҷ ба итмом мерасид, аз деҳаи Моҷарм чопар омад. Ӯ ба деҳхудо тӯйхате овард, ки аз баргузории мусобиқаи калони куштӣ дар хонаи Салоҳиддинбой дарак медод. Мегуфтанд, тӯйи бошукӯҳе мешавад ва бой барои солим шутуру аспу гӯсола ва даҳҳо гӯсфанду буз гузоштааст.

Суҳроб субҳи барвақт аз хоб хест. Бо дав ба дараи Феҷак сарболо шуд. Ба одати маъмул, агар як бор то дари Феҷаки беоб дартоз рафта намеомад, дилаш якҷо намешуд. Ҳар рӯз ин машқи баданро то дамидани субҳ анҷом медод ва дар оби равони чашмаи Миёнбоғ дасту рӯ шуста ба хона бармегашт. Ин дафъа, вақте ки медавид, ҳушу хаёлаш оғуштаи куштии Салоҳиддинбой буд. Аз ҷавонони деҳа як гурӯҳ паҳлавони сараро ба ин мусобиқа омода кард. Натиҷа чӣ мешавад, барояш мубҳам буд, аммо хаёлҳои ширин дар худ мебофт. Ӯ ба Муроду Фарҳоду Далер ва ду ҷавони сойхурдӣ бовар дошт, ба такрор зери лаб мегуфт, «инҳо бояд дастболо шаванд!». Вале паҳлавонони пушти кӯҳ ва худи Моҷарм ҳам чакана нестанд, онҳо низ куштигирони абҷир доранд. Аҷаб, паҳлавони асосӣ кӣ мешавад? Шояд як даъвогар худи ӯст? Агар ӯ ҳам бошад, пас аз паҳлавони номии Моҷарм – Ҷӯраака. Ин куштигири моҷармӣ ифтихори тамоми кӯҳпоя аст, ба ӯ низ ҳаққи устодӣ дорад. Дар тӯли умр пушташ ба замин нарасидааст, ҳамтои худро надорад.

Суҳроб аз дави муттасил гарм шуд, тамоми сару танашро арақ зер карда, ҳаври доғ аз димоғ мебаровард. Бо ин ҳол, саргарми хаёлҳои худ ба назди сойчаи чашма омада расиданашро нафаҳмида монд. Дар канори оби равон истода, дасту поҳояшро ба пасу пеш афшондан гирифт. Лаҳзае ором шуда куртаи сафеди шип-шилта тарро аз сар ба берун кашид. Чашми рӯз акнун боз мешуд, суроби ҳар чизу ҳар касе, ки дар атроф буд, хирафом ба чашм мехӯрд. Оромии субҳи чашмаро шилдироси якмароми об, ки ба сангчаҳо бархӯрдаю ҷо-ҷо шаршарҳои хурд ҳосил карда ба поин медавид ва аҳёнан, садои чир-чиру ку-куи гунҷишкакон аз байни дарахтони Миёнбоғ халалдор мекард. Ин ҳолати табиат баъд аз машқҳои субҳгоҳӣ ба Суҳроб рӯҳ мебахшид ва бо нафасгирии ҳавои поки пагоҳӣ худро сабук ҳис мекарду бо оби сарди форам сару тан мешуст. Ҳоло лаҳзае дар лаби сой сари ду по нишаста, ба об чашм дӯхта монд. Ин дам мурғи хаёлаш ба олами дигар парвоз кард. Ба пеши назар чеҳраи шукуфони Малоҳат омад. Дербоз ӯро нағз мебинад, аммо боре ҳам аз дидани ҷамолаш сер нашудааст, ҳарчанд қалбҳояшон ба ҳам гум мезананд. Ӯро арӯс карданист, аммо ҳанӯз ба касе сирри дил нагуфтааст.

Дар ҳамин асно аз ҷониби чашма овози маҳину фораме бо суруди дилнишин ба атроф пахш шуд. Суҳроб як он ба сӯйи овоз нигоҳ кард ва дид, ки як духтар кӯзаеро ба китф бардошта, ба об меояд. Ӯ низ оғушта дар ҳоюҳаваси худ буд, гӯё ҳама оғӯши субҳ танҳо барои ӯ боз аст. Духтар сурудхонон кӯзаи худро ба рӯйи санги паҳни дарозрӯяи канори чашма гузошту бо завқ дасту рӯ шуст. Ҳамин ки бо остини дарози пироҳанаш оби дастону рухсорашро хушк кард, чашмаш ба Суҳроб афтид. Як қад париду қомати худро рост кард, аз хиҷолат дами оташи сӯзоне гӯё дар тамоми пайкараш давид. Ба гӯшаи

хаёлаш ҳам наомада буд, ки дар ин саҳарӣ, ки ҳанӯз торикӣ парешон нашуда буд, касе ин ҷо бошад. Садои ошно ӯро ба худ овард:

– Малоҳат?! – бо ҳайрату саволомез садо баровард Суҳроб.

– Ин шумоед?

– Ман ҳар пагоҳӣ инҷоям, вале туро намедидам.

– Ман ҳам.

Суҳроб бо ҳарос пироҳанашро пӯшид ва ба сӯйи Малоҳат қадам зад. Аммо духтар каме даступоча шуда, кӯзаи дасташро аз оби чашма пур кард ва ба қафо гашт. Мехост онҳоро касе надида ҳар чи зудтар фирор кунад. Суҳроб бошад, бехаёл ӯро ба гап гирифтанӣ шуд:

– Моро дуо кун, имрӯз ба Моҷарм меравем.

– Шунидам, аллакай дар ҳама ҷо овоза аст.

– Барои ману дӯстонам ин маърака имтиҳони ҷиддӣ хоҳад буд.

– Худо дастгири шумост, албатта дастболо мешавед! – бо дилпурӣ гуфт Малоҳат ва дигар истоданро ҷоиз надида ба роҳ даромад.

– Баъд аз ин сафар домани туро мегирам, ба хонаатон хостгор мефиристам.

Духтар ҷавоб надод, суръати помониашро тезтар кард. Дубора садои Суҳроб баланд шуд:

– Ту розӣ ҳастӣ?

Малоҳат худро ба ношунидагӣ зад ва дар торикии саҳарӣ нопадид шуд.

Суҳроб ҳангоми субҳи барвақт дидани маҳбубаашро ба фоли нек донист. Ҳатто хомӯшии ӯ гӯё ба тану ҷонаш қувват бахшид. Дар ҳақиқат, орзу дошт баъд аз тӯйи Моҷарм хонадор шавад, наздиконаш чандин бор ин пешниҳодро карда буданд.

Суҳроб одате дошт, дар атрофи ҳар коре, ки мехост анҷом диҳад, чанд муддат андеша кунад. Ӯ таваккал ба Худоро дӯст намедошт, дурандеш буд. Тӯйи Салоҳиддинбойро низ то ҳадде барои худ тасаввур мекард, тахмин мезад, ки чӣ паҳлавонҳое хоҳанд омад. Ин ҷо фикри наве ӯро ором намегузошт, ҳис мекард, ки меҳмонон аз дуру наздик, аз манзилҳои кӯҳию даштӣ бояд даъват шуда бошанд. Омадани онҳо гӯё аз вохӯрии дилхароше дарак медод, эҳтимол дошт ҳатто бо ёв рӯ ба рӯ шавад! Вале онҳоеро, ки ба деҳааш ҳамла кардаанд, ӯ мешиносад? На. Пас, кӣ медонад? Оре, Малоҳат медонад,  Ҳалима ҳам, лекин онҳо бо ӯ намераванд. Ин ҷо нақлҳои Қодирамак ба майнааш зад, ки дар хусуси ба тӯдаи ёв чокарӣ кардани хизматгори масҷид гуфта буд. Бале, Бобомурод сардори ёвро мешиносад! Ӯро низ бояд бо худ барад, дар бандубаст ва нигаҳбонии аспонашон низ ёрдамаш мерасад...

Бо тулӯи офтоб ҳашт нафар паҳлавон ва ду хизматгори онҳо дар гузари Доничак гирди ҳам омаданд. Дар ҳавлии оҳангархона деҳхудо бо Усто Хӯҷамурод ва Ҳакимбобо бори дигар шартҳои куштигириро ёдовар шуданд. Қодирамак омирона ба Суҳроб рӯ овард:

– Куштӣ номуси халқи мост! Ҳалол талош кунед, ба хотири молу чиз худро ба обу оташ назанед, сарбаланд баргардед!

– Дар вақти талош ҳаросон нашавед, аз ҳилаи рақиб дар ғафлат намонед! – илова кард Усто Хӯҷамурод.

– Мо ба шумо бовар дорем, – ба гап ҳамроҳ шуд қозӣ, – бешак, пирӯз хоҳед шуд. Ин кӯҳпоя бояд моро шиносад, ба туву ҳамраҳонат Худо мадад диҳад, Суҳробҷон!

– Ё оллоҳ! – гуфт Қодирамак ва дуои сафар хонду ҳама даст ба рӯ кашиданд. Дастаи аспсавори паҳлавонон бо дав ба роҳ даромад ва фурсати зиёде нагузашта аз чашмҳо ғоиб шуд...

Суҳроб, худаш намедонист аз чӣ боис, деҳаи Моҷармро нисбат ба дигар деҳоти кӯҳпоя бештар дӯст медошт. Аз мардони покдилу сахткӯши он ҷо, ки гаперо пинҳон накарда рӯйрост мегуфтанд ва аз мушкилие намеҳаросиданд, хушаш меомад. Ӯ бо ошноёни моҷармии худ чандин бор шинухез карда буд, бо онҳо дар оҳангархонаю

Бозорҷой бисёр вомехӯрд ва ҳамеша шоҳиди муомилаю бархӯрдҳои самимона мешуд. Медид, ки онҳо ҳам дар савдо, ҳам дар гузарондани тӯю идҳо, ҳам дар риояти одобу эҳтиром росткору хушқавланд. Аз он ба шигифт меомад, ки моҷармиҳо номардӣ ва чоплусиро асло таҳаммул надоштанд, ба таъхир наандохта ҷазои фиребгару ситезакор ва ғавғоандозро медоданд. Гузашта аз ин, ҷавонони паҳлавон ва ҷасури Моҷарм ӯро дилхуш мекарданд, ба назараш, сафи онҳо аз ҳар як деҳаи дигар васеътар буд.

Суҳроб медонист, ки деҳаи Моҷарм низ мисли зодгоҳи ӯ қадамҷойи муборак ва макони назаркардаи бузургон аст. Ӯ бо дӯстони худ ба ин ҷо омаду нахуст ба зиёрати «Арча»-и муқаддас шитофт. Болотар аз деҳа, дар синаи доманакӯҳ пушти ҳам хонаҳои сангӣ, ки ҷо-ҷо деворҳои харобшуда доштанд, ба чашм мехӯрданд. Ин истеҳкоми қадимаи моҷармиён буд, ки мисли қалъаҳои кӯҳии Эҷ халқи маҳаллиро аз ҳамлаҳои гоҳу ногоҳи ёв паноҳ медод. Мисли деҳоти дигари кӯҳпоя сойи обе деҳаи Моҷармро ба ду қисм ҷудо мекард, вале ин сой хеле сероб буд. Рӯдхонаеро мемонд, ки мавҷзанон ҷорӣ шуда, тароват ва салқинии худро ба атроф паҳн мекард.

Гурӯҳи Суҳроб аз манзараҳои дилфиреб ба ваҷд омада, гузаштаравон аз канори қабристони «Азизон», лаб-лаби сойи сероб роҳи худро идома дод. Болотар масҷиди бузурги Моҷарм ва онсӯтар аз он дарахти бошаҳомати Арча навомадагонро дар канор гирифт. Суҳроб аз нақлҳои устодаш шунида буд, ки дар кӯҳпояи Нурато кӯҳансолтарин дарахт ҳамин Арчаи Моҷарм аст. Синни он, ба нақле, то якуним ҳазор сол мерасидааст. Устодаш гуфтаи баъзе моҷармиёнро, ки гӯё ниҳоли онро Искандари Мақдунӣ ба хотири даргузашти яке аз лашкаркашони худ нишондааст, рад мекунад. Зеро, ягона сарзамини ободи аз ҳамлаҳои юнониён эминмонда ҳамин кӯҳпояи Нурато аст, ки дар ин ҷо сокинони аз дасти искандариҳо фироркардаи Самарқанду атрофи он будубош ёфтаанд. Чунончи, нахустин бошишгоҳи пайравони Спитаман дар ин кӯҳпоя деҳаи Эҷ будааст ва худ вожаи «эҷ» маънии қалъаро дорад. Ба тадриҷ одамон дар ҳар як дараи хушбоду ҳаво барои хеш истеҳком месозанд ва нишемангоҳҳои худро ободу васеъ карда ба деҳа табдил медиҳанд. Дар натиҷа, аз пайи Эҷ рустоҳои Синтаб, Соб, Моҷарм, Ӯхм, Порашт, Ҳоят, Андагин, Асраф падид омадаанд. Суҳроб оғуштаи хаёл ба Арча наздик шуд. Ин дарахти боҳайбат се шоха, на, се танаи бузурге дошт, ки аз ниҳояти пирӣ ҳар се ба замин хамида буданд. Мегӯянд, ғафсии танаи аслиаш то бисту се газ[1] мерасад, дар ковокии зери он ҳамзамон панҷ нафар метавонанд ҷо шаванд. Ин дарахт чор фасли сол сабз аст ва чун макони тавофу зиёрат ба мардуми Моҷарм ва меҳмонон рӯҳу нафаси тоза мебахшад. Боваре ҳаст, ҳар кас дар ин ҷо орзуву ният мекунад, хостааш бароварда мегардад. Ба хусус, занони зиёраткунанда бо эътимоди беҳад дарахтро тавоф мекунанд. Агар наварӯс аз зери танаи Арча гузашта, дар шохаҳои он порча ё рӯмолаке бандад ва ба кӯдакдор шудан ният кунад, дуояш мустаҷоб мегардад.

Суҳроб бо дӯстонаш дар гирди Арча давр мезаду аз он дур шудан намехост. Аз як сӯ ҳавои атромези атроф, садои гӯшнавози сойи обу булбулу гунҷишкакон ва аз сӯйи дигар ҳам, бӯйи матбӯи Арчаи пир ба онҳо ҳаловат мебахшид. Бо ин ҳол, Суҳроб тавофро канда кард ва ба самти масҷид қадам бардошт. Ҳама дӯстонаш аз қафои ӯ ба айвони масҷид даромаданд. Марди ришу фашдори босалобате, ки дар даст тасбеҳу китоби Каломро нигаҳ медошт, ба пешвозашон баромад. Пас аз салому ҳолпурсӣ ҳама ба дуо нишастанд. Ҳангоми дуохонии имоми масҷид ёду хуши Суҳроб перомуни паҳлавононаш ва мусобиқаи куштӣ давр мезад, аз Худо мехост бо пирӯзӣ ба зодгоҳ баргардад...

[1] **газ** – воҳиди тӯл, ки тақрибан 105 см аст

Аз тарафи мизбонон Назарбек – бародари Салоҳиддинбой гурӯҳи даҳнафараи Суҳробро истиқбол кард. Мусобиқаи куштӣ дар боғи тӯйдор аллакай шурӯъ шуда буд. Аз гавҷуми одамон, ки майдонро печонида буданд, овозу ҳаёҳуйи беохир баланд мешуд. Се нафар ясовул ба маъракаи куштӣ доварӣ мекарданд ва се-чорҷуфтӣ бачаҳои хурдсолро даст ба даст дода ба талош меафканданд. Дуртар аз тӯдаи одамони ҳалқазада, бар рӯйи

девору танаҳои дарахтони атроф духтаракону занҳо низ нишаста, бо шавқ куштигирии бачаҳоро тамошо мекарданд. Бо ин саргармӣ вориди хонаи пазиройӣ шудани Суҳробу ҳамраҳонашро аксарият пай набурданд. Назарбек ба онҳо роҳнамоӣ карда, бо илтифоти зиёд ба атрофи дастархони паҳн, ки пур аз нозу неъмат буд, муроот намуд. Баробари нишастану даст ба дуои муборак бардоштани меҳмонон ӯ ба хизматгузорони дами дар фармуд, ки тез аз пайи чою ғизои гарм раванд. Худаш бо изҳори хушнудӣ ба Суҳроб рӯ овард:

– Хуш омадед, бародарон, нури дида тоҷи сар!

– Ҳамеша ба хушӣ омада бошем, тӯю сур муборак!

– Муборак барои ҳамаи мо, – гуфт Назарбек ва пурсон шуд: – Қодирамаку Қозибобо ва ҳама бародарони эҷӣ саломатанд? Алоҳида даъват карда будем, чаро наомаданд?

Суҳроб қиёфаашро тағйир надода бо ҳамон хушҳолӣ ҷавоб дод:

– Худоё шукр, ҳама хушу сари ҳоланд. Ғайриинтизор, мушкилие пеш омаду дар деҳа мехкӯб шуданд. Худо хоҳад, ба муборак меоянд!

Ин ҷо андак нороҳатии мизбонро пай бурда, дар такмили сухани сарвар Мурод гуфт:

– Ёви лаънатӣ дубора ба гиребонамон дарафтид, ҳама ҷо харобу валангор шуд.

– Эҳ, афсӯс, – оҳ кашид Назарбек, – бесоҳибони пойлуч ҳеҷ гоҳ сер намешаванд, оқибаташ ба хайр ояд...

Куштигирӣ ба марраи авҷаш расида буд. Аллакай паҳлавонони бузургтар даст ба дасти ҳамдигар дода, маъракаро давр мезаданд ва даргири талош мешуданд. Ҷоизаи тӯйдор низ аз солимҳои хурду камбаҳо ба подошҳои арзишдор гузашт. Суҳроб бо бачаҳои худ гӯшаеро хилваттар аз чашмони одамон интихоб карда, бо диққат ҳаракату усулҳои куштигиронро аз назар мегузаронд ва паҳлавонони хурдтари худро омода карда ба талош медаровард. Дар ҳамин асно довари калони маърака ҳозиронро ба оромӣ хонд ва мусобиқаро қатъ карду бо садои баланд ба сухангӯӣ пардохт:

– Бародарон! Акнун навбати калонон расид, мо аз мӯсафедон дуо мегирему ба қисмати асосӣ мегузарем. Барои қувваи худро озмудан паҳлавонон аз чор тараф омадаанд – аз Эҷу Синтаб, аз пушти кӯҳ, аз лаби кӯл, ҳатто аз Дизаку Самарқанд! Дигар бо якдигар куштӣ нагиред, ҳамдигарро нашинохта қувва озмудан завқи бештар дорад. Ҳар чи қадар хоҳед, солими тӯйдор мерасад, – довар ба қатори мӯсафедон рӯ оварду гуфт: – Ё оллоҳ, дуо аз бузургон!

Ҳушу ҳавоси ҳама ба сӯйи пирамардон банд шуд. Аз байни онҳо Бобозуҳури Сӯфӣ, ки риши паҳну дарозаш дар ҷойи нишаст қариб то зонуҳояш мерасид, даст ба дуо бардошт. Суҳроб ин марди нурониро хуб мешинохт, ӯро устодаш сахт ҳурмат мекард. Мегуфт, ин қабил одамон табарруканд, бештар аз худ ғами мардумро мехӯранд. Дӯстӣ бо моҷармиҳо ҳам ба ҳиммату талоши онҳо побарҷост. Суҳроб шунида буд, ки ӯ марди ниҳоят хоксору одӣ аст, дарвешона либос мепӯшад ва хеле доно, ба қавли устодаш, «ҳамадон». Аз ин хотир ҳам, лақаби «сӯфӣ» гирифтааст.

Пас аз дуои мӯсафедон ду ҷавони моҷармӣ, ки дар пайтҳои қаблӣ дастболо шуда буданд, давида ба майдон баромаданд. Аз пайи онҳо як ҷавони пуштикӯҳӣ ва як марди қоқинаи дароз ба назди довар омаданд. Дубора талош оғоз ёфт. Паҳлавонон пасу пеш ба якдигар даст дода, мусобиқаи куштиро ҷаззоб намуданд. Дар ин байн се-чор ҳамроҳи Суҳроб низ ба маърака баромаданд. Ду паҳлавони сойхурдиаш аз ҳама бештар ӯро хушҳол карданд. Ҷастухезкунон куштӣ гирифтани онҳо тамоми ҳозиронро ба ваҷд оварад, дар як он гӯё ҳама мухлиси он ду нафар шуданд. Агарчи ҳар яке се нафарӣ куштигирро мағлуб сохта буд, аҳли Моҷарм бо шавқи беҳад онҳоро ба талоши навбатӣ даъват менамуданд. Вале Суҳроб ба ин роҳ надод, ӯ барои паҳлавонони бузургтараш ҷо холӣ кунонд.

Дар майдон қомати худро рост нигаҳ дошта, усулҳои куштиро бо маҳорат ва ба маврид иҷро намудани Фарҳоду Далер низ тамошобинҳоро ба завқ овард. Вале ҳар ду ба

рақибони севуми худ – яке ба Гурозпаҳлавони моҷармӣ ва дигар ба як куштигири аз Қизилқум омада бой дод. Суҳроб медид, ки дастаи даштиҳо ҳам бо сарулибос ва ҳам бо қиёфаҳои сиёҳҷурдаи худ аз дигарон фарқ мекарданд. Қариб ҳамаашон лоғари қадбаланд буданд ва то баромадан ба майдон чеҳраҳои худро бо шолҳои камбари сиёҳранг пинҳон карда менишастанд. Ҳар қадар ба онҳо таваҷҷуҳ мекард, дар дил ноҳинҷории бештарро эҳсос менамуд. Гӯё ҳузур доштани даштиҳо аз хатаре дарак медод, мисли ин ки оқибати наҳсе дар камин аст. Ӯ дигар майл надошт бачаҳояш бо онҳо куштӣ гиранд, аммо дар ҳамин асно ҳамон паҳлавоне, ки Далерро аз по дароварда буд, дар пеши Мурод сих шуд. Ишораи ӯро довари майдон диду бо овози баланд эълон кард:

– Қиличпаҳлавон Муроди эҷиро ба набард мехоҳад!

Як лаҳза хомӯшӣ ҳукмрон шуд, ҳама ду чашм ба нишастгоҳи дастаи Суҳроб дӯхтанд, мунтазири он буданд, ки Мурод ба ин талаби паҳлавони сахтгир чӣ ҳаракате нишон медиҳад. Бе он ки Суҳроб ҳарфе гӯяд, Мурод бо ғурури мардӣ ҷасту аз ҷо баланд шуд ва дасти паҳлавонро гирифт.

Вақте ки Муроду Қилич бо ҳам даромехтанд, дигар касе дар майдон набуд. Куштигирии ин ду паҳлавони номӣ гӯё ба коми ҳама об андохта буд, танҳо гоҳ-гоҳ аз ҳар гӯшае садоҳои ҳаяҷономези мухлисони бетоқат баланд мешуд. Як пайти тӯлонии озмойишӣ гузашт ва куштигирон дасту тан аз ҳам ҷудо карда, дар гӯшаҳои худ барои рост кардани нафас ба чойхӯрӣ нишастанд. Дар майдон ҷуфти нав – Гурози моҷармӣ, ки ба Фарҳод пирӯз омада буд ва як ҷавони болобаланди пуштикӯҳӣ талоши худро сар кард.

Суҳроб ба Муроди арақшор, ки гӯё аз ҳаври ботинӣ тамоми баданаш месӯхт, маслиҳат дода истода, гӯшакӣ суханашро хулоса кард: «Фақат бояд сари китф кунӣ, қадаш дароз аст. Ба маҳзи ин ки фурсати муносибро дидӣ, аз дур ҳамла кун». Дар ин лаҳза майдон дубора холӣ шуд ва навбат ба ҷуфти Мурод расид, пайти дуюм оғоз ёфт. Аммо Мурод дар ин навбат тамошобинҳоро маътал накард, дар аввалин фурсат мувофиқи маслиҳати Суҳроб бо як ҳаракати камназир рақибро ба сӯйи худ кашиду сари китф кард ва поҳояшро аз осмон овард. Ҳамзамон бо яксон шудани Қилич тамоми маърака гуррӣ аз ҷо хест ва ҳамроҳ бо кафзаниҳои бардавом садоҳои «офарин!», «бале, шери майдон!», «қандата зан!» баланд шудан гирифт. Ҳамин дам марди қадбаланде, ки қиёфаи борики дарозе дошт ва камзӯли баландеро ба китф андохта буд, ба майдон баромад. Мард рост ба назди Мурод, ки дастҳояшро бардошта ба ҷонибдории одамон куллуқ мегуфт, омад ва панҷаашро ба китфи ӯ гузошт. Ин маънии аз пушти одами худ баромаданро дошт.

Суҳроб аз бурди дӯсти худ бо тамоми вуҷуд мешукуфт, аммо ба зоҳир аён намекард. Пирӯзии Мурод як қадами босуботе дар фатҳи қуллаи мурод буд. Ӯ, дар ҳоле ки фирефтаи ҳаёҳу ва хурсандии атрофиён мешуд, аз оринҷаш кашидани касеро ҳис кард. Ба ақиб назар афканду Бобомуроди музтарибҳолро дид. Хизматгор оҳиста гуфт:

– Сардор, ин ҳамон пештози ёв аст, – ва бо такони сар ба сӯйи марди ба назди Мурод баромада ишора кард.

Аммо, ҳоло дер шуда буд, Суҳроб наметавонист Муродро, ки аллакай даст ба даст бо марди борикандом меистод, аз талоши навбатӣ нигаҳ дорад. Суҳроб ба изтироби ниҳонии дилаш акнун пай бурд, донист, ки хавотираш бедарак набудааст. Дигар илоҷе надошт, сели омада бо ҳама ғалаён роҳи худро ёфта ба пеш метохт.

Оре, марди борикбашараи қадбаланд ҳамон пештози ёв буд. Суҳроб ҳис мекард, ки ӯ дидаю дониста ба ин мусобиқа омадааст. То ҳол чор шарики худро маҳз бо ҷавонҳои эҷӣ даст ба гиребон карда буд ва акнун худаш мехоҳад «қасос» гирад. Пас аз ин нияташ чист, барои Суҳроб ноаён. Дар ҳар сурат, ҷойи тарсе нест, ё рақобат ё хусумат! Дар ин васат Гурози моҷармӣ паҳлавони пуштикӯҳиро яктарафа карду дуюмин аспи подоширо соҳиб шуд ва яке аз зӯрмандҳои самарқандӣ бо ҷуссаи бузурги худ, ки дасту поҳои ғафсу каллаи калонаш ҳамаро ба шигифт оварда буд, дар майдон пайдо шуд. Гуроз бе дудилагӣ ба ӯ даст дод ва бо ин нотарсии худ ба кафкӯбии бардавом ва изҳори хушнудии атрофиён мушарраф шуд.

Мурод бори дувум ба майдон баромад. Ин дафъа рақиби ӯ чакана набуд, бадани сахту обутобёфтааш аз тану тӯши ӯ равшан ба назар мерасид. Аз чашмони тези бозикунаш гӯё шарора мепарид, симои ҷиддӣ ва қавоқҳои овезони андуда бо қаҳру ғазаб дошт. Мурод чунин башараи хусуматомезро бори аввал медид, вале асло наҳаросид, бе тарсу бим бо нахустин ишораи довар ба дасту гиребони рақиб часпид. Дар ҳақиқат, бадани оҳанине дошт марди пештоз! Аз ҳаракатҳои Мурод таконе нахӯрда, маҳкам аз миёнбанд гирифт ва ҷуссаи ба пою камараш часпидаи ӯро каме аз замин бардошта, дар даври худ ду-се бор чарх занонд. Бо ин ҳол коре натавонист кунад ва Муроди чун кана ба танаш часпидаро ба замин гузошт. Ба маҳзи ин ки ором шуданд, Мурод дастҳои худро ҷудо накарда бо як амали тез пойи росташро ба пушти поҳои рақиб гузошт ва бо тамоми неру ҷуссаи ӯро ба ақиб андохт. Пайкари мард чун танаи дарахти буридашуда гурсасзанон ба замин афтид. Беихтиёр тамошобинон садоҳои ҳаяҷономез дардода аз ҷо баланд шуданд, вале бо ишораи довар, ки якпаҳлу афтидани куштигирро нишон медод, дубора сари ҷо нишастанд. Аз ҷо хеста, паҳлавонон дубора бо ҳам даромехтанд. Дар фазои хомӯши майдон танҳо гурс-гурс ва қарс-қарс ба замину ба ҳам хӯрдани дасту пойи куштигирон шунида мешуд, аммо ҳеҷ кадом намехост аз по дарояд. Пайти дувум низ бе натиҷа ба итмом расид ва паҳлавонон ба гӯшаҳои худ хазиданд. Довар Гурози моҷармӣ ва паҳлавони самарқандиро ба майдон хост.

«Дасту панҷаи даюс мисли оҳан, – дар ҳоле ки аз ҳалқу бинӣ нафас мекашид, пичиррос зад Мурод ба Суҳроб, – девор чию вай чи фарқ намекунӣ». Суҳроб бозуҳои дӯсти худро молишдеҳон ба сухан омад: «Ту саъй кун ҳамла накунӣ, фақат аксуламал нишон деҳ. Маълум, нобакор пайт мепояд». Мурод тааҷҷуб кард, медид, ки дӯсташ ин бор бар хилофи дарсҳои худ роҳнамоӣ мекунад. Авзои ӯро Суҳроб пай бурд ва зерилабӣ ба ҳарфаш идома дод: «Ин навбати сеюми талошатон аст, коре кун куштиро ба дуранг барӣ». Аммо Мурод манзури ӯро нафаҳмид, аз он ки ин дафъа мехост усулҳои дигарашро ба кор барад, дудила шуд. Бо ин ҳол, пас аз нидои довар ба майдон баромад.

Пайти сеюм боз ҳам тӯлонитар шуд. Азбаски ду рақиб мисли ду наргов ҳамдигарро фақат ба ин сӯву ба он сӯ мекашиданду тела медоданд, мардум дилтанг шуданд. Аз чор тараф гоҳ-гоҳ овозҳои норозиёна садо медод. «Талош кунӣ, дурусттар кун! Ҳавсалаамон сар рафт, охир! – луқма меандохтанд одамон. – Ба ин куштигирӣ солим ҳам ҳайф!»...

Мурод тоқати ин наҳзаниҳоро надошт, таҳаммулро аз даст дода, бо тамоми қувват аз дасту гиребони рақиб гирифт ва хост ӯро бо усули «кашша» аз по дарорад. Маҳз дар ҳамин ҷо марди пештоз аксуламали тезе анҷом дод ва бо дастони неруманди худ маҳкам аз китфу камари Мурод кашида ба ақиб партофт. Мурод бо паҳлу ва ӯ аз болояш ба замин афтиданд. Дар ҳамин лаҳза марди пештоз, гӯё ки касе намебинад, бо зонуи худ зарбаи сахте ба зери бағали рақиб андохт. Бо ин задан овози «қисиррос»-и баланде равшан шунида шуд, Мурод дарди ҷонкоҳеро дар тану ҷони худ ҳис кард магар, “оҳ”-гӯён садо дардод. Ногувории ҳолатро ҳама пай бурданд. Суҳроб, ки бо тамоми вуҷуд талоши онҳоро муоина мекард, аз довар ҳам пештар ҷаста хесту худро ба паҳлавонон расонд ва бо як зарби по марди пештозро аз болои Мурод ба канор зад. Ӯ дӯсти худро, ки бо шикастани қабурғааш аз дарди ҷонгир ҷуссаи худро бардошта наметавонист, дар бағал гирифту ба канор кашид. Дар як он майдон пур аз ҷавонҳои куштигиру мухлис шуд. Довар бо ёрдамчиёни худ одамонро ба канор теладеҳон, ҳамаро ба оромӣ хонд. Вақте ки давра каме сокит шуду ба худ омад, аз байни мӯсафедон садои гирои Бобозуҳур баланд шуд:

– Ҳайфи номи паҳлавонӣ, ба куштии мо иснод овардӣ, Ҷаббор!

– Ин номардро аз маърака берун кунед! – дод зад мӯсафеди дигар, ки паҳлуи бобои Сӯфӣ менишаст ва илова кард: – Солим ҳам дода нашавад!

Довар одамони ба шӯр омадаро, ки суханони мӯсафедонро ҷонибдорӣ мекарданд, ба хомӯшӣ хонда, арз кард:

– Абдуҷаббор қоидаи куштиро вайрон кард. Дар ҳақиқат, ӯ аз майдон берун мешавад ва ҳеҷ инъоме дода нахоҳад шуд. Дигар ҳаққи куштигирӣ ҳам надорад!

Боз садои одамон аз ҳар тараф баланд шуд. Дар дили ғалоғула яке гуфтаҳои доварро ҷонибдорӣ мекард, дигаре ба Абдуҷаббори «номард» лаънат мехонд, севумӣ ба Мурод дил медод...

Айнан ҳамин гуна ҳолат боиси нигаронии Суҳроб буд. Ӯ пештар чунин рӯйдоди дилхарошро ҳис мекард, вале дар пешгирӣ кардани он оҷиз монд. Мурод ду бор маслиҳати ӯро нодида гирифт. Бо ғурури ҷавонӣ нахуст ба паҳлавон даст дод, баъдан ҳам дар корбарии усул пешдастӣ кард. Бо вуҷуди ин, барои ба по хестани Муроди қариб аз ҳуш рафта кумак карду ӯро ба гӯшаи майдон баровард. Ҳамон лаҳза табиби моҳармӣ – Усто Худоёр, ки дар шикастубанд ва сари ҷо гузоштани устухонҳои баромада маҳорати беҳамто дошт, ба наздашон омад. Дарҳол дастзанон маҳалли шикасту латхӯрдаи қабурғаи Муродро ёфт ва бо ду даст аз зеру боло гирифта бехост фишор дод. Мурод аз ғояти дарди ҷонгир дар худ печида рафт, ҳис кард аз чашмонаш гӯё ҳаври оташ баромад. Усто бошад, мамнун аз кори худ, ӯро якпаҳлу хобонд ва дар муҳити қабурғаи латхӯрда марҳам молиду бо камарбанд маҳкам баст. Суҳроб ба дӯсташ чойи гарм дод ва хомӯшона интизор монд, то маърака ба вазъи муқаррарӣ ояд. Ҳама шогирдонаш бо ишораи ӯ дар атрофаш ҷамъ шуданд, нагузошт, ки касе бесарона амал кунад. Абдуҷаббор бошад, бо тазйиқи мардум ноилоҷ майдони куштиро тарк кард ва аз пайи ӯ ҳамраҳонаш низ борхалтаҳои худро гирифта, бо сарҳои хам аз маърака баромада рафтанд.

Мусобиқаи куштӣ дар манзили Салоҳиддинбой ҳанӯз ба поён нарасида буд. Ҳама ҷамъомадагон мунтазир ба паҳлавони асосӣ менишастанд. Як нафар шутур ҳам дар садади тақдим ба соҳиби наваш меистод. Пас аз ором шудани маърака довар аз назди солимдеҳон табақчаеро ба даст гирифт ва бо овози баланд эълон кард:

– Ниҳоят, навбати паҳлавонони бузургамон расид! Олитарин тӯҳфаи соҳибтӯй мунтазири барандаи мусобиқаи имрӯза аст! Ин ҳам табақчаи рамзӣ, ҳар кас довталаб аст, ба майдон барояд!

Ба ҳозирон фурсати чашм кушода бастан надода, Миронқул – ҳамон куштигири ҳайкалдори самарқандӣ, ки ба Гуроз пирӯз шуда буд, ду дасти худро ба боло алвонҷдеҳон ба майдон баромад ва табақчаи дар миён гузоштаро бардошт. Атрофиён аз ин ҷасорати ӯ ба шигифт омаданд ва хушнудона ҷонибдории худро бо кафкӯбӣ баён карданд.

Сипас чанд лаҳза маърака сокиту ором шуд. Ҳама гӯшу ҳуш ба он буданд, ки ба ин паҳлавон кӣ даъвогар мешавад. Дар ин миён чашми ҳама ба Ҷӯраака афтид. Ӯ қомати баланде дошт, аз дасту поҳои бақувват ва шонаҳои паҳнаш маълум буд, ки марди нерумандест. Паҳлавони моҷармӣ орому фурӯтан ба назди мӯйсафедон омад ва сари дузону нишасту дуо гирифт. Ӯ бо овози паст ба мӯйсафедон гапҳое зад, ки Бобозуҳур ба довари майдон фурсати эълон надода, ӯро ба назди худ хонд. Довар баъд аз гирифтани маслиҳат ба тамошобинон рӯ оварда гуфт:

– Бо пешниҳоди Ҷӯрапаҳлавон ва хоҳиши мӯйсафедон Суҳробро ба майдон даъват мекунем!

Ба маҳзи шунидани ин эълон, дар ҳоле, ки касе гӯё интизор набуд, аз байни издиҳом садои дастаҷамъонае аввал пасттар ва рафта-рафта бурротару пурхурӯштар шунида шудан гирифт:

– Суҳроб! Суҳроб! Суҳроб! – мегуфтанд ҳама бо як овоз, ки маънии даъвати паҳлавони эҷӣ ба талошро дошт.

Чунин сурат ёфтани тамошои имрӯзаро Суҳроб низ пешакӣ ҳис карда буд. Ӯ барои ҳамчунин як бархӯрде ботинан худро омода мекард. Имрӯз барояш боз як имконияте фароҳам меомад, ки тавони худ, усулҳои нави паҳлавонии худ ва ниҳоятан, ғуруру сарафрозии эҷиён ва аҳли кӯҳпояро намоиш диҳад. Мисли ҳамеша, лаҳзае торҳои ҳисси мағзи Суҳроб аз қабули доду ғиреви ҷамъшудагон барканда шуд ва боли хаёлот перомуни устодашу манзараҳои зодгоҳи азиз ба парвоз даромад. Ӯ бо вуҷуди худ пай мебурд, ки бо ин талош пуштбони ҳамдеҳагон аст ва орзуву омоли ҳамешагии онҳоро як бори дигар амалӣ хоҳад сохт. Чашмони дурахшон ва пурумеди устодашро равшан дар оинаи назар мунъакис медид, ӯ ба хотири пирӯзиаш дуо мекард...

– Суҳроб! – садои довар паҳлавонро ба худ овард. – Ҳама туро ба майдон мехоҳанд, майл дорӣ бо Миронқул талош кунӣ?

Суҳроб аз ҷо баланд шуд. Далер бо чолокӣ сару либоси ӯро дуруст карду миёнбанди дарозеро ду бор ба даври камараш печонда гиреҳ зад. Суҳроб аз даври дӯстонаш берун омада мустақиман ба назди Ҷӯрапаҳлавон рафт. Бо эҳтиром дасти ӯро гирифту арз кард:

– Тақсир, вақте ки шумо ҳастед, мо чи кораем? Ин охирин дасти куштигирист, хоҳиш мекунам, худатон ба майдон бароед.

– Иззати меҳмон аз ҳама чиз болотар аст. Мехоҳам дар ин кӯҳпоя ту кори моро идома диҳӣ ва ҳоло барои худатро нишон додан фурсати муносиб расидааст. Дудила нашав, иродаатро маҳкам гир, то охир талош кун! Ман ба ту бовар дорам, албатта дастболо мешавӣ!

Суҳроб боз як бори дигар ба мардонагии моҷармиҳо қоил омад. Ӯ медид, ки маъруфтарин паҳлавони кӯҳпоя ба ӯ ҷо холӣ мекунад. Бо изҳори мамнуният даме ба Ҷӯраака чашм дӯхт ва ҳар ду ба ифодаи дастгирӣ дасти якдигарро фушурда монданд. Суҳроб бо ишораи паҳлавон ба назди мӯсафедон рафт ва дар пеши онҳо сари дузону нишаст. Бобозуҳури Сӯфӣ дуо хонд ва ҳама даст ба омин бардоштанд. Сипас Суҳроб вориди майдон шуд ва бо эҳтиром даст ба сӯйи Миронқул дароз кард. Паҳлавони самарқандӣ бо каме заҳрханд дасти ӯро гирифт, вале бо ин қонеъ нашуда барояш бағал кушод. Ҳар ду якдигарро ба оғӯш кашиданд ва аз ин вохӯрии ғайричашмдошти паҳлавонон садои хушнудӣ ва кафкӯбии ҳозирон ба осмон печид. Баъд аз ором шудани маърака ва эълони подоши олӣ, бо дастури довар талоши куштигирон оғоз ёфт.

Ҷиҳати ҷолиби мусобиқа он буд, ки тамоми аҳли Моҷарм, синтабиёну ӯхмиён ва меҳмонони аз Порашту пушти кӯҳ омада – ҳама мухлиси Суҳроб шуда, ҳар як ҳаракат ва усули ӯро бо ҳаяҷони амиқу хушнудии беҳад ҷонибдорӣ мекарданд. Бо нидоюю ҳиссиёти аҳсантомези худ ба ӯ қувват медоданд. Ду куштигири номӣ ба тану тӯши сангин нигоҳ накарда, бо чобукӣ ва амалҳои тезу фавқулодда беназири худ майдони куштиро гарм сохтанд. Дар ин талош паҳлавони самарқандӣ, ки ҳам аз ҳайкали бузург ва ҳам аз равишҳои хоссаи худ фаровон истифода мекард, натавонист ба Суҳроб баробар шавад. Дар пайти сеюм, хастагию бемадории ӯ, ки худро базӯр сари по нигаҳ медошт, ба Суҳроб имкон дод, то дӯстдоштатарин усули худро ба кор барад. Паҳлавони эҷӣ дасти росту гиребони ҳарифро аз пушти гардан маҳкам гирифт ва бо тамоми неру ҷуссаи ӯро ба паҳлуи рости худ бардошта, ҳамоно танутӯши боҳайбати муаллақшударо бо тахти пушт ба замин зад. Дар ин лаҳза маърака ба по хест, мавҷи шодию нишот ва «офарин»-гӯйии ҳозирон бо садои гӯшгир ба осмон печид. Мушаххас буд, ки хурду калон чунин фарҷом ёфтани мусобиқаро мехостанд...

*Зи куштӣ гирифтан сухан буд дӯш,*
*Нагирам фиреби ту з-ин дар макӯш.*

## Тараддуд ба арӯсӣ

Сарбаланд баргаштани Суҳробу шариконаш аҳли деҳаро хушнуд сохт. Ба хусус, Қодирамаку Ҳакимбобои қозӣ ва Усто Хӯҷамурод, ки Суҳробро ба мисли фарзанди худ дӯст медоштанд, аз хурсандӣ дар куртаи худ намеғунҷиданд. Онҳо бори дигар дарк карданд, ки аз дасти ин ҷавонҳои хунгарм ҳар кор меояд, агар бароянон роҳ кушоянд, аҷаб нест, кӯҳро талқон[1] кунанд. Воқеан, ваҳдату якдилӣ чӣ қадар неъмати хубест, ки ба қалби одамҳои ноумед нури хушбинӣ ато мекунад, инсони шикастарӯҳро ба ояндаи нек раҳнамун месозад, тӯдаи аз ҳаёт дилшустаи лаби вартаро ба пас мегардонад. Чунин талошҳои ҷавонмардонаро набояд нодида гирифт, ҳадди ақал ба хотири осудагӣ, барои аз

роҳ бардоштани мушкилоти пеши по афтода. Оре, аз хурдон ҳам омӯхтан камоли мардонагист!

Суҳроб аз Моҷарм баргашт, аммо ҳамроҳи ҳамдеҳагон ёрои хурсандӣ кардан надошт. Шабу рӯз симои лоғару риши тунуки дароз ва чашмҳои бозикуни Абдуҷаббор ва бо нияти бад ба тани дӯсташ зону задани ӯ дар пеши назараш аён мешуд. Наметавонист он ҷусса ва номардии ёви «паҳлавон»-ро фаромӯш кунад. Агар каме дасткӯтаҳӣ мекард, Муродро бой доданаш аҷаб набуд. Ёв инро мехост, зеро барояш на тӯй, на издиҳом аҳамияте дошт. Ӯ нияти ваҳшиёнаи худро амалӣ сохтанӣ буд, ба ҳар тариқе ки дилаш мехост. Суҳроб Моҷармро тарк карду то як санг раҳ аз Абдуҷаббору ҳамраҳони ӯ хавф дошт. Дар маъракаи куштӣ ӯро шинохт, аммо ҳарфе назад, зеро хурсандии тӯйдорро ба ғам кашидан камоли номардӣ мешуд. Вале, пас аз ба роҳ баромадан ба ҳар гуна даргирӣ[2] омода буд. Агар онҳоро медид, шояд худаш пешдастӣ мекард. Вале, зиндагӣ як рӯз нест, ба ҳар ҳол, шинохтани душман ҳам як давлати калон, дафъаи дигар ҳатман ба ӯ нишон хоҳад дод, ки тушбераро хом шумурдааст.

Суҳроб чанд рӯзи дигар фикру хаёлоти печидаи худро бо путкзанию хӯрдани ҳаври сӯзони оҳангархона талофӣ кард[3]. Ҳарчанд устодаш се ҷавони дастбакорро ба ҷойи ӯ кор мефармуд ва ӯро аз заҳмати устохона фориғ сохта буд, худаш қабул накард. Дар айни ҳол чунин мепиндошт, ки ба ҷуз оҳангарӣ шуғли дигаре наметавонад буғзи дилашро берун созад. Гӯё фақат сандону тикаҳои сурхшудаи оҳан, путкзанӣ ва дар об задани қитъаҳои шаклгирифта ба ӯ рӯҳ мебахшиданд ва тақ-туқу ҷаз-ҷизҳои пайи ҳам ғазабу оташи бадбиниро ба шакли обу арақ аз вуҷудаш хориҷ мекарданд. Дар асл, ин гуна рафтор аз дарсҳои устодаш буд ва Қодирамак низ дар чунин мавридҳо худро ба нодидагӣ мезад...

Суҳроб баробари ба низом омадани ҳолати рӯҳиаш ба ёди Малоҳат афтид. Бино ба қавли худ, бояд аммаашро ба хостгорӣ фиристад. Боз киро ҳамроҳ кунад? Ин ҷо дилаш таҳ хӯрд, танҳоии худро ҳис кард, оҳи ҳасратомез аз сина баровард. Агар падару модараш мебуданд, барояш хостгорӣ мерафтанд, ба ягона писари паҳлавони худ бо ғурур духтари дӯстдоштаашро сарбанд мекарданд. Вале сарнавишт онҳоро хеле зуд аз ҳам ҷудо кард, падару модарро сели даҳшатбор ба комаш фурӯ бурду Суҳроби дусола ятим монд. Аз он воқеаи шум чизе барояш маълум нест, вале ба гуфтаи аммааш, гаҳвораи кӯдакӣ ӯро наҷот додааст. Вақте ки шабонгаҳ аз новаи пушти хонаашон сел меояд, ҳама дар хоб будаанд. Мисли ин ки дарёе бо хору буттаю санг омада ҷою ҷогаҳ, ҳавлию боғро зер мекунад ва пагоҳӣ танҳо гаҳвораи ӯро аз зери лою чӯбу чахс, ки ба танаи тут дармондааст, солим дармеоранд. Ҷасади абгору тикашудаи падару модарашро бошад, бо сад азоб аз зери лойқаи таҳи боғ пайдо кардаанд. Ин тақдири шум буду ӯро аммааш – Мунира бо шавҳари худ ба сарпарастӣ мегиранд, онҳо фарзанд надоштанд. Шавҳари аммааш низ ба сабаби беморӣ умри ончунон надида, дар чилсолагӣ аз дунё мегузарад, Мунира ӯро чун фарзанди худ калон мекунад...

Дасти гарму маҳине сару китфи Суҳробро навозиш кард. Аз банди фикру хаёл раҳо ёфту аммаи азизашро болои сар дид ва беихтиёр панҷаи ӯро байни ду кафаш гирифта, ба сари дил пахш кард. Мунира бо меҳрубонӣ пурсид:

– Писарам, чаро ғамгин менамоӣ?

– Ғамгин нестам, – бодеро аз гулу ба дарун кашида гуфт Суҳроб, – як лаҳза гарди ятимӣ хӯрданамро ҳис кардам.

[1] **талқон** – ҳолати майда-майда (хурд, реза) шуда; (мас. қоқи себро дар ҷувоз талқон мекунанд);
[2] **даргирӣ** – ҷангу ҷидол, ҷанҷол;
[3] **талофӣ кардан** – иваз кардан; пур кардани ҷойи он чизе, ки аз даст рафтааст

– Ту танҳо нестӣ, азизам, то замоне, ки зиндаам, худам саробонӣ мекунам.

– Аммаҷони худам! – Суҳроб нимхез шуду худро дар оғӯши бози Мунира ҷо кард ва афзуд: – Акнун ман саробони шумо мешавам, ба ҳолатон мерасам, ҳама коратонро анҷом медиҳам.

Лаҳзае дар оғӯши якдигар хомӯш монданд. Мунира боз ба сухан омад:

– Қадат сафедор барин шудаст, сарата ҷуфт кардан лозим.

Суҳроб ба ваҷд омад. Намедонист аммааш ин қадар зуд манзури ӯро мефаҳмад. Бо ин ҳол, гапро ба сӯйи дигар кашиданӣ шуд:

– Қад ба ин чӣ вобастагӣ дорад, вақте ки ҳанӯз синнам намерасад.

– Чи, мӯйсафед шуда зан гирифтаниӣ?

Суҳроб хандид. Ҳар ду рӯйи кат нишастанд. Мунира суханашро идома дод:

– Шумоён ба Моҷарм рафтеду ман бо Устою Қозибобо гапро пазондам. Чанд рӯзи дигар бояд ба хостгорӣ равем.

– Бе маслиҳати ман? – ба завқ омада гуфт Суҳроб. – Ба кӣ талабгоред?

– Худата ба нодонӣ мезанӣ, шайтон! Фикр мекунӣ, мо чашму гӯш надорем? – бо хушҳолӣ суханашро давом дод Мунира. – Фаромӯш накун, ки калонҳо аз таги замин мор гузарад мефаҳманд!

Суҳроб медид, ки аммааш аз ҳама гап хабар дорад. Охир, магар мешуд хабар надошта бошад, дар ҳоле ки ваю Малоҳатро қариб тамоми қишлоқ медонист! Офтобро бо доман пӯшонда намешавад, аз ин пас хостгорию арӯсиро мебояд ба тезбозӣ андохт. Ӯ бо ин андеша суол кард:

– Кори ман чӣ мешавад?

– Як-ду моҳ аз оҳангархонаи амак дуртар мегардӣ, – гуфт Мунира, – ё шарм намекунӣ?

Ин ҷо ба рухсори Суҳроб сурхӣ дамид, вале худро гум накарда гуфт:

– Боз ҳам хуб! Ба Феҷак меравам, кори дифоъро ба охир мерасонам.

– Дифои чӣ?

– Дастаи фидоӣ ташкил медиҳам, барои муҳофизати деҳа.

Мунира мақсади Сухробро фаҳмид. Дар ҳоле ки ҷасорати додарзодаашро боз як бори дигар пай мебурд, дар худ болид ва бо дили пур ӯро ба оғӯш кашид:

– Худо ба корҳоят омад диҳад, ба мақсадат рас, писарам! – гуфт ӯ оби дидаҳояшро пок карда истода...

Дар он рӯзҳо пиру ҷавони деҳаи Эҷ оромӣ надоштанд. Деҳхудо саъй мекард ба ҳама кор расад ва аз ҳама кор кашад. Вақте ки таъмиру ба роҳ андохтани коргоҳҳои ҳунармандон поён ёфт, ӯ қариб аз ҳар як хонавода як нафарӣ барои гирдуғун кардани ғаллаи Симбулоқ сафарбар намуд. Ба ин кор худи Ҳакимбобо сар шуд. Ӯ одамонро аз чор тарафи майдони ғалла ба дарав андохт ва барои омода кардани гарму хунуки онҳо як гурӯҳ зани деҳаро ҷалб намуд. Ҳашари даравгарон бо мароқ ва иштиёқи баланд мегузашт ва ба ин саргармӣ бодбезакбозию гулточсозии писару духтаракон ҳусни тоза зам мекард. Ҷашни ҳосил эҷиёнро ҳар чи бештар ба сӯйи худ механд ва замини зарнисор бо ҳиммати беандозаи худ ба хуршеди тобон худнамоӣ мекард. Офтоб бо он ҳама гармои худ дар муқобили истодагарии ҳашарчиён гӯё ҳарорате надошт.

Деҳхудо кори хонасозиро низ таътил накард. Устоён аллакай деворҳои хонаи Ҳасанбойро буд карда, ба болору вассамонӣ гузашта буданд. Дар ин ҷо низ аз субҳ то шом кор меҷӯшид ва даст ба даст дода, торафт возеҳтар суроби хонаро медароварданд. Дар ин рӯзҳо Ҳасанбой пушти сари ҳам бузу гӯсфандҳои худро барои хӯрду хӯроки ҳашарчиёну даравгарон ва дастаи фидоии Суҳроб, ки дар қаъри дараи Феҷак дарсҳои варзишу ҳарбӣ мегузаштанд, ҳалол мекард. Дигар маводи ғизоиро, аз ҷумлаи биринҷу растаниҳои донагӣ, бародари савдогараш – Ҳусейн мерасонд. Ҳасанбой, дар ҳақиқат, сарватмандтарин шахси деҳа буд. Ӯ се шохаи даромад дошт: савдогарӣ, молдорӣ ва боғдорӣ. Барои саранҷом кардани корҳояш се нафари мӯътамадро аз наздикони худ баргузида буд. Корвони тиҷоратро ба дасти Ҳусейн дода, рафту омади ӯро ба деҳаҳои атроф, ба пушти кӯҳ ва то Карманаю Миёнкол таъмин мекард. Нигаҳбонии рамаи гӯсфанду буз ва аспонашро ба писари калонии худ – Афзал, ки аз дӯстони Суҳроб буд ва дар аспотозию кӯҳгардӣ ҳамто надошт, супурда буд. Ӯ баъд аз воқеаҳои ахир ин писарашро ба дастаи Суҳроб ҳамроҳ кард ва молҳояшро дар ихтиёри ду ҷияни худ гузошт. Чор боғи серҳосили ӯро, ки пур аз дарахти мевадор ва беду сафедор буданд, деҳқони маъруф – Неъматбобо саришта мекард.

Аз дасти Ҳасанбой камаш панҷ хонавода нон мехӯрданд ва аксари бачаҳои бепарастор ятимони дари ӯ буданд. Вай Қодирамакро сахт ҳурмат мекард ва ҳеҷ гуна хоҳиши ӯро дар замин намегузошт. Ҳоло медид, ки ин садоқаташ арзёбӣ мешавад, ҳамдеҳагон аз як гиребон сар баровaрда, барояш сарпаноҳ месозанд.

Бо ин ки хурду калони деҳа даст ба дасти ҳам дода каму костиҳои рӯзгорро аз байн мебардоштанд, як рӯз вақти пешин – ҳангоми наҳорхӯрии ҳашарчиён маълум шуд, ки Салимбою чанд каси дигар дар деҳа нестанд. Қодирамак ба ғоиб шудани онҳо бо назари шубҳаю гумон нигарист ва дарҳол Усто Хӯҷамуроду Ҳасанбойро ба назди худ чеғ зад. Ба онҳо фармуд, ки ба куҷо рафтани Салимбою ҳамтабақонашро зуд маълум кунанд. Чун Усто дар ин гуна мавридҳо пайгири хубе буд, пурсуҷӯ зиёд тӯл накашид, ҳанӯз оби латта хушк нашуда, ба деҳхудо хабар овард, ки субҳи барвақт панҷ аспакӣ ба тарафи офтоббаро ба роҳ баромадаанд. Усто дар идомаи таҳқиқоти худ бо таъкид арз намуд:

– Ба гумонам, Салимбой хоинӣ мекунад. Ӯ ба ҷониби дашт рафтааст.

– Ба назди ёв? – хавотиромез гуфт Қодирамак.

– Оре.

Деҳхудо малӯлу пакар шуд, афсӯс хӯрд, ки то имрӯз фурсат накард бо Салимбой суҳбати дилуҷонӣ гузаронад. Буздилӣ ва чокарии ӯро ба ёв нағз медонист, вале ҳоло дер шуда буд. Акнун ягона чора – пешгирӣ намудани ҳар ҳодисаест, ки шояд рух диҳад. Бо вуҷуди ин, даст ҷамъ карда нанишаст, бегоҳӣ дӯстони наздики худ ва Сухробро ба хилватхона хонд. Он шаб ба Сухроб дастури қатъӣ дода шуд. Мебоист ӯ гурӯҳҳояшро бо ҳар чӣ ҳаст мусаллаҳ карда, ба дидбонӣ гузорад ва як дастаи тезкорро низ дар Симбулоқ қарор диҳад...

Моҳи саратон ба поён мерасид. Қозӣ Ҳакимбобо бо кумаки ҳамдеҳагон ғаллазори худро сабук кард. Акнун муддате чанд лозим буд, ки хӯшапояҳо ба хубӣ хушк шаванд ва маъракаи хирманкӯбӣ барпо гардад. Ӯ се нафарро ба нигаҳбонии ҳосили даравшуда гузошту ба хона баргашт. Бегоҳии ҳамон рӯз Усто Хӯҷамуроду Мунира мунтазир ба ӯ менишастанд. Сухроб бетоқат буд, чанд бор ба боғ фаромаду ба кӯча баромад, худаш намедонад. Мехост худро ба даст гирад, ҳаяҷони сари дилашро фурӯ нишонад, аммо наметавонист. Ба назараш ин рӯзи панҷшанбеи ҳафта гӯё тӯлонитарин рӯз дар умри дидааш буд. Ӯ ҳис мекард, ки торафт ба маҳбубаи худ наздиктар мешавад, имрӯз нахустин риштаи висол аз назари расму оин васл мегардад. Қарор буд аз тарафи ӯ ба хостгории маҳбубааш раванд, ба талаби касе, ки омода аст тамоми ҳастиашро барои ӯ нисор кунад. Сухроб аз дербоз орзуи расидан ба ин рӯзро дар дил мепарварид.

Каме пештар аз омадани хостгорон, Қодирамак низ пас аз анбор кардани ашёи хоми наврасида дари оҳангархонаро баста ба хона баргашта буд ва бо писараш Собир ба даври дастархон менишаст. Собир писари калонии деҳхудо буд ва ашёи хоми коргоҳи падарро ӯ таъмин мекард. Ин дафъа ҳам баъд аз сафари дуҳафтаӣ ба хона баргашта буд. Баногоҳ, «ё оллоҳ»-гӯён ба ҳавлӣ қадам ранҷа фармудани Устою Қозибобо ва Мунира Қодирамакро каме бе дасту по кард. Дар ин бевақтӣ ҳушдор надода омадани онҳо дарак медод, ки нимкосае таги коса ҳаст. Ба ҳар ҳол, ба иттифоқи писар аз ҷо хесту хушҳолона меҳмонони нохондаро истиқбол кард ва аз ҳама пештар Усто Хӯҷамурод ба сухан омад:

– Моро интизор набудӣ, раис? Бубин, ки баъзан чунин ҳам мешудааст, бе пӯшт-пӯшт дари касеро мекӯфтаӣ.

– Боз ҳам дари деҳхудоро! – ба гап ҳамроҳ шуд Ҳакимбобо.

– Хуш омадед, нури дида тоҷи сар! Мо ҳамеша интизори мисли шумо дӯстон ҳастем.

– Баҳ-баҳ, расидан ба хайр, Собирҷон! – гуфт Усто писари Қодирамакро ба оғӯш кашида. – Сафарат хуш гузашт? Коргоҳи падарро пур кардӣ?

– Раҳмат, шумо ҳам хуш омадед, устоамак! – дарҳол ҳозирҷавобӣ кард Собир. – Маро мешиносед-ку, дасти холӣ барнамегардам.

Пас аз салому алейки гарму самимӣ ҳама ба даври дастархон нишастанд. Меҳмонон расида омадани Собирро ба фоли нек дида хурсанд шуданд. Бештар чеҳраи

Мунира мешукуфт. Ӯ лабханди худро канда накарда ва ба суҳбати мардон эътибор надода, мегуфт:

– Худо сояи худро аз саратон дур накунад, нури хонадонатон доимо равшан бошад, аз лутфи Парвардигор ҳамеша баҳра баред, – ӯ як канори рӯмоли худро ба нисфи рухсораш кашида истода, ба Қодирамак рӯ овард: – Мо намедонистем Собирҷон ҳам инҷост, аммо чун ба нияти хайр омадем, Худо моро ёд кард, ба кӯйи мурод расидан ба ҳама насиб гардад!

– Мо ҳам фақат ҳамин ниятро дорем, қадаму ҳарфи дӯстон рӯйи чашм! – боз кам наомад Қодирамак.

Дар ин асно Малоҳат чойники чою пиёлаҳои додаи янгаашро оварду ба Собир дод ва бо фурӯтанию нози духтарона ба меҳмонон салом гуфту ба ақиб гашт. Як лаҳзаи хомӯшӣ ҳукмрон шуду нишастагон duздакӣ омаду рафти духтарро зери чашм хонданд. Ҳакимбобо хомӯшиpо халалдор кард:

– Фарзандонамон дар амон бошанд, ҳар хонавода бо ин нурҳои чашм файз дорад.

– Рост мегӯед, ин саодати одамони хушбахт аст, – илова кард Мунира, – агар Суҳробам намебуд, шояд зиндагӣ бароям маънӣ надошт, Худоро шукр мекунам.

– Оре, хоҳар, ту неъмати бебаҳо дорӣ, – ба гап ҳамроҳ шуд Қодирамак, – шогирдам маънии зиндагии мост, қаҳрамони мост! Бо ин ҷавон орзуву омоли ҷавониамро рӯйи об меоварам. Деҳа толеи нек доштааст, ки имрӯз мисли ӯ ҷавонмардонро дар канор дорем.

Меҳмонон аз суханҳои гарми деҳхудо ба ваҷд омаданд, агарчи ин гуна эътирофро чандин бор шунида буданд. Дар ҳамин асно Усто Хӯҷамурод асли мақсадро дигар пинҳон нигаҳ надошта, ба сухан омад:

– Бародарам, узри мо низ дар ин бевақтӣ Суҳроб аст. Ин ҷавони «гунаҳкор» моро ба хонаат фиристод, ба рӯфтани остонаат омадем.

– Моро бубахш, дӯстам, хостем мададгори Мунира бошем. Суҳробу духтарат моси якдигаранд, аз инҳо як ҷуфти олиҷаноб дармеояд, – илова кард Ҳакимбобо.

– Чанд вақт пеш мехостам сари писарамро ҷуфт кунам, аммо худатон хабар доред, рӯзҳои охир мушкилоти беадад ба сарамон омад. Ҳоло ин фурсати муносиб даст доду бо сар ба хонаатон давидем, – аз хурсандӣ ба чашмони Мунира ашк ҳалқа зад.

Қодирамак ҳис мекард, ки аҳёнан чунин фикрҳое ба зеҳнаш зада буд, ҳарчанд аз робитаи Суҳробу духтараш хабаре надошт. Ӯ борҳо заҳмату ҳаракатҳои шогирди худро дар ақл баркашида, ба шигифт меомад ва дар мағзи худ орзуҳои аҷибе мебофт. Ҳоло бо ин хостгории дӯстон гӯё ба он орзуҳояш даст медод ва торҳое аз вуҷуди эҳсосро ба таҳрик меовард. Вале сир бой надода, баъд аз андешамандии ба худ хос лаб ба сухан кушод:

– Нияти нек дерӣ ё зудӣ надорад, агар он сидқан бошад, ҳар гоҳе, ки хост бармеояд. Маро бо ин амали худ дар ғафлат гузоштед. Агар росташро гӯям, Суҳроб аз ҷумлаи тимсолҳоест, ки рагу пайи хобмондаи вуҷуди маро барангехтааст ва бачаи солимест, аммо дар ивази пешниҳоде, ки мекунед, бояд фикр кунам. Оре, вақт мехоҳам, то ризоияти ҳамаро бигирам.

– Ту ҳақ дорӣ, раис, – бо тафаккур гуфт Усто Хӯҷамурод, – дигар ҷойи таърифу тавзеҳ надорад, ҳамаашро худат нағз медонӣ. Орзуи мо танҳо бахту саодати бачаҳост.

– Мо бо нияти нек омадем ва умедворем талоши кори хайрамон боиси сарафрозии ҳар яки мо гардад, – илова намуд Ҳакимбобо.

– Духтар фарзанди шумост, додӣ, – Мунира низ ба гап даромад, – мо фақат хоҳиш мекунему халос, он тарафаш кори шумову хости Парвардигор...

Ин суҳбатҳо мешуду аз дарвозаи деҳхудо писараке бо духтари хурдии Раҳимбой – Дилоро, ки ҳар ду аз ҳамсоягони Ҳакимбобо буданд, дартоз даромада омаданд. Онҳо ба нишастагони рӯйи арз салом гуфтанду писарак ба қозӣ рӯ оварда хабар дод:

– Бобо, ба хонаатон меҳмон омад, хостгорон будаанд!

– Гуфтанд, тез мерафтаед! – илова кард Дилоро.

Бо ҳавлу ҳарос ва овози баланд гап задани писару духтар ҳамаро ба завқ овард ва аз шунидани хостгории дигар тааҷҷубу хушҳолиашон бештар гардид.

– Оббо! Намегузоранд корамонро то охир расонем, – бо лаҳни норизо гуфт Ҳакимбобо.

– Не, дӯстам, ин ҷо корамон тамом шуд, акнун навбати духтари туст! – бо хурсандӣ арз кард Усто Хӯҷамурод ва ба деҳхудо нигоҳ карда афзуд: – Раис, ту ҳам омода шав, акнун дар хонаи қозӣ идомаи кори хайрро мегирем.

Ҳама мулоим хандиданд.

## Силии[1] рӯзгор

Ҳарчанд рафтуомад дар байни деҳоти риштакӯҳҳои Нурато кам буд, одамон аз воқеаҳои асосӣ бехабар намемонданд. Беш аз ҳама бозор ва доду гирифти чорпою маҳсулоти мухталиф мардумро ба ҳам наздик мекард. Гоҳ-гоҳ миёни сарони деҳот ва авулҳо ҳангомаю нишастҳои дӯстона доир мегардид, намозҳои ҷамоатро бо ҳам мегузоштанд, якҷоя ид мегирифтанд, таҷриба иваз мекарданд. Дар рӯзҳои охир чанд муддат тӯйи бошукӯҳи Салоҳиддинбойи моҷармӣ вирди забони аҳли пушту пеши риштакӯҳ гардид. Ва ҳар қадар овозаи паҳлавонии Сухроб паҳн мешуд, ҳамон қадар аз деҳаи Эҷ берун андохтани тӯдаҳои ёв ҳангомаи одамонро метафсонд. Бисёр аҳли завқи деҳоти кӯҳпоя мардонагии ҷавонони эҷиро беш аз будаш васф мекарданд ва ҳар ҷо мерафтанд, дигар на аз хоксорию содагӣ, балки дар хусуси иродаи сахту нотарсии эҷиён нақлҳо мебофтанд.

Бар хилофи шӯру ҳаяҷон ва шодмонии аҳли кӯҳпоя, Хоҷа Тағой ва одамони ӯ дар Қизилқум чӯби кинаю ғазаб мехойиданд. Онҳо аз як манбаи даромади худ маҳрум шуда, шабу рӯз ба юриши нав омодагӣ медиданд. Хоҷа Тағой галаи асп ва рамаи гӯсфанд дошт ва шиками одамонашро фақат бо гӯшт сер мекард. Дар юрти ӯ аз қудуқ об мехӯрданд, сабзавоту меваҷотро хеле кам медиданд. Корашон доимо ҳамлавар шудан ба бошишгоҳу деҳоти атроф буд ва аз ин маҳал ниёзҳои зиндагии худро фароҳам меоварданд. Онҳо низ аслиҳаи ончунон надоштанд, аммо ҳар як аспакӣ ҳадди ақал ханҷару камонашро аз даст намегузошт. Сарбозони ёв ба махзи ин ки барои ҳамла ба деҳот фармон мегирифтанд, аз хурсандӣ кулоҳашонро ба осмон мепартофтанд. Онҳо бо иштиҳои карнай ва бо иштиёқи баланд ба сӯйи кӯҳистониён асп медавонданд, зеро медонистанд, ки аз ин юриш як олам ғанимат ба дасташон меояд. Вале чунин кӯзаи тамаъ аз дасти эҷиён пора-пора шуд. Нахустин бор ёв ба ҷойи деҳотиёни гурезаву эҳтиёткор душмани сахтмуштеро дар муқобили худ дид. Абдуҷаббор дар пеши хоҷааш шарманда шуд ва бо оташе, ки вуҷудашро рӯз ба рӯз бештар месӯзонд, намедонист худро ба куҷо занад. Ӯ рӯз мешумурд ва мунтазири фармон буд, то як бори дигар ба Эҷ ҳамла кунад ва хунбаҳои мурдаҳояшро ситонад.

Дар айни ин гуна ҳасратхӯриҳо баногоҳ дар назди юртҳо пайдо шудани панҷ аспакӣ ба дасти ёвҳо лаҷоми умед бахшид. Абдуҷаббор асло ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки аз байни эҷиҳо гурӯҳе бо узру тамаллуқ ба наздаш меоянд. Сараввал ба онҳо бо чашми шубҳа нигарист, аммо чун дид дастовези зиёд доранд ва бо пушаймонӣ сухан гуфта, барои густохии чанд ҷавони бесари деҳа узр мепурсанд, аз бадгумонӣ даргузашт. Онҳоро мустақим ба пеши хоҷааш бурд ва бо таъзиму ҳавои хушнудӣ арз кард:

– Худо, зоҳиран, дарди дили моро шунида, хоҷам! Бо сад афсӯсу пушаймонӣ ва бахшиш гурӯҳе аз Эҷ омадааст, барои таҳқиқ ин ҷо овардам, то худатон суҳбат кунед.

[1] **силӣ** – шаппотӣ, торсакӣ

Бо ишораи Хоҷа Тағой аз роҳ расидагонро ба дохили хайма хонданд. Панҷ нафар бо чеҳра ва либосҳои гарду хоколуд ворид шуда, сари дузону рӯ ба рӯйи сардори ёв нишастанд. Хоҷа Тағой дидан замон аввалиро шинохт:

– Салимбой?! – бо шигифт гуфт ӯ ва афзуд: – Соли гузашта ҳиммататон беандоза буд, имсол чӣ ҷине зад шуморо?

Марди шоффбурут, ҳамон Салимбое, ки дар маҷлиси Қодирамак норозигӣ баён карда буд, аз ниҳояти хастагӣ базӯр нимханди хунуке зада ба сухан омад:

– Гоҳе мардуми мо ақли худро мехӯранд, намедонанд, ки ин нодонӣ барояшон хеле гарон меафтад. Ин дафъа ду-се ҷавони бесар ҷони ҳамаро бар рӯйи қил гузоштанд.

– Яъне нодонӣ то ҷое, ки қариб сӣ нафар аскари маро ба доми марг кашидед? Фикр мекунӣ, ду-се ҷавон аз бесарӣ ин корро карданду сарони деҳа аз он хабаре надоштанд?

– Деҳа куҷою сарвар куҷо? – бо тамаллуқи бештар ба суханаш идома дод Салимбой, – гумон мекунанд бо ин ҷасорат деҳаро наҷот медиҳанд. Аммо, акнун об аз сар гузашт, бо бузургии худ моро бубахшед. Қавл медиҳам, ҳар гоҳ ташриф овардед, худам молу манол ҳадя мекунам, гунаҳкоронро бо дасти худ месупорам.

– Ба гуфтаи ту гӯш мекунанд?

– Ба ман бовар кунед, дар ин кор таҷриба дорам.

– То имрӯз касе маро ин қадар таҳқир накарда буд, ман Эҷро ба хок яксон мекунам!

– Ба мо раҳм кунед, хоҷа! – Салимбой ва аз пайи ӯ ҳамраҳонаш пешонӣ ба замин зада таъзим намуданд ва чанд бор садои «раҳм кунед» аз тарафи онҳо баланд шуд.

Хоҷа Тағой ба Абдуҷаббор рӯ оварда амр кард:

– Касе хабар наёбад, ки инҳо асири моянд, то замони юриш дар зиндон нигаҳ дор!

– Амратон рӯйи чашм! – ҷавоб дод Абдуҷаббор ва бо дағалии ёвона қамчини дасти худро баланд карду ба сару дӯши Салимбой фаровард ва фармон дод: – Ба пеш!

Аз рӯзе, ки гурӯҳи панҷнафараи Салимбой деҳаро тарк карда буд, як моҳ мегузашт. Бедому дарак шудани онҳо Қодирамакро ба хавотир меандохт. Агар, аз як сӯ, эҳтимоли хоинӣ карданашон ӯро нороҳат месохт, аз ҷониби дигар, номардӣ ва ҷоҳилии ёв, ки метавонист ба ҳар навъ аз асирони худ истифода барад, ҳавосашро парешон мекард. Ӯ аз фош шудани маҳалли машқу дидбонҳои деҳа ё дастаи фидоӣ боке надошт, зеро бо Суҳроб усулҳои нави пешгирӣ аз ҳуҷуми душманро махфиёна андешида буд, аммо аз он метарсид, ки ёв метавонист гурӯҳи Салимбойро дар ҳамлаи худ чун сипар ба кор барад. Агар аз дасти сарбозони Суҳроб онҳо ба қатл расанд, дар байни авлодҳо бархестани низои сахт аз эҳтимол дур нест. Бе ин ҳам, аллакай дар байни одамон овоза паҳн шудааст, ки гӯё Салимбой аз дасти сарони деҳа қаҳр карда, ба ҷойи дигар сар гирифтааст. Бо ин ҳол, деҳхудо ҳар рӯз ҳамроҳи дӯстони худ ба аёдати хешону наздикони ӯ мерафт ва бо онҳо пайваста дар хусуси рафоқату ҳамкорӣ суҳбатҳо мегузаронд. Саъй мекард, дили онҳоро ба корҳои деҳа гарм созад ва умедашонро барои расидан ба дидори сарварашон қавитар гардонад.

Бо ин ҳама, моҳи асад аз нисф гузашту бар замми зиндагии орому осуда сокинони Эҷро баргузории ду ҷашни арӯсӣ боз ҳам хушҳолтар сохт. Рӯзи аввал ба гузари Доничак, ба хонаи Мунира арӯс фаромад ва рӯзи дувум деҳотиён хурсандии худро дар манзили осиёбони деҳа – Мирзоалӣ идома доданд. Пайи ҳам дар ду рӯз ду аспи ороста саворaҳои нозанини худ – Малоҳату Ҳалимаро ба даргоҳи ошиқони беқарорашон – Суҳробу Мурод расонданд. Рақсу бозиҳо дар атрофи гулхан, дафзанию дуторнавозӣ ҳамроҳ бо оҳангҳои шоду дилнишин, изҳори сухану дуоҳои нек, аз оташу дуди ҳазориспанд гузаштани наварӯсон, ба ҳам дидани нозу неъматҳои тӯёна аҳли деҳа ва меҳмонони аз атроф омадаро ба ваҷд оварду муддате аз ғаму ташвишҳои рӯзгор фориғ сохт. Барпо шудани арӯсии ду ҷавонмарди деҳа ба ҳукми рамзи тозае буд, ки гӯё ҳаёти деҳа низ мисли хонаводаҳои нав нафаси тоза мегирифт ва саҳифаи истиқлолро дар китоби торихи худ дубора боз мекард.

Вале, ҳанӯз ҳавои хурсандӣ аз кӯю дари одамон пароканда нашуда, хабари наҳсе деҳаи Эҷро бо пардаи яъс пӯшонд. Агар он ҳангом касе доду фиғони Усто Хӯҷамуродро медиду мешунид, гумон мекард раъди беохиреро осмону фалак ба замин мезанад. Ӯ наметавонист худро нигаҳ дорад, бо дилошӯбии сахт то манзили Қодирамак расиду ҳамаро ба доми гиряву шеван андохт. Ӯ дод мегуфту гашта-гашта бо овози баланди аламолуд ба забон меомад: «Куштаанд, писаратро куштаанд, дӯстам! Э вой! Дод аз дасти

қотилон!». Дили нарму сабук доштани Усторо ҳама медонист ва ӯ дар рӯзҳои мотам аз решаҳои қалб фиғон мебардошт, вале ин дам гӯё вуҷудаш месӯхт, аз дарду сӯзи беохир нола мекард. Дар гузарҳо ба дунболи ӯ одамон мепайвастанд ва ҳама гирякунон ба дилбардории деҳхудо мешитофтанд. Дере нагузашта аз пайи издиҳом Суҳробу Мурод ҷасади беҷони Собирро даровარданд. Гиряю фиғони зану мард бо ҳам омехта шуда ба фалак печид, ҳама дасту по ба замин мезаданд, рӯю мӯйи худро харошидаву канда, ашки хунолуд мерехтанд. Он рӯз хонаю дари Қодирамак ба мотамсаро табдил ёфт.

Деҳхудо аз чунин силии рӯзгор дар ғафлат монд. Азбаски дар наздикиҳои Эҷ кони оҳан набуд, писараш маҷбур мешуд бо дастёрони худ ба роҳи дур барояд ва аз бозорҳои дурдасти Карманаю Миёнкол ё Дизаку Ургут ашёи хом ҷамъ кунад. Ӯ боре ҳам барои эҳё намудани Ғори Конҳо, ки аз самти рости дараи Феҷак дар фарози кӯҳ воқеъ буд ва дар замонҳои пеш аз он ҷо ҷинси оҳан мегирифтаанд, саъй намуд. Лекин он кӯшишҳояш бар абас рафт, ғори тангу торик ва ҷо-ҷо фурӯрафтаю заҳкашида нишонае аз филиз надошт. Ин буд, ки сафари навбатии ҷигарбандаш бо нокомӣ поён ёфт ва ӯро аз даст доду ҷомаю миёнбанд ба бар ва тоқии азо ба сар кард. Писарашро авбошони хуношоми ёв дар роҳи Дизак ба қатл расондаанд. Агар дӯстони моҷармиаш намедиданд, шояд ҷасадаш ҳам тӯъмаи ҳайвонҳои ваҳшӣ мегардид. Маълум набуд, ки чи касе дар хусуси сафари ӯ ба ёв хабаркашӣ кардааст.

Аз Қодирамак бештар Суҳроб ҷойи нишаст намеёфт. Агарчи бо азобе дар худ ирода пайдо мекард, намедонист бо чӣ забоне дарди Малоҳатро сабук кунад. Маҳбубааш дар ғами бародари ҷавонмарг шабу рӯз мегирист, гулуяш аз гиряи беҳад гирифта буд. Мунираамма аз сари ӯ дур намерафт. Бо вуҷуди ин, Суҳроб ба хубӣ дарк мекард, ки ин амали ёв ҳушдордиҳии огоҳона ба ӯ ва ҳамразмонаш аст. Қадамро мебояд дониста бардошт, онҳо нияти қасосгирӣ доранд!

## Ҷумъаи фархундапай

Ба назар мерасид, ки ёв ба юриши навбатии худ шитоб надорад. Инро деҳотиён ҳам нағз мефаҳмиданд, зеро ҳанӯз замони ҳамла нарасида буд. Ёв ҳамеша дар ду даври ҳосил ба ғоратгарӣ даст мезад ва даври дуюм ба миёнаҳои фасли тирамоҳ рост меомад. Ба эҳтимоли зиёд, Хоҷа Тағой мехост бо як тир ду нишонро занад, яъне ҳам қасос гирад, ҳам дастоварди фаровонро соҳиб шавад. Ӯ ҳар сол дар ин фасл ёвигарӣ карда, барои зимистони одамони юрташ молу неъмати фаровон мебурд. Мардуми кӯҳистонӣ маҷбур буданд аз як сӯ боҷу андози гумоштаҳои аморати Бухороро пардохт намоянд ва аз сӯйи дигар, ба зулми ёвҳои ваҳшӣ таҳаммул кунанд. Аз ҳосили бардоштаи гандуму ҷав, меваҷоти хушк, сабзавот ва чорвои хурду калон бо мушкилӣ миқдореро барои рӯзгузаронӣ нигаҳ медоштанд. Саъй мекарданд маҳсулоти худро ҳар чи бештар дар зерзаминиҳо ва каҳдону анборҳои махфӣ пинҳон кунанд, то чашмгуруснаҳо камтар ба яғмо баранд.

Имсол бошад, сарварони деҳаи Эҷ тамоми дарҳоро ба рӯйи ёв бастанд. Ҳар чи бодобод, аҳд карданд то охирин фурсат бо душман рӯ ба рӯ шаванд ва пою қадамашро аз роҳи таҷовуз барканананд. Бо ин мақсад дастаҳои пешгарди Суҳроб, ки ҳар яке даҳнафарӣ буд, дар Симбулоқ, нарасида ба қишлоқ дар саргаҳи новаи Қамишак, дар шонаи фурӯхамидаи Кӯҳи Сафед ва дар Пиритурк нишеман гирифтанд. Суҳроб хеле муҳим будани набарди ояндаро нағз дарк мекард ва барои сангар сохтан дар муқобили ёв аз тамоми имкониятҳо истифода мебурд. Ӯ қариб ҳар як хонавода, устоён ва сарватдорон, хурду калони деҳаро ба роҳандозии кори дифоъ ҷалб кард. Тез-тез бо падарарӯсаш ва Ҳакимбобою Усто Хӯҷамурод вохӯрӣ мегузаронд ва аз онҳо ба хотири пешрафти амалиёт маслиҳатҳо мегирифт. Назорати посбонҳо ва дастаи Пиритуркро куллан ба ӯҳдаи Мурод супорид, Фарҳодро ба дастаи Симбулоқ ва Ҷасурро ба дастаи саргаҳи Қамишак масъул

гузошт. Гурӯҳи асосии ҷанговарро дар канори Кӯҳи Сафед, ки қарор буд дар даромадгоҳи деҳа аввалин шуда бо ёв рӯ ба рӯ шавад, худаш раҳбарӣ мекард.

Дар ин рӯзҳо, агарчи Қодирамак азодор буд, кори оҳангархона таътил нашуд. Саъй мекарданд ҳар чи бештар корди ҷангӣ, шамшер ва тиру камон созанд, зеро то имрӯз ба сохтани аслиҳа диққати зиёд дода намешуд. Оҳангарон қолибҳои асбобу анҷоми рӯзгор ва кишоварзиро дар канор гузоштанд ва тамоми фаъолиятро ба силоҳсозӣ равона карданд. Ҳамчунин таҳия намудани наълу зину абзори асп суръат гирифт. Суҳроб қариб ҳар рӯз вақт ёфта, ба оҳангархона саре мезад ва аз рафти кор мамнун шуда, худаш низ муддате ҳаври оташ мехӯрд ё путк мезад. Хушбахтона, ашёи хом ба қадри кофӣ мерасид, Собир – худораҳматӣ тайи сафарҳои худ маводи зиёд захира карда буд. Қодирамак сафи устоҳои оҳангарро васеътар намуда, ду кӯраи дигарро ба роҳ андохт ва чанд сандону болғаи дар гӯшаҳо бекор хобидаро низ ба истифода гирифт. Ҳис мекард, ки оҳангархона на фақат дар тӯли умри ӯ, балки дар тӯли мавҷудияташ чунин авҷи корро надидааст. Кулолгарон, дӯкондорон ва ҳатто савдогарон доираи кори худро маҳдуд карда, барои ёрмандӣ дар атрофи Қодирамак ҷамъ шуданд. Шӯру ҳаяҷон, давутоз ва ҷунбуҷӯли деҳотиён ба авҷ расид, касе худро аз омодагӣ ба ҷанги душман канор намегирифт ва онҳоро сарварон, то ҷое, ки муҳим медонистанд, ҳидоят мекарданд.

Дар ин миён кори манзилсозӣ барои Ҳасанбой низ ба итмом расид. Ҳарчанд он дову дастгаҳи пештара набуд, аммо сарпаноҳе муҷаз ва хушнамо бунёд гардид. Як анбори хурд ва оташдону танӯр ҳам дар назди иморат сохта шуд. Ҳасанбой баробари хушк шудани андоваҳои дохилу беруни хона кӯч баст ва пас аз ҷойгир шудан дарҳол маъракаи хонадароёнро тартиб дод ва ҳамдеҳагонро даъват намуд. Ҷашни бӯрёкӯбонро ба хотири деҳхудо, ки аз дилаш доғи фарзанд ҳанӯз зудуда нашуда буд, он қадар бо тантана нагузаронд. Дар ҳузури меҳмонон Зокирҳофиз аз оҳангҳои вазнини худ сароид ва Шоҳназари танбӯрчӣ ба оҳангҳои ӯ ҷӯр шуд. Мӯйсафедон пайи ҳам сухан гуфта дуою ниятҳои нек карданд. Ҳасанбой дар паҳлуи дӯстони худ ҳам шод буду ҳам ашк мерехт. Кӣ медонад, шояд набудани ҳамсараш гоҳе ӯро аз хурсандӣ ба риққат мекашиду дилу шушаш пурбод мешуд? Бо ин ҳол, дар канори ҳамдеҳагони баландҳиммат худро озод ҳис мекард ва ба Худо шукр мегуфт. Дар дили нишаст бо як даста гилему пойандоз даромада омадани дӯкондори деҳа ҳамаро ба ваҷд овард. Акнун Қодирамак фаҳмид, ки чаро ин дӯсташро ҳангоми ташвишҳои охир хеле кам медид. Маълум шуд, ӯ низ ором наистода, шабу рӯз дӯкондорӣ кардааст ва ҳоло аз дастбофтҳои нави худ барои хонаи Ҳасанбой тӯҳфа меовард.

Бо даргузашти рӯзҳои гарми тобистон фазои сабзи деҳаи Эҷ тунуктар шуд. Дар боғот ба ҷуз дарахтҳои биҳӣ, анор, себи бегоҳӣ[1], ношпӯтӣ[2], синҷид, харра[3] дигар ягон ниҳоли мевадор ба назар намерасид. Ҳатто чормағзҳоро тоза чида буданд. Занон ба навбат меваҳои хушкро рӯйи бому арзакҳо халта карда, ба анбору таххонаҳои худ мекашонданд ва ҳар чи бештар қоқи себу тутмавизро дар ҷувозҳои бобоӣ кӯфта, талқон захира мекарданд. Ҳакимбобо ба овардани ҷуволҳои гандуму ҷави худ, ки баъд аз хирманкӯбию аз ғалбер гузарондан ба кашондан омода буданд, шитоб намекард, ба назараш то омадану рафтани ёв Симбулоқ амнтар менамуд. Фақат ҳосили заминҳои обчакорию харбузаро комилан барои ҳамқишлоқиҳо кашонд. Минҷумла, дар маросими бӯрёкӯбони Ҳасанбой аз харбузаҳои хуштамъи худ пешкаш кард.

Бо фаро расидани моҳи мизон омадани мусофирон аз деҳаҳои кӯҳпоя ва пушти кӯҳ, аз самти авулҳои қазоқнишин зиёд шудан гирифт. Ҳар рӯзи ҷумъа Бозорҷойи Тепилелок гавҷум мешуд. Харидуфурӯш ва додугирифти ҳосилу дастсохтҳои мардумӣ ба авҷ мерасид. Дар ин рӯзҳо эҳтиёткорӣ ва давутози Суҳробу ҷосусонаш бештар шуд. Ӯ асосан дар гузарҳои Пиритурку Кӯҳи Сафед, ки ду даромадгоҳи асосии деҳа дар поёни хатсайрҳои Нуратою Боғдон ва роҳи Шӯркӯл буданд, ҳар як харсавору аспакиро ба хубӣ санҷида мегузаронд. Меҳмонон низ бори нахуст чунин бозҷӯйиҳоро медиданд ва бо ҳайрат каме бедасту по шуда, манзури ташрифи худро мефаҳмонданд. Суҳроб ба хотири эҳтиёт се нафарро бо сардории Шуҷоъ дар қисми болоии деҳа, дар дараи Авға, ки ягона

роҳи расидан аз деҳоти пушти кӯҳ буд, низ гузошт. Онҳо ҳам омадурафти одамонро назорат мекарданд.

Айнан дар ҳамин айёми пурҷӯшу хурӯши зиндагӣ, вақте ки даст ба даст намерасиду ҳар кас баракаи заҳматҳои худро дар тарозу медид ва аз пайи кори зиёд роҳати худро эҳсос мекард, дар нахустин рӯзи ҷумъаи моҳи мизон дубора хабари наҳс мардумро нооором сохт. Чопари фиристодаи Фарҳод аз Симбулоқ ба маҳзи расидан ба дари деҳа додзанон ба самти гузари Доничак сарболо шуд ва «Ёв омад! Ёв омад! Ёв омад»-гӯён беист ҳамаро хабардор кард. Ҳамзамон бо расидани ӯ посбонҳои фарози Тепилелок низ оташи «бонги хатар»-ро равшан карданд. Дар ин ҳангом Суҳроб бо Қодирамаку Ҳакимбобо ва Усто Хӯҷамурод, гӯё ки пай бурда бошанд, дар хусуси ҳамлаи ёв ва пешгирии он охирин музокираи худро гузаронда, аз хилватхонаи деҳхудо берун меомаданд. Бо шунидани бонги хатар Суҳроб намози ҷумъаро, ки мебоист дар Масҷиди Баландӣ гузоранд, «қазо» карда, дарҳол савори асп шуд ва бо виқор ба Қодирамаку ҳамраҳонаш рӯ оварда гуфт:

– Ман имрӯз бо дасти рост хестам ва ин рӯзи ҷумъаро бо пиндори нек дидам ва шумо ҳам асло хавотир накашед! Ҳамин замон ҳама понагиён дар Хондону Дарифеҷак ҷамъ мешаванд, онҳоро ба оромӣ хонед ва моро дуо кунед!

– Ё оллоҳ, Худо мададгору ёвари шумо бошад! – бо овози баланд гуфт Қодирамак. – Пайрави тарҳи рехтаамон амал кунед, иншооллоҳ, ғолиб мешавед!

– Хотират ҷамъ бошад, фаромӯш накун, ки дар қафоят мо ҳам ҳастем! – илова кард Ҳакимбобо.

– Эй Парвардигор, ба ин ҷавонҳои хунгарму нигаҳбон худат қувват деҳ, онҳоро ба манзили орзуву мурод расон! Пирӯз бош, писари азиз, Суҳробҷон! – дуо кард Усто Хӯҷамурод ва ҳама даст ба рӯ кашиданд.

Суҳроб қамчини маҳкам ба кафали аспаш зад ва саманди бодпойи ӯ бо чорхези баланд ба сӯйи майдони муҳориба роҳ пеш гирифт.

Дар айни ҳол хурду калони гузарҳои поёнии деҳа муҳимтарин чизҳои худро гирифта, бо муташаккилӣ ба сӯйи Дарифеҷак, ки қаблан огоҳӣ ёфта буданд, раҳсипор шуданд. Бозорҷойи Тепилелок дар як зум холӣ шуд. Меҳмонони аз дуру наздик омада низ бо ошноюо дӯстони эҷии худ ба ақибгоҳ рафтанд. Барои мардуми Эҷ нахустин бор чунин рӯҳияти болида дар ҳангоми ҳамлаи ёв даст медод. Онҳо мисли дафъаҳои пеш намеҳаросиданд, шӯру фиғон намекарданд, балки бо итминон ба неруи фарзандони худ по бардошта, ба маҳалли ҷамъшавӣ меомаданд. Онҳо дигар ба дараи Феҷак, ба қалъаи он ва ё ба самти Авға фирор намекарданд, балки дар худи деҳа гирди ҳам ҷамъ мешуданд, то дар фурсати муносиб ба фарзандон дасти мадад дароз кунанд. Аз ҳама бештар, мӯсафедон ва сарварони деҳа аз ин рӯҳияти ҳамдеҳагон хурсанд буданд ва ба ҳар ҳол, ҳар касеро, ки ёрои талош кардан дошт, бо теғу тешаву табар мусаллаҳ мекарданд. Онҳо ният доштанд, то лаҳзаи охирин бо душман мубориза баранд. Бо дастури Қодирамак табиби деҳа низ бо шогирдони худ тамоми доруворӣ ва анҷомашро гирифта ба Масҷиди Баландӣ рафт ва дар он ҷо ба омода кардани ҷойи пазиройӣ, порчаҳои захмбандӣ, оби гарм ва дорую дармон дасту остин барзад.

Суҳроб ба сари дастаи худ омад. Сарбозонаш аллакай дар шонаи Кӯҳи Сафед камин гирифта, омода ба амри сардор менишастанд. Қарор буд ин даста нахустин набардро бо душман истиқбол кунад ва гурӯҳҳои дигар дар ҳангоми авҷи задухӯрд ба имдод расанд. Суҳроб мехост танҳо бо се даста ёвро торумор кунад ва фақат дар сурати лозим шудан сарбозони Пиритурк ба ҳарбу зарб дароянд. Ин дастаи ақибгоҳӣ бештар бо манзури эҳтиёт ва тақвият меистод. Бешак, чунин даргириҳо бе талафот намешаванд, аммо Суҳроб бо усули ҷангии худ ҳадди ақали қурбониро дар назар дошт, асло намехост ҳатто як нафар аз ёронаш ба ҳалокат расад.

Вақти зиёде нагузашта, аз теппагии Мазормиёна гарду ғубори ғализе ба осмон баромад. Аз пушти чанги ғафс сару калла ва аспҳои бешумор намудор шуданд ва ҳамроҳ бо он талотум садои қиюҷуви савораҳо низ ба гӯш расидан гирифт. Суҳроб пай бурд, ки ёв

ба Симбулоқ ҳамла накардааст ва ҳадафаш ҳар чи тезтар расидан ба Эҷ аст. Ӯ медид, ки саворони ёв кам нестанд, тӯдаи онҳо мисли корвони каҷукилеби мӯрчаҳо то хеле ҷо тӯл мекашид. Зоҳиран, Абдуҷаббори лаин тамоми мардҳои худро ба талаю тороҷ ва қасосгирӣ меовард. Онҳо бехабар аз садде, ки ҷилавашонро мегирифт, бо тамоми неру ба пеш медавиданд.

Суҳроб ба сарбозони дастаи худ амр дода буд, ки то расидани гурӯҳи пешгарди ёв ба нисфи барозии Кӯҳи Сафед ҳеҷ ҳаракате нишон надиҳанд. Дар воқеъ, барои ворид шудан ба деҳа ҳар каси аз роҳ расидаро лозим меомад, ки дар самти муқобил ба фарозе баланде бароояд. Айнан ҳамин баландӣ суръати саворонро суст мекард ва аз боло истода ба нишон гирифтани онҳо осонтар мешуд.

Дигар, лаҳзаи ҳаяҷоновар фаро расид. Аз миёни гарду ғубор дар ҳавои шӯру мағали беохир тану тӯши аспакиҳо равшан дида шуд. Ба маҳзи ин ки саворони ёв то поёни бароз расиданд, Суҳроб дасти рости худро боло кард ва ба камонандозӣ ишораи «омода бош»-ро дод. Душман кам набуд, ба назари ҷавонони деҳа, ки нахустин бор бо чунин манзара рӯ ба рӯ мешуданд, мисли лашкари мӯру малах ҷилва мекард. Аммо заррае тарс ба дили онҳо роҳ наёфт, зеро бо тамоми рӯҳу ҷисми худ ба чунин як муҳориба омодагӣ доштанд, онҳоро Суҳробу дӯстонаш обутоб дода буданд. Ниҳоят, фурсати аксулҳуҷум фаро расид, Суҳроб қоматашро рост карду бо садои баланд фармон дод:

– Ба сари душман тир андозед! – худаш низ ҳамоно мавқеи муносиб гирифту як даста тири камонро бо зарб ба замин зада халонд. Ӯ ҳар дафъа дутоӣ тирро дар зеҳи камон кашида, ба сӯйи душман андохтан гирифт ва бо овози гиро сари ҳар тир холӣ кардан дод мезад: – Кӯтоҳӣ накунед, шермардон, аз камин набаромада камон андозед!

Ин тирандозии ногаҳонӣ саворони ёвро ба таҳлукаи сахт афканд, онҳо сари калобаи худро гум карда, ба ҳар сӯ парешон шуданд. Аспҳо аз дасти соҳибони гарангшудаи худ дар нисфи бароз аз ҳаракат бозмонда, беназмии сахт ба вуҷуд оварданд. Пеш-пеши саворони ёв худи Хоҷа Тағою Абдуҷаббор меомаданд. Онҳо аз бархӯрди ғайриинтизор ба ташвиш афтиданд, аммо худро бой надоданд. Як лаҳза Хоҷа Тағой надонист чӣ кор кунад, дар ҳоле ки аспаш сари ҷо давр зада меистод, бо чашми худ тап-тап ба замин яксон шудани сарбозони тирхӯрдаро тамошо кард. Абдуҷаббор бошад, дарҳол ба асли қазия воқиф шуд ва бе он ки хоҷааш амре диҳад, тез худро ба канор гирифт ва бо овози баланд ба аскарон дод зад:

– Пароканда нашавед! Ба ақиб нагардед! Ҳама ба пеш, ба ҳуҷум!

Бо ӯ як идда савора аспони худро бо зӯри позанӣ ба пеш давонданд. Аммо ҳамон замон тирҳои партобкардаи Суҳробу дӯстонаш чанд нафарро аз асп ба замин афканд. Абдуҷаббор маҷбур шуд ақибнишинӣ кунад. Ӯ аскарони худро дар давраш ҷамъ карду дубора ба баландӣ асп давонд. Ин дафъа дастааш бештар буд ва бо вуҷуди тирхӯрӣ тавонистанд то болотар барозро азхуд кунанд. То ин ҷо Хоҷа Тағой низ ба худ омад ва дар давру бари аскарони парокандашуда давиду онҳоро бо фармони баланд ба ҳуҷум фаро хонд.

Суҳроб чун ҳис кард аз ин баъд камонандозӣ суде надорад, дарҳол амр дод, ки аспонро ҳозир кунанд. Ҳамон замон ҷавонҳои масъул аз қафотар аспҳоро ба Суҳробу сарбозонаш расонданд. Айнан дар ҳамин лаҳза дастаи Ҷасур, ки аз саргаҳи Қамишак берун омада буд, аз қафои душман ба ҳамла сар кард. Суҳроб аз баландӣ онҳоро диду қувват гирифт ва бо як ҷаҳиш ба аспи омода савор шуду ба дастаи худ фармон дод:

– Ҳама шамшерҳоро аз ғилоф кашед, душманро нобуд кунед! Ёв саросема аст, мо пирӯз мешавем!

Аскарони пештози Абдуҷаббор ҳанӯз то баландӣ нарасида буданд. Хоҷа Тағой низ ба онҳо пайваст нашуда буд. Як гурӯҳ низ аз онҳо ҷудо ҳанӯз дар поини бароз буд. Ин гусастагии силсилаи ёв ба сарбозони Суҳроб имкон медод, ки осонтар ба маҳви душман даст ёбанд. Нахустин бор ёрони Суҳроб бо тӯдаи Абдуҷаббор даромехтанд. Ҳамон лаҳза садои чако-чаки шамшерҳо беист баромадан гирифт. Азбаски пайи ҳам аскарони маҷрӯҳу захмишуда ба замин меафтиданд, аз зери суми аспони девонаавзоъ, ки шеҳакашон ба ҳар

сӯ сар мекашиданд, фарёди ҷонхароши онҳо ба гӯш мерасид. Абдуҷаббор муваффақ шуд, ки ду сарбозро аз по дарорад, аммо дигар дар муҳосира монд. Дар ҳамин ҷо Хоҷа Тағой хост ба имдодаш расад, вале дигар дер шуда буд. Аз қафо дастаи Фарҳод низ расида омад ва ба гурӯҳи Ҷасур пайваста, аскарони ёвро бештар ба танг оварданд. Ҷанги сахт ба амал омад, задухӯрди беназме то чанд муддат тӯл кашид. Дастаҳои Суҳроб тӯдаи чошу пареши ёвро аз по даровараданд, Хоҷа Тағой бо чанд нафар муҳофизи худ дар муҳосира монд. Хеле ҷолиб он буд, ки дар гирду бари ӯ Салимбой ва ҳамраҳонаш низ буданд ва ду муҳофизи Хоҷа Тағой гардани Салимбойро аз ду ҷониб бо шамшер нигаҳ медоштанд. Суҳроб дар шигифт монд, чанд гоҳе бо ҳамраҳони худ гирд-гирди онҳо давр зада истод. Муҳофизон омода буданд бо як дастандозӣ сари Салимбойро аз тан ҷудо кунанд ва ду чашм ба Суҳроб дӯхта ҳаракатҳои ӯро мехонданд. Дар ин лаҳза, ногаҳон, аз ду корди партофташуда саворахое, ки Салимбойро дар дами шамшер нигаҳ медоштанд, паси ҳам ба замин афтиданд. Ин амали Ҷасуру ҳамраҳи ӯ буд, ки дар муқобили Суҳроб аз бетаваҷҷуҳии душман бамавкеъ истифода бурданд. Ҳамон лаҳза бархӯрди кӯтоҳе ба амал омад. Ба ғайр аз Салимбою Хоҷа Тағой тамоми аскарони ёв ва бо дасти онҳо ҳамраҳони Салимбой кушта шуданд.

Вақте ки Суҳроб сарвари ёвро асир гирифт, поинтар аз онҳо Абдуҷаббор охирин имконияти худро ба кор бурд ва бо чанд аскар ради сарбозони Фарҳодро буриду ба ақиб фирор кард. Дар ҳамин ҷо Суҳроб даст боло карда Фарҳодро, ки бо дӯстони худ ба таъқиби ёв афтиданӣ буд, нигаҳ дошт. Ӯ оромона камонашро аз китф гирифт ва тире дар зеҳи он кашиду ба сӯйи фирориён андохт. Тири паррондаи ӯ дар фосилаи бештар аз як чақрим дуруст ба шиками аспи чипори Абдуҷаббор хӯрд. Ҷонвар шеҳаи баланде кашиду ба канори ҷода сарнагун шуд ва соҳибаш муаллақ гардида, чанд қадам дуртар ба рӯйи санглохиҳои замин ғелида рафт. Он вақт Суҳроб ба Фарҳод супурд, ки Абдуҷаббори замингазидаро дастбаста оварад. Ӯ нагузошт ёвҳои боқимондаи фироркарда дастгир шаванд, зеро зинда мондани онҳо дигар барояш аҳамияте надошт...

Аввалин рӯзи ҷумъаи моҳи мизон. Хуршед ба самти мағриб моил шуда, бо нурҳои шикастаи худ, ки дигар гармие надоштанд, ба сӯйи Суҳробу сарбозони пирӯзаш чашмак мезад. Ҳаво софу осмон беғубор буд, фақат насими фораме аз тарафи боғоти деҳа ба машом мевазид. Аз пушту пеши шохаҳои дарахтон низ беохир садои овозхонии паррандаҳо ба гӯш меомад. Суҳроб ва ҳамраҳони ӯ лаҷоми аспҳоро раҳо карда буданд, онҳо ба майли худ қадам монда, ба сӯйи Дарифеҷак мерафтанд. Сарбозони маҷрӯҳу захмишуда савори асп буданд ва аз дунболи онҳо аскарон лаҷоми чанд аспро бо ҷасади ҳалокшудагон дошта меомаданд. Дар назди чашмаи Дарифеҷак дастаи Мурод аз кӯчаи самти рост ба Суҳроб ҳамроҳ шуд. Ҳама аз аспҳо пиёда шуданд ва якдигарро дар бағал кашидаву ба ҳам даст дода, бо хурсандии беҳад пирӯзиро табрик гуфтанд. Сарбозони ғолибро дар назди Масҷиди Баландӣ сарварони деҳа ва хурду калон бо шодбошии бепоён пешвоз гирифтанд. Пеш аз он, ки Суҳроб ба ҳалқаи ҳамдеҳагон пайвандад, амали ғайричашмдоште анҷом дод. Ӯ камону шамшери худро баланд бардошту ба сӯйи мардуми якдафъа хомӯшшуда арз кард:

– Аз Парвардигор илтиҷо мекунам, дигар ин василаҳоро ба кор набарем! – ва ҳамон лаҳза силоҳҳояшро онсӯтар ба замин партофт. Аз пайи ӯ сарбозонаш низ бо тартиб ярокҳои худро гузоштан гирифтанд. Дар як он «теппачаи»-и камону шамшеру табар ҳосил шуд. Қодирамак ашки хурсандиро аз чашмонаш поккунон аз суфаи назди масҷид бо ифтихор ба забон омад:

– Мо ёвро аз решааш сарнагун кардем! Ин пирӯзӣ ба ҳамаи шумо муборак бод! Аҳсант ба ҷавонҳои далеру матин!

Аз ҳар сӯ садою нидоҳои шодбош ва муборак баланд шудан гирифт. Он рӯзи неку босаодати ҷумъа дар ҳушу ёди эҷиён муҳр баст, ҳама чунин мепиндоштанд, ки бо ин пирӯзӣ заминае барои ояндаи неку дурахшон муҳайё гардид.

Рӯзи дигар марду зани деҳа, бе он ки дастури сарварони худро мунтазир шаванд, дар назди ҷувозхона ҷамъ омаданд. Онҳо бо шӯру қиём қаҳру ғазаби то ҳафт мағзи ҷон

нишастаи худро ба сари ду душмани асиршуда рехтанд, Хоҷа Тағой ва Абдуҷаббори «ҷаллод»-и дасту по баста бераҳмона сангсор шуданд. Он рӯз Абдуҷаббори ёв аз ҳама пеш чеҳраҳои пурхашму қасосхоҳи Малоҳату Ҳалимаро дар рӯ ба рӯйи худ дид ва нахустин зарбаҳои сахти сангро аз дасти онҳо хӯрд. Дар он дам тамоми вуҷудаш аз ғояти тарсу ваҳм меларзид, чашмони мисли гурдаи гов ало шудааш беист бозикунон раҳму шафқат мехостанд. Равшан медид, ки умри зулму ситам ба мардуми бегуноҳ хеле кӯтоҳ асту золим зиндагии ончуноне надида ба қаҳри Офаридгор гирифтор мешавад.

Баъд аз зуҳр ба Қодирамаку шариконаш хабар оварданд, ки одамони авлоди Салимбой ба рӯйи сарвари хоини худ сиёҳии дег молидаанд ва ӯро бо либосҳои ҷулҳундӣ ба харе чаппа савор карда, аз деҳа ба берун рондаанд...

# ҲИКОЯҲО
## (Достонҳои кӯтоҳ)



**Чунин аст расми саройи сипанҷ,**
**Гаҳе нозу нӯшу гаҳе дарду ранҷ.**

***(Фирдавсӣ)***

## ДОҒИ РӮЙИ САНГ

Баъд аз сукути тӯлонӣ, дар ҳоле ки сарамро хам карда ба поҳои чорзону задаам чашм дӯхта менишастам, ғиҷирроси дар маро ба худ овард. Дар рӯ ба рӯ модарамро дидам: ба сар рӯймоли сафеду ба тан пироҳани нилгуни тира дошт ва аз чеҳраи ҳамеша шукуфонаш асаре намонда буд. Ба назар мерасид, ки чашмонаш ҳанӯз ҳам маъюсу ликлиқи ашк аст. Шаш моҳи азодорӣ ӯро наҳифу нимҷон карда буд. Бо лабони парсинбаста ёрои ҳарф задан надошт. Фақат аз бехи дил оҳ мекашид, гоҳе нола мекард. Ӯ наметавонист ба хости сарнавишт, ки ягона ҷигарбандаш – бародари ба ҷону дил баробараш бемаҳал аз дунё гузашта буд, муросо кунад. Дарди ҷудоӣ, пазмонии ёду рӯйи бародар тамоми ҳастиашро бо пардаи ғам мепӯшонд.

Модарам паҳлуи ман нишаста, сарамро силакунон ба китфаш пахш кард. Ӯ медонист, ки тағои раҳматиам аз байни ҷиянҳояш маро бештар дӯст медошт. Тағоям пайваста ба ман меҳрубонӣ мекард, зуд-зуд омада маро бо худ мебурд. Мехост, ҳар ҷо равад, ҳар коре кунад, ман дар канораш бошам. Банда низ ин меҳрубониҳои тағоро бо ҷону дил қабул мекардам ва ҳар рӯзу ҳар соат, баъди дарсҳову вақтҳои фароғат бесаброна мунтазири ӯ менишастам, роҳашро мепоидам. Сад дареғ, он чи дилам хост на он шуд, он чи Худо хост ҳамон шуд – марги ногаҳонӣ тағои азизамро аз мо даррабуд. Аз он рӯзи наҳс шаш моҳ мегузарад, вале ҳанӯз ҳам ҷойи холиаш маъмулӣ нашудааст. То ба ҳол тану тӯши барҷаставу лоғар ва тавони мардонаи ӯ, чашмони равшану тезаш, ки чун уқоби дурбин резтарин ашёро аз фосилаи дур медид, чеҳраи гандумгун ва мӯйлабҳои ғафсаш, ки салобати ӯро афзунтар мекарданд ва ба хусус, ҳаракатҳои чолоконаю қадаммониҳои боустувораш аз пеши назар, аз сафҳаи хотирам дур намегардад.

Як рӯз, пеш аз он, ки ҷон ба Ҷаббор таслим кунад, тағоям маро бо худ ба кӯҳ бурд. Мо бар фарози кӯҳи Қушхона баромадем. Ӯ борхалта ва туфанги худро дар канор гузошту ба рӯйи тахтасанге, рӯ ба дараи пурпечутоб ва тӯлонии Пиргирӯд нишаст. Ман ҳам бо чолокии ба худ хос хез зада ба болои тахтасанг ҷаҳидам ва дар бағалдасташ ҷо гирифтам.

Офтоб болои сарамон ханда мекард, ҳаво гарм буд, аммо насими мулоиме вазида меистод ва сару тани моро навозишкунон ба ҷонҳо ҳаловат мебахшид. Дар муқобили мо дар зери осмони обӣ ва соф дараи Пиргирӯд бо тамоми ҷару ҷӯ, талу теппа, новаю қуллаҳои кӯҳии худ худнамоӣ мекард. Шахи паҳни нишебдор ва хокистариранги Обчикак, теғаҳои харсангии пушти кӯҳи Харкуш, новаи сердолу дарахти Чайлоко ва зови заб-зарди боҳайбати Пашкан, ки дар баландтарин кӯҳи пешгоҳи дара қомат афрохта буд, гӯё як қадам онсӯтар аз мо қарор доштанд, дар сурате ки роҳи расидан то ба онҳо аз яку ним-ду фарсах кам набуд.

Тағоям, дар ҳоле ки аз манзараи атроф чашм намеканд, бо як даст ба китфи ман тап-тап зада ба сухан даромад:

– Медонӣ, ман кистам? – пурсид ӯ.

Хандаам омаду бо шӯхӣ ҷавоб додам:

– Не, намешиносам.

– Мақсадам, касби ман чист? – ҷиддитар пурсид дубора.

– Шумо, тағоҷон, егер[1] ҳастед! Егере, ки ҳама милтиқбадастони ҳаваскор аз шумо мурданивор метарсанд!

– Мехоҳам ту низ мисли ман шавӣ, ҷиян, – афзуд ӯ, – нагузорӣ, ки ин боқимонда табиати кӯҳсорамонро хароб кунанд.

Тағоям даме ба сукут рафт. Хам шуду аз борхалтааш бастаи сигорро баровард ва аз он як дона гирифту чанд муддат байни ангуштонаш бозӣ доронда истод. Сипас нахи сигорро равшан карда ба лаб бурд ва бо чашмони нимапӯш дуди тамокуро чукур дам кашид. Зоҳиран, баъд аз лаҳзае, ки заҳри дудро дар ҳама роҳи нафас ва мағзи косахонаҳои

---

[1] *егер* – муҳофизи табиат ва мамнӯъгоҳҳои давлатӣ

чашмаш ҳис кард, онро чун карнайи печкаамон ба берун сар дод ва боз ба сухан омад:

– Лекин, ҷиян, пеш аз муҳофизи табиат шудан бояд ба ҳама пешомад худатро омода кунӣ. Душманонат бисёр мешаванд, туро аз ҳар кунҷаку бурчак поида мегарданд. Мунтазири ҳолате хоҳанд шуд, ки чашматро чапғалат дода, ба мақсади хабиси худ расанд. Агар ҳушёрӣ накунӣ, худатро низ ба нишон мегиранд. Аз дасти шикорчиёни худхоҳ Худо паноҳ диҳад!

– Охир, кӯҳу кӯтал ҳар чӣ дорад моли ҳама аст. Чаро мо нагузорем, ки одамон аз неъматҳои он баҳра баранд? – донотарошӣ кардам ман.

– Рост мегӯйӣ, ҷиян, – бо ҳамон мароми пештара ба ҳарфаш идома дод тағоям, – аз неъматҳои кӯҳу кӯтал бояд баҳра бурд, аммо бо инсоф! Медонӣ, модарам чиҳоро таъриф мекард? Ӯ мегуфт, ки дар солҳои ҷавонӣ наметавонистаанд ба осонӣ то кунҷи ҳамин дараи Пиргирӯд раванд. Сою ҷарҳои дара то ҷое сердолу дарахт будааст, ки маҷбур мешудаанд аз харҳо пиёда шуда роҳи худро идома диҳанд. Ҳоло бошад, бубин, дарахт он сӯ истад, решааш ҳам намондааст. Тарбурии одамони бераҳм табиати нозанинро бенур кард. Гузашта аз муҳити сабз, олами ҳайвоноти кӯҳӣ низ ба дасти фано меафтад. То дирӯз даста-даста кабкони хушхиром, ки садои қақар-қақари онҳо тамоми деҳаро фаро мегирифт ва ҳатто дар дили рӯз аз кӯҳҳо поин омада аз чашмаҳои дохили деҳа об мехӯрданд, ҳусни табиати мо буданд. Афсӯс, ки онҳо низ мисли ғурмҳои бовиқор ва шохбаланди кӯҳӣ аз назарҳо ғойиб мешаванд. Аз оҳуҳои қадим бошад, аллакай на ном ҳасту на нишон. Ризқу рӯзии халқи мо аксаран аз ҳисоби бузу гӯсфандони хонагӣ аст, аммо, бадбахтона, дар чарогоҳҳои кӯҳии онҳо низ изи шикорчиёни молдузд торафт зиёд мешавад. Магар мумкин аст аз ҳамаи ин чашм пӯшид? То кай ба ин ҳол тамошобин шуда мегардем?...

Он замон равшан ҳис мекардам, ки тағоям ғами кӯҳсору ҳамдеҳагони кӯҳистонии худро мехӯрд. Дилаш ба ҳоли табиати урёну холишуда аз неъматҳои худодод месӯхт. Мехост бо тамоми вуҷуд ғановати боқимондаро посдорӣ кунад. Идомаи сӯҳбаташ боз ҳам ҷолибтар буд ва маро ба шигифт овард. Ӯ мегуфт:

– Нигоҳ кун, ҷиян, дар рӯ ба рӯямон зови Пашканро мебинӣ?

– Оре, – бо аломати тасдиқ сар ҷунбондам ман.

– Гӯё дар пешгоҳи дара синаи кӯҳро буридаанду лавҳи баландеро дар он насб кардаанд.

– Оре.

– Аммо дар асл он шахи ҳамвори баландест, ки табиат решаҳояшро дар дили кӯҳ ҷо карда, рӯяашро соф тарошида, партгоҳе босалобат ҳосил намудааст, – гуфт тағоям ва афзуд: – Оё дидай, дар баданаи он зов чӣ ғайриодӣ менамояд?

– Зов заб-зард аст, аммо дар миёнҷо доғҳои қирмизранг дорад.

– Боракаллоҳ, ба фикри ту он доғи чист?

– Намедонам.

– Нақл мекунанд, дар замонҳои пеш, дар ҳамон миёнҷойи зов мурғи зарринболе лона дошт. Он мурғ чунон зебо, чунон нурафшон, чунон дилрабо буд, ки ҳар як бинанда соатҳои зиёд ба он чашм дӯхта, аз тамошояш сер намешуд. Бо мурури вақт, дар байни халқ овозае гӯш ба гӯш мерасад, ки агар ҳар касе соҳиби он мурғи зарринбол шавад, соҳиби сарвату давлати беинтиҳо мегардад. Бо ин васваса, боре як марди бофандаи камбағал таноби дарозу маҳкаме мебофад ва дар иштиёқи ғанӣ шудан бо писари чордаҳсолаи худ ба болои зов мебарояд. Аз он ҷо писарашро ба сари таноб баста, ба поин овезон мекунад. Писар ба маҳзи ин ки ба мурғ расиданӣ буд, таноб ришта-ришта шуда канда меравад ва навраси ноком чун кулӯхи ҳаводода ба таги зов сарозер меафтад. Ҳуш аз сари марди бофанда мепарад ва бо ҳавлу ҳарос давр зада, худро ба таги зов мерасонад. Мебинад, ки аз писараш хабаре нест, ба ҷуз тану устухонҳои рез-рез шудаи ӯ. Мард бо доду фиғон устухонрезаҳои фарзандро ҷамъ карда дар халта меандозад ва ба деҳа барнагашта, девонаавзоъ дар ҳамон кӯҳу кӯтал гаштан мегирад. Мегӯянд, ҳар гоҳ касе шабонгаҳ ба он дара ояд, садои нолаю афғони он мардро мешунавад.

Тағоям каме ором шуд. Боз як дона сигорро берун оварду равшан кард ва онро дудкунон, чун пай бурд ман ба нақли ӯ бо майли тамом гӯш мекунам, ба суханаш идома дод:

– Аммо доғҳои қирмизранг торихи дилхароштар доранд, – гуфт ӯ ва ба нақли ривояти дигар пардохт: – Бо ҳирси бойшавӣ як марди шикорчӣ низ барои ба дом афкандани мурғи нурафшон дасту остин бармезанад. Ӯ дар доманакӯҳи рӯ ба рӯйи зов камин гирифта, баъд аз нишонгирии тӯлонӣ ба мурғ камон меандозад. Як он садои бархӯрдани тири камон чун овози раъд дар тамоми дара пахш мешавад ва аз нишемангоҳи мурғ оташаке чун барқ шарора мезанад. Марди шикорчӣ аз ин садои гулдурросӣ ва оташаки ғайричашмдошт худро гум мекунад ва беҳуш шуда ба замин меафтад. Вақте ки ба худ меояд, мебинад, на мурғ ҳасту на як дона пари нурафшон. Фақат дар маҳалли лонаи он «мояи сарват» доғу хат-хатиҳои сурх ба чашм мерасиданду халос. Ба эҳтимоли зиёд, мурғи афсонавӣ захмӣ шуда, лаккаҳои хунаш ба рӯйи санг монда буданд. Вале ба куҷо нопадид шудани онро ҳеҷ кас намедонад. Марди шикорчӣ баъд аз амали бебарори худ ноумеду дилтанг мешавад. Сипас, бо рӯҳафтодагӣ ҳамин ки мехоҳад камингоҳро тарк кунад, пай мебарад, ки дармони ҳаракат надорад. Он замон ӯ на фақат дармони ҳаракат надошт, балки ҳар ду крояш шал шуда буд. Бо ин ҳол марди ба фарқи сар чӯби тақдир хӯрда то охири умр пушаймону хору залил боқӣ мемонад. Аз он ки мардуми худро аз неъмати худододи табиат маҳрум карда буд, то рӯзҳои вопасин тану ҷонаш аз азобҳои алими рӯҳӣ фориғ намегардад.

Ин ҷо тағоям хомӯш монд. Ман ҳам бо ақли норасои худ аз нақлҳои ӯ ба таври худ хулосаҳоеро дар мизони ақл бармекашидам. Ҳоло мебинам, ки он замон охирин сӯҳбати ман бо пирам будааст. Рӯзи дигар хабари аз дунё гузаштани ӯро шунидам. Мегуфтанд, гӯё дар хонааш буғӣ шуда ҷон додааст ва то ҳол маълум нест, ки ӯро кӣ буғӣ карда буд…

Ман бесадо аз назди модарам баланд шудам. Дар кунҷи хона дарпӯши сандуқи чӯбинамонро боз карда, аз он туфанги тағоямро ба даст гирифтам. Медидам, ки дар чашмони модарам ашк ҳалқа мезанад ва оби дида дар зери мижгонҳояш медурахшиду бо нури умеде, ки қалби маро фаро гирифта буд, ҳамхонӣ дошт. Ба ӯ нигоҳкунон беовоз туфангро рӯйи китф гузоштам.

## ЧАШМАИ ХОЛМУРОД

Ӯ дасташро ба шишаи тиреза ва пешониашро ба пушти дасташ такя дода ба берун дида медӯхт. Аз ошёнаи сеюм тамошо кардани ҳавлӣ ва роҳакҳои байни хонаҳои бисёртабақа хеле дилангез буд: даву тоз ва ҳаёҳуйи беинтиҳои писару духтаракон; дар ду ҷониб бо сӯҳбатҳои гарм даври ҳам нишастани пирамардони маҳалла ва занони ҳангоматалаб; тараддуди беохири одамон, ки яқинан аз пайи кореву ташвише мешитофтанд ва дар байни онҳо сигналзанон зуд-зуд гузаштани мошинҳои сабукрав… Агарчи ин ҳаёти зиндаи шаҳриён хаёли ӯро рабуда буд, дар асл дарк мекард, ки фикру тахайюлаш побанди эҳсосоти дигар аст. Вуҷуди ӯро бештар меҳри дилбастагӣ ба зодгоҳу ёрони айёми бачагӣ фаро мегирифт. Ҳарчанд то омадан ба ин диёр чандин кӯҳу пушта, кӯлу дарё, дашту водӣ паси сар мондаанд, боз ҳам ҳис мекард, ки насими диловези манзили бобоӣ, роиҳаи меҳрогини дӯстони зодбумӣ ба машом мевазад ва роҳату ҳаловати ниҳоние бо хумор тану ҷонро навозиш мекунад. Дил мехоҳад он накҳати расида ҳамвора пайки тозаву хуш бошаду мураттаб аз рӯзгори осудаи азизон навиду пайғомҳои тоза оварда истад.

Аммо, ба таъбири «то дам ҳаст, ғам ҳаст», хабари наҳсе ин дафъа вуҷудашро ба раъша афканд. Ӯ шунид, ки яке аз дӯстони қишлоқиаш сахт маҷрӯҳ ва рӯйиҷойӣ шудааст. Бо ин хабар роҳаташро гум кард, мушаввашу парешонхотир шабро ба рӯз нагузошта, роҳи зодгоҳро пеш гирифт...

Ду ёри қарин – яке дар бистари беморӣ, ки рӯ ба боло наҷунбида дароз мекашид ва дигаре бо дили хунобшуда, дар ҳоле ки дасти нимҷону рангпаридаи дӯсташро бо панҷаи

худ сахт дошта, паҳлуяш менишаст, наметавонистанд оби дидаҳои худро нигаҳ доранд. Бемор канда-канда дар байни гиряҳояш мегуфт: «Ҳама орзуҳоям ба бод рафт, ҷӯра, дигар умеде аз зиндагӣ надорам». Ӯ бошад, дил доданӣ мешуд: «Ин тавр нагӯ. Ту ҳоло ба по мехезӣ, кори бисёр мекунӣ. Фақат аз Худо илтиҷо кун, албатта, шифо меёбӣ». Аммо бемор ноумедона меафзуд: «Не, чашмам намерасад. Аз Тошканд ҷавоб доданд. Шунидам, сутунмӯҳраам ҷудо шудааст. То замоне, ки нафас мегирам, бояд наҷунбида хоб равам».

Ӯ ёрои гап задан надошт. Гӯё дар китфонаш вазнаҳое баста бошанд, бо синаи гирифта наметавонист осуда нафас кашад. Дасти дӯсташро маҳкамтар фишурд, мӯҳои сахту ҷингилашудаи ӯро ба қафо сила кард. Чун ҳар чи зудтар ба по хестани дӯсташро аз Худо мехост, ба давру бари ӯ зеҳн монда, ба андеша фурӯ рафт.

Солҳои бачагӣ аз ҳам ҷудо намешуданд. Онҳо ҳамсояи девордармиён буданд ва ҳамеша бо як ишора якдигарро фаҳмида, ба суроғи ҳам мешитофтанд. Дӯсташ нисбат ба ӯ неруманду чолоктар буд ва бо зиракию тезфаҳмии худ аз тамоми ҳамсинонаш фарқ мекард. Дар ҳама бозиҳои бачагона ӯ дастболо мешуд, ба хусус, дар маъракаҳои куштигирӣ. На танҳо дар деҳаи худашон, ҳатто дар қишлоқу авулҳои атроф, ки асосан дар тӯйҳои суннатӣ мусобиқаи куштӣ барпо мешуд, ӯ тамоми ҳамсолони худро мағлуб месохт ва боиси фахру кафкӯбиҳои беохири дӯстон мегардид. Дар «ланка»-бозӣ ӯ беҳамто буд, бо як навбат «баргак»-и ланкаиро наафтонда то сад бор ва аз он ҳам бештар рӯйи по мезад. Ҳама тааҷҷуб мекарданд, ки чӣ хел ӯ дар «қих-қихакбозӣ» асло ба чашм намудор намешуд ва чун «сарбоз»-и ҳақиқӣ «душман»-ашро аз маҳалли рустшудааш ба ҳадаф мегирифт. Кордчабозиро низ бо маҳорат анҷом медод: аз оринҷ, аз сари китф, аз болои сар, аз нӯги забон кордчаро давр занонда чунон ба «заминак»-и нарм мезад, ки ҳеҷ гоҳ нишонаш ба хато намерафт. Оре, ҷӯраашро сари ҳар қадам ҳушёру дастбакор медид ва доимо худашро дар канори ӯ мағруру ба ҳама кор қодир ҳис мекард.

Бо амри сарнавишт, дӯсташ ба омӯзиши илму асрори чорводорӣ камар баст. Ин шуғл, ба хусус, дар маҳалҳое, ки рӯзии мардум ба чорво сахт вобаста аст, аҳамияти бемисл дорад. Дӯсташ низ аз нахустин рӯзҳои оғози кор ин маъниро ба хубӣ дарк намуда, назорати тамоми молҳои калон ва рамаҳои гӯсфанду бузи деҳот ва авулҳоро ба ӯҳда гирифт. Барояш солим нигаҳ доштани чорво ва сол ба сол афзудани саршумори он вазифаи асосӣ буд. Худо накарда, агар моле ба мушкилӣ ё беморӣ мубтало мегардид, ӯ дар як дам ҳозиру нозир мешуд ва ба зудӣ духтури соҳаро барои рафъи муаммо ҷалб мекард. Дӯсташ ният дошт дар деҳаи худ як «бемористон» барои молҳо созмон диҳад ва дар назди он бунгоҳеро барои парвариши насли зотӣ ба роҳ андозад. Ин ташаббус мавриди дастгирии роҳбарият қарор гирифта буд.

Ӯ медонист, ки дӯсташ ба ҳамдеҳагони худ меҳру муҳаббати беинтиҳо дошт. Воқеан, чӣ чизе дар ҷаҳон метавонад муассиртару мақбултар аз муҳаббат бошад? Ҳама барои ҳамин дилбастагӣ талош мекунанд, мехоҳанд имрӯзашон ва ояндаашонро моломол ин ҳиссиёту ангеза фаро гирад. Дурахшидани офтоби муҳаббат дар пасу пеши зиндагии инсонҳо нишонаи идомаи ҳаёт аст. Дӯсташ ин отифаро хуб дарк мекард ва орзу дошт маҳз бо ҳамин дӯстдорӣ рифоҳу осойиши мардум фароҳам ояд.

Манзили дӯсти ӯ дар гузаре буд, ки сокинонаш, бо вуҷуди доштани меҳру оқибати инсонӣ, аз камбудии манбаи муҳими ҳаёт – оби ошомиданӣ азоб мекашиданд. Ин дарди ҳамгузариҳо рӯзу шаб дӯсташро низ ором намегузошт. Ӯ мехост ин муамморо ҳал кунад, аммо ҳар ҳилае меандешид, ба бунбаст дучор мешуд. Боре миёнро маҳкам баста, ба умқи бисту панҷ-сӣ метр чоҳ канд. Аммо ҳама заҳмати ҷонгирак дар замини сахту санглох бар абас рафт, аз об хабаре набуд. Бо дидани обкашониҳои мураттаби занону духтарон ва бачаҳо дилаш пора-пора мешуд, ба хусус, вақте ки медид духтару писарон, занони дуҷон ё ба сар ё дар китф сатилҳои обро бардошта меомаданд, беихтиёр дар худ мепечид, ба риққат меомад. Пайваста меандешид: «Чӣ бояд кард? Аз куҷо об овардан мумкин?».

Дӯсташ дар ҷустуҷӯйи об то болотарин нуқтаи деҳа заминҳоро ваҷаб ба ваҷаб дида баромад. Ҳар чашмае, ки дар сари роҳ буд, фақат барои гузари худ оби барасам дошт, аз онҳо лӯлакашӣ кардан амри муҳол. Бо вуҷуди ин, баъд аз диду боздидҳои зиёд дар охир

дурри мақсуд ба даст омад. Ҳангоми гузаштан аз чакалакзори бекорхобидае, ки дар фарози деҳа қарор дошт, аз давру бари тирчаҳои беду сафедор заҳида баромадани об диққати ӯро ҷалб намуд. Филфавр, дар ҳамон ҷо ба кандани чоҳоб дасту остин барзад ва ҳанӯз ним қади одам наканда, ҷӯш зада баромадани оби ширин ба тану ҷонаш қувват бахшид. Аз хурсандӣ бо тамоми овоз дод зад: «Ёфтам! Чашмаи об пайдо шуд!». Ин садои ғулғуладор ва шодии ӯ дар як он то фазои гузарҳои поини деҳа танин андохт.

Ҳамон навиди ҷонбахши дӯсташ буду аҳли гузари ташналаб ба иттифоқи ҳам чашмаоби диданӣ дуруст намуданд ва аз даҳанаи он то миёнҷойи гузари худ лӯла хобониданд. Оби тозаю шаффоф бо ҷараёни худ дар синаи замини хушку қоқ рехтан гирифт.

Он рӯз шодиву сурури одамон беинтиҳо буд, хурсандии дӯсташ аз он бештар. Ӯ аз ниҳояти шодмонӣ бетоқатона рӯ-рӯйи деворҳо давид, ба боми хона парид ва дастафшону покӯбон навиди тозаро ба ҳамгузариҳо хабар дод. Вале, хушҳолӣ аз ҳад гузашта буд магар, Худо нахоста, дар ҳамон лаҳзае, ки осмон-осмон бармеҷаст, ногоҳ пояш лағҷиду аз болои бом сарозер шуд. Афтиданаш сахт буд, ба замини сахт! Аз ҳуш рафт. Зану бачаҳои ба фиғон омада ӯро озод бардоштанду ба хона даровcovered...

***

Он вохӯрӣ буду ӯ дигар дӯсти қишлоқиашро надид. Дафъаи дигар, вақте ки ба зодгоҳ омаду ба аёдати бачаҳои дӯсташ расид, писари хурди ӯ бо сатил ба об мерафт. Пас аз навозиш пурсид:

– Об аз куҷо меорӣ?

Ҷавоб дод:

– Аз чашмаи додом.

Писари дӯсташро гарму нарм ба оғӯш гирифт, ашки ҳасрату ҷудоӣ рехт. Ӯ фаҳмид, ки баъд аз даргузашти дӯсташ ҳамдеҳагон зери оби рехтаистодаро ҳавзак карда, чашмаи гирди бетонӣ сохтаанд. Оби ҳавзак пайваста саррез шуда, дар атрофи худ ба боғчаи сарсабзе ҷон мебахшад ва ба ин гӯшаи обод исм гузоштаанд: «Чашмаи Холмурод».

## ПИСАРАК

Мулло намози зуҳрро адо карда аз масҷид берун омад. Ба одати маъмул, рост роҳи нонвойхонаи маҳалларо пеш гирифт, то барои чойи пешин нони гарм бардорад. Ҳангоми ворид шудан ба нонвойхона ҳушу ҳавосашро писараке ҷалб намуд, ки дар назди дари даромадгоҳ карахту беҳол сари по меистод. Симои писарбача ба назар ғайриодӣ метофт: бо чеҳраи рангпарида, лабони хушки шӯразада, чашмони хастаи нимабоз, сарутани муддатҳо обу собун надида, шалвори васеи ҷо-ҷо порашуда, кафшҳои дарбеҳдори пошнадарида...

Дили мулло таҳ кашид. Ҳар гоҳ касеро бо ин ҳол медид, дарун-дарун месӯхт. Мехост ба онҳо ёрӣ расонад, мушкилашонро осон кунад, аммо ин кори саҳл набуд. Аз як сӯ, бисёрии бачаҳои бепарастор ва аз ҷониби дигар, шаклгирии ҳавои ҷомеа ӯро низ водор мекард, ки мисли ҳамтоёни худ дар ин лаҳзаҳо бефарқ ва тамошочӣ шавад.

Писарак гурусна буд. Аз он ки дилаш беҷо мешуд, бо ангуштон лабиҳои камзӯли чиркбастаашро маҳкам дошта, ба рӯйи шикам фишор меовард. Ӯ зиёд натавонист рост истад, бо беҳолӣ лағҷиду сари ду по нишаста монд. Мехост қай кунад, аммо чизе набуд, ки берун ояд. Аз шиддати дилбеҳузурӣ чашмонаш пӯшида шуданд, бо азоб боде ба дарун кашид. Ҳис кард, ки сараш гиҷ меравад, пеши чашмонаш торафт хира мегардад. Гӯё тараддуди одамон дар назди нонвойхона бештар шуд, аммо касе симои равшани инсонӣ надошт, пайкараҳое тирафом ва шабеҳи ҳам аз наздаш мегузаштанд. Пуштнокӣ ба девор такя дод, бо мушкилӣ нафаси амиқе кашид. Дубора бӯйи лазизу ҷонбахш аз нонвойхона дар ҳафт мағзи ҷонаш нишаст. Ба худ омад, деворро чангол заду ба по хест. Дар ҳоле ки бо як даст шиками холиашро зер мекард, бо дасти дигар аз дастаи дар гирифт...

Дар нонвойхона одамон саф кашида бо навбат нон мехариданд ва ба якдигар ҷой холӣ мекарданд. Азбаски писарак ҳолати навбатпоиро надошт, по чида-по чида ба сӯйи сабади калоне, ки дар он нонҳои пухтаро аз танӯр канда меандохтанд, омад. Ба сафи одамон, ба нигоҳҳое, ки ҳам бо тааҷҷубу ҳам қаҳромез ба сӯяш дӯхта мешуданд, эътиное накард. Фикру зеҳнаш фақат побанди сабади нонво буд, мехост ҳар чи зудтар аз он ноне бардораду гуруснагиашро рафъ кунад. Дар ҳамин асно навбати нонхарӣ ба мулло расид. Ӯ ба писараки «ошно», ки худро базӯр нигаҳ медошт ва талвосаи нонгирӣ мекард, кордор нашуд. Ба ӯ роҳ дод.

Писарбача бе мулоҳиза ба нонҳои тозаи дар сабад рехташуда чангол зад. Худобехабар, дар сурате ки муллою дигарон ҳам дар ғафлат монда буданд, ҳамон дам зарбаи сахте ба пушти даст хӯрд. Дар байни ду оташ дуд аз димоғи писарак баромад, як сӯ кафи дасташ ба нони сӯзон часпиду сӯйи дигар, пушти панҷаашро теғи милаи филизӣ чок карда гузашт. Аз дарди ранҷовару сӯзнок вуҷудаш ба ларза омад, бо овози баланд «оҳ ҷонакам!»-гӯён фиғон сар дод. Писарак дасти маҷрӯҳи худро, ки аз нӯги ангуштонаш беист хун мечакид, бардошта, тоб хӯрду ба пас гашт ва сар ба берун зад.

Ин воқеа дар пеши назари мулло чунон тез ба вуқӯъ пайваст, ки аслан нафаҳмид чӣ ба чист. Дар нонвойхона сарусадо ва ғалоғулаи одамон баланд шуд. Ҳар кас ба таври худ ҳолати писараку нонворо баҳо медод. «Ба дардаш даво, кӣ гуфт дуздӣ кунад, – бо садои баланд ба сухан омад зане, – ин гадобачаҳо дарди сар шудаанд, сари ҳар қадам дар пеши поятанд!». «Хуб кард амаки нонво, безорӣ дуюмбор ба ин кор даст намезанад», – афзуд нафари дигари дар навбат буда. Зани малламӯе ҳам аз охири саф илова кард: «Инҳо асло одам намешаванд. Агар ба дастам қудрат медоданд, ҳама гадою гуруснаҳоро ба зиндоне андохта то мурдан кор мекашидам»...

Аз ин бетараҳҳумии одамон умеди мулло наомад, ӯ бо нороҳатӣ ба марди нонво рӯ овард:

– Як қурс нонат кам мешуд, осмон омада ба замин намечаспид! Аз мусалмонӣ заррае намондааст, нон-ку намедиҳӣ, ин бераҳмӣ барои чӣ?

– Бобо, шумо коре ба дигарон надошта бошед, – бо чашмони хунгирифта ҷавоб гардонд марди нонвойӣ, – ману бачаҳом тамоми шаб мижа таҳ накарда хамиру нон рост мекунем, дар дами оташ бо ҳазор азоб нон пухта мегирем ва баъди ин ҳама бояд шиками гадобачаҳоро сер кунем? Он вақт фоида аз куҷо мемонад?

– Ба ту Худо медиҳад, додар, бо ин корат ризқу рӯзиат бадтар мепарад.

– Бо Худо гуфтан шикам сер намешавад, – нонҳои навпухтаашро бо калбези симини дастадарози худ ба сабад андохта истода гуфт нонво ва илова кард: – Ин муфтхӯронро чашми дидан надорам, ҳамеша дар таги дастат ҳозиру нозиранд. Ҳанӯз думи якеаш канда нашуда, сари дигараш пайдо мешавад.

– Худо худаш ба ҳар кӣ инсоф диҳад! Фаромӯш накун, ки нон додан савоб аст, ба хусус, ба касоне, ки муҳтоҷанд, – гуфт мулло ва ду-се нони изофӣ бардошту чанд коғаз пулро рӯйи суфача гузошт ва аз қатор хориҷ шуд. Вақте ки пушт гардонд, садои пичингомези нонво баланд шуд:

– Агар хеле олиҳимматӣ, худат шиками «муҳтоҷонат»-ро сер кун, ин кор ба масҷидиён мезебад. Ташвиши мо аз ин бештар аст!

Мулло идомаи баҳсро бефоида дониста ҳарфе назад ва аз дар ба берун баромад. Ӯ хеле бетоқат буд, мехост ҳар чи зудтар худашро ба писараки маҷрӯҳ расонад. Бо сӯз оҳ кашидани бечора ҳанӯз ҳам дар пушти гӯшҳояш садо медод. Аз нолаи ҷонкоҳаш дили ӯ ба дард омада буд.

Дар гирду бари нонвойхона писарбача ба назар намерасид. Мулло нафаҳмид, ки ӯ дар як зум ба куҷо ғоиб шуд. Ба чор сӯ чашм давонда, аввал ба самти рост шитофт ва паскӯчаҳоеро, ки аз пешу канори хонаҳои бисёрошёна ба дохили маҳалла мерафтанд, дида баромад. Мурод ҳосил нашуда, ба қафо гашт ва дубора аз назди нонвойхона ба самти чап роҳ пеш гирифт. Дар хамгашту пайроҳаҳои ин ҷониб ҳам ҳар қадар ҷустуҷӯ кард, аз

писарбача дому дарак наёфт. Ноумед, бо хаёли ин, ки гӯё писарак ба осмон паридааст ё ба қаъри замин фурӯ рафта, аз кофтуков даст кашид ва ғамгину ҳузнангез ба сӯйи масҷид қадами вазнин бардошт.

Мулло хеле дилозурда шуд. Ҳолати табоҳи писараки ҷабрдида гаштаю баргашта ба пеши назараш меомад. Бо пушаймонӣ ҳасрат мехӯрд, ки натавонист ба як бандаи озордида бамавқеъ мадад расонад, худашро намебахшид. Ҳарчанд мулло медонист дигар дасти таассуф газидан суде надорад, аммо тану ҷонаш ором намегирифт, пайваста бо ёди писарак ҳавре сандуқи дилашро месӯзонд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ин қадар беҳолу мушавваш ба масҷид наомада буд.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Моҳи рамазон оғоз ёфту тараддуди мулло ба масҷиди маҳалла бештар шуд. Ӯ, бар замми намозҳои маъмулӣ, бо иштиёқу эътиқоди баланд ба хондани намозҳои таробеҳ камар баст. Чун муриди имоми масҷид буд, ҳама корҳои муқаддамотиро барои намозгузорон анҷом медод, тавре ки масҷиду ҷойнамозҳоро омода месохт, таҳоратхона ва ҷойҳои либоскашию пойафзолгузориро аз назар мегузаронд, одамҳои расидаро ба дохил роҳнамоӣ мекард...

Дар намозҳои таробеҳ, ки хатми Қуръон низ адо мешуд, миқдори намозхонҳо аз ҳад зиёд мегардид. Азбаски ғунҷоиши толори асосии масҷид ҷавоб намедод, ҳавлии сангфаршро низ бо гилему шолчаҳои ҷонамозӣ мепӯшонданд. Ба хотири ҳидояти дурусти намозгузорон мулло ҳамеша дар ҳавлӣ ҷо мегирифт ва нидои «аллоҳу акбар»-ро ҳангоми рукӯъ, саҷда ва ҷулусу қиём[1] барои атрофиёни худ такрор мекард.

Ҳарчанд рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд, мулло наметавонист симои писараки гумшударо аз хотир фаромӯш кунад. Ҳамон чеҳраи пажмурда ва оҳи ҷонгудози ӯ, ба хусус, ҳангоми намозхониҳо дар ҳушу зеҳнаш возеҳтар зинда мешуд. Ҳар гоҳ дуо мехонд, батакрор аз Парвардигор илтиҷову истидъо[2] менамуд, ки бори дигар писараки ғарибро бо ӯ рӯ ба рӯ кунад. Мехост аз вазъи бечора воқиф шавад, бубинад, ки дасти маҷрӯҳаш ба чӣ ҳол аст, он рӯз оё тавониста буд ранҷи гуруснагиву озори ба ҷонаш расидаро таҳаммул кунад? Мулло ба ин монанд саҳнаҳоро бисёр дида буд, дар кӯю кӯча ба бечораю камбағалон, ки ба поранону сарутани тоза ниёз доштанд, зиёд вомехӯрд, вале ҳеҷ гоҳ ночорӣ ва нокомии онҳо дили ӯро мисли писарак нахарошидааст.

Мулло нигарону рӯҳафтода боз чанд рӯзи рамазонро паси сар гузошт. Дар тӯли ин муддат гӯё дилу ҷигарашро гургон тала мекарданд. Бори сангини бар қалбаш нишастаро ба касе ошкор намесохт, аммо ҳар ҷо мерафт, ба ҳар гузаре сар мехалонд, муштоқона писаракро меҷуст ва бо умед ба ҳар бачае, ки дар перомунаш мегузашт, зеҳн монда нигоҳ мекард. Бо ин аҳвол, дар шаби чордаҳум, баъд аз адои намози таробеҳ ва витри воҷиб мулло бехабар аз намозхонҳои дигар дурудароз ғарқи дуою ниёиш монд. Дар ҳавои истионат[3] аз Худо, ноогоҳ сар ба осмон бардошт ва дарёфт, ки осмону фалаки беохир бо ситорагон пур аст. Дар байни гарди анҷум ситорае тобону рахшандатар ҷилва мекард ва хаёли мулло билкул фирефтаи он гардид. Ӯ ҳис кард, ки ахтари дурахшон бо чеҳраи писараки гумшуда истиғно мекунад ва гӯё бо табассум нури сипосу мамнуният ба замин мепошад. Вуҷудашро ҳиссиёти гарме фаро гирифт, бо умеди расидан ба дидори писарбача дасти омин ба рӯ кашид. Вақте ки мулло аз ҷо хест, дигар касе дар ҳавлии масҷид намонда буд, хидматкорон ҷойнамозҳоро гирдуғун мекарданд.

Мулло, ҷойи ин ки бо имоми масҷид худоҳофизӣ кунад, ғайри хоҳиш ба сӯйи дарвоза қадам ниҳод. Гӯё иродааш дасти худаш набуд, поҳояш ӯро ба самти берун мекашиданд. Дар дами дарвоза чанд зану духтараке, ки рӯмолу халтачаҳои аз хайру эҳсон пуршударо ҷамъ мекарданд, тараддуди рафтан доштанд. Ғайричашмдошт, дар байни онҳо писарбачае бо чеҳраи гарм назари муллоро ҷалб кард. Ӯ бо шитоб пештар рафт ва ба писарак дида дӯхт. Оре, худи худаш – ҳамон ситорае, ки ба сӯяш чашмак зада буд! Мулло бе истиҳола писарбачаро нигаҳ дошту ба оғӯш кашид. Аз ниҳояти хушҳолӣ инону ихтиёрро аз даст дод, вайро маҳкам дар бағал гирифта, беист гуфтан гирифт: «Оре, ин худатӣ! Ниҳоят туро пайдо кардам! Худо илтиҷоҳои маро қабул кард, дуоҳоям мустаҷоб гардид! Оре, писарам, ин худатӣ!».

Писарбача аз ин бархӯрди ногаҳонӣ тарсида рафт. Бо як даст рӯмолчаи пури пулашро маҳкам дошта, бо дасти дигар талвоса кард худашро аз мулло ҷудо кунад. Гумон мебурд, ки пулталабии ӯ дар назди масҷид мумкин набуду ӯро дастгир мекунанд. Вале пай бурд, дар доми марди ношинос ҳама талошу талвосааш барои фирор бефоида аст. Дар айни ҳол донист, ки дастони марди бегона, агарчи ӯро сахт медоштанд, хеле нарму навозишианд ва он мард ҳарфҳое мегуфт,  дур аз ҷангу даъво. Меҳрубонии марди ноошноро дарк карда ором шуд, аз муқобилат худдорӣ намуд ва умедворона ба ӯ чашм дӯхт. Мулло аз писарбача чизе напурсида, дасти ӯро гирифт ва бо мулоимат ба сухан омад:

– Натарс, писарам, биё бо ман. Ба ту озор намерасонам, фақат бо ҳам ошно мешавем.

Ҳар ду вориди масҷид шуданд. Мулло писаракро якрост ба хонаи кори худ бурд. Фақат пас аз он, ки рӯ ба рӯйи ҳам нишаста нафаси ором гирифтанд, мулло ба пурсупос оғоз кард:

– Дастат чӣ тавр, беҳтар шуд? Он рӯз аз нонвойхона бо ҳоли вазнин берун рафта будӣ, ҳарчанд дунболат гаштам, пайдо накардам.

– Э, бобо, ман аз ин калтакҳо чандин бор хӯрдаам, – гуфт писарбача ва дасти росташро, ки кафаш ҳанӯз ҳам доғҳои сӯхтагӣ дошт ва дар пушти панҷааш низ изи баланде аз захм ба назар мерасид, ба пеш ёзонду болову поин алвонҷ дод.

– Худоё шукр. Куҷо мегардӣ, шабу саҳарат дар куҷост?

– Ман бехонаам, ҳар ҷо, ки рост омад, хобу хез мекунам.

– Наход?! – дар шигифт шуд мулло. – Падару модарат дар куҷоянд?

– Падару модар ҳам надорам, дар панҷсолагӣ аз онҳо ҷудо шудаам. Ду сол дар ба дари амаку тағоёнам гаштам, аммо аз дасти занонашон хунам ба лаб омад. Маҷбур шудам фирор кунам.

– Ҳоло чӣ?

– Ҳоло азобҳоям бештар аст, ки кам не. Дар бозор ароба кашидам, қатори ҷавонон дар соҳили канал мошин шустам, ҳамроҳи мардикорон ба ҳашару заминканӣ рафтам, аммо дар ҳеҷ куҷо корам барор нагирифт. Ҳар ҷо будам, заифию нимҷониам маро аз қатор берун андохт. Фақат ин ду-се рӯзи рамазон нафаси осуда мекашам.

Мулло аз дасти писарак гирифту тани лоғару устухониашро ба худ ҷафс кард. Бо меҳрубонӣ аз бозуяш дошта гуфт:

– Ту дигар танҳо нестӣ, писарам, дар масҷиди мо кор мекунӣ. Хобу хезат ҳам дар ҳамин ҷо мешавад. Фақат бояд ба ман ваъда диҳӣ, ки гапамро гӯш мекунӣ.

Писарбача бо изҳори мамнуният ба мулло дида дӯхт. Дар бехи чашмонаш пардаи ашк ҷило медод…

***

Ҳаво софу беғубор буд. Насими тозаи тирамоҳӣ замину одамонро ба оғӯш мегирифт. Моҳи рамазон омода буд дарҳои худро бибандад ва барои шаъбон ҷо холӣ кунад. Рӯзадорон ва онҳое, ки аз намозҳои таробеҳ дил кандан намехостанд, аз сипарӣ шудани моҳи шариф ба ин зудӣ ноҳоҳат буданд. Одамон дар масҷиди калони маҳалла дигар ҷойи нишастан наёфта, дар рӯйи ҳавлӣ саф мекашиданд. Ба назар мерасид, дар он шаби охири рамазон мӯъминони саҷдагузор аз ҳарвақта бештар омадаанд. Ҳама баъд аз гузоштани ду ракаат намози таҳияи масҷид бо дуою ниёиш ба сукут рафта, мунтазири азон менишастанд. Ҳама бо ҳаяҷон ва иҳтизози[4] ботинӣ лаҳзаеро мепоиданд, ки ба иттифоқи имому қориёни хушадо вориди дунёи ибодат шаванд ва бори дигар лаззати рӯҳиву маънавӣ бардошта, қаробате[5] бештар ба Офаридгор дошта бошанд.

Ниҳоят, даъват ба намоз садо дод. Овозе маҳину ҷарангосӣ дар масҷиду атрофи он танин андохт, лаҳне мутамоиз[6] аз овозҳои пештар ҳушу ҳавоси одамонро ба худ ҷалб кард. Мушаххас буд, ки муаззини нав азон мегӯяд, садояш муассиру дилнишин ва саҳеҳу

гиротар аз пешиниён аст. Агарчи аҳли масҷид, муриду қориён забони фасеҳу ҷаззоб доранд ва ҳамеша ба хубӣ каломи муқаддасро ба истимоъ расондаанд, ин садои рӯҳбахш кашфи тозаи онҳо буд. Овози муаззини ҷавон дар муҳиту осмони масҷид баландтару шинамтар садо медод ва аз ҳар сӯ одамон бо иштиёқи зиёд барои саҷда мешитофтанд. Дар он лаҳза аз ҳама бештар тану вуҷуди муллоро ҳиссиёти гарм ва ғуруру ифтихор фаро мегирифт. Ӯ дарун-дарун мешукуфт, хурсанд буд, ки азонро шогирдаш – ҳамон писараки замоне бероҳаю бехонумонбуда мегуфт...

---

(1) **рукӯъ, саҷда, ҷулус, қиём** – *амалҳои дохили намоз:* ба пеш хам шудан, саҷда кардан, ҳолати нишастан ва ба по рост шудан;
(2) **истидъо** – илтимос, хоҳиш;
(3) **истионат** – илтиҷо барои кӯмак;
(4) **иҳтизоз** – хурсандӣ;
(5) **қаробат** – наздикӣ, хешӣ;
(6) **мутамоиз** – фарққунанда

## ДАРДИ БЕДАВО

Модар кӯрпаи таги пахта кардаи худро дар рӯйи хона густурд. Айнаки дарздӯзиро ба чашм гузошту ангуштпонаи нуқрафомашро ба сари ангушт зад. Сипас сӯзану нах бардошт ва бо ҳавсала бар рӯйи кӯрпа сари дузону нишаста шурӯъ кард ба қатор рафтан[1]. Сӯзан бо риштаи сафедранги дароз мутеи дасти ӯ буд ва беист, гоҳ ғоибу гоҳ ошкор дар муҳити кӯрпа ба пеш медавид. Модар оғуштаи фикру хаёлҳои ширин сӯзан мезад, мехост ҳар чи зудтар бастари гарми дигар барои зимистони бачаҳо омода созад.

Дар дили ин саргармӣ ногаҳон дари даромадгоҳ сахт кушода шуд ва аз садои гӯшхароши «тақ-тук» задани он ба канораҳои девор модар як қад парид. Бо ҳарос сӯзани нахдорро рӯякӣ тела дода фиристод ва худаш бехабар, сӯзан на ба кӯрпа, балки дар муқобил ба ангушти дасти дигараш халида рафт. Дарди ҷонкоҳ вуҷудашро сӯзонд, дуд аз димоғ баровард. Бо зӯр захри дардро фурӯ бурда аз ҷо баланд шуд ва дар ҳоле, ки зери чашмонаш аллакай аз намии ашк ҷило медод, ба сӯйи дар хира шуд. Дар дами дар писари муҳандисаш боз бо қиёфаи ҳамешагӣ худро базӯр рӯйи по нигаҳ медошт. Маст буд, бо чашмони нимапӯш хира нигоҳ мекард, манаҳаш ба поин кашида шуда, аз як гӯшаи даҳонаш кафки носолуд ба поин мешорид. Сарутани ӯ аз гарду хок алобуло ва дар почаҳои шалвораш низ доғҳои зарду қаҳвай ба назар мерасид. Ӯ бо як даст аз дастгираи дар дошта истода, силтав хӯрда, ба дохил даромад. Будани модарро дар хона пай бурд магар, дидагонашро калонтар боз кард. Мисли ин ки ду дона тухмро дар зери пилкҳояш ҷо карда бошанд, косахонаи чашмонаш сап-сафед намудор шуд. Бехудона наъра зад:

– Намехостӣ, ман биём? Гумон кардӣ, ман мурдаам? Не, хобата ба об гӯй! Ман зиндаам, мурдаҳо мурдаанд!

Модар дарду сӯзи ҷони худро фаромӯш кард, дилаш ба ҳоли писар сӯхт. Ба сӯйи ӯ қадам партофту аз бағалаш гирифт, то тавонад ба рӯйи кӯрпача нишинад. Аммо писари саркашу мадҳуш дасти худро сахт ба боло кашид ва бо арбада дубора дод зад:

– Гум шав, ба ҳеҷ кас муҳтоҷ нестам! Ҳоло ман зӯрам, хекиртаки садтоаша канда мегирам! – ӯ мушташро гиреҳ карда, банди дастро аз оринҷ хаму рост намуд, то мускулҳояшро намоиш диҳад, аммо бехабар аз он, ки дастҳояш чӯби қоқро ба хотир меоварданд.

Модар ин гуна ҳолат ва суханҳои аз бехудӣ гуфтаи писарашро бисёр дида ва шунида буд. Аз сарзанишу тааддӣ худдорӣ кард, бо ӯ вориди баҳс нашуд. Ноилоҷ худро нигаҳ дошту канортар рост истода монд. Писар мадҳушона қадаме ба пеш бардошт, вале мувозинатро гум карду даври як по печид ва бо зарб ба замин афтод. Сараш ба девор хӯрд, поҳояш дароз шуданд. Лаҳзае нагузашта аз қабати гӯшпонааш ҷӯяки хун ҷорӣ шуду то

гардан шорида рафт. Сафедии чашмонашро, ки гоҳ-гоҳ рӯйи он гавҳараки сиёҳ аён мегардид, пилкҳои ларзон пӯшонданд. Боз ҳам зери лаб ғур-ғур кард, аммо ношунаво. Беҳаракат монд.

Модар бехаёл аз зери рӯмол сарбанди сафеди пахтагини худро кашида ба даст гирифту дар болосари писар нишаст. Аз ду китфи ӯ дошта, бо азоб рӯ ба боло хобонд. Оҳиста сарашро рӯйи зонуҳои худ гузошт ва сарбандро аз болои ҷароҳат, ки ҳанӯз хуни сиёҳча аз маҳалли пӯсти дарида заҳида меистод, маҳкам баст.

Писарро хоб бурд. Аз сару димоғаш бӯйи ғашовари шароб ва туршии оби бадан ба машом мезад. Дар зери биниаш луоби тар ҷило медод. Аз паси хат-хатиҳои сафеди даври лабҳояш оби кафколуди даҳан қатра-қатра ҳувайдо буд. Оби даҳони носолуд аз таги манаҳ то гардан шорида паҳн мешуд. Хуни аз баногӯш фаромада низ дар чуқурчаҳои гардану китфаш роҳ пеш гирифта буд. Писари мӯътод бошад, аз ин ҳама бехабар бо кайфи наркозии шароб аллакай хуррок мекашид.

Модар башараи писарро дида истода дар дил ғусса хӯрд. Аз ӯ ҳазар намекард, нафрат ҳам надошт, балки раҳмаш меомад. Ӯ медонист, ки писараш аз касе луқмаи нон намехост, гадоӣ намекард, аммо барои пул ёфтан агар домани кореро мегирифт, ба он сахт мечаспид. Бо ранҷу азоб кор мекард, вале ба қадри меҳнати худ намерасид. Ҳар пулеро, ки дармеовард, дар як зум аз даст медод, қариб ҳамаашро харҷи шароб мекард. Маст мешуду ба ҳама дармеафтид, дашном медод, бо аҳволи паст ва бо тану либоси жӯлида дар кӯчаҳо мегашт. Тавре мекард, ки одамҳо аз ӯ дур мегурехтанд, ба ӯ чун ба як марди майхораву залил нигоҳ мекарданд. Ҷойи таассуф он буд, ки писар ин беҳурматиро пай намебурд, гумон мекард зиндагии ҳақиқӣ иншаклӣ аст. Аз он ки писарашро, ҳамон писареро, ки чандин сол обрӯманд буду бо хубиҳояш аз забони мардум намеафтод, бадфеълу «алкаш» меномиданд, ҷонаш ба дард меомад. Ҳеҷ кас тоқати шунидани ҳақорату дашномҳои ӯро надошт ва ба даъвояш бо даъво, ба дӯғу пӯписааш бо дағалӣ, ба сурату даҳони бӯйнокаш бо ҳавои нафрату дуриҷӯйӣ ҷавоб медод. Аммо модар мебахшид, сарашро сила мекард, сухани хуб мегуфту ғизои гарм медод, мекӯшид ӯро ба зиндагӣ дилгарм созад. Ҳанӯз ҳам умедвор буд, ки писари муҳандисаш аз нав ба худ меояд, аз шаробхӯрӣ даст мекашад, мардикорию оворагардиҳояшро канор мегузораду ба созмони пештарааш бармегардад. Бовараш намеомад, ки писари ӯ бадмасти гузаро шудааст, бо баддаҳанию бадномӣ забонзади мардум гаштааст. Ӯро бо ин умед калон накарда буд.

Модар бо сари танҳо писарро баъд аз хатми донишгоҳ бо беҳтарин духтари қишлоқ хонадор кард. Онҳо дар тӯли зиндагии худ се духтар ба дунё оварданд ва ҳар серо серу пӯшида калон карданд, ба шавҳар доданд. Баъд аз ин, вақте ки дунафарӣ монданд, дигар обашон аз як ҷӯ наомад. Пас аз баҳсу ҷанҷолҳои беохир келин қаҳр карду ба хонаи падариаш рафт, писар танҳо монд. Болои сӯхта намакоб, дар коргоҳ низ кори ӯ ба ақиб гашт. Доимо масту аласт ба сари кор омаданҳояш ба ҷони ҳама зад. Ҳамкорон худро дур кашиданд, муҳандис аз вазифа барканор шуд. Аз он пас дар пеши назарҳо сар ба оворагӣ зад, азму иродаи худро аз даст дод, дар хона намонда пойкӯбу патаки кафши ҳар кӣ гардид. Модар наметавонист ӯро нигаҳ дорад...

Субҳи рӯзи дигар, вақте ки марди хуморӣ аз хоб бедор шуд, дастонаш меларзиданд, ҳалқаш қоқ шуда, сараш гиҷ мерафт. Сардард дошт, то косахонаи чашмонаш рагу пайҳое луқ-луқ зада меистоданд. Бо азоб сари по рост шуд. Аз девору мизи дами дар дастгирон ба ҳавлӣ баромад. Аз он ҷо калав-калавон ба лаби ҷӯйи об расид. Дасту рӯ шуст, бинӣ афшонд ва кафи дастро пур карда се бор об нӯшид. Сипас рост шуда гарданашро чун заррофа ба боло ёзонд. Мисли ин ки сабукиеро дар вуҷудаш ҳис кард, нимшунаво аз қаъри дил овоз баровард: «Худоё шукр!».

Мард аз лаби ҷӯ канор омад. Ҳис кард, ҳанӯз ларзаи дастҳояш намондааст, сараш гӯё чарх мезанад, дилаш беҷо. Аз ҳавлӣ рост ба сӯйи дарвоза қадам бардошт. Ин ҷо аз пушт садои модар баланд шуд:

– Куҷо меравӣ? Чой дам кардам, аввал ноништа кун.

Писар гӯё нашунид. «Тарақ-туруқ» – садои дарвозаи калони оҳанӣ шунида шуд, ӯ ба кӯча баромад. Дили беҷо ихтиёри мардро аз даст бурда, поҳои нимҷон тани калавандаашро базӯр ба пеш мекашиданд. Аз чашмони сурхтоб ҳанӯз хоб напарида буд. Дар мағзи худ танҳо ба як мақсад талош мекард, ҳар чи зудтар расидан ба дӯкончаи бозор ва хумор шикастан. То сад грам набардорад, на ҳушаш ба ҷо меояду на ларзиши дасту баданаш мемонад.

Дар назди дӯкони шароб аллакай ду-се нафар аз ҳамтабақони мард бо чашмони хумориву карахт палмосида мегаштанд. Онҳо низ бо сарутани олуда, дасту рӯйи чиркбаста ва дар ҳоле, ки аз қирраи лабу лунҷашон кафку хатҳои сафедча метаровид, аз ӯ монданӣ надоштанд. Марди бетоқат расидан баробар, ба онҳо бо ишораи даст салом гуфту худро ба дохил зад. Дӯкондори солхӯрдаи ришдор барои мизоҷони худ салат дуруст мекард. Дар рӯйи пештахта чанд тақсимча аз қуруту тикаҳои помидору бодиринги шӯр пур буд. Ӯ муштарии нави худро бо нимханд «пешвоз» гирифт ва фидокорона арз кард:

– Муҳандисҷон, саҳми ту омодааст, – ва бо як ҳаракати тез истакони пури арақро ба пеш лағҷонд.

Чун ҳамеша, марди хуморӣ бо ҳарос истаконро боло кашид. Гӯё оби ҳаёт хӯрда бошад, баъд аз қулт-қулт дам кашидани шароби сафед ҷомро рӯйи тахта гузошт ва нафаси чуқуре кашиду бо роҳат зери лаб пичиррос зад: «Худоё шукр!» ва лабу лунҷи инҷшудаашро бо пушти даст молида монд. Соқии ришдор парвое надошт, ки ӯ бо салат маза мекунад ё не, фақат теғ кашида мунтазири ҳақ меистод.

Мард охирин пулашро ҳисоб карду ба дӯкондор дод. Дилаш мехост боз яктои дигар бардорад, аммо кисаи холӣ гардани ӯро ба берун тофт. Бо дили нохоҳам аз дари дӯкон хориҷ шуд, зеро дигар хоҳишу илтимос ҳам соҳиби шаробро нарм намекард. Ӯ ба худ омад, ҳис кард, ки ба баданаш гармӣ медавад, дастҳояш намеларзанд, ором нафас мегирад. Шердил шуд ва аз канори растаҳои бозори деҳқонӣ гузашта ба самти муқобил, ба сӯйи бозори чӯбу тахта роҳ пеш гирифт. Ӯ медонист, ки дар он ҷо барои мардикорон ҳамеша талаб ҳаст, мешавад он ҷо пул кор кард.

Ҳавои диму димоғгирифтаи берун кам-кам сард мешуд. Бар замми он, шамоли гардолуде ба вазидан сар кард. То даме, ки марди хуморшикаста ба маҳалли тахтафарорӣ расид, боди хоколуд бештар шиддат гирифта буд ва намегузошт одам одамро ба осонӣ бубинад. Ӯ медонист, ки ин гуна бодҳо бадзотанд, аз пайи худ, албатта, борон ё барф меоваранд. Дар ҳавлии бозор тараддуди одамон кам буд. Ба бахти ӯ, мошини боркаши наве пур аз тахтаҳои чортарош дар назди дарвоза меистод. Башаст пеши соҳибкори ошно рафт. Соҳиби чӯбу тахта ӯро диду хушҳол шуд ва бо мамнуният даст дода пурсид:

– Ҳамраҳонат куҷоянд, муҳандис?

– Чанд кас мехоҳӣ?

– Бароям фарқе надорад, ҳамон паймон – пули як мошинро медиҳам, – гуфт соҳибкор.

– Якеро пайдо мекунам, дукаса мефарорем.

– Фақат, мошин бояд имрӯз озод шавад, ду кас мерасед?

– Ин тарафаш кори мо, – бо дилпурӣ арз кард ӯ, – ту магар маро намешиносӣ?

Соҳибкор лабханд заду фармуд:

– Агар ин тавр, бичасп ба корат! Ҳар вақт тамом кардӣ, пул кафи дастат аст.

...Замоне, ки мардикорон бори мошинро фароварда дар як гӯша рахт заданд, рӯз аз байн бардошта шуда буд. Мард аз хастагӣ базӯр рӯйи по меистод. Аз тазйиқи тахтафарорӣ сар то по ғарқи обу арақ шуда, тамоми баданаш месӯхт. Ба ин нигоҳ накарда, бо дастҳои ларзон аз пули пардохтаи соҳибкор саҳми ҳамкорашро дод ва боқимондаро ғиҷим карда дар ҷайби костюми худ халонд. Аз дари бозор баромада истода пай бурд, ки ҳолаш баҳам мехӯрад, сандуқи дилашро сардии нофороме фаро мегирад. Гӯё занбӯре нештар мехалонд, ҳар замон қалбаш сих мезад. Аз пайи шиками холию ҳоли беҷо сараш низ ба дард омада буд. Бар замми ин, ҳавои бодгирифтаи пурчангу ғубор ва сард ҳама касофати кӯю кӯчаро

бардошта ба сару димоғ мезад. Ӯ ҷилави чашмонашро бо як даст пӯшонда, бо мушкилӣ қадам мебардошт, гӯё ишкеле поҳояшро ба ақиб мекашид. Бо вуҷуди ин, саъй мекард ҳар чи зудтар худро ба дӯкончаи дӯстдоштааш расонад. Агарчи хеле аз вақти наҳор гузашта буд, ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеомад, ки бояд чизе бихӯрад, гуруснагиро рафъ кунад. Дар зеҳнаш танҳо як чиз ҷилвагар мешуд, он ҳам истакони пур аз арақ, гӯё ки ин мояи хумор барояш ҷону дармон мебахшид, ӯро аз хастагиву беҳолӣ наҷот медод. Мехост ҳар чи зудтар худро ба марди шаробдор расонаду заҳри корро барорад, халиши қалбу беҳузурии димоғашро пасанда созад.

Мисли ҳамеша бозори дӯкондор гарм буд. Ӯ бо алоқамандӣ номҳои мухталифи арақу шаробҳояшро ба забон гирифта, барои мизоҷони худ таъриф мекард, якеро бар дигаре тарҷеҳ медод. Пайи ҳам истаконҳоро пур карда, ба муштариёни бетоқат дароз мекард ва ҳамон замон пулашонро афшонда мегирифт.

Бо намудор шудани чеҳраи ошнои «муҳандис» афти дӯкондор инҷ шуд. Медонист, ки ин мизоҷаш ҳамеша вақти пулдор шудан ба суроғи ӯ мешитобад. Барояш шаклу шамоили ноҷӯр, беҳолӣ ё ночории муштарӣ аҳамияте надошт, фақат шароб дода пул меситонд. Агар мизоҷ шилқинӣ мекард ё бедодӣ роҳ меандохт, ӯро сари вақт аз дӯкон ба берун меронд. Ин кор барои соҳибшароби ришдор ва шогирдони чусту чолокаш ҳеҷ мушкилие надошт.

Мард бо ҳарос, дар сурате ки дастҳояш сахт меларзиданду ожангҳои пешониаш як ҷо ҷамъ мешуданд ва чашмҳояшро рӯйи ҳам мефишурду тез-тез нафас мегирифт, қадаҳи дарозкардаи соҳиби шаробро боло кашид. Лабу лунҷи таршударо поккунон аз киса ҳама пули коркардаашро берун овард ва бо зарб рӯйи пештахта гузошту амр кард:

– Рез, яктои дигар!

– Хуб шудаст, муҳандисҷон, – гуфт марди шаробдор ва ҳамоно пулҳоро бардошта дар кашкашаки дами дасти худ андохт ва истакони дувумро бо арақ пур кард.

Баробари холӣ шудани ҷоми дигар ҳоли мард бад шуд. Арақи ба шиками холӣ хӯрдааш гуппӣ ба майна зад. Гиҷ рафт, ҳама чиз дар пеши назар хира шудан гирифт. Дӯкондор ҳоли ӯро пай бурду ба инсоф омад:

– Муҳандисҷон, аз ин салатҳо бардор, арақро зер мекунад, – гуфт бо тараҳҳум.

Аммо ӯ ин ҳарфҳоро намешунид. Гавдаи худро бо мушкилӣ рӯйи по нигаҳ дошта, ба девор такязанон аз дӯкон хориҷ шуд. Дар берун аз шамоли пургарду хоки пештара нишоне намонда буд. Ҷойи он борон мезад ва торафт шиддат мегирифт. Тамоми роҳакҳои рафтуомад гилолуду лойқа шуда, ҷо-ҷо одамон қадам шумурда роҳ мерафтанд. Торикии ҳаво ғализтар мегардид.

Мард аз дӯкон баромада ба самти номаълум роҳ пеш гирифт. Масту хаёлпарешон ва ихтиёрро аз даст дода намедонист ба куҷо меравад. Аз як сӯ шиками гуруснаю саргарангӣ, аз ҷониби дигар ҳавои сарди боронӣ тамоми бадани ӯро ба ларза оварда буд. Беҳолона ёқаи гиребони костюмашро дошта ба пеш кашид, боз як бори дигар дар қалби худ халиши дарднокеро ҳис кард. Мисли ин ки сихе дар он зада бошанд, дар худ печид, оҳи вазнин аз сина баровард. Поҳояш ба ӯ итоат накарда аз ҳаракат бозмонданд. Такягоҳе набуд аз он нигаҳ дорад, ғайриихтиёр, дар ҷодаи лойолуд лағҷида рафт. Бо вазни худ сахт ба замин хӯрд. Борон беохир меборид, тану чеҳраи чиркину хунолуди ӯро беист мешуст.

Вақти зиёде нагузашта мард чашм кушод. Дар худ печиду барои хестан талвоса кард. Дар замини лойқа чанд бор дасту по зада аз ҷо баланд шуд. Бо миёни хам, бо дастҳои кашол, оҳиста-оҳиста ба роҳ афтод. Ҳангомаи борон бошад, пасанда нашуда буд, он мисли ҳамеша борони одӣ ва нарму маҳин набуд, балки монанди селе аз фалак меомад. Борони «бешарму бевиҷдон» буд, мустақим мерехт ва ба сару дӯши бегуноҳони дар зераш монда бо ҳазор сих мезад, ҳама ҷоро тару лағҷон, пайроҳаҳоро касифу лойқа мекард. Аммо баъд аз рехтан гӯё ба худ меомад, дар обраву ҷӯякҳо бо як маром, рақскунон ҷорӣ мешуд. Дар зери борони бетараҳҳум, дар хилватии шаҳрак, фурӯ дар ҳавои тирашуда ӯ танҳо буд. Роҳашро гум карда, каҷу килебшавон базӯр ба самти номаълум пой меёзонд. Тирагии шаб, сели борон ва бехудӣ имкон намедод пеши поро бубинад. Бо ин роҳравӣ ба

ҷӯйи бетоние, ки дар он оби борон лаб ба лаб лаппас зада мерафт, расидани худро нафаҳмида монд. Бо дидани ҷӯйи об мастомаст ба поҳояш фишор овард, мехост хез зада аз болои обрав бипарад. Аммо, ӯ куҷову марде бо неруйи ҷаҳидан куҷо! Ҷуссааш бо вазне, ки дошт, ба ҷӯйи бетонӣ сарнагун шуд. Пешониаш ба лаби бетон бархӯрд, поҳояш зери шикам ҷамъ шуданд ва бо фишори об гавдааш каме тоб хӯрду кӯндаланг рӯ ба осмон монд. Борони боридаистода ҳамроҳ бо оби ҷӯйи бетонӣ тамоми ҷисму ҷони мардро шустан гирифт...

Боз як субҳи дигар, ки аз итмоми фасли зимистон дарак медод, чашм кушод. Аз боду борони дирӯза хабаре набуд, табиатро ҳавои сарди хушк ва орому беҳаракат фаро мегирифт. Модар аз хоб хесту бистари писарро холӣ дид. Дилашро ваҳм зер кард. Аз он, ки шаб хобаш бурдаву наомадани писарро пай набурда буд, сахт ба хавотир афтод. Бо ҳавлу ҳарос худро дар ҷомаю рӯмоле печонда ба кӯча баромад ва бе ҳеҷ дудилагӣ роҳи дӯкони машруботро пеш гирифт. Мисли ҳамеша барои худ тахмин мекард, ки писараш, бешак, дар он гирду атроф хоҳад буд.

Модар, аммо, то дӯкон нарасид. Дар нимаи роҳ, селаи одамоне, ки канори ҷӯйи дарози бетонӣ ҷамъ шуда ҳаёҳу ва ғалоғула мекарданд, ӯро ба сӯйи худ кашид. Бо ҷадал ва дар сурате ки беш аз пеш асабонӣ мешуд ва тарсу воҳимаи ниҳоние дар вуҷудаш хона карда буд, худро ба ҷамъияти гирдиҳамомада зад. Беихтиёр ба ҳар каси дар пешаш буда чангол зада, онҳоро ба ду ҷониб теладеҳон ба худ роҳ кушод. Дар мобайни ҳалқаи одамон, каме дуртар аз ҷӯйи бетонӣ ҷасади обшуста ва сахтшудаи марде мехобид. Ранги дасту рӯяш парида сап-сафед, зери манаҳу гарданаш кабудча ва пешониаш бо захми баланд, ки рӯйи он хуни сиёҳ сахт шуда буд, ба назар мерасид. Модар бо дидани ҷасади рокиду берӯҳ аз мағзи ҷон «о, балам!»-гӯён фиғон бардошт ва девонавор худро ба болояш афканд...

[1] **қатор рафтан** – амали дӯхтани ғилофи остарӣ ва рӯпӯши кӯрпа бо пахтаи дохилаш

## МАРДИ МУСОФИР

Иштиёқи навсозии хонаамон аз дер боз дар дилам хона карда буд. Мехостам мисли кӯю дари ҳамдеҳагони дигар манзили мо низ дару тирезаҳои калону шишакоришуда ва сақфи баланду муҳити боҳаво дошта бошад. Аммо барои расидан ба ин мақсад мушкилии сахте дар пеш буд: падарам намехост Славкаи мусофир дару ҳавлии моро «нопок» кунад. Ӯ чандин бор касонеро, ки даст ба дасти Славка дода, аз вай кор кашидаанд, зери бори мазаммату таъна гузошта буд. Мегуфт, «одамҳо ақлашонро хӯрдаанд, мусулмонӣ аз ёдашон рафтааст, фикр намекунанд, ки дар қиёмат азоби алим мекашанд. Ҷойи ин, ки аз марди кофир худро дур гиранд, ба ӯ мурувват нишон медиҳанд, манзилу рӯзиашонро бо дасти худ ҳаром мекунанд». Дар худ андешида, ба гуфтаҳои падар имон овардан̄ӣ мешудам, аммо ҳақиқати дигар маро ором намегузошт: аз як сӯ, ҳама Славкаро, чун ба расму оин ва одатҳои суннатиамон ворид буд ва ҳатто ба забони мо роҳат ҳарф мезад, ҳурмат ва ҷонибдорӣ мекарданд ва аз сӯйи дигар, ӯ воқеан устоди касби худ буд: хоҳ дар дуредгарӣ, хоҳ дар кафшергарию тарошкорӣ, хоҳ дар таъмири асбобу воситаҳои мотордор...

Чӣ ҷойи пӯшидан, худам низ Славкаро дӯст медоштам ва пинҳонӣ аз падар, ҳар гоҳ дастам мерасид, ба дидораш мешитофтам. Чанд муддат ғарқи тамошои устокориҳояш шуда оламро фаромӯш мекардам. Дар деҳаи мо устоҳои бомаҳорат бисёр буданд, аммо касе мисли ӯ ҳунари замонавӣ надошт. Ба хусус, ҳар хонае, ки бо тарҳи ин ҳунарманд сохта мешуд, хеле диданӣ, кушоду равшан ва хушнамо буд. Орзу доштам манзили мо низ чунин бошад, ҳар кас бубинад ҳавас кунад. Ин буд, ки боре оғуштаи майлу шавқи худӣ вориди хонаи падар шудам. Ӯ дар қироатхонаи худ пушти лавҳ нишаста китоб мехонд.

Дар миёни ангуштонаш, ки аз дами остини баланд базўр намудор буданд, тасбеҳаш ба оҳистагӣ мелағҷид, бо чашмони нимпўш гўё пинак мерафт. Мисли ҳамеша ҷудо аз дунёи берун менамуд, ба омадани ман абру ҳам хам накард. Паҳлуяш сари дузону нишастам. Муддате чанд аз қироат бозистод ва дуою салавоти зиёд ба ёди рафтагон гузошту даст ба омин бардошт. Ман ҳам ба ў пайравӣ кардам ва каме дар ҷо ҷобаҷо шудам.

– Чӣ хабар? Бо ман коре доштӣ? – пурсид ў мани аллакай мушаввашро дар назди худ дида.

– Саломатӣ... – дигар дандон хойидам.

– Мо ки аз якдигар гапи пинҳон надоштем, чаро хомўш мондӣ?

– Мехостам сари хонаамон бо шумо машварат кунам, – то баногўш сурх шуда ба сухан омадам ман, – агар розӣ шавед, Славкаро меорам, устоӣ мекунад.

Он лаҳза тағйир хўрдани андоми падар тамоми баданамро ларзонд. Чашмонаш гўё аз ҳадақа баромаданд, аз кашида шудани лабу даҳан риши ғафсу гирдаш ба боло ёзид, ангуштони гиреҳхўрдааш дар зери остин нопадид шуданд. Ғазаболуд гуфт:

– Ақлат дар ҷояш аст, писар? Мехоҳӣ хонаамро нопок кунӣ? Номаш дар гўр, кай ту ба ин васваса гирифтор шудӣ?

– Падарҷон, охир ҳама ин корро мекунанд, чӣ ҷойи бадӣ дорад?

– Мо махсумзодаем, писар, бояд ба хурдтарин одату боварҳои гузаштагони худ эҳтиром гузорем. Магар мешавад як сў ман намоз хонаму ҷойи дигар ту як бединро дар хонаам нигаҳ дорӣ? Охир бо кадом ақл мехоҳӣ касеро, ки на имон дорад, на тозагиро риоят мекунад, на одоби тановул дорад ба худ наздик кунӣ?

– Шумо ҳанўз ўро намешиносед. Агар мефаҳмидед, ки ў як мусофири ғариб асту панҷ ангушташ пури ҳунар, шояд аз фикри худ бармегаштед. Хеле ором у меҳрубон ва хушваъда аст, Славка.

– Малламўйи кофир аст! Магар нашунидӣ, ки гўшти хуку саг мехўрдааст, рост истода шоша мекардааст, бо коғази калом... ё алҳазар!

– Не, падар, ҳеҷ кадоме аз ин корҳоро намекунад, ба шумо хабари дурўғ расондаанд. Славка марди таҳсилкарда аст, аз расму оини мо хеле чизро медонад. Гуноҳаш фақат ин, ки як ғариб асту хонаю дар надорад.

– Дар ҳар сурат, аз дини мо нест. То замоне, ки ман ҳастам, ў ба ин манзил қадам намегузорад. Худоё шукр, хонаю дарам ҳам тангу тор нест. Агар коргариат гирифта бошад, боғатро васеъ кун, молатро зиёд кун – ин ҳама ризқу рўзӣ меоварад. Баъд, саъй кун худатро аз ў дуртар гирӣ, ақаллан ба ҳурмати ман...

Не, ман наметавонистам падарамро бифаҳмам ва ў низ асло маро дарк кардан намехост. Мо – падару писар дар шинохти атрофиёну зиндагӣ аз ҳам фарқ мекардем, гўё ў чизи дигарро медиду меандешид ва ман чизи дигарро.

Славка бошад, ёду ҳуши маро рабуда буд. Ҳеҷ кас намедонист, ки ин марди мусофир аз куҷо омадааст ва чаро маҳз дар ин деҳаи дурафтодаи кўҳистонӣ истиқомат ихтиёр намудааст. Хелеҳо бо кунҷковӣ гузаштаи ўро пурсиданӣ мешуданд, аммо вай риштаи сўҳбатро бо ҳушмандӣ ба сўйи дигар мекашид, намехост дар хусуси зиндагии пештарааш ҳарфе занад. Маълум буд, ки мардуми содаи деҳотӣ ба табъаш нишаставу дар дилаш ҷо гирифтаанд ва аз ин хотир, ҳама ҳунару истеъдоди худро барои онҳо мебахшиду намоиш медод. Касе аз забони ў калимаи «не»-ро нашунида буд, ба ҳеҷ ваҷҳ дар ивази кори анҷомдодааш музд намехост. Ҳар кӣ ҳар чӣ медод, бо миннатдорӣ ва мамнуният қабул мекард.

Бо Ғойибамакам Славка дўсти наздик буд. Ҳамин амаки русидон анбори худро холӣ карда, ба ў кулбаи содаи шинаме омода сохт. Ба ҳар ҷо мерафт, ўро бо худаш мебурд. Вақте ки бо якдигар русӣ сўҳбат мекарданд, мо бо майлу ҳаваси зиёд ба онҳо гўш меандохтем. Славка кафшергарӣ, буришкорӣ ва ҳар коре, ки алоқаманд ба сохту сози ҷинси оҳанӣ буд, анҷом медод. Дуредгариаш бошад, ҳамто надошт: дару тирезаю дарвозаҳои калону нақшдор, сақфҳои ҳошия ва узорадори диданӣ, айвонҳои шишакоришуда ва ҳатто гаҳвораю асбобҳои бачагонаи сохтааш моро ба ваҷд меоварл. Ў

ба Ғойибамак ҳаммоме сохта буд, ки ҳар кас дар буғи он нишастанро орзу мекард ва ҷевони девории чидааш бо оинабандию нақшинкориҳои худ меҳмонхонаи амакро оро медод. Онҳо дар поёни кор, шабҳо бо ҳам нишаста шатранҷбозӣ мекарданд ва бо чанд пайк шароб хастагии худро берун месохтанд. На ба касе коре доштанду на даргири ҳангомаю ғайбати одамон мешуданд. Ба назар хеле беғаму бепарво менамуданд.

Чун ҳаваси навсозии хонаамон барҳам хӯрд, ман аҳд кардам орзуҳоямро ба шакли дигар амалӣ созам. Пинҳонӣ аз падар, танҳо бо Славка гапро пазонда, тарҳи хонаи навро кашидем. Қарор шуд то ба поён расидани сохтмони хона касе хабардор нашавад. Ин нақшаи моро Ғойибамак низ медонист ва сенафарӣ дар поёноби деҳа, замини нисбатан тахтеро болотар аз сойи об барои бунёди иморати нав интихоб кардем. Сохтмони бинои нав бо тарҳи меъмор ва устои «ношинос» ба исми «каси номаълум» оғоз ёфт. Боварӣ доштем, агар маълум мешуд хона барои ман аст, хабарчинҳо ҳатман ба гӯши падарам мерасонданд...

Аз байн як сол гузашт. Дар чеҳраи падарам ранги пирию дармондагӣ равшан намудор шуд, базӯр роҳ мегашт. Аз сахтгирӣ ва доду бедодҳои пештара нишону асаре намонда буд. Бо вуҷуди ин, боз ҳам аз тоату ибодат даст намебардошт, дар дини худ устувор буд. Як шомгоҳон падару писар домани сайру гардиш густурдем ва аз бағали ӯ гирифта ба тамошои деҳа баровардам. Ғарқи сӯҳбат оҳиста-оҳиста ӯро ба самти поёноби деҳа кашидам. Вақте ки бо ҳам ба маҳалли «сирр»-и худаму Славка расидем, падар дурудароз сари ҷо истода монд. Ӯ чашм наканда иморати нави дутабақаро, ки дар ҷилав манзараи диданӣ ва роҳакҳои сангфарш дошт ва бо ҳавзи гирди давр то давр гулпӯш ҳусни тозае ба худ мегирифт, тамошо мекард. Ба иморат дару тирезаҳои ошёнаи поин, ки хеле бузургтар аз дару тирезаҳои маъмулӣ буданд, пешайвони ороёфта бо сутунҳои пур аз нақшу нигор, соябони нишебдор ва алалхусус, айвони шишакоришудаи табақаи дуюм зебу ҷаззобии хосе мебахшид. Сартосар девори иморат бо намои хишти пухтаи қаҳваранг назаррабо буд.

Баъд аз дурудароз дида дӯхтан, падарам ба сухан омад:

– Деҳаи мо ин гуна иморатро надида буд, қандаша занад устояш, хеле боҳунар будааст.

– Медонед устояш кист?

– Мегӯянд, меъмор аз шаҳр аст ва як шаҳрии сарватманд ҳам ҳаваси деҳа кардааст.

Ман дар фикр мондам. Мехостам асли қазияро ба падар ошкор созам, аммо иродатам роҳ надод. Ҳанӯз ҳам метарсидам, ки ӯ Славкаро қабул накарда ба талошҳои ман эрод мегирад ва эҳтимол дорад, бо як дуои бад ҳама карду нокардам як пул шавад. Ҳамин тарс буду сирри ман пеши падар пӯшида монд. Дар ноомади кор, дере нагузашта қиблагоҳ аз дунё гузашт. Рӯҳафтодаю озурдахотир, мисли ин ки гиреҳе қалбамро мефишурд, бисту чили падарро гузарондам ва сипас, агарчи поям намекашид, ба хонаи нав кӯчидам. Дар манзили нав ҳама имконотро доштам, вале то дервақт ҳаловат аз вуҷудам гурезон буд, худамро гунаҳкор ҳис мекардам.

Дар ҳоле ки мо интизор набудем, вақти зиёде аз байн нагузашта Славка низ ғойиб шуд. Чӣ тавре ки ногаҳон омада буд, ҳамон зайл аз байн нопадид гардид. Касе намедонист, ки ӯ куҷоисту чаро ин ғурбатро ба сар гирифтааст. Аммо то ба ҳол ҳеҷ кас ӯро фаромӯш намекунад.

Ҷудоӣ аз инсонҳое, ки ба онҳо дил баста будам, бароям мушкил ва дардовар буд. Бо вуҷуди ин, дар худ ирода ёфтам ва ба хотири бардоштани гиреҳи қалбам дар хонаи нав маъракаи бузурге баргузор кардам. Ба он маърака аз қишлоқи худамону деҳоти атроф одамонро фаро хонда, ба хотири рӯҳи падарам худойӣ гузарондам ва тайи як шабонарӯз се муллои калон Каломи шарифро фароварданд. Ҳамон ҷо ба ҳама ошкор намудам, ки меъмор ва устои хонаам Славкаи мусофир буд. Аз он пас дар дилам сабукӣ ҳис кардам: бароям эътиқоди падар ва ҳунармандии марди мусофир мисли ду ёдгорие буданд, ки бо ҳам тавъам шуда, хотираи некеро ба ҷо мегузоштанд.

## САДОИ ҚАЛБ

Қандак барои ӯ ҷойи бегона буд. Ба назар мерасид, ба ин деҳаи хокиву гилӣ, ки дар болои кӯҳ қарор дошт, гӯё бо чашмони баста афтида бошад. Ҳеҷ гумон намекард, ки рӯзе бо мардуми кӯҳистонӣ, бо одамоне, ки тану ҷонашон дар баробари инҷиқиҳои кӯҳсор обутоб ёфтааст, рӯ ба рӯ мешавад. Лутфу марҳамати қандакиён кам набуд, то ҷое дили мусофирро фаҳмиданӣ мешуданд, аммо онҳо хӯю хислатҳое доштанд, ки ӯ наметавонист нодида гирад: гоҳе орому осуда ва бефарқ ба ҳама чиз чун гӯсфандҳои бобоӣ ва баъзан ҳам тунду зишт мисли хирсу бабрҳои ба шӯр омада. Бо он ки ҳар чӣ буд, саъй мекард ба дилашон роҳ ёбад ва аз худ хиҷолати бегонагиро берун созад. Лекин пай мебурд, ки ҳаракатҳояш бефоида аст, гӯё дар ҳар қадам, пушти ҳар дару остона хатаре дар камин ӯро мепояд.

Муаллими ҷавон ба одати маъмул се тан шогирди худро дар дами дарвоза гусел кард. Шаб, ҳама ҷо зим-зиё торик буд, одам базӯр пеши пояшро медид. Духтарони илмдӯст, ки хориҷ аз дарсҳои мактабӣ аз устоди худ сабақ мегирифтанд, пушти ҳам ба роҳ афтиданд. Он лаҳза севумӣ – Бунафшаи ӯ аз қафо мерафт, қадаммониаш суст шуд. Ҷилави дарвоза номаълум  дасти ӯро гирифту мулоим пахш кард. Муаллим сари ҷо беҳаракат монд, ҳатто ба хайру хуши шогирдон садое аз ӯ дарнаомад. Он шаб хоби роҳат аз муаллими ҷавон гурезон шуд: чеҳраи доим ба табассум моил, чашмони сиёҳи ҷаззоб, абрувони сиёҳи нимакамон, пайкари борику мавзун ва ду тор гесуи баланди овезон бо рақси ҳамешагӣ ҳушу хаёли ӯро рабуда буданд...

Ҳанӯз шири субҳ надамида, бонги хурӯсҳо баланд нашуда буд, ки пушти тирезаи муаллимро сахт кӯфтанд. Аз ҷо парида хест ва ҳаросон бо овози баланд пурсид:

– Кист?

– Биё берун, – садои дағали мардона ба гӯш расид.

– Чӣ гап дорӣ?

– Гуфтам, биё берун! – дубора ҳамон садои тунд шунида шуд.

«Ё тавба, кӣ бошад, дар ин бевақтӣ чӣ мехоҳад аз ӯ?» – зери лаб ғур-ғур кард муаллим ва ҷомаашро ба китф андохта дари берунро кушод. Ба маҳзи ин ки дарро боз кард, дасти бақуввате аз гиребонаш дошта сахт ба берун кашид. Дигар ҳаяли чашм кушода бастан намонда буд, рагбор сели мушту лагад ба сару танаш рехтан гирифт. Муаллим бо зарбаҳои ногаҳонӣ лӯнда шуда ба замин афтиду танҳо тавонист сари худро миёни дастонаш нигаҳ дорад. Ӯ илоҷи дигар надошт, ночор бо ҳамин ҳол то охир мушту лагадкӯбии бачаҳои хунгирифтаро таҳаммул кард. Ниҳоят, вақте ки ташнагии «бабр»-ҳои ба шӯр омада шикасту аз тӯъмаи худ сар бардоштанд, яке аз гиребони муаллим гирифт ва бо таҳдид хашм кард:

– Дигар набинем ба духтарони деҳаи мо даст дароз кунӣ! Агар такрор шавад, ба ҷаҳаннам мефиристем!

Тани маҷрӯҳу абгоршуда то чашм кушодани рӯз беҷону беҳол, оғуштаи гарду хоку хун дар рӯйи ҳавлӣ монд. Ҳамроҳи ӯ фақат хаёлоти печидааш буд: падари айнакӣ чун ҳамеша ба болишт такя зада китоб мехонд; модар онсӯтари ӯ рӯйи курсӣ нишаста беист пашмҳои маҳини гузиндашударо бо урчуқ ресида нах мебофт... Лаҳзае зулмати шаб пеши чашмонашро гирифт, вале дубора шибҳи хаёлот зинда шуд: одамони зиёде ба сӯяш меоянд, аммо ҳар қадар қадам мезананд, ба ӯ намерасанд. Дар байни онҳо духтараке дастонашро алвонҷ медиҳад, табассуму хушҳолӣ чеҳраи ӯро пур кардааст...

Бадани муаллим месӯхт, вараҷа дошт. Беҳолона оҳи дардноке кашид. Пою дастҳояшро ҷунбонд, ангуштонашро ба ҳаракат даровард, лабонашро бурма кард ва пилкҳову абрувонаш бо ҳам пир-пир паридан гирифтанд. Чашмонаш нимабоз шуданд, равшании рӯзро пай бурд, аммо аз калон кушодан тарсид. Ваҳму ҳароси ниҳоние вуҷудашро зер кард ва садоҳое дар зеҳнаш такрор шуданд: «занед, кӯбед, раҳм накунед!». Пилкҳои нимабоз аз нав дар ҷойи худ хобиданд. Дарде магар ба ҷонаш сих зад, бо заҳр дубора нола кашид. Ин лаҳза рӯйи дасту по ва пешонии худ ҳароратеро ҳис кард, каме ба

худ омаду умедворона чашм кушод. Дидаҳои хастааш ба нигоҳҳои гарму чеҳраи шукуфон, ки хеле ошно ва дар пардаи хаёлаш равшан мунъакис буд, рӯ ба рӯ шуд. Оре, ӯ дар муқобили худ Бунафшаро медид, ки бо ҳазор меҳрубонӣ тану сару сураташро мемолид, маҳс мекард. Аз ниҳояти хушҳолӣ як он чашмонаш барқ заданд. Пай бурд, ки пас аз шаллоқ хӯрда аз худ бехуд шудан духтари дӯстдоштааш ба имдоди ӯ расидааст. Аммо хурсандии муаллим дер напоид. Хаёле ӯро мушавваш сохт магар, ба дигар сӯ рӯ гардонд. Хира-хира ба қандили овезони хона дида дӯхт. Ҳар як шишачаи гирду дарозрӯяи он, ки дар се хат пушти ҳам чида шуда буданд, нури рӯзро дар худ фурӯ набурда ба берун пош медоданд ва дар пеши назар чун тӯдаи ситора дар осмони нилгун чашмак мезаданд.

Шогирди меҳрубон, гӯё ки ин ҳолатро пешакӣ тахмин зада буд, ба саркашии ӯ эътиное накард. Бо дасти дигар пахтаи дар оби спиртӣ таркардаи худро бо эҳтиёт рӯйи захмҳо кашидан гирифт. Аз ҳаракатҳояш пайдо буд, ки ҳадафаш яктост: агарчи устодаш намехоҳад бо ӯ гап занаду дар муомила бошад, бояд ӯро муолиҷа кунад ва ба по хезонад.

Муаллим ба забон омад:

– Чаро омадӣ?

Бунафша хомӯш буд, машғули кори худ чизе нагуфт.

– Сарамон дар бало мемонад, ин тавр накун, – афзуд муаллим.

Боз ҳам Бунафша хомӯш буд. Он лаҳза қатраобе банди дасти муаллимро сӯзонд. Ба духтар рӯ овард, вай нигоҳашро гурезонд. Маълум буд, ки дар дарун мегиряд, рухсори бачагонааш андӯҳгин ва бо ин ҳол боз ҳам ҷаззоб менамуд. Канори ҳам хомӯшу дам дар дарун хеле нишаста монданд...

Муаллим танҳо буд. Дар деҳаи кӯҳии Қандак танҳо ӯ мусофир буд. Ба кор омаду тамоми ҳастиашро ба мактаб бахшид. Орзу дошт шогирдони хубу дуруст тарбия кунад, дар дилу ёди қандакиён хотираи хуб боқӣ гузорад. Вале бо мурури вақт по аз остонаи одоб фаротар гузошт, нохудогоҳ, ба доми ишқ гирифтор шуд. Бехабар аз ҷаҳлу ғурури деҳотиён аз домани шогирди худ гирифт. Пай мебурд, ки кори хато мекунад, аммо гуноҳи шогирдаш аз ӯ камтар набуд: бо тамоми ҳастӣ ба ӯ майл дошт.

Бемории муаллим зиёд тӯл накашид, захмҳои баданаш беҳбуд ёфтанд. Ӯ боз ба сари кор баргашт. Дуруст, ба кор омад, аммо дигар он гармии пештараро ҳис накард. Муҳити кор барояш бегона тофт, гӯё ҳама ба ӯ бо тамасхур нигоҳ мекарданд. То он рӯз касе ба мақоли «ту дидию ман не» аз ӯ чизе напурсид. Аз дарду ранҷҳои ӯ, ба ҷуз Бунафша, касе огоҳ набуд ва зоҳиран касе огоҳ шуданро намехост. Муаллим ба ин ҳол зиёд тоб наоварда, ба худ аҳд кард Қандакро тарк гӯяд. Ӯ донист, ки дигар наметавонад дар ин деҳа, агарчи хеле дӯст медошт ва ба табиати аҷоиб, торону чукриҳои туршмаззаи гуворо, себу шафтолуҳои хуштаъм, шакаробу қурутоб ва кулчаву фатирҳои бемислаш одат карда буд, бимонад.

Дар талу доманакӯҳҳои Қандак баҳор рӯ боз кард. Пешу паси теппаҳоро қолии сабз пӯшонд ва аксаран дар шонаҳои офтоббаро дарахтони гулкардаи бодом сафеду қирмизӣ ба назар метофтанд. Ҳанӯз соли таҳсил ба поён нарасида муаллим ҳисобрасӣ кард ва баъд аз хайрухуши муҷаз бо ҳамкорону шогирдон кӯлбори сафарро ба дӯш гирифт. Ӯ оғушта дар ҳаяҷони ботинӣ, паснигарону дилвопас аз ягона ҷодаи мошинрави каҷу килеб ба поин сарнишеб шуд. Тунд қадам мезад, мехост зери ҳар қадам гарди андӯҳу озурдагии худро поймол кунад ва оташи сандуқи дилашро коҳиш диҳад.

Муаллим роҳравон меандешид, ки ҳоло дар Бухоро аз одатҳои қадима, ки қандакиён доштанд, ному нишон намондааст. Дар зодгоҳи ӯ, ба хусус, ҷавононро бештар ба майли худ мегузоранд. Падару модаре нест, ки интихоби онҳоро ҳурмат накунад. Ӯ хеле дида ва шунидааст, ки духтарон ба ҳамкору ҳамкурси дурдасти худ шавҳар кардаанд ва ҷавонон ҳам аз шаҳру деҳоти дигар арӯс овардаанд. Дар зодгоҳи ӯ ин одатро чун як отифаи инсонии обхӯрда аз эҳсосоти нозук пазируфтаанд.

Муаллим ба деҳаи Сарипул расид. Ин русто дар даромадгоҳ ва пастии кӯҳи Қандак қарор дошт, ки қандакиён аз он гузашта ба Обигарм мерасиданд. Ба хотири миёнбур кардани роҳи камарбандӣ муаллим ба сари пули ҷунбон омад. Ин кӯпрук як гузаргоҳи

борики бесутун дар болои рӯди Сарипул буд. Аз он ҷо ба қафо, ба деҳаи Қандак, ки то ҷое нафосати онро дар қалбаш эҳсос мекард, назар афканд. Аз ин дидгоҳ деҳаи дӯстдоштааш боз ҳам ҷолибтар ба назар расид. Он дар фарози се теппаи азими хокӣ, ки бо ҷарҳои тӯлонӣ аз ҳам ҷудо мешуданд, воқеъ буд. Теппагиҳо чун ба боло тӯл мекашиданд, бо кам шудани арзи худ шакли махрутаи[1] сарбуридаеро мегирифтанд. Дар нишебу хамиҳои онҳо то ба боло боғу ҳавлӣ ва хонаҳои сокинон ба таври чошу париш дида мешуд. Ҷодаи дастрасӣ аз бағали як теппа чун мори зардгун бо печҳои зиёд ба боло мерафт. Аз анвори заррини хуршед тамоми теппагии самти чап тиллоӣ ва ҷо-ҷо бо рангҳои тирукамонӣ ҷило медод.

Муаллим бо дидаҳои ашколуд охирин бор дар дил дуо хонд: «Қандаки азизам, Худо нигаҳдорат бод! Илоҳо, одамонат саломату сарбаланд бошанд! Бунафшаам, маро бубахш...». Ӯ кӯлборашро маҳкамтар ба дӯш кашид ва дар пули ҷунбон ба қадамзанӣ даромад. Роҳравон дубора ба ёди Қандаку мактаби он, одамони содаи заҳматкаш ва тундхӯяш, шогирдони ҳарис ба донишу дилрабояш афтид. Гоҳе фикру хаёлашро ғурриши оби рӯд, ки дар умқи понздаҳ-бист метр бо ғалаён ҷорӣ мешуд, парешон мекард. Оби саркаш бо ҷастухези беохир дар рӯди борик равон буд ва ҳар замон рутубату шаббодаи ғализи он то ба рӯйи пул мезад. Пул кам-кам такон мехӯрд, вале муаллим ба он эътиное накарда, бо як даст танобсими канориро медошт ва ба пеш мехазид. Ӯ ҳанӯз ба васати пул нарасида буд, ки аз қафо овози шиносе канда-канда шунида шуд. Дарҳол ба пушт сар гардонд ва ба чашмҳои худ бовар накард: аз он самти пул Бунафша бошаст давида меомад ва беист «устод, устод»- гӯён овоз медод. Садояш бо ғурриши обу шуввоси мулоими боде, ки вазида меистод, нимхӯрда ба гӯш мерасид. Муаллим ноилоҷ сари ҷо мех шуд ва бо ҳайрату шигифт расида омадани шогирдашро мунтазир монд. Бунафша гӯё аз чизе фирор мекард, бо як даст ду бари рӯсариашро дошта, дасти дигарро алвонҷ дода якрост медавид. Мисли як бузғола ё барраи гуруснае буд, ки бо дидани модари худ ҳама чизро фаромӯш карда барои макидан мешитофт. Ё воқеан, оҳубачаи ба ҳарос афтидаеро мемонд, ки аз дасти гурги хунхӯр гурехта ҷон ба саломат бурданӣ мешуд. Муаллим духтари дӯстдоштаи худро ҳеҷ гоҳ дар ин ҳол надида буд ва тааҷҷуб мекард, ки чаро вай аз дунболаш омадааст, чӣ мехоҳад аз ӯ?

Бунафша, дар ҳоле ки тамоми сару рӯяш арақшор шуда буд, тез-тез нафаскашон рӯ ба рӯйи муаллим қарор гирифт. Аз димоғаш ҳаври гармӣ ба берун мезад, рӯйи чашмони ашколудаш мижгонҳои сиёҳи тез беист болову поин мешуданд, лабонаш мепариданд, аммо ёрои сухан гуфтан надошт. Дар муқобили муаллим истоду натавонист ҳарфе гӯяд, бо изтиробу ҳаяҷони сахте, ки дар дил дошт, беҳолона сарашро бар сандуқи дили ӯ гузошт, дудаста даври камарашро ҳалқа зад ва домани гиряро раҳо кард. Беист, аз таҳи дил дод мегуфт ва то метавонист худро ба муаллим ҷафстар карда ӯро дар оғӯш мегирифт. Маълум буд, ки асло намехоҳад устодашро аз даст диҳад.

Муаллим ҳеҷ аксуламале нишон надод, гузошт, ки Бунафша то охир гиря кунад ва то хаста шудан ӯро дар оғӯш нигаҳ дорад. Ва танҳо замоне, ки ором шуду ҳик-ҳиккунон гиряашро қатъ кард, бо мулоимат лаб ба сухан кушод:

– Ба ту чӣ шуд? Чаро аз пуштам омадӣ?

Бунафша хомӯш буд, намехост ҳарф занад. Муаллим боз гуфт:

– Ту бояд ба деҳа баргардӣ, сафари ман дуру дароз аст.

Аз Бунафша садое набаромад, хомӯш истода гоҳе ҳам ҳик-ҳик мекард. Муаллим дастҳояшро оҳиста рӯйи китфони ӯ гузошт ва бо меҳрубонӣ афзуд:

– Ту духтари оқилаӣ, азизам, маро раҳо куну ба деҳа, ба пеши падару модарат баргард. Аз ту хавотир мекашанд.

– Намехоҳам, – ин ҷо ба овоз омад Бунафша, – бо онҳо ҷанг кардам, маро аз хона ронданд.

Хун ба сари муаллим зад, хеле нороҳат шуд. Ӯ чунин сурат гирифтани қазияро аслан намехост. Дар ҳоле ки хомӯш буду намедонист чӣ маслиҳате диҳад, Бунафша илова кард:

[1] *махрута* – силиндр

– Устод, маро бо худ баред, бо ҳам зиндагӣ мекунем.

– Чиҳо мегӯйӣ? Магар намедонӣ ин кор имконпазир нест? – ба сухан омад муаллим. – Ту бояд баргардӣ, бе ризоияти падару модар ҳеҷ коре намешавад кард.

– Ҳамаашон ба ман нафрат доранд. Мегӯянд, расму оинамонро зери по гузоштӣ, моро беобрӯ кардӣ.

– Ҳар чӣ буда, таҳаммул кун, узр хоҳ. Мебинӣ, ки чанд вақт гузаштаву ҳама чиз ҷо ба ҷойи худ афтидааст. Аз деҳа рафтани ман ҳам фақат ба хотири осудагии ту буд, нахостам аз дасти ман ҳаётат мушкилсоз шавад.

– Асло! Осудагӣ бе шумо бароям бадбахтист. Шабу рӯз хаёлан худро ба шумо бахшидаам. Хоҳиш мекунам, маро бифаҳмед, маро бо худ баред!

– Охир, ту ҳанӯз кӯдакӣ, дарс мехонӣ! Магар мешавад бо ин синну сол фикрҳои дигар кард?

– Ман намехоҳам ин ҷо бимонам, дигар рӯйи мондан ҳам надорам, – Бунафша дубора фиқ-фиқ ба гиря даромад.

Муаллим намедонист бо ин духтари якрав чӣ кор кунад. Агарчи як неруи ниҳоне ӯро ба духтар наздик мекард ва ба бурдани ӯ бармеангехт, намехост муаммое пеши по эҷод шавад. Ҳама чизро фаромӯш карданӣ буд, мехост аз ин вобастагӣ даст кашаду зиндагии нав барои худ ихтиёр намояд. Ӯ ёрои гӯш кардан ба хости дилашро надошт. Аз баҳсҳои дилозор ҳавсалааш сар рафту бо ҷаҳл ба духтар итоб кард:

– Ҳар чӣ мехоҳӣ бикун, фақат аз баҳри ман баро! Маро раҳо кун, бояд ба корам расам!

Аммо Бунафша сахт ба муаллим часпида буд, намехост ӯро сар диҳад. Дилаш дар қафаси сина тез-тез мезад, ҳавлу ҳаяҷони беохир вуҷудашро фаро гирифта буд. Муаллим асабонӣ шуд. Бо он, ки дилаш намехост, аз банди дастҳои духтар дошт ва каме бо зӯрӣ ӯро аз худ ҷудо кард.

– Ту ақлатро хӯрдаӣ, Бунафша! – бо ҷаҳл ба суханаш идома дод муаллим. – Коре, ки мумкин нест, мехоҳӣ анҷом диҳӣ! Баргард ба хонаат, маро азият накун, баргард!

Бунафша аз муаллим ҷудо шуду бар рӯйи кафи пул нишаста монд. Худро дошта натавониста, аз решаҳои дил фиғон бардошт. Пушти ҳам бо муштҳои гиреҳхӯрдааш ба кафи тахтагини пул задан гирифт. Аз он пас чанд бор пешониашро ба пушти дастҳояш кӯбида доду бедод роҳ андохт. Ӯ мегирист, фиғон мекард, аз дарди ҷудоӣ баланд зева[1] мекашид.

Муаллим аз ҷаҳл нафаромада буд. Дигар, бо қатъият, ба мусибати духтар эътиборе надода ба роҳ даромад. Ӯ дар ҳоле, ки асабӣ шуда бо дилхурӣ Бунафшаро маломат мекард, то ба гӯшаи охири пул расидани худро нафаҳмида монд. Дигар овози духтарро намешунид, фақат таронаи якмароми рӯд иборат аз ғурришу шуввоси оби саркаш дар пушти гӯшҳояш садо медод. Ӯ дар охири пул аз зинаҳои он поин нашуда, бехаёл ба қафо нигоҳ кард. Ба қафо нигоҳ карду ҳуш аз сараш парид! Бунафша рӯйи пул намеистод, балки бо ду по ба милаи дуюми канорӣ боло шуда буд ва фақат милаи сеюм, ки танобсими маҳкаме буд, дар баробари зонуҳояш ҷуссаи ӯро нигаҳ медошт. Шамоли рӯд пироҳани васеи духтарро якзайл ба пеш алвонҷ медод. Рӯсарии қирмизрангаш ҳам ба дастгираи оҳанӣ андармон шуда, гоҳ-гоҳ аз насими бод пасту боло мешуд. Мӯҳояш парешон ба шонаҳояш фаромада сару рӯяшро пинҳон мекарданд.

Муаллим худро гум кард, бо ҳавлу ҳарос ба пас гашт ва ба сӯйи Бунафша дартоз шуд. Ӯ аз таконхӯрии пул ҳам наҳаросид, дигар ҷони худро фикр намекард, баланд-баланд қадам бардошта, барои расидан ба духтар дар талош шуд. Медавиду аз иштибоҳи худ дар худ мепечид. Ӯ асло дарк накарда буд, ки Бунафша бе ӯ ҳатто омода аст ба ҷони худ қасд кунад! Оре, маҳбубаи ӯ аз ҳаёт даст шустанист, агар ӯ дар канораш набошад, зиндагӣ барояш маънӣ надорад. «Эҳ аблаҳ, наход то ин андоза чашми дилат кӯр буд?! Наход то ин ҷо ишқашро нодида гирифтӣ?!»

[1] *зева* – нолаи дардомез мисли уллос

Саъю талвосаи муаллим бар абас нарафт. Ҳамон лаҳзае, ки духтар мехост ҷуссаи нозуку сабуки худро ба пеш, ба доми мавҷҳои хурӯшони рӯди саркаш афканад, халоскораш – муаллими хастаҷон ба имдод расид. Муаллими ошиқ бо як ҷаҳиши бемонанде, ки шояд бабрҳои кӯҳистони Қандак ончунон хез зада натавонанд, худро ба маҳбубааш расонд ва бо дасти маҳкам ҳалқавор аз миёни ӯ гирифт ва ба рӯйи пул кашид. Бунафша дар оғӯши муаллим монд. Тани духтар, дасту сару сураташ батамом сард буд. Рангпарида, бо чашмони боз теғ кашида нигоҳ мекард. Вуҷудаш беҳаракат буд, гӯё дармони ҷунбидан надошт. Пули ҷунбон зери пояшон ба оҳистагӣ такон мехӯрд. Насиму шаббодаи резаборони рӯд беохир бар тану дӯшашон мезад. Муаллим духтари мисли чӯб шахшударо дар бағал зер карда, ду чашм ба дарё медӯхт. Об аз тангнои таги пул бо суръат ва садои баланд мавҷҳои тезу паҳни кулоҳӣ ҳосил карда, ба поин мерафт ва кам-кам маҷрояшро густаронида дар сатҳи худ оромтар мешуд.

Муаллим чанд гоҳ ба бозиҳои оби рӯд дида дӯхт ва бухори парешони сатҳи он хаёлашро бурд. Ба назараш намуд, ки он бухор чун ғубори хокистариранге даври як нуқта ҷамъ шудан гирифт ва аз он ҷо ба мисли гирдбодҳои биёбонӣ ба боло печида баромад. Вале ғубори ҷамъшуда зиёд парешон нагардид, дуруст рӯ ба рӯйи муаллим паҳн шуду шакли оинаеро гирифт. Ғайриинтизор, дар оина акси мӯсафеди нуроние падид омад. Дили муаллим «шувви» рехт ва зери лаб забон хойид: «Ё пирам!». Мӯсафед ду дасти худро болои ҳам гирифта, бо лабханд ва чашмҳои гарму нуронӣ ба ҷавонон дида медӯхт. Муаллим медид, ки чеҳраи ӯ ошно аст, аммо ҳеҷ ба ёдаш намеомад, ки дар куҷо ӯро дидааст. Бо самимият дар дил салом гуфт ва илтиҷоомез пурсид: «Ё пирам, ту чӣ мефармоӣ, ман чӣ коре бо ин духтари густох кунам?». Гӯё табассуми мӯсафед бештар шуд ва овозе аз ғайб дар мағзи муаллим нишаст: «Ба қалбат гӯш кун, азизам, ҳар чӣ мефармояд ба он амал кун». Муаллим чашмҳояшро калонтар кушод, оинаи ғуборӣ бо акси мӯсафеди нуронӣ нопадид шуд. Ӯ дубора Бунафшаро маҳкамтар дар оғӯш гирифт.

## АМОНАТ

Доманакӯҳҳои Нахлу Сафо то ҷое, ки вусъат доштанд, барои деҳаи Рӯдак бағал кушода, дар қисми болоии қишлоқ пас аз охирин кулбаҳои гилӣ оғӯши худро танг мекарданд ва ба ҳам мепайвастанд. Фарози ин пайвастагӣ паҳнои васее дошт ва ғайр аз як роҳи дастрасии морпеч, ки то деҳа мерафт, давр то давр бо нишебҳои баланди тез иҳота мешуд. Бо вуҷуди тангӣ ва маҳдудии маҳал, дар ин баландкӯҳ воҳиди низомии мо пойгоҳ зада буд. Нишемангоҳамон ҷазираи муаллақеро мемонд, аммо аз ин парво намекардем. Эскадриляи мо панҷ чархболи ҳарбӣ ва куллан панҷоҳ нафар низомии ҷиҳозондашуда бо василаҳои ҷангӣ дошт. Бо чодарҳои брезентӣ сарпаноҳ дуруст карда, се-чор нафарӣ ҷойгир шуда будем. Аз чор тарафи баландӣ дидбонҳо шабу рӯз посдорӣ мекарданд. Эҳтимол дошт, мухолифин аз ҳар сӯ шабехун зананд, вале ҳушу хаёли мо бештар побанди деҳаи Рӯдак буд, зеро ҳамлаҳои ногаҳонӣ аз доманакӯҳҳо осонтар сурат мегирифт. Аз ин рӯ, фармондеҳи эскадриля чархболҳоро бо навбат ба машқу амалиёти низомӣ мефиристод ва дар худи пойгоҳ низ тараддуду машқи сарбозон ва афсаронро дар давоми рӯз канда намекард.

Фармондеҳи мо тануманди сергӯшт ва қавиҳайкал буд. Ӯ сиёсат ва ҳайбати шерона дошт, ки танҳо нигоҳаш бадани касро ба ларза меандохт. Дар тӯли як сол шашумин бор барои барҳам додани дастаҳои мухолиф пойгоҳ мезад ва то ҳол эскадриляи ӯ ягона воҳиди низомӣ буд, ки талафоти ҷонӣ надошт. Ба чархболҳои худ бо меҳр ва алоқаи зиёд нигоҳ мекард. Ӯ бо ғурур мегуфт, ки барои мо «Ми-шаш»-ҳо фарзандони калонӣ ва «Ми-ҳашт»-ҳо фарзандони хурдианд. Агарчи фармондеҳ украинӣ буд, ранги сиёҳчурда, чашмони сиёҳ ва мӯйлаби ғафсаш марди тоҷикро мемонд ва ҳар гоҳ дилаш мехост, либоси маҳаллӣ ба тан карда, бо ман ба деҳа мерафт. Ӯ маро дасту забону чашми хеш мехонд ва аз худ

бештар ғамхори ман буд. Ҳар ҷо мерафтем, маро аз қафояш мебурд ва ҳангоми гапзанӣ ба мусоҳиби худ тавре вонамуд мекард, ки гӯё забони ӯро мефаҳмад ва ҳар гуна имою ишораашро дарк мекунад. Дар ин пайт ҳунари ман ба дард мехӯрд, номаълум, фақат ба ӯ шунавонда сухани тарафро тарҷума мекардам, ӯро ба анҷоми ҳаракату ҳолатҳои лозим водор менамудам. Мо то ҷое бо ҳам унс гирифта будем, ки бо як нигоҳ манзури ҳамдигарро мефаҳмидем. Гӯё риштаҳое ноаён моро мисли ду бародар ба ҳам мепайваст ва ҳар қадар сафарамон тӯл мекашид, бештар якдигарро мешинохтем.

Ба деҳаи Рӯдак тез роҳ ёфтем. Азбаски одамони он ҷо моро бо иззату икром истиқбол мекарданд, сараввал ба назар шубҳанок намуд. Охир, ин гуна бархӯрдро дар ҳеҷ ҷо надида будем! Аммо баъд аз мулоқот ва нишасту хез бо деҳбон – Ҳоҷӣ Султон Саид хаёламон ҷамъ шуд. Ин мӯсафед, ки нисбат ба сокинони дигар солоруж порсотар ба назар мерасид ва атрофиёнаш ба ӯ сахт вобаста буданд, бо надомату нафрат дар хусуси бераҳмиҳои дастаҳои авбош, зӯроварӣ ва тороҷгарии онҳо, ки худро дӯстдору пуштибони миҳан хонда ба ҳар гуна номаъқулӣ даст мезадаанд, дарди дил гуфт. Ӯ наметавонист хушҳолии худро, ки бо омадани мо ҳамдеҳагонаш нафаси осуда мекашиданд, пинҳон кунад. Ошкоро изҳор медошт, «Худо ба мо муҳаббат кард, гӯё санги осиёбро аз сарамон бардошт». Дар ҳақиқат, рӯзҳои аввал ман пай мебурдам, ки одамони деҳа ҳама хаставу лакот шудаанд. Дар ҳар қадаму нигоҳашон, мисли бузҳое, ки аз пушти хору харсангҳо худро гирифта мегурезанд, ҳисси тарсу рам дида мешуд.

Ҳоҷӣ ҳамчунин нақл кард, ки гузаштаҳояш аз Деҳибаланди мо будаанд ва дар деҳаи Рӯдак низ танҳо як авлод – бозмондаи гурезаҳои солҳои бистуми асри гузашта сокин шудаанд. Ӯ мегуфт, ҳазору як бор орзуи баргаштан ба ватани бобоӣ кардааст, аммо аз дасти тақдир дарахти ин орзу кайҳо решакан шуда. Бо ин ҳол, боре кӯлборҳои моро бо маводи хӯрокӣ пур карда, аз ман хост, ки ҳангоми рафтан ӯро бубинам. Ҳоҷӣ илтиҷоомез гуфта буд: «Ман амонате дорам, бояд ба Мурод фиристам». Мурод бародари деҳибаландии мӯсафед буд, ки дар солҳои табъиду фирор аз ҳам ҷудо шудаанд. Ҳангоми гурезо гурез аз дасти патриотҳои «сурх», оилаи ҳоҷӣ ҳар чи доштааст дур андохта, бо ду-се тангаи тилло ва бо сад азобӣ тарки ватан мекунад. Муроди хурдсол бошад, дар дасти кампири ҳамсоя, ки ӯ ҳам нобино буда, мемонад. Тақдир ба ӯ чӣ ҳукме раво дида, маълум нест.

Вақте ки фасли баҳор дасти давоми солро ба тобистон месупурд, аз поёни муддати сарбозии ман қариб як моҳ мегузашт. Мебоист фармондеҳ низ ба истироҳати навбатӣ равад, аз ин рӯ, эскадриляи худро сабук карда, аллакай наздики сӣ нафар аскару афсар ва чор дастгоҳ чархболро ба воҳидҳои низомии дигар гузаронд. Ӯ мехост корашро бекамукост ба итмом расонда, бо сари баланд ба таътил баргардад ва боре ҳам бетоқатии маро барои «дембил» пай бурда гуфта буд: «Бо ҳам омадем, бо ҳам хоки афғонро тарк мекунем ва ман туро то манзилат мерасонам. Ту, ки намехоҳӣ дӯсти нимароҳ бошӣ?». Воқеан, дар ниҳоди ману ин бародари украинӣ, агарчи бисту панҷ сол ихтилофи синну сол доштем, решаҳои дӯстие хона карда буд, ки имкони пай кандан надошт.

Ниҳоят, фармондеҳ дастури рухсатиро гирифт. Охирин шабе буд, ки пас аз шом дар хаймаи ӯ, пушти мизи кориаш менишастем. Дар пешамон ду харита – ду нақшаи мавқеияти маҳалҳо ба забонҳои русӣ ва дарӣ паҳн буд. Фармондеҳ бо диққат ба нақшаи русӣ зеҳн монда, дар чанд ҷо бо қалами қирмиз нуқта гузошт ва ба ман фармуд:

– Ин мавзеъҳоро дар нақшаи худат пайдо кун.

Ман дарҳол ба кор часпидам. Баъд аз иҷрои вазифа номи мавзеъ ва маҳалҳои наздиктарини нуқтаҳоеро, ки худам низ гузошта будам, ба фармондеҳ баён кардам. Ӯ аз ҳамхонии харитаҳо хушҳол шуду бо қалам тамоми нуқтаҳояшро бо ҳам пайваст ва табассумомез, дар ҳоле ки чашмонаш аз ғурур медурахшиданд, ба доираи каҷу килеби ҳосилкардааш ишора карда гуфт:

– Мо ин маҳдударо озод кардем. Мардуми озордидаи кӯҳистон ба зиндагии ором даст ёфт. Вале чашмам намерасад, ки ин талошҳо то ба охир расад.

– Фикр мекунед, шӯравӣ хоки афғонро мегирад?

– Ту ба ин шак дорӣ?

– Ин миллат ба ҳеҷ кас таслим нашудааст.

– Мо, ки таслим намекунем, барояшон истиқлол медиҳем.

Ман намехостам ба гуфтаи фармондеҳ эрод гирам ва шишаи ҳиссиёташро харошам, аммо иродаам дасти худам набуд. Бо ҳамон беэҳтиётӣ ба суханам идома додам:

– Инҳо артиши моро сипоҳи кофир мехонанд. То кӯдаки гаҳвора аз мо ҳазар мекунанд.

Фармондеҳ як қад парид. Ба ман теғ кашида нигоҳ карду пурсид:

– Ту аз куҷо медонӣ?

– Бо шумо кам маҳалро нагаштем. Дунёи афғонҳо дигар аст, онҳо маънии истиқлоли моро намефаҳманд. Озодӣ барояшон танҳо бо сару пойи худ гаштан аст, агар касе ба ин халал расонад, ӯро чашми дидан надоранд. Мо барояшон меҳмони нохондаем.

– Аммо рӯдакиҳоро инчунин намебинам, ба мо хеле эҳтиром мегузоранд.

– Рост, аз он чи гуфтам, аҳли ин деҳа мустасност, зеро ҳанӯз бо ёди гузаштагони худ зиндаанд. Мо омадему перомуни худ накҳату насими ватани бобоиро эҳсос карданд.

Фармондеҳ  дубора ба харитаи пеши худ чашм дӯхт. Бароям торик буд, ки мурғи хаёлаш ба куҷоҳо парвоз мекунад. Ба назар мерасид, дар хатсайри умеду орзуҳояш бори аввал пешпо мехӯрд. Шояд барои худ меандешид, ки воқеан халқи саркашу мағрурро мутеи васвасаҳои бегона кардан кори осон нест. Ин кор на бо автомат, на бо БТР, на бо чархбол ба даст меояд. Шояд ин миллатро ба ҳоли худ гузоштан беҳтарин чора аст? Аммо дигар дер шуда, тир аз камон ҷастааст. Дигар, «меҳмони нохонда» то замоне, ки ба остонаи баланд пешпо нахӯрад, пас нахоҳад гашт...

Он шаб асло хобам набурд, як сар доштаму ҳазор хаёл. Рӯйи ҷогаҳ даст ба даст паҳлу мегаштаму субҳи рӯзи дигарро интизорӣ мекашидам. Пир шудани сафари сарбозӣ ва муштоқӣ ба хоки ватан маро нороҳат карда буд. Ба назарам, дигар ёрои хизматро надоштам, ҳар чи зудтар бол бароварда ба зодгоҳ парвоз карданро мехостам. Эҳ, кош зудтар субҳ медамиду бо фармондеҳ ба деҳаи Рӯдак мефаромадем. Ҳоҷӣ чашм ба роҳи мо буд, мебоист амонаташро диҳад ва бо ҳам худоҳофизӣ кунем. Он лаҳза ҳанӯз нарасида, дилам гум-гум мезад ва кайки нороҳатӣ дар тамоми вуҷудам роҳ мерафт.

Ғарқ дар гирдоби фикру хаёлҳои печ дар печ равшан шудани берунро нафаҳмида мондам. Садои марғуладори фармондеҳ маро ба по хезонд. Ниму нимкора либосҳоямро ба тан андохта, давида аз чодар баромадам. Фармондеҳи аллакай омода ба сафар ҳоли маро диду хандида фиристод ва завққунон гуфт:

– Қарор буд ту маро бедор кунӣ, хобат зӯрӣ кард?

– Хоб дар куҷо? Тамоми шаб мижа таҳ накардаам.

– Туро нағз мефаҳмам, ҳоло фақат ҷисмат дар инҷост. Дигар аз ту кор кашидан ҳам амри муҳол. Аммо бояд ба деҳа равем, ҳоҷӣ маътал мешавад. Зуд худатро ба тартиб биёр!

– Итоат! – ман башаст пас гашта ба чодари брезентӣ даромадам ва сарутан пӯшида ба сафар ҳозир шудам.

Ин дафъа сарбози дигарро ҳамроҳ нагирифтем. Бо ҳам аз роҳи морпеч ба ҷониби деҳа сарнишеб шудем. Агарчи равшании субҳ пардаи торикиро шикофта торафт бештар чеҳра тоза мекард, пеши по ба осонӣ дида намешуд. Бо вуҷуди ин, фармондеҳ хору буттаю сангҳои сари роҳро нодида гирифта, бо суръат ба пеш қадам мезад. Ӯ аз қафо бо шонаҳои паҳн ва қавиҳайкалӣ мардони паҳлавонро ба хотир меовард ва автомати худро маҳкам ба дӯш гирифта бардам-бардам по мебардошт. Дар роҳпаймоӣ ман ҳам аз ӯ монданӣ надоштам. Ҳис мекардам, ки ҳар ду шитоб дорем, мехостем ҳар чи зудтар қишлоқиҳоро дида, охирин бор аз лутфу марҳамати онҳо файзёб шавем ва дилпур ба ватан баргардем. Мебоист хоҳиши ҳоҷиро ба ҷо оварем, амонати ӯро ба зодгоҳаш расонем. Аҷаб, ӯ чиро мехост бидиҳад? Чиро мехост ба бародараш фиристад? Чӣ чизе ӯрову бародарашро бо ҳам мепайвандад?

Ҳанӯз ба манзили ҳоҷӣ наздик нашуда, шиҳаи нобаҳангоми асп ҳавосамонро парешон кард. Дидем, се асп дар назди дарвоза ба шохаҳои дарахти тут лигомбанд

меистоданд. Пай бурдан мушкил набуд, ки аспҳо бегонаанд, аз ҷойи дигар омадаанд ва хат-хатиҳои сафеду сиёҳи шолҳои рӯйи зини онҳо гарданбандҳои мухолифинро ба хотир меовард. Моргазида аз ресмони ало метарсад, сари ҷо шах шудам. Як он ҳолати омодабош гирифтани фармондеҳ аён месохт, ки хатаре дар камин аст. Ӯ беихтиёр силоҳи худро ба даст гирифт ва ба ман дастур дод:

– Ту ба пушти деворҳои танӯрхона гузар ва бо эҳтиёт ҳавлии ҳоҷиро аз назар гузарон. Ҳар чиро мушоҳида кардӣ, ба сӯям ишора деҳ ва то расидани ман ба ҳавлӣ ҳеҷ гоҳ пешхезӣ накун! – Фармондеҳ дар як он ҷуссаи худро ба замин андохт ва дар пушти харсанге, милаи автоматро ба ҷониби хона нигаронда, дароз кашид.

Вазъият ҷиддӣ буд. Аз сари субҳ бӯйи нохушӣ ба димоғ мезад. Ман ҳамоно худро ба даст гирифта, хамшавон ва ду чашм ба пеш дартоз шудам. Аз қафои деворҳои хона гузаштаму дар ақиби танӯрхона нафас рост кардам. Сипас, бо бетоқатӣ, дар сурате ки тарсу воҳимаи ногаҳонӣ тану ҷонамро меларзонд, аз тарқиши байни танӯрхонаю айвон ба ҳавлӣ назар афкандам. Чашм дӯхтанам буду ҳуш аз сар парид. Дар ҳавлӣ ҳоҷӣ дастбаставу сару рӯ хуншор ва бо либосҳои тика-тикашуда дароз мекашид ва се нафар марди ришдори ғӯл ӯро пурсуҷӯ мекарданд. Зану бачаҳои ҳоҷӣ бошанд, дар як гӯша бо рангҳои парида ва чашмони аз косахона баромада ангушту лаби остин газида сари дузону менишастанд.

Ҳамон замон ба сӯйи фармондеҳ рӯ гардонда, бо имову ишора вазъи ҳолро бозгӯ намудам. Ҳарчанд дилам ҳавл меовард, дар сар танҳо як чизро андеша мекардам: бо ҳар қимате бошад, бояд ҳоҷӣ ва бачаҳояшро наҷот дод, ӯ ба мо муҳаббати зиёд дошт, ба неруҳоямон эътимод меварзид. То он рӯз деҳаи Рӯдак танҳо бо имдоду ҷосусиҳои ӯ ва авлодаш дар ихтиёри мо буд. Дар байни миллати афғон мисли ӯ ҷонсупору сахткӯшро кам дидаам. Ҳоҷӣ намехост дар кишвараш ҷангу хунрезӣ шавад, аммо маҷбур мешуд ин оинаро тамошо кунад. Ӯ аз ғосибони силоҳбадасту салладори исломгаро, ки дини мубинро ба бедодгариҳои худ поя мехонданд, ҳазар мекард. Ҳоло, нохудогоҳ, ба доми онҳо афтида буд.

Лаҳзае аз ишораҳои ман гузашту фармондеҳ аз самти муқобил ба тарафи хона омад. Шояд илоҷи дигаре наёфта буд, ки ошкоро дарвозаро бо як зарб кушода рӯ ба рӯйи зӯроварон пайдо шуд. Ҳамон замон ҳар ду ҷониб худро ба замин афканда ба сӯйи якдигар тирпарронӣ карданд. Дигар ҷойи истиҳола намонда буд, ман ҳам ҷаҳидаму худро ба болои танӯрхона гирифтам ва ҳамон дам яке аз салладорҳоро, ки дар паси сутуни пешайвон пушт ба ман пинҳон мешуд, аз по афтондам. Ду нафари дигар аллакай тӯъмаи тирҳои фармондеҳ шуда буданд. Худро ба ҳавлӣ партофта, бо ҳавлу ҳарос дастҳои ҳоҷиро кушодам, ӯ талвосаи ҷон мекард. Маро дида зану бачаҳояш ҳам давида омаданд. Дар паҳлуям фармондеҳ зону зад, бехабар аз худ, ки як дасташ кашол буду аз он хун мечакид, дасти солимашро аз зери сари ҳоҷӣ гузаронд. Ҳоҷӣ ба ҳамсараш рӯ оварду канда-канда гуфт:

– Кӯ-за... ки-тоб-ча...

Ҳамсараш дартоз ба таҳхона рафт ва аз он ҷо бо як халтачаи дастадор пас омад. Ҳоҷӣ бо дастҳои ларзон даҳони халтачаро боз кард, дар он як кӯзача, ки сараш латтапеч буд ва китобчаи заҳиргаштае ба чашм мехӯрд.

– Ин амо-нати ман, – тамоми қуввати худро ҷамъ карда базӯр сухан гуфт ҳоҷӣ ва афзуд: – Хоки падар ва... таъ-рих-чаи аҷ-дод... – ин ҷо ҳоҷӣ бар рӯйи дасти фармондеҳ ҷон дод. Фиғони зану бачаҳояш ба осмон печид...

Он воқеаҳо буду ману фармондеҳи дар охирин рӯз ҷароҳатдида фарози доманакӯҳҳои Нахлу Сафо ва деҳаи Рӯдакро хайрбод гуфтем ва аз тариқи Мазори Шарифу Тирмиз ба Тошканд баргаштем. Дар ҳама ҷо насими фораму атромези ватан ба машом зада моро маст мекард. Афсонаи хоки афғонро гӯё дар хоб дида будем. Намехостем аз ҳам ҷудо шавем, аммо таноби зиндагӣ фармондеҳро ба мамлакати худашу маро ба зодгоҳам кашид. Бо дилҳои ноҳоҳам маҷбур будем ба ҳукми сарнавишт сар фарорем.

Кампири нобиноро дар Деҳибаланд ҳама мешинохт. Вақте ки ба суроғаш омадам, дарёфтам, ки ӯ ғайр аз Мурод чордаҳтои дигар писархонд доштааст. Дар деҳа ҳама ӯро бо лаҳҷаи худ «Момои кӯр» ном мебурданд ва дар таърифаш аз забони хурду калон асал мерехт. Моморо, мегуфтанд, фақат чашмонаш нобино буд, лекин пасту баландӣ, ҳар як гӯшаю канори деҳаро мисли панҷ ангушт медонист ва бо нури меҳрогини қалби худ дили ҳамаро мееёфт. Дар солҳои бадарғаю қулоққунӣ ва ҷанг бачаҳои ятиму бесарпаноҳ мондаро ба хонаи худ оварда саробонӣ кардааст. Билахира, пас аз даргузашти ин кампири раҳмдилу босаховат деҳибаландиҳо зиёратгоҳе дар пешгаҳи қабристон дуруст кардаанд ва дар пештоқи дари даромади он бо ҳуруфи зебои настаълиқ сабт шудааст: «Оромгоҳи Момои олиҳиммат».

Дар рӯзи ҷумъа омадани маро муллои деҳа бо нияти хайр дид. Ӯ аз шунидани саргузаштам сахт мутаассир шуд. Вақте ки одамон барои гузоштани намози ҷумъа саф мекашиданд, аз байни онҳо мӯсафеди қоматхамидаеро ба пеши худ хонд ва моро бо якдигар шинос кард. Ҳамин ки Муродбобо аз пайғому амонати ногаҳонӣ хабар ёфт, хеле ба ваҷд омад ва бе он ки худаш пай барад, маро маҳкам дар оғӯш кашида, беист гиря кардан гирифт. Бори аввал медидам, ки аз чашмони фурӯрафтаи пирона оби дида мерезад. Вале он гӯё оби чашм набуд, донаҳои хунолуди марворидӣ буданд, ки ҷилодеҳон аз миёни ожангҳо ба поин роҳ пеш гирифта, дар мағзи торҳои риши сап-сафед нопадид мешуданд.

Он рӯз баъд аз намози ҷумъа барои хоки падари Муродбобо салоти ҷаноза гузошта шуд. Дар қабристони Деҳибаланд қабри рамзӣ бардоштем ва ба хотири арвоҳи Бобо Саиду Ҳоҷӣ Султон ва тамоми гузаштагон дуо хондем. Он лаҳза худамро хеле сабук ва фориғбол ҳис мекардам, гӯё ба ризои Ҳақ аз қарзи гароне раҳо ёфта будам.

## АРӮСИ «ТОҶИК»

Аз кӯҳ омадани хостгорон Ойнура ва хонагиҳояшро дар ҳайрату шигифт афканд. Касе фикр намекард, ки ҷавоне аз қаъри деҳаи кӯҳистонӣ ба як духтари авули дурдасти биёбон дил мебандад. Боз ҳам чӣ дил бастагие: то ҳол на духтарро дида буду на ҷойи зисташро! Мисли ин ки аз бом тароша афтида бошад, ҳамон рӯзи аввал худи ҷавон ҳам ба хостгорон ҳамроҳӣ мекард. Ӯ ҳарфе намезад, аммо аммаю амаки ҳолдонаш мизбононро бо забони худашон то осмонҳо мебурданд ва ба ҳамдигар муносибу мос будани ҷавону духтарро бо обуранг таъриф мекарданд. Ойнура ба пухту пази модараш ёридеҳон бо ҳар баҳона зуд-зуд ба хона даробаро мекард ва ҳангоми баромадан чанд гоҳе дар пушти дар истода, ба гапи меҳмонони нохонда гӯш меандохт.

Ниҳоят, пас аз он ки хостгорон арзи дил карданду хомӯш шуданд, падари Ойнура низ ба сухан омад:

– Ҷавон чӣ кор мекунад? – пурсид ӯ.

– Муаллим аст, муаллими зӯр, пеши мактаб! – дарҳол ҷавоб дод амма.

– Хонаю дар дорад?

– Ҳама дову дастгаҳи падараш дар дасти вай, – ин дафъа бо фахр арз кард амак, – аз ҳеҷ кас камӣ надорад.

– Шумо медонед, духтари ман аз шавҳар гаштааст?

– Ин тақдир, бародар, писари мо ҳам ба занаш талоқ дод, – гуфт амма, – лекин ҳар ду ҷавонанд, зиндагияшон дар пеш.

Ин ҷо падар сукут кард. Акнун равшан фаҳмид, ки меҳмонон тарошаи аз бом афтида нестанд, онҳо дидаю дониста ба хостгорӣ омадаанд. Бо ин ҳол, гапро кашол надода аз ҷо хест ва бо ишораи дасту сар узри худро ифода карду ба берун баромад. Ойнура медид, ки меҳмонон саргарми суҳбати худ дар хона монданду падар дар сари оташдон то омода шудани оши хамирӣ – кулчатой бо модараш гуфтугузор кард...

Он хостгорӣ буду ду моҳи дигар, вақте ки дашти бекаронро ҳаври сӯзони тобистонӣ мепӯшонд ва реги тафсон пойи лучро месӯзонд, Ойнура авули худро тарк кард. Нахустин бор аз ин бошишгоҳи биёбонӣ духтаре ба мағзи кӯҳ арӯс мешуд. Арӯс ба ҷое мерафт, ки на обу хокашро мешинохт, на бо расму одатҳояш ошно буд, на забони одамонашро мефаҳмид. Чӣ ҳам мекард, аз тақдир ҷойи гурез нест.

Ойнура баробари расидан ба хонаи шавҳар бо дилу ҷон ба зиндагӣ часпид, барои кумак ба модаршӯяш дасту остин барзад. Агарчи медид, обу ҳавои ин ҷо аз зодгоҳаш хеле фарқ дошт, тавре ки обро аз чашма меоварданд, сохту сози хонаю ҷо ба шеваи дигар буд, дар пеши ҳавлӣ боғчаи калоне бо обчакорию алафу дарахтон ҷилва мекард, замини ҳамвор он тараф истад, як роҳаке рост ба назар намерасид, аз пушти хона доманаи кӯҳии пур аз сангу шах сар мешуду фарози он ноаён буд, худро бой надод. Ба ҳар чизи нави дидааш бо ҳавас нигарист, ҳар чиро бо сохту намои аслиаш қабул кард. Ойнура то он ҷое, ки пай мебурду сар дармеовард, коре шоиста анҷом доданӣ мешуд, вале ҳар рӯз дилтангие ӯро озор медод: вақте ки шавҳар ба мактаб мерафт, то омадани ӯ мисли гунгу лол буд; наметавонист ба гапи модаршӯяшу духтари панҷсолаи шавҳараш – Ситора, ки онҳо ҳам мисли ӯ танҳо забони худро медонистанд, сарфаҳм равад. Ӯ медид, ки онҳо ба тоҷикии худ ким-чиҳоеро баён мекунанд, барояш маъниҳоеро фаҳмонданӣ мешаванд, аммо вай дарк намекард. Аз ноилоҷӣ ба қазоқии худ гап мезад, вале медид, ки суханҳои ӯ низ ба онҳо фаҳмо нест. Бештар модаршӯяш норозӣ буд, бо дилмондагӣ чеҳраи гирифтаашро пинҳон накарда ким-чиҳое мегуфт ва дастакзанон аз наздаш дур мешуд.

Рӯзҳо мегузашту Ойнура мекӯшид аз имою ишораи хонагиҳо ва бо мадади шавҳараш калимаю иборaҳои тоҷикиро ҳар чи бештар ёд гирад. Лекин бисёр вақт ҳис мекард, ки ҳаракатҳояш ба бод мераванд. Бо вуҷуди ин, аз омӯзиш даст накашид, ҳар чиро ёд мегирифт, бе хиҷолат бозгӯ мекард. Дар он айём як пагоҳӣ субҳи барвақт аз хоб хест ва дару пиларо то дами кӯча ҷорӯб зад. Ҳамин ки аз дарвоза даромад, модаршӯяш ду сатилро, ки яке бузургтар ва дигаре майдатар буд, ба дасташ дод ва суханҳое гуфт, ки ӯ нафаҳмид. Бо ин ҳол, сатилҳоро бардошту ба сӯйи чашма рафт ва оби тоза овард. Чун ин амали ӯро модаршӯ дид, дуд аз димоғаш баромад ва додзанон оби сатилҳоро ба рӯйи ҳавлӣ пошиду ба берун рафт. Чанде гузашту модаршӯ баргашт – бо ду сатили пур аз шир. Ӯ рост ба пеши вай  омаду бо ишора ба сатилҳо дар таҳи манаҳаш дод зад: «Ин шир! Мефаҳмӣ, ширр!» Ҳамон замон Ойнура низ давиду аз айвон як сатили пури обро бардошта оварду пурсон шуд: «Ин?» Модаршӯ боз бо овози баланд гуфт: «Он об! Об!! Фаҳмидӣ?». Ойнура ҳам паст наомада ҷавоб дод: «Фаҳмидӣ, Фаҳмидӣ! Ин шир, он об!». Авзои модаршӯ як он тағйир ёфт ва қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод. Аз пайи ӯ Ситораю Ойнура ҳам ба завқ омаданд.

Бо мурури замон Ойнура ба муҳите созгор мешуд, ки билкул барояш тозагӣ дошт. Қариб ҳар рӯз чанд нафар зан, ки шояд аз ҳамсояву хешон буданд, ба назди модаршӯяш меомаданд ва даври ҳам нишаста, то дервақт домани суҳбату ҳангома мегустурданд. Онҳо ба тоҷикии худ чунон тез гап мезаданд, ки асло намешуд як калимаро фаҳмид. Ӯ барояшон хизмат мерасонд, аз имою ишораҳояшон базӯр маъниеро бардошта, табассум мекард ва аз пайи иҷрои манзур мешуд. Ҳамчунин рӯзҳои дароз бештари вақти худро дар боғ мегузаронд. Аз пайи модаршӯ ҳар кореро, ки мекард, такрор менамуд, аз мушкилие намеҳаросид. Аммо ин боғи шавҳар, воқеан, биҳиштосо буд: пайваста вазидани насими мулоим, ҷилваи гиёҳу рустаниҳо ва гулҳои коштаи модаршӯ, дарахтони пур аз меваи себу зардолу, олую олуболу, мурӯду нок, шафтолуҳои зарду сафед, шилдирроси ҳамешагии оби ҷӯякҳо, садою хониши садҷӯри паррандаҳо... – ҳама нози табиат ӯро ба ваҷд меоварданд. Сад бор шукр мегуфт, ки бахт ба рӯяш хандиду аз дашти регии сӯзон ба баландиҳои хушбоду ҳаво омад ва бо одамони хоксору сода ва меҳрубон рӯ ба рӯ шуд. Дар ивази ин ҳама нафосату зебоӣ сар аз меҳнату итоат барнамедошт. Омода буд, рӯзу шаб ҳар чӣ дар ин ватани наваш ҳаст, ёд гирад ва садоқати худро нишон диҳад.

Вақти аср мешуду шавҳараш аз кор бармегашт. Омадани вай гӯё дарчаҳои бастаи ҷаҳонро ба рӯйи Ойнура боз мекард. Шоду масрур даври хоҷаи худ парвона мешуд ва

қариб ҳар рӯз ин ҷунбуҷӯлаш ба чашми модаршӯ меафтид ва ӯ мегуфт: «Ӯх, келини мо ҷон гирифт, ба забон омад». Ойнура аз ин гуна кинояҳои модар бештар хушҳол мешуд. Дарвоқеъ, касеро паҳлуи худ медид, ки ба ӯ бо забони дил рози дил мегуфт, нозу ҳасрат мекард. Яке аз ин гуна бегоҳиҳои массаррaтбахш буду ҳама ба даври дасторхони шом гирди ҳам омаданд. Он рӯз апаи шавҳараш меҳмон буд ва амаки Асқарро низ мунтазир менишастанд. Апаи шӯху хушчақчақ пояшро аз хонаашон канда намекард. Ӯ Ойнураро ба гап мегирифт, ҳарчанд якдигарро намефаҳмиданд, ба ҷону ҳолаш намонда ба сухан кашиданӣ мешуд. Гапҳое мегуфту худаш механдид ва Ойнура ҳам ба хандаи ӯ механдид. Апа гумон мекард ҳазлу шӯхиҳояш ба келин маъқул омадааст, боз ҳам бештар даҳан мезаду механдид. Аммо, вақте ки медид Ойнура ба суҳбату ҳангомаҳои занони дигар ҳамроҳ намешавад, зиқ мешуд. Аз ин рӯ, баробари даври ҳам ҷамъ шудан апа гиреҳи нороҳатии худро ба бародар кушод:

– Анварҷон, то кай келин яккаю танҳо мегардад? Охир, вай ҳам ба давраҳои моён дарояд, дарди дил гӯяд.

– Яъне ба шумоҳо пайваста ғайбатро ёд гирад? – бо ҳазл гуфт бародар.

– Не, писарам, – ба гап ҳамроҳ шуд модар, – хоҳарат рост мегӯяд, ё ба занат тоҷикира ёд те, ё ба ман қазоқира. Баъзан якдигара нафаҳмида гаранг мешавем, аз беҳузурӣ торс кафам мегӯям.

Анвар як ба модар, як ба Ойнура нигоҳ карду бо ҳамон хушҳолӣ афзуд:

– Не, очаҷон, агар забон омӯхтан бошад, келинат тоҷикира ёд мегирад. Фақат ҳаросон нашавед, барояш камтар вақт диҳед.

Дар ҳамин лаҳза аз дар Асқар – амаки калонии Анвар, ки замоне ӯ ба хостгории Ойнура рафта буд, даромада омад. Ба тан шими сиёҳу куртаи сафед дошт ва мӯҳои мошу биринҷиашро якзайл ба пушт ҳамвор карда буд. Ба назар мерасид марди зиёӣ аст. Ҳама ба пешвозаш аз ҷо хестанд. Ҳолпурсикунон дар навбати охир ба Ойнура рӯ овард:

– Арӯси «тоҷик»-и худам чӣ хелӣ? Ба муҳити мо одат кардӣ?

Ойнура ҷавоб надода, шавҳараш пешхезӣ кард:

– Куҷо?! То вай тоҷикира ёд мегирад, думи уштур ба замин мерасад. Ҳамин ҳозир хоҳару очаам гила мекарданд. Бо ин ҳол метарсам, ки яккапес шуда мемонад.

– Гапата дониста зан, Анвар! Ҳоло чунон тоҷикиро ёд гирад, ки ҳаммаат дар чангаш монед! – Асқарамак ба Ойнура рӯ оварда ба суханаш идома дод: – Инҳо ҳар чӣ гуфтан мегиранд, ба дилат нагир, – ва аз сумкааш китобчаеро бароварда ба ӯ дароз карду афзуд: – ин луғати мухтасари тоҷикӣ-қазоқист, худам барои ту омода кардам.

Ойнура хушҳол шуд. Бо таъзим китобчаро ба даст гирифт ва ба сӯйи шавҳараш чашм дӯхту тӯҳфаи дарёфтаашро каме боло кард ва бо ғамза абру заду ба ақиб гашт. Ҳама аз ҳаракатҳои ӯ ба завқ омаданд. Модар гуфт:

– Келина аз худ равондед, ака, вай фақат дар пеши мо мисли мусичаи лол мегардад. Кош ба забон меомаду аз ҳама пеш ман ҳузур мекардам.

Ойнура бошад, ба айвон боз кӯрпача партофт, дасторхонро аз сару басар намуд. Сипас ба меҳмонон чой дам карду ба ошпазхона гузашт, то аз пайи ғизои шом шавад. Ба маҳзи ин ки хилват монд, дарҳол китобчаи амаки Асқарро кушод. Луғат бо ҳарфҳои хоно дар ду сутун – ба забонҳои тоҷикӣ ва қазоқӣ таҳия шуда буд. Варақзанон дид, ки дар саҳифаҳои охир қатор-қатор ибораю ҷумлаҳо низ бо тарҷумаҳояшон баён ёфтаанд. Хурсанд шуд, гӯё нахустин бор дар ҳаёташ чунин инъоми бебаҳоро дарёб мекард, қабат-қабат гӯшт гирифт...

Аз арӯсӣ шаш моҳу анде чун бод гузашта рафт. Ойнура аз Миёнкол бо хоҳари дувуми шавҳараш, ки ӯро талабонда буд[1], ба деҳа баргашт. Айнан ҳамон рӯз амаки Асқар боз меҳмонашон буд. Ӯ, гузашта аз дигарон, бо келин тоза ба забони қазоқӣ ҳолпурсӣ карданӣ шуд, аммо дар васати суханаш Ойнура гуфт:

– Ба лафзи худамон гап занед, амак! Боз қазоқира шунида гулии инҳо нахорад, – ӯ равон ба лаҳҷаи деҳа ҳарф заду ба шавҳараш ишора кард ва афзуд: – ун рӯзҳои гӯлию гарангӣ дар пушт монд, ҳоло модарамон ҳам аз ман розӣ.

Ҳама ба завқ омаданд. Асқарамак бошад, бо чашму даҳони боз сари ҷо шах шуда

[1] *талабондан* – расмест, ки хешовандон арӯси навомадаро аз рӯйи эҳтиром ва барои наздиктар шинос шудан ба манзили худ даъват мекунанд

монд. Бовар намекард, ки ҳамон арӯси қазоқаш дар ин муддати кӯтоҳ тоза ба тоҷикӣ гап мезанад! Дилаш аз саъю талоши вай, аз он ки ба маслиҳати ӯ гӯш карда, забони манзили навашро ёд гирифта буд, аз фараҳ лабрез шуд. Бо хушҳолӣ ба сухан омад:

– Ту воқеан келини «тоҷик»-и ман ҳастӣ, Ойнура! Даҳони ҳамаро баста партофтӣ, офарин духтарам, бо ту фахр мекунам!

Дар ҳоле ки ба хурсандии амак шарик шуда, хонагиҳо хушнудӣ ва изҳори қаноат мекарданд, хоҳари миёнколӣ ба нақли ҳикояте аз сафари Ойнура пардохт:

– Дирӯз ба бозори Мулло-кичкина баромадем. Ман машғули харидҳои худам будаму Ойнура бо тамошои растаҳои дигар банд. Чанде гузашту садои баҳсу мунозира баланд шуд. Нигоҳ кунам, келини мо бо савдогаре дар талош аст: ӯ бехаёл ба тоҷикӣ гап мезаду фурӯшанда намефаҳмид ва омехта ба қазоқию ӯзбекӣ доду бедод мекард. Давида ба наздашон рафтам. Келин маро дидан замон арз кард, ки гапҳои фурӯшандаро намефаҳмад. Бовар мекунед, мани «бечора» чанд лаҳза дар байни ду нафар қазоқ тарҷумон шудам!

Ҳама баробар хандиданд. Асқарамак ин дафъа ҳам чанд китобчаи худро, ки достонҳои кӯтоҳи тоҷикӣ буданд, ба Ойнура тақдим кард. Аҳли оила боз як бор ба маҳорати арӯси як замон лол будаи худ тан дода, аз садоқати ӯ ба хонаю зиндагии наваш ба ваҷд омаданд.

## ТАҚОЗОИ ТАБИАТ

Писарак пас аз тамошои силсилаи мултфилмҳои даҳшатбор сарашро миёни дастонаш гирифта аз ҷо хест. Мӯҳояш сих зада, чашмонаш гӯё аз ҳадақа баромада буданд. Бехудона аз остона ба берун по гузошт. По гузошту чашмаш ба дарзҳои чӯби остона афтод, ки дар онҳо рафтуомади мӯрчагон беҳисоб буд. Ҷунбуҷӯли ин ҷонваракони сиёҳи хурдак чунон муназзаму якнавохт сурат мегирифт, ки дар хатти ҳаракати худ асло ба якдигар халал намерасонданд. Ҳатто мӯрчаҳои холӣ аз канори ҳамтоёни борбари худ каме фосила гирифта рад мешуданд. Идомаи корвонашон бех-бехи девор ба даруни даҳлез гузашта мерафт ва то дами остонаи дигар расида, дар сӯрохии хурдаке нопадид мешуд. Аз ин ҳаёти якмарому пуртараддуд ғаши писарак омад. Вуҷудашро ҷаҳлу ғазаб фаро гирифт, дандон ба ҳам фишурду муштҳояшро гиреҳ кард. Чашмони алошудааш тез-тез ба чапу рост бозӣ карданд. Аз роҳ истода ба хона даромад ва аз бағали печка милаи филизии оташковиро бардошта ба пас гашт. Бехаёл, дар сари остона ба маҳви мӯрчаҳо пардохт: нӯги тези миларо дар шикофу дарзҳои чӯб ба ин сӯву он сӯ кашидан гирифт; аз сарнагун шудани душманакони хурди худ лаззат бурд. Ба канда шудани гилкорию харошхӯрии девор эътино накарда, корвони аллакай гусастаи мӯрчаҳоро дар дохили даҳлез низ ба зери зарбу лат гирифт. Вақте ки то сӯрохии дами остонаи дуюм расид, каме таваққуф кард. Дубора ба хона даромада чойники обҷӯшро бардошт ва ба назди лонаи мӯрчаҳо баргашт. Дар ҳоле, ки ӯ хурсанд ба сӯрохии лона оби сӯзон мерехт, мӯрчаҳо даста-даста аз он ба берун мезаҳиданд. Онҳо ба сӯзиши беҳад тоб наоварда, болои ҳам ба якдигар мечаспиданду аз беҳолӣ ба канор меафтиданд, дар ҷойи худ сарашон чарх зада, пушти ҳам чаппа мешуданд. Писараки ғолиб бо ҳамон хушҳолӣ ҷонкании мӯрчаҳоро чанд муддат тамошо карда истод.

Ҳаво соф буд. Офтоб бо тамоми неру ба гирду атроф нур мепошид. Аммо гармӣ на аз боло, балки аз замини доғ ба димоғ мезад. Ин дамо қавоқҳои писаракро, ки ба берун баромада буд, овезон кард. Дар ҳамин асно аз сари оташдону танӯри канори ҳавлӣ садои чав-чуви чӯҷа ба гӯшаш расид. Дид, селаи чӯҷаи мурғони ҳамсоя пушти ҳам давидаю

чаҳида дар пасу пеши деворҳои танӯрхона гаштугузор мекунанд. Аз нав ғайрати «мардонагӣ»-аш ҷӯш зад. Давиду аз дарвоза ба сари кӯча баромад ва домани худро бо сангчаҳо пур карда ба ақиб баргашт. Дар бағали сутуни воиши ток, ки аз танӯрхона то даҳ қадам фосила дошт, камин гирифту домани сангчаҳои худро дар пеши по холӣ кард. Сипас, остинҳояшро бар зада, бо иштиёқи тамом ба нишонгирии чӯҷаякон пардохт. Ҳар гоҳ сару думе аз онҳо намудор мешуд, санге меандохт. Вақте ки тираш ба ҳадаф мерасид, ду даст ба осмон карда, «урра!»-гӯён доди хурсандӣ мезад. Муддате аз шикор гузашту дигар на чав-чув ба гӯш расид ва на чӯҷае ба чашм. Писарак бо табъи болида ба назди танӯрхона омад. Аз як гӯша лаганди хокистаргирии модарашро бардошту чӯчаякони ҷон ба Ҷаббор таслимкардаро як-як дар он андохт. Ҳеҷ кадоме тани солим надошт: якеро сару гардан шикаста, дигареро чашмаш баромада, севумиро пою танаш маҷрӯҳ шуда буд. Аз тамошои чӯҷаҳои маъюбу хуншор ва беҷон писарак лаззат бурд. Аммо бо ин тамошо дили пурҳою ҳавасаш қонеъ нагардид. Аз филаки айвони бағалӣ як обхӯрӣ керосин гирифт ва онро ба рӯйи чӯҷаҳои дохили лаганд пошид. Сипас гӯгирди модарашро, ки дар мӯрии танӯр қоим мекард, ёфту ба сари душманакони ҷондода оташ зад. Виғ-виғ дар гирифтани чӯҷаҳо чанд лаҳза ба ӯ ҳаловат бахшид.

Писарак аз ҳавлӣ бо роҳаки каҷу килеб ба самти боғ сарнишеб шуд. Боғи сарсабз насими диловез дошт, дарахтони сершоху барг ба ҳама ҷо соя меандохтанд, аз пурборӣ нисфи меваи туту зардолуи пешпазак ба замин рехта буд. Аммо ин талъати табиат ҳам ҳаври сӯзони сандуқи дили писаракро писанда насохт, ӯ роҳравон ба маҳву ғиҷмол кардани ҳар чи мевае дар сари роҳаш буд, пардохт. Ҳар ҷо по мегузошт, зардолуҳои тиллоирангу тутҳои нуқрай аз зарбҳои нобаҳангом палч-пилч садо бароварда, донаю ширaи худро ба атроф пош медоданд. Писарак бошад, аз ин азоби меваҳои ба дод омада кайф мекард. Ҳамин тавр ҳолкунон то дами суфачаи миёни боғ расид. Дар он ҷо, бар рӯйи кӯрпачае момояш дароз мекашид. Ӯ дар сояи ғафси шохаю баргҳои тути балхӣ аз олам бехабар, ҳавои атромези боғро нафас кашида, баланд-баланд хур-пуф мекард. Дар бағали момо гурбаи болобаланди сиёҳ-сафедаш низ поҳои худро ба канор дароз карда, бо чашмони нимапӯш ба ғанаб рафта буд ва хуррок мекашид. Ин беғамӣ ва хуру пуфи кампиру гурба ғаши писаракро овард. Момо бо рӯмоли ба сар андохта, чеҳраи пурожанг, остинҳои дарози пираҳани васеъ ва ангуштони лоғару устухонии поҳои лучмонда чун албастӣ менамуд. Гурбаи мӯфаххак бошад, гӯё ҳампою ёвари ин албастӣ буд. Рагу пайи писарак таранг шуд, тану ҷонаш ба сӯзиш омад, дар чашмони аз ғазаб ало шудааш гӯё хун ҷӯшид. Бо ин бехудӣ ба болосари ҳар ду омад ва сари дузону нишасту бехаёл рӯмоли моморо кашида ба даст гирифт. Онро ҳалқавор дар гулуи гурба печонд ва маҳкам ба ду самт кашида буғӣ карданӣ шуд. Гурба аз фишори ногаҳонӣ сахт дар худ печид, бо тамоми неру тоб хӯрду аз тарси ҷон ба дасту рухсори писарак чангол андохт. Ҳамон лаҳза аз ҳалқаи рӯмол раҳо ёфт ва бо ҳавлу ҳарос худро аз суфача ба поён афканда гурехта рафт. Писарак бошад, бо он ҳама қаҳру ғазаб натавонист дар муқобили чанголу нохунҳои тези гурба коре кунад. Дар ҳоле, ки ногаҳон дарду сӯзиши ҷонкоҳ вуҷудашро фаро гирифта буд, аз мағзи ҷон фарёд зад. Бо доду фиғони ӯ момо парида аз ҷо хест. Писаракро бо ҳоли музтариб ва дасту димоғи хуншор дида, лаҳзае карахт монд. Аммо, нобакориҳои набераaш, ки ҳама аз ӯ безор буданд, ба зеҳнаш заду бо садои баланд хандида фиристод ва хушҳолона ба сухан омад: «Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ!».

Ин истеҳзо ғаши писаракро овард, вале чун ҳолаш гирифта буд, аз дасти дарди ҷонсӯз дигар ёрои бадкорӣ кардан надошт...

## ҶАЗОИ ХУДСАРӢ

Намедонистам чӣ тавр якбора калон шудаам, аллакай модари ду писару як духтар будам. Бачаҳо ҳам рӯз то рӯз бузургтар мешуданд, пешаш он замон ба синни мактабӣ

мерасид. Аз рӯзгори якҷоя бо шавҳарам нӯҳ сол мегузашт, вале то он дам якамон ду нашуда буд. Ҳар рӯз зиндагиамон аз дирӯза фарқе надошт: шавҳари сар ба зер пагоҳиҳои барвақт, равшании рӯз надаромада, рамаи гӯсфандро ба чарогоҳ мебаровард ва бегоҳӣ – бо афтидани пардаи торикӣ ба хона бармегашт; ман бошам, зиндагикун: он чӣ худам медонистам анҷом медодам ва ҳар чӣ янгааму амаки[1] «доноям» мефармуданд, «хуб шудаст!»-гӯён даст ба кор мешудам. Аз субҳ то шом, аз шаб то саҳар ҳамон як кор, ҳамон як шуғл, на ман ангезае доштам, на шавҳарам. Қатори ҳамсари дамдардарун ман низ маҷбур будам забонамро дар кунҷи ҳалқ нигаҳ дорам. Ҳадди ба касе «ту» гуфтан надоштам, набояд шикоят мекардам, талабу дархосте намудан манъ буд. Ин на фақат таҳдидҳои янгаю амакам, ҳамчунин ҳукми раводидаи падару модари худам низ буд. Ба гуфтаашон, мо бояд аз ҳама розӣ бошем, ба Худо шукр кунем, хурсанд гардем, ки аз миёни ҳашт бародар шавҳари ман дар хонаи падарӣ мондааст ва «фардо» ин ҳама боғу дар ба мо мемонад. Ва ҳамин «ҳиммат» ҳамеша дастаки тааддиҳои янгаам буд ва ҳангоми зӯргӯйиҳояш амакам низ ӯро дастгирӣ мекард. Дар тӯли муддате, ки бо онҳо будем, боре надидаам шавҳарамро «писарҷон» гӯянд ё аз кори ман мамнун бошанд. Ба ҷойи ин лутф «ятим», «сағир», «тайёрхӯр», «ландахур», «бекорхӯҷа», «чалфас»… гуфтанҳояшон фаровон буд. Ҳар чӣ мехӯрдему мепӯшидем аз диду дасти онҳо мегузашт. Мабодо сарутан, кафшу василае мехостем, гӯё осмон омада ба замин мечаспид, он шабонарӯз янгаам хонаро ба сар мебардошт. Аз ин хотир, борҳо либосҳои худаму шавҳарам ва ҳатто эзору куртаҳои бачаҳоям дарбеҳ задагӣ буд. Ин мутеият баъзан маро ба танг меовард, аҳёнан дар дили шабҳо ба шавҳар дарди дил мекардам, вале вай фақат як гап дошт: «ба ҳаминаш ҳам шукр кун, рӯзамон мегузарад, шикамамон сер аст, бас». Вале ман чунин беғамиро намебардоштам, ҳис мекардам, ки дигар тоқатам тоқ мешавад, агар заҳри дил ба берун нарезам, ғалаён набардорам, хотирам осуда намешудагӣ барин. Мебоист оташи ҷаҳламро пасанда кунам.

[1] *янга ва амак* – модарарӯс ва падарарӯс (дар лаҳҷаи баъзе маҳалҳо ба ин маънӣ меояд, ки танҳо домоду арӯс истифода мекунанд)

Солҳои аввал шояд хурду беэътибор будам, ки исёне дар вуҷудам хуруҷ намекард, вале бо мурури замон ҳама чизро ба тарзи дигар дидам. Ба хусус, вақте ки бародарони шавҳарам бо зану бачаҳояшон аз шаҳр меомаданд ва янгааму амакам ҷойи нишаст наёфта, онҳоро пазиройӣ мекарданд ва ҳозир буданд ҷонашонро диҳанд, ба ман алам мекард. Ҳар гоҳ симои шаҳрии онҳо – чеҳраҳои сафеду беҷирм, сарутани тозаю оҳориашонро медидам ва ҳамин ки хурду калон бо даҳони пур, моро писанд накарда, донотарошӣ мекарданд, дарун-дарун месӯхтам, дар худ тоб мехӯрдам. Аз дасти ин аламу ҳақорат худро ба гӯшае мезадам ва то баромадани ҳавру заҳри сари дил гиря мекардам. Калондимоғӣ ва олуфтагии онҳоро набардошта, худ ба худ ҳасрат мехӯрдам: «Чаро ин тавр? Чаро мо бояд азоб кашему ҳурмате надошта бошем, вале инҳо шоду беғам? Чаро ману шавҳарам дар гилу лойи хона ва поруи молҳо меғӯтему инҳо ҳатто дасти худро ба оби ях намезананд, вале боз дар охир, пеши гӯшту равғанамон, меваю сабзавоти бо сад ранҷ ҷамъ кардаамон, талқону мураббоҳои дар бехобиҳо омодакардаам – ҳама луқмаи онҳосту худамон бенасиб?! Мо ҷон меканем, роҳаташро онҳо мебинанд, чаро?...». Бо ин гуна андешаҳои ҳасрату ҳасадомез як рӯз, пас аз гусел кардани «меҳмонон»-и шаҳрӣ, аламамро ба берун рехтам. Ба маҳзи ин ки шавҳарам молҳояшро оварду вориди хона шуд, беибо ба сараш дод задам:

– Ман дигар дар ин хона намемонам, меравам!

– Чиҳо мегӯйӣ, ба ту чӣ ҷин зад?

– Ҷини калон зад! Агар ба шаҳр кӯчӣ, бо ту мемонам, вагарна меравам! Дигар тоқати бардоштани дашному камшиканиҳои очаю додот ва бародароната надорам!

– Бо се бача ба куҷо меравӣ? Чӣ кор мекунӣ?

– Меравам ба хонаи додом, ақаллан обу нони беминнат мехурам.

Шавҳарам хомӯш монд. Лоқайдона ба маънии “ҳар чӣ хоҳӣ бикун” даст такон доду ба ақиб гашт. Ин бепарвоӣ ва дамдарунии ӯ маро бештар асабонӣ кард, бо ҷаҳл косаи обхӯриро аз канори тиреза гирифтаму ба сараш ҳаво додам. Коса ҳам рост ба пушти каллааш бархӯрд. «Оҳ»-гӯён бо даст сарашро гирифт. Медидам, ки ҳамон лаҳза аз миёни ангуштҳояш хун заҳида баромад. Ба ман нигоҳи хашмолуде афканд, вале чизе нагуфта ба берун тохт. Мани оташгирифта аз ҷоям такон нахӯрдам, ҳатто аз задани шавҳар ҷаҳлам пасанда нашуда буд. Дар ин миён, вақти зиёде нагузашта, янгаи зӯр бо кибр ва як қулоч забон аз дар пайдо шуд.

– Нонкӯр, барои чӣ доду бедод мекунӣ? Кӣ дар сарат санг бор кард?! – гуфт ӯ бо пархош вориди хона гардида. – Аз ту – муши мурда ҳоло ҳамин ҳунар? Илоҳо, дастат шиканад, ту ба писари ман санг меандозӣ?!

Янга беист додзанон омаду ба ман дарафтид ва ба мӯҳоям чангол зад. Мани аловгирифта аз ӯ кам наомадам, маҳкам гиребонашро доштаму буғикунон ба қафо тела доданӣ шудам. Ду зан ба ҳам печида рафтем ва якдигарро кашолакунон аз дар ба берун баромадем. Додувоямон ба гӯши мардҳо расиду ҳамон замон амак ва шавҳарам, ки сарашро докапеч карда буданд, ба сӯйи мо давида омаданд. Ду мард бо тамоми қувва моро ба ду самт кашиданд, вале имкони ҷудо шудан набуд. Янгаам мӯҳоямро тутум карда чунон сахт тоб медод, ки гӯё ҷон аз танам мебаромад, аз зӯри дард чашмҳоям лиқ-лиқи об шуда буд. Худам бехабар, бо дарди ҷонгир беш аз пеш ба ӯ мечаспидам: ҳам буғӣ мекардаму ҳам бо нохунҳоям ҳар ҷое, ки рост меомад, ханҷол мекардам. Ҷангамон ду-се нафас давом кард, дар ниҳоят, мардҳо пирӯз омаданд: ду зани хунгирифтаро базӯр ҷудо карда, ба ду самт кашида бурданд. Янгаам бо ин ҳол ором намегирифт, ҳар чӣ ба даҳонаш меомад, мегуфт ва бештар «ман тура талоқ кардам, ба ҷойи писарам ман тура талоқ кардам»-гуфтанҳои ӯ аз миёни гапҳояш ба гӯшам менишаст.

Баъд аз ин воқеа наметавонистам дар манзили шавҳар бимонам. Бо се бача ба хонаи падар сар гирифтам. Агарчи ҳама айбро фарзанд мекунад, падару модар ӯро дар кӯча намегузоштааст. Фақат одами худӣ аст, ки сари шӯрида таскин ва дили ғамдида оромиш меёбад. Мани якравро низ волидайнам ба оғӯш гирифтанд, ҳарчанд хонавайрониамро аслан намехостанд. Ба онҳо ҳама таҳқирҳои шунидаам, камшиканиҳои дидаам, азобу ранҷҳои беҳосиламро гуфта додам. Падарам фаҳмонданӣ мешуд, ки ман се бача дорам, падаршӯю модаршӯям калонсол шудаанд, онҳоро партофта рафтан убол аст, дар ҳар сурат, бо вуҷуди ҳар гуна мушкилӣ бояд хизматашонро кард, вале ман ризоият надодам. Ман моил набудам бо зани талоқдода якҷо бошам. Хушбахтона, он «талоқ» аз модаршӯ буд, на аз шавҳар. Аз ин хотир, агар шавҳарам ба ҷойи дигар мебурд, мерафтам.

Бо ин ҳол аз саргириам се моҳ гузашту нафаҳмида мондам ва он лаҳзаи деринтизоре, ки муддатҳо орзу доштам, фаро расид. Як шаб шавҳарам ба суроғи мо омад. Авзоаш беҷо буд, ҳолаш гирифта, ба дил додану навозиш эҳтиёҷ дошт. Ӯ нақл кард, ки пас аз исёни ман аз рамабонӣ даст кашидааст ва амакаму янгаам ҳама гӯсфандҳои худро фурӯхта, пулашро ба фарзандони шаҳрии худ тақсим карда додаанд. Аз он пас ба дасти ӯ, ки одами зиёдатӣ шуда буд ва фақат ёди зану бачаҳояшро мекард, чанд сӯм дода, дарвозаро аз пушташ бастаанд. Ба мо ноаён буд, ки бо ин гуна бархӯрд чӣ ният доранд, дар калонсолӣ чӣ карданианд. Шояд аз бачаҳои шаҳрии худ ба саробонӣ умед доштанд?

Шавҳарам таваккал кард, ману бачаҳоро бардошту ба шаҳр бурд. Чанд рӯз дар ба дар шудем. Маҷбур будем то пайдо кардани хонаи иҷора дар манзили хешу ошноён бимонем. Ба ҳар хонае мерафтем, ҳадди аксар то се рӯз ҳурмат доштем. Агар аз он бештар мемондем, пешонӣ чин кардан, қавоқ овехтан, кинояю пичингпартоии кадбонуҳо шурӯъ мешуд. Дар ёдам ҳаст, ҳамин ошноён борҳо ба деҳа рафтаанд ва ҳафта-ҳафта дар хонаамон монда нону намак хӯрдаанд ва худи ман барояшон хизмат расондаам. Вале он рӯзҳо медидам, ки муҳаббатҳои мо аз ёдашон рафтааст. Он лутфу марҳамате, ки деҳотӣ дорад, дар шаҳриҳо нест. Бо ин ҳол, пас аз пурсуҷӯҳо ба ниятамон расидем ва бо ёрии шиносҳо дар як сохтмони бисёрошёна хонаеро иҷора кардем. Хонаамон дар табақаи охир буд, гӯё аз замони Доқиёнус ба он даст назада буданд: деворҳою сақфаш рехтаву

харошхӯрда бо доғҳои сиёҳу хонаҳои тортанак ва ҷо-ҷо коғазҳои ғиҷимшудаи кашол хеле зишт ба назар мерасид; батареяҳои гармкунро канда бурдаанд, ки трубаҳояш кашол ба рӯйи каф мехобиданд; дар ҳаммом ҷумакҳои обро бо банд гиреҳ задаанд, аз чакидани об хат-хативу доғҳои зард нисфи ваннаро пӯшонда буд; як учоқи газ ба чашм мехӯрд, ки на мурвате дошту на қалпоқи пахши газ ва ҳама ҷояш зангзадаву дудагирифта буд; ҷондорҳои қаҳваранге мисли нонхӯрак, ки ба онҳо «таракан» мегуфтаанд, беҳисоб гаштугузор мекарданд; аз ҳама бадтар, хона ҳоҷатхона надошт. Чаро, худи ҳоҷатхона буд, санги он набуд, ба даҳанаи трубааш чӯби ғафсеро латтапеч карда халонда мондаанд. Бо ин ҳама касофат, ба гуфтаи шавҳарам, сарпаноҳ доштем. Аз ҳамон рӯзи аввал ман ба тозакунии хона банд шудаму шавҳар аз пайи билет рафт. Бо ҳар чӣ пули захира доштем, каме маводи ғизоӣ хариду ба мақсади Маскав билети қатор. Ду рӯзи дигар ману бачаҳоро ба сари худ гузошту худаш ба мардикорӣ рафт. Аҳд кард, ҳар чи зудтар кор ёфта пул мефиристад.

Шавҳарам рафту мусибати гарон ба сарам омад. На як моҳу ду моҳ, то як сол аз ӯ дарак нашуд. Аз тангдастӣ писарамро ба мактаб надодам. Ба хотири гурусна намондан ба бозор баромадам, аз субҳ то шом пайрави дастурҳои раиси бозор ахлотрӯбӣ кардам. Ҳоли фақирона, зиндагии сад бор бадтар аз қишлоқ ба сарам омада буд. Вале чӣ илоҷ, мебоист тоқат кунам. Ҳар лаҳза деҳаи азизам – Шавот бо ҳама неъматҳояш пеши назар меомад. Дару дарвозаҳои бози ҳамсоягон, ҳангомаҳои ширини занони қишлоқиро хумор мекардам. Афсӯс мехӯрдам, ки ба гирдоби ҳасад печида Шавоти зеборо ба Урганҷи «тангу тор» иваз кардам. Ҷони нодон дар азоб, фикр мекардам дар шаҳр ҳама чиз омода аст, одам бе ташвишу бе мушкилӣ умр ба сар мебарад, аммо ин тавр нашуд, аз тангдастию залилӣ намедонистам дардамро ба кӣ гӯям. Ман дигар рӯйи баргаштан ба деҳаро надоштам, агарчи дар ҷудоиҳо фақат айби ман набуд. Агар амаку янгаам оби дари хонаро тира намедиданд, магар аҳмақ будам исён бардорам?! Онҳо ҳам аз ҳад гузаронданд ва ноадолатиҳо маро ба бероҳа андохт. Он вақт аз дасти муфлисию танҳоӣ ҳам ману бачаҳоям азият мекашидем, ҳам амаку янгаам. Мегуфтанд, ҳафтаҳо фарзандонашон хабар намегирифтаанд, рӯзашон бо нону хӯроки ҳамсояҳо мегузаштааст…

Як сол сипарӣ шуду шавҳарам аз Маскав баргашт. Оре, ба сари мо омад, вале ду даст дар бинӣ, на пул дошту на васила. Бар замми ин, дар паспорташ мӯҳри сиёҳ зада буданд. Дуд аз димоғам баромад, ношудии шавҳар боқимонда сабру таҳаммуламро аз байн бурд. Аз он ки ба мардикорӣ рафтаҳо даста-даста пул меоварданду хонаю мошину чизу чора мехариданд, вале шавҳари ман аз ҳама чиз бенасиб буд, вуҷудам аланга гирифт, аз бетоқатӣ намедонистам худамро ба куҷо партоям. Ӯ як рӯз, музтарии худро пинҳон накарда, мӯҳри дилашро кушод:

– Кош ба зиндагӣ чашмамон кӯр намешуду орзуи шаҳр намекардем.

– Ман кори хато накардаам, вале ту шавҳари дуруст набаромадӣ, – аз асп фароям ҳам аз узангу нафаромада гуфтам ман, – агар шаҳр омада кори нағз меёфтӣ, ин ҳама уқубатро надоштем. Акаҳоятро бин, ҳама корчаллон, дасташон ба даҳанашон мерасад, ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нестанд.

– Онҳо хондагӣ. Ман, ки бесаводам, бояд дар қишлоқ мемондам.

– Ҳо, эътироф ҳам мекунӣ? – бо заҳрханд гуфтам ман. – Ятими дари додот будӣ, ҳама кор дар сарат буд, вале чӣ карданд? Моро аз хона ронданд, лекин худашон ҳам рӯз надиданд. Дар хонаашон ғайри гарду хок чизе намондааст, мегӯянд, ҳар дуяшон бемор. Уболи бачаҳои бегуноҳ мегирад-дия! Гумон карданд, дунё бе ҳисобу китоб аст.

– Ту ҳам ҳеҷ одам нашудӣ, – ба қаҳр омад шавҳарам, – ҳамон ятимиам аз ин дар ба дариҳо сад бор беҳтар буд! Агар инҷиқӣ намекардӣ, на мо, на додою очаам ба ин ҳол гирифтор мешудем. Як-ду ҳафтаи дигар кор мекобам, агар ёфтам чӣ хуб, агар на, ба деҳа бармегардем, – шавҳарам ҳарфҳояшро гуфту бо нияти хатми сӯҳбат аз ҷо хест ва ба сӯйи дар рафт. Аз гапҳои охираш бештар асабонӣ шудам, ҷаҳламро дошта натавониста аз пушташ дод задам:

– Агар айб дар ман аст, хуб кардаам! Дигар соям он мазората набинад! – бо шақарроси дар нафасам дар дарун монд.

Ба ин минвол то ду ҳафта манзили мо ғурбатхона шуд. Шавҳар субҳ мерафту бегоҳиҳо бо дасти холӣ бармегашт ва ман бо забони талхам ҳар чӣ ҳақорате дар дунё буд, ба сараш мерехтам. Ӯ дар назди шаддодии ман мулзаму пакар ёрои ҳарф задан надошт, мисли муши мурда карахту беҳаракат менишаст, фақат гиря намекард. Ду ҳафтаи бекорӣ чун бод гузашту шавҳари ноумед бо чашми умед ба ман нигарист. Аз дидаҳояш мехондам, ки илтимос карданист ба деҳа баргардем. Ғайричашмдошт, дар ҳамон лаҳза писари яке аз ошноён хабар овард, ки амакам аз дунё гузаштааст. Каме ба худ омадам, ба раъйи шавҳар мухолифат накардам, бо бачаҳо роҳи деҳаро пеш гирифтем.

Бо доду фиғон падарро ба хок супурдем. Рӯзи дигар худоии мухтасар ҳам доданд. Шавҳарам аҳд кард, ба ҳар қимате шуда, дар деҳа мемонад, ба модараш саробонӣ мекунад, аз нав зиндагӣ месозад. Бо ин орзую ҳаракатҳо бисти падарро низ гузарондем, вале баъд аз он тарбуз аз бағал афтид. Чун модар ва бародари калонии шавҳарам забон як карда будаанд, хонаю дарро бо қӯтону оғилхонаю боғаш фурӯхта, ҳама ба шаҳр рафтанд. Ману шавҳари бадбахт бо бачаҳо дубора дар кӯча мондем. Дунёро ба навъи дигар дидам, акнун фаҳмидам, ки касе фикри моро намекунад. Ба шавҳари хаставу ранҷур раҳмам омад, бо умеди дил додан ба ӯ гуфтам:

– Ин ҷазои Парвардигор буд, ки дар ивази худсарӣ гирифтем. Аз тақдир ҷойи гурез нест, сар омон бошад, кулоҳ ёфт мешавад.

Шавҳарам маро орому фурӯтан дида ба худ омад ва бо муҳаббат ба оғӯш кашид. Ҳарчанд тамоми баданаш меларзид, худамро дар зери тану тӯш ва дастони бақувват ҳис кардам. Бо аломати узр ва итоат сарамро ба сари дилаш часпонда, дастонамро ба камараш қуфл задам.

## «ХОКТЕДА»

Ман яке аз наберахои дӯстдоштаи момоям будам. Ҳар гоҳ модарам маро ба назди ӯ мефиристод, гӯё болу пар кушода, мисли кабӯтаре ба манзили босафо мепаридам. Дар хонаи момо ҳамеша вақтам хуш мегузашт: ҳамроҳи ӯ қадам зада боду ҳавои хуморовари боғи дилкушояшро шамидан бароям лаззати беинтиҳо ато мекард; аз дасти ӯ таматтӯъ кардани хушкбору меваҳои ноб аз даҳон об меовард; шабонгаҳ шунидани афсонаю қиссаҳояш маро дар олами дигар, ки рӯҳу равонам дасти худам набуд, меафканд. Чунон вобастаи момо будам, ихтиёр ба ӯ дода, доманашро раҳо намекардам ва бо шавқу ҳаяҷон дар оғӯши фараҳафзояш паноҳ мебурдам.

Боре иттифоқ афтод, бо ду холабачаи ҳамсоли худ меҳмони момо шудем. Мисли ин ки бо калонсолон муносибат дошт, моро бо неъматҳои ҳамешагии худ меҳмондорӣ кард ва бо даромадани шаб дар паҳлуи худ бароямон бистару болин андохт. Он шаб, пеш аз хоб, ман ба пурсидани калимае, ки чанд муддат дар зеҳнам давр мезаду маъниашро ҳеҷ дарк намекардам, азм намудам:

– Момо, ба кӣ мегӯянд, «хоктеда»?[1]

– Аз куҷо ин гапа гирифтӣ? – пурсид ӯ бо завқ.

– Очам гуфт, – ҷавоб додам ман, – вай ба додом арз мекард, ки аз дасти ин хоктедаҳо намешавад тинҷ гашт, як гап кӯҳна нашуда, гапи нава бофта мебароранд. То охири суҳбаташ пай набурдам, ки дарди дилаш чисту аз чӣ нороҳат аст.

– Калон шавӣ баъд мефаҳмӣ, – аз ҷавоб сар печиданӣ шуд момо, – ҳозир хоб рав, бевақт шуд.

Вале ин ҷо холабачаҳо низ ба ман ҳамдастӣ карданд, зеро барои мо – бачаҳои кунҷков донистани «хоктеда» хеле муҳим менамуд. Момо ҳам натавонист хоҳиши наберахои ширини худро дар замин монад, «ё бисмиллоҳ»-гуфта, барои шарҳи калима ба нақли қиссае пардохт.

***

Озода бо баромадани офтоб рӯмоли шаршарадори худро ба сар андохта, роҳи хонаи дағечи калониро пеш гирифт. Гӯё кори муҳиме анҷом медода бошад, ҳаросон буд. Мехост ҳар чи зудтар гапҳои дар зеҳнаш ҷамъшударо нарезондаю начаконда ба дағеч расонад. Ӯ тамоми шаб мижа таҳ накарда буд, аз пеши назар симои духтари дағеч ва аз

[1] *Хоктеда* – шакли дурусти калима: *хоктӯда;* дар гуфтугӯйи шифоҳии тоҷикони баъзе деҳоти Нурато ба касоне гӯянд, ки пушти сар бо ғайбату бадгӯйӣ машғул мешаванд, бо гапҳои барзиёд ва росту дурӯғи худ иғво меандозанд, одамонро ба ҳам зид мекунанд

хаёл хабари бемор шудани вайро, ки як гӯшвор шунида буд, наметавонист дур кунад. «Ба Шакила чӣ шудааст? Чаро гуфтанд касал? Ин ҷо як гап ҳаст барин, намехоҳанд номаш бароянд. Аз духтари ба қад расида ҳар кас бим дорад, як нуқсонаш, ки ошкор гардид, бадном мешавад, пойи хостгорон низ меканад, – роҳравон ба худ меандешид Озода. – Сабил, дина як сар мезадам, нағз мешуд, таги гапа мефаҳмидам. Лекин, дина ҳам вақт накардам, рӯзҳо кӯтоҳ шудаанд, ба кадом як дар мерасӣ? Ҳеҷ қисса не, имрӯз ҳамааш маълум мешавад, дар ҷонҳояшон чунон ғулғула андозам, ки надониста монанд!».

Озода дарвозаи касеро намекӯфт, огоҳ накарда якрост ба хона медаромад, гӯё ҳар лаҳзаро ғанимат мешумурд. Ба ин рафтори ӯ ҳама одат карда буданд, бо ин ҳол, каме дасту по хӯрда, ноҳинҷор мешуданд. Ин бор Холида – дағечи калонӣ, ки акнун ба сари дастгоҳи гилембофии худ нишаста буд, Озодаи шитобзадаро диду як қад парид. Ларзае ногаҳон дар баданаш давиду даст ба гиребон бурд ва туф-туфкунон аз ҷо хест. Ду даст болои ҳам монда салом карданд ва Озода ба ӯ фурсати гап задан надода, дарҳол ба сухан даромад:

– Ба Шакила чӣ шуд? Чаро гапаш дар ҳама ҷо овозаю дарвоза асту ман бехабар? Боз мана бегона дидед, тарсидед гап мекунам?

– Ист, ист, ба духтари ман чӣ шудааст? – даҳонаш воз монда пурсид Холида.

– Худа ба нодонӣ мезанед? Охир, ҳама ҷо ҳамин гап – Шакила аз пой мондааст, аз ҷо намехестааст.

– Ё тавба! Ба ту ин гапа кӣ гуфт, охир духтари ман сопа соқ, дина бо додош ба бозори Ҷӯш ба харид рафт.

– Ба ман кӣ гуфт, муҳим нест, лекин аз одамҳои худӣ шунидам. Шумо бепарво гилематора бофта гаштан гиред, номи духтар, ки баромад, баъд мефаҳмед гап дар куҷо будааст!

Хун ба сари Холида зад. Намедонист ба Озода чӣ гӯяд, сари ҷо шах шуда монд. Дарвоқеъ, хабари нохуш мешунид, мисли ин ки доғе ба рӯйи отифаи духтараш меафтид. Озода бошад, чун дилу забонаш яке буд, бо ин бофтаҳои худ қонеъ нашуда, бештар ба сари оташ равған пошид:

– Шакила шал шудаасту шумо пинҳон мекунед, метарсед, ки аз шӯй мемонад! Ман аз дили сӯхтаам мегӯям, пеши овозаҳоро нагиред, фардо дер мешавад. Агар касал бошад, ба табиб баред, ба мулло хононед. Ин рӯзҳо ба сари ҳама меояд.

Холида дилозурдаю малӯл дар сари ҷо нишаста монд, ҳис мекард, ки аз сараш гӯё оби ях рехтаанд. Ёрои гап задан надошт, дигар гапҳои дағеч ба гӯшаш намедаромад. Озода бошад, ордашро бехта, ғирболашро овехта буд. Чун асари суханҳояшро ҳис кард, Холидаро ба ҳоли худ гузошту ба кӯча баромад. Ӯ роҳи манзили дағечи аз худ хурдтарро пеш гирифт.

Озода ба ҳар се дағеч, ки ҳама ҳунарманд буданд, ҳасад мебурд. Худаш асло намехост ба ғайр аз кадбонуӣ ба коре дил гарм кунад. Аз субҳ то шом дар ба дар мегашту аз ғайбату пушти сари дигарон ҳарф задан сер намешуд. Шавҳараш савдогарӣ мекард, фақат дар сафар мегашту аз пою қадами зан хабаре надошт. Ӯ бо ин озодболӣ ба ҳар чӣ дилаш мехост, даст мезад ва парвое надошт оқибат амалҳояш бо чӣ меанҷомад. Бештар осудагӣ ва серу пур будани хонаводаи дағечҳояш ӯро дилтанг мекард, мехост онҳоро ба якдигар сард кунад, ба ҷанг андозад, лекин ин кори осон набуд. Бисёр вақт тираш ба хок мехӯрд, аммо аз туҳмату бадгӯйӣ даст намебардошт.

Ин бор ба ҷони Холида лахча андохта, ба самти Манзура – дағечи хурдтар шитофт. Барои ӯ низ хабари «хуш»-и тозае бофта буд. Тез-тез қадам мебардошт, намехост вақташ бар ҳадар равад. То хонаи Манзура хеле роҳ буд, аммо бо ҳаваси расондани гапи нав ин дурӣ ҳеҷ таъсире ба равонаш надошт. Имрӯз бояд ба ҷони ҳар се дағеч алов андозад, агар ба ин ҳадафаш мерасид, то чанд муддати дигар метавонист ором гардаду осуда бихобад. Аҳёнан пай мебурд, ки ин кораш хатост, гӯё шайтоне ӯро аз роҳ мезанад, вале табиати шайтонсифаташ ин ангезаҳоро дар худ фурӯ мебурд ва дилпур бо нияти бад по мебардошт.

Хонаю дари Манзура ҳашамат надошт, аз ду хонаи даҳлез дар миён иборат буд. Азбаски гирди ҳавлиашро бо чӯбу қамиш гирифта буданд, ҳама чизи дохил аз берун дида мешуд. Дар як гӯшаи ҳавлӣ доимо тӯдаи хок ба назар мерасид, ки он маводи хом барои танӯрсозӣ буд. Ин хоки зардчаранги часпакро  Манзура худаш аз теппаи Хокканӣ мекашонд ва аз он танӯр месохт. Ба касби ӯ ҳавас карда, чанд кас танӯр андохтанӣ шуданд, вале ҳеҷ кадом муваффақ нагардид. Танӯрҳои ӯ бошад, хеле сайқалдода, бадошт ва хушсифат буданд, аз онҳо хок намехест, нон пушт намедод. Ба назар лойро пазонда бо бузмӯй омехтан ва дар қолиби заминӣ рехта хушк кардану ба берун кашидан кори одӣ менамуд, аммо касе дасти Манзураро надошт. Мегуфтанд, дар танӯрсозӣ ба ӯ дуои пир рафтааст. Ин шуҳрати дағеч бошад, ба Озода хуш намеомад. Ҳар гоҳ таърифи ӯро мешунид, мисли каждуми дар шиша афтида дар худ мепечид. Мехост аз ҳар тариқ ба ӯ заҳр пошаду алами ҳасадро рафъ кунад.

Имрӯз ҳам ба болои танӯрсозии дағечи худ омад. Ӯ ба дохили чола, ки чуқурчае қариб то китфи одам буд, даромада танӯр меандохт. Писараш мушт-мушт гили пухтаро меёзонд ва ӯ гилро гирифта бо ҳавсала ба девори гирди чола, ки вазифаи қолибро адо мекард, мезад. Рӯмолашро ба пушти сар гиреҳ зада, миёнашро аз болои пироҳан бо миёнбанд баста буд ва дар по чоруқ дошт. Аз лою гил тамоми бадан ва ҳатто чеҳрааш олуда буд. Ин ҳолати ӯ ба чашми Озода хеле зишт намуд ва дидан замон бо мазоқ хандида фиристод. Озода ҳар лаҳза омода буд гапи ҷонгир занад ва ин ҷо ҳам, аз маъсумии дағеч роҳат бурда, ба сухан омад:

– Гуфтамо, дар ҳама ҷо мегӯянд Манзура ҷулҳундипӯш аст, чиркину жӯлида аст, бӯйнок аст! Аз ин лою гил чӣ мегирӣ, ки худатро ба ин ҳол меандозӣ?

– Аз кор айб нест, азизам, ман кор мекунаму нони ҳалол мехӯрам, – аз хандаи дағеч дилхур шуда бо зарда гуфт Манзура. – Агар ту дилсӯз бошӣ, чаро ба даҳани бадгӯён намезанӣ?

– Даҳани кадом якеро мебандӣ? Агар худат пеши нафсата гирифта, аз ин касофат берун ойӣ, дунё гулуман!

– Ман ризқи фарзандонама канда намекунам, ҳар кӣ ҳар чӣ гӯяд, садқаи сарам!

– Он вақт шарафу орияти оила чӣ мешавад? Фикр накардӣ, ба туфайли ту шӯят сархам мегардад?

– Мардам бо касби ман фахр мекунад! Ӯ одаме нест, ки мисли кӯрдилон тару хушкро бо ҳам резад. Ба қадри корамон мерасад, савоби заҳматҳои моро хуб мефаҳмад.

– Аз ман як гуфтан, фардо гила накун, ки ҳама туро наҳ задаанду мо тамошобин шудаем. Дағечи калон барин худата ба нодонӣ мезанӣ. Пойҳои духтари вай ҳам фалаҷ шудааст, ба табиби пушти кӯҳ фиристодаанд.

Бо шунидани ин гап Манзура рост шуд. Бо пушти дасти лойолудаш чанд тор мӯйи ба рухсораш фаромадаро ба ақиб ронду ба Озода бо теғ нигоҳ кард:

– Ин шумхабара аз куҷо шунидӣ? – бо нороҳатӣ пурсид ӯ.

– Худи дағечамон гуфт, – мижа таҳ накарда ҷавоб дод Озода, – аз бадном шудани духтари қадрасаш тарсида, шабошаб аз назарҳо гум кардааст.

Манзура дилтанг шуд, намедонист ба суханҳои дағеч бовар кунад ё не. То имрӯз ҳеҷ гап набуд, ногаҳон ин бeморӣ, наход рост бошад? Не, Озода туҳмат мекунад, аз ин хабар бӯйи иғво меояд. Бигузор, дар ҳаққи ман ҳар чӣ гӯянд, лекин ба шаъни духтар чаро

доғ меандозанд? Ин одамон дигар кори мекардагӣ надоранд магар, ғайбату бадгӯйӣ пеша кардаанд. Эҳ, Худоҷон, кош ҳамаи ин гапҳо дурӯғ мебуд!

Дағеч побанди фикру хаёл монду Озода дар ин ҷо монданро дигар раво надид. Ҳис кард, ки сари дили дағечи дуюм ҳам алов гирифт, бо ин ҳол афзуд:

– Ту ба фикри лою танӯрат бош, боз ҳам ҷулҳундитар шуда гард! Шумоён фақат маломат меоред, мо бояд бардошта гардем. Марги ин ҳунарҳои чиркин, марги ин беобрӯйӣ! – Озода дигар баромадани дағечро нигарон наистод, ғуд-ғудкунон ба самти дарвоза, ба берун роҳ пеш гирифт.

Ӯ худро дилсӯз, ҳимоягари шаъни оила нишон дод, вале дарун-дарун хушҳол буд, ки бо гапи дурӯғ ба нияти худ мерасад. Акнун бояд ҳоли Лутфия – дағечи хурдӣ гирифта шавад, барои ӯ низ тӯҳмати хуб дар сар пухтааст. Ин дағеч ҳам ҳунарманд – дӯзандаи гулдаст! Ҳама либосҳои дӯхтаи ӯро таъриф мекунанд, гӯё мисли вай касе дасти буришу дӯхту дӯз надорад. Аммо ӯ ҳеҷ гоҳ тан надодааст, куртаю эзорашро ё худаш медӯхт ё ба дӯзандаи дигар мефармуд. Чанд бор пушти сари Лутфия бадгӯйӣ карда, ӯро ба баднафсӣ, ба беҳунарӣ муттаҳам карданӣ шуд, вале касе ба ҳарфаш гӯш надод. Мехост ин бор аз роҳи дигар ба ҷонаш расад. Барояш алам мекард, ки аз омадани ин дағеч ҳанӯз як сол нагузаштааст, лекин барои ҳама хонагиҳо азизу қадрдон. Ҳатто модаршӯйи ҷоҳил ӯро «духтарам»-гуфта ном мебарад. Бешак, ин меҳрубонӣ аз хушомад аст, медонад, ки рӯзаш ба писари хурдиаш мемонад.

Озода хабар дошт, ки шавҳари Лутфия дар деҳаи ҳамсоя, дар дасти Карими шоликор аст. Доимо машғули корҳои замин шуда моҳе фақат як бор барои хабаргирӣ ба хонааш меояд. Агар дастаки туҳматро аз ин ҷо созад, ба нияташ осонтар хоҳад расид. Рашки духтарони навхонадор сахт аст, гӯл задани онҳо ҳам мушкил нест. Ӯ бо ин гуна хаёлҳо ба хонаи дағечи хурдӣ, ки дар асл хонаи падаршӯю модаршӯяш буд, расидани худро нафаҳмида монд. Дағеч машғули хӯрокпазӣ дар гирду бари оташдон давуғеч дошт. Озода даромадан замон ҳайрати худро пинҳон накарда гуфт:

– Чӣ хел шуда тура дар сари корат намебинам? Шумо – ҳама ҳунарманд, чӣ шуд, ки сӯзану риштата канор гузоштӣ?

Аз ногаҳон пайдо шуда овоз додани Озода Лутфия дар ғафлат монд. Бо ин ҳол, худро гум накарда, дасту панҷаи тарашро дар пешдоман поккунон ба самти дағеч қадам бардошт ва аз рӯйи ҳурмат ду даст ба рӯйи сина гузошту таъзим кард.

– Ба ман тамаллуқат намефорад, то кай мисли арӯси навомада салом медиҳӣ? Одам барин даст кушо, – худро калон гирифта ба суханаш идома дод Озода ва ба расми занони деҳа ду даст ба пеш дароз кард ва ҳар ду дастҳои худро то китф болои ҳам гузоштанд. – Янга куҷо рафт, дар хона наменамояд? – пурсид ӯ.

– Ҳамин ҳозир ба хонаи келини калон меравам гуфта баромада буданд, дар роҳ надидед?

– Кампир шуда сира дар хона намешинад! Ба ту  бечора ҷавр, шабу рӯз кор мекунӣ, кошки аз ин дар фоидае расад! – гӯё дилраҳмӣ нишон дода, гуфт Озода ва рост ба айвон даромад.

Лутфия тезтар қадам зада кӯрпачаи зерипойиро дуруст кард ва бо нимханд ҷавоб дод:

– Ҳеҷ гап не, келин шудаем мекунем-дия. Бе он ҳам янга оромӣ надоранд, фақат бо як кор андармон.

– Ба ҳамдардӣ рафтагист, духтари Холида шал шудааст, – як андоз гуфт Озода ва ба ҳайрати ногаҳонии дағеч эътибор надода, ба сутуни канори айвон такя дода нишаст ва афзуд: – Аз мо руст мекунанд, метарсанд айбашона овоза мекунем.

– Наход?! – тоқат накард Лутфия. – Ин хел гапа нашунидам.

– Ту ҳам аз он дағечи ҷулҳундиат намемонӣ! Ба лаб кулӯх молида, аз олам бехабарам гуфта мешинед. Аз пеши Манзура меоям, ба аҳволаш нигоҳ карда намешавад. Танӯрсозиаш аз сараш монад, аз нафси бад ба хоку лой олуда шуда, мурда кор мекунад.

– Дар дастатон ҳунар бошад нағз-дия: яке қолию галим мебофад, дигар танӯр месозад, ман ҳам дӯзандагӣ мекунам. Ризқи оила, ба кори шавҳарон дарора.

– Оҳо, шумо ғами шавҳарона мехӯред?! Якеаш шӯйи худат, медонӣ чӣ корнома нишон додааст?

Лутфия ба рӯйи дасторхони паҳнкардааш нон гузошта истода як қад парид ва ба дағеч рӯ гардонд:

– Чӣ кор кардааст? – бо тааҷҷуб пурсид ӯ.

– Дар майдони Каримбой коркунон ба духтари бевааш ошиқ шудааст! – бе тааммул гуфт Озода ва ҳамоно сари ҷо шах шуда мондани дағечро дида идома дод: – Шумо ғами шӯя хӯрда мегардед, лекин онҳо кори хостаашонро мекунанд. Ту чӣ ҷойи кам доштӣ? Аз зани бева чӣ мебинад?

Авзои Лутфия дигар шуд, гӯё хун ба чеҳрааш зада бошад, суп-сурх шуда рафт. Дигар як калима сухан ба забонаш наомад, бо садои баланд гиря сар доду ба тарафи оташдон роҳ пеш гирифт.

Ин ҳолат барои Озода тамошои хубе буд. Бо хушҳолӣ лабу лунҷ инҷ карду як бурда нон ба даҳон андохт ва аз ҷо хест. Дар ҳоле, ки аз самти оташдон садоҳои ноҷӯри ба ҳам хӯрдани дегу кафгир меомад, сарашро бо гардан аз миёни рӯмол ба боло ёзонда монд ва луқмаи даҳонашро хойида-хойида ба берун қадам бардошт.

Вақте ки Озода ба хонаи худ баргашт, рӯз аз нисф гузашта буд. Аз хурсандӣ дар курта намеғунҷид, хеле хушҳол буд, ки имрӯз ба нияти худ расид: дар ҷони дағечон алов андохт; як муддат аз буғзу кина тану ҷони худро раҳо сохт. Аммо, ҳамин ки ба хонааш расид, ба чӯби дарвоза аспи бастаи шавҳарашро диду ҷонсарак шуд. Ба омадани ӯ ҳанӯз вақт буд, ҳамеша савдогариаш дастикам то чор ҳафта тӯл мекашид. Магар гапе ҳаст, хабаре шуда, ки зуд баргаштааст?

Ҳамин ки Озода ба ҳавлӣ по ниҳод, ду духтари хурдсоли хонабонаш давида ба пешвоз баромаданд. Онҳо ба модар фурсати гап задан надода, пушти ҳам хурсандона хабари навро расонданд:

– Додом ба мо боз як оча овард!

– Аз ин пас мо ду оча дорем!

Ҳуш аз сари Озода парид, бетоқатона худро ба дару девор зада ба хона даромад. Шавҳараш мисли ҳамеша ба рӯйи кӯрпачаи худ паҳлу зада менишаст, дар муқобили ӯ низ як зани ношинос сару рӯйи худро бо рӯмоли баланде пинҳон карда, бо сари хам ду зону ба замин монда буд. Ӯ ҳарфе нагуфта, шавҳар омирона ва каме ғазаболуд риштаи суханро ба даст гирифт:

– Дар куҷо мегардӣ, хоктедаи дайду?! Фикр кардӣ, шӯ набошад сарат боз аст? Ту аз дарбадарӣ сер мешавӣ ё не?

Озода мехост чизе гӯяд, аммо гулуяш гирифта буд, гоҳ аз шавҳар мерамиду гоҳ ба зани ношинос чашм хира мекард. Ба саволе, ки дар забонаш мепечид, худи шавҳараш ҷавоб дод:

– Баҳор чанд бор муҳтоҷи маро баровард, ман ӯро ба занӣ гирифтам, – садои гирои худро кам накарда, бо ишора ба ҳамроҳи худ гуфт шавҳар, – бо ҳам ошно шавед, аз ин пас на чун палонҷ, балки мисли апаю хоҳар зиндагӣ кунед. Ҳар кӣ эътироз мекунад, дар ин хона ба ӯ ҷо нест. Минбаъд бе иҷозати ман як қадам ба берун намегузоред. Бо муомила корҳои хонаро дар байни худ тақсим мекунед, ба якдигар ёрӣ мерасонед. Ба ҳеҷ чиз талош накарда, ба каму зиёди рӯзғор қаноат мекунед...

Шавҳар муттасил ваъз мехонду ҳоли Озода барҳам мехӯрд. Пеши чашмонаш торик шудан гирифт, беҳушона сарашро миёни панҷаҳояш дошту бо садои баланд фиғон бардошт.

***

Ҳоло калон шудаам. Дар байни одамони гуногунтабиат мегардаму тез-тез ба ёдам он қиссаи момо меояд ва мебинам, ки хоктедаҳое мисли Озода имрӯз ҳам лак-лак ба чашм

меҳӯранд. Ҷолиб ин аст, ки дар тафовут аз Озода, хоктедаҳои имрӯз ёвари хубу беминнате доранд: телефони ҳамроҳ.

## БЕВАЗАН

Зани ҷавон дар кулбаи худ танҳо буд. Ӯ лӯлаболиштеро дар бағал зер карда, хаёлманду дилгир сари дузону менишаст. Мӯҳои мишкиранги жӯлидааш чошу пареш аз бару дӯшаш ба поин шорида буданд, дар чеҳрааш шиёрҳои ашки хушкшуда ҷило медод. Назди ӯ як сарбанди сафед мехобид ва акси ғиҷимшудаи ҷавоне, ки дар бағали дарвоза истода, бо як даст борхалтаи сафарро медорад ва лабонаш ба табассум моил аст. Зани маъюс сахту карахт ба назар мерасид, пилкҳояш намеҷунбиданд, чашмак намезад. Ногоҳ ин сукуту оромии мутлақи кулбаро садои телефони дастие, ки бар рӯйи мизи бурҷаки хона буд, халалдор кард. Гӯшӣ панҷ-шаш бор занг хӯрду хомӯш шуд. Фурсате нагузашта дубора садои занг танин андохт ва зан бо дили нохоҳам ба ҳаракат омад. Бо садои хира ба телефон ҷавоб дод:

– Ало.

– Духтарам, чаро гап намезанӣ, аҳволат чӣ хел?

– Чӣ хел мешуд, дарунам месӯзад, дуд гирифтаам.

– Худатро пур обу адо накун, акнун чилаш гузашт, рафта писарат катӣ ба хона меорам.

– Ба ҳеҷ ҷо рафтанӣ нестам, монед, ман ҳам дар ҳамин лаҳад мурда равам.

– Ин хел нагӯ, медонам, модаршӯят ҳам чашми дидан надорад, ҳар гоҳ туро бинад аламаш рӯ мегирад, гӯё писарашро ту кушта бошӣ. Дадоят, ки аз сафараш омад, бо ҳам меравем. Худатро пур нахӯр, азият накун.

– Аз зиқӣ дилам торс кафам мегӯяд, ба ҳеҷ чиз дасту поям намеравад. Кош Худо ҷонамро мегирифту аз ин дунёи сиёҳ халос мешудам.

– Духтарам, ту ҳоло ҷавонӣ, ин бадбахтӣ фақат ба сари ту наомадааст. Сабр кун, ҳаммааш нағз мешавад. Ту ҷону ҷигари мойӣ, намегузорам ранҷу азоб кашӣ, худатро ба даст гир...

Хӯрии зан омад, дубора аз чашмонаш оби дида рехт. Дигар ба идомаи суханҳои модар гӯш надода телефонро қатъ кард. Дар ҳамин асно садои модаршӯ ба гӯш расид, бо овози баланд «Зулӣ!»-гӯён номи ӯро нима ба забон гирифта ҷеғ мезад. Дарҳол хам шуду сарбанди сафедро аз рӯйи хона бардошт ва ба даври сар баст. Бо пушти дасту бо як бари сарбанд ашкҳои рухсорашро поккунон аз даҳлез ба ҳавлӣ баромад.

– Бехосияти сархӯр, ту дар кунҷи хона мурда барин хоб равӣ, зиндагиро кӣ мекунад?! – бо пархош ӯро дидан замон фарёд зад модаршӯ  ва як досу халтаи холиеро қулоч кашида ба пеши пояш ҳаво дода амр кард:  – Ҳамин ҳозир раву ба говҳои дарат алафи об(1) даравида биё!

Модаршӯ қаҳрашро рехта боз кимчиҳое зери лаб ғудурросзанон ба хонаи ҷойи нишасти худ баргашт. Барои ӯ заррае аҳамият надошт, ки арӯсаш чӣ ҳол дорад, аз дилаш чиҳо мегузарад. Дар симои ӯ фақат як сархӯри шумқадамро медиду халос. Агарчи аз ваю писараш як набера ҳам дошт, раҳм намекард, ҳар чи ба зеҳнаш мезад, ба забон меовард. Болои мурда сад чӯб, бар замми ҷудоӣ аз шавҳар ин гуна бархӯрду муомилаи модаршӯ зани ҷавонро бештар дилтанг месохт. Рӯзҳои дар деҳа гаштани соҳиби сараш номи ӯ фақат «келинҷон» буд, аммо пас аз он ки ҷасадашро аз юрти мардикориҳо оварданд, модаршӯ ҷомаи худро чаппа пӯшид. Ҳанӯз дар чилаи азодорӣ сад бор аз ӯ шунида буд, ки рӯйрост мегуфт: «Ту писарамро маҷбур кардию ба кор фиристодӣ! Ту писарҷонамро ба коми марг андохтӣ! Ту фарзандамро ҷавонмарг кардӣ! Илоҳо, ҷони туро Худо гирад! Оҳам қабул шаваду дарбадар гардӣ, рӯз набинӣ, сархӯри накбат!».

Зани ҷавон досу халтаро аз замин бардошт. Гӯё ба дӯғу ҳақоратҳои модаршӯ одат карда буд, лом-мим нагуфта сархам роҳи боғро пеш гирифт. Ба сари алафи об нишасту досзанон ғарқи хаёлоти мубҳам шуд. Чеҳраи шавҳар ба пеши назар омад, бо қиёфаи

ҳамешагӣ, хушҳолу масрур. Ӯро хеле дӯст медошт, ҳар доим ба оғӯш кашида бо муҳаббат сарашро сила мекард. Бо иғроқ мегуфт, ҳоло туро ба гилеми париён менишонам, ба сарат тоҷи шоҳдухтаронро мегузорам, ту аз ҳеҷ кас кам намешавӣ!... Шояд аз ин хотир худро ба обу оташ афканд, роҳи мардикориро дур надида, аз пайи сарват шуд. Ҳирси пулу мол аз ҳад гузашту худро ба чанд дар зад, ҳам кафшергарӣ кард, ҳам барққор шуд, гоҳе ҳам дар кони ангишт дуду захр хӯрд. Охирин бор аз ангиштканиҳои худу ҳамкоронаш таъриф карда буд. Мегуфт, агарчи муддати корамон тӯлонитар асту то охири рӯз хастаю шалпар мешавем, хӯҷаин ҳаққи нағз медиҳад. Ду-се моҳи дигар машғул шавам, хеле пул кор мекунам, баъд ба хона баргардам мешавад... Вале, сад афсӯс, ба муродаш нарасида ҷавонмарг шуд, аз болои сараш сақфи нақби кон фурӯ рехтааст. Ҷасади ба хоку хун оғуштаи ӯ ва як рафиқашро базӯр аз зери сангу кулӯх кашидаанд...

Зани ҷавон оҳи пурдард аз сина баровард. Алафҳои даравидаи худро ҷамъ карда дар халта андохтан гирифт. Чун дид, халтааш ҳанӯз нима аст, дубора ба досзанӣ пардохт. Боз мурғи хаёлаш дар атрофи шавҳари рӯзнадида ба парвоз даромад. Ӯ бо телефон тамос гирифта, нахуст аз ҳоли писарашон пурсон мешуд. Мегуфт, писарамро ҳатман мехононам, ӯ бояд босавод шавад, диплом гирад. Ӯ, албатта, корманди давлат мешавад! Аммо ин орзуҳояш ҳама ба бод рафт, хондан он сӯ, ҳатто ба по давидани писарҷонашро надида ҷавонмарг шуд. Эҳ, Худоҷон, мо чӣ гуноҳ карда будем?! Зани мотамзада аз нав оҳи бадард кашид.

Мегӯянд, зан ҳафт ҷон дорад, баъзеҳо гӯянд, чил ҷон. Ин қадар ин зот пуртобу тоқат! Вале зани ҷавон ҳис мекард, ки дигар ёрои таҳаммули тазйиқоти рӯзгорро надорад. Ӯ на ба ҷойи холии шавҳар одат мекунад, на ба тааддиҳои модаршӯ гардан фароварданист, на аз ӯҳдаи корубори зиндагӣ мебарояд. Шояд чилҷониро ба занҳои қадим гуфтаанд, дар ҳар сурат, имрӯзиҳо то ин ҳад ҷоннисор нестанд. Агар мард каме зӯроварӣ кунад, ба сараш дод мезананд, ҳатто аз рӯяш панҷаю нохун мекашанд. Занҳои имрӯз тоқати бардоштани одитарин дарди занонаро надоранд, ҳомилаи худро ба бод медиҳанд ё аз тарс ба амали осон розӣ мешаванд. Ин ҷинсҳои нозуктабъ торафт ба роҳати бедардимиён рӯй меоваранд, рӯз то рӯз бандаи ҳирсу тамаъ шуда ду чашм ба молу сарват мениҳанд, ҳатто беибо ба айёшӣ ва шаробхорагӣ руҷӯъ мекунанд... Зани ҷавон халтаи алафи обро ба дӯш гирифта, ба сӯйи оғилхона қадам мезад ва намефаҳмид, ки чаро ин хаёлҳоро аз сар мегузаронад. Ба ҳар ҳол, худи ӯ ин қадар ношуд нест, ӯ ҳанӯз ба ин кӯй наафтидааст. Аммо, ҳис мекунад, ки тобу тоқаташ аз байн меравад, рӯзҳои охир иродааш дасти худаш нест.

Зани ҷавон дар назди оғилхона халтаро ба замин нагузошта, як лагад ба дари вазнин зад. Дар ғиҷирросзанон нима кушода шуд. Ӯ ба дохил даромаду алафҳои оби халтаро дар охурчаи дароз холӣ кард ва сипас халтаи холиро бо ҷаҳл, ки беихтиёр бо раъшае дар вуҷудаш пайдо шуда буд, ба як гӯша ҳаво дод. Ҳамин ки мехост ба берун равад, чашмаш ба ресмони сафеду сиёҳи дар сутуни васатӣ басташуда афтид. Хаёле ба сараш заду як дам сари ҷо рост истод. Ниҳоят, ҷойи ин ки ба берун барояд, ба тарафи ресмон қадам бардошт. Омаду бо оромии ба худ хос бандро аз сутун кушод. Сипас ба ин тараф-он тараф назар афканда тағора ва сатилеро пайдо кард. Ҳар дуро бардошта ба миёнҷойи оғилхона омад ва дар зери болори харӣ қарор гирифт. Нахуст тағора ва бар болои он сатилро сарфаргон рӯйи ҳам гузошт. Ҳаросон нашуда, аввал як поро дар пушти тағора монду бо як ҳаракати тез ба болои сатил баромад. Чун ҷуссааш ба мувозинат омад, нӯги рости ресмони дасташро аз дигар сари ҳалқадори он гузаронда маҳкам ба болори харӣ баст. Сипас банди ҳалқадорро каме силкав дода ду-се бор ба поён кашид. Ҳамин ки бовар ҳосил кард ресмонаш маҳкам баста шудааст, ором ҳалқаи нӯги онро бо ду даст васеъ карду аз сар гузаронд ва дар ҳамон ҳолат, аз ду самт ҳалқаи дар зери гулу андармоншударо бо ангуштон дошта истод. Чашмони зани ҷавон пӯшида шуданд, пеш аз он ки сатили зери пояшро тела диҳад, ба хаёл фурӯ рафт. Дар як дам, гӯё ба рӯйи навори филме, тамоми чеҳраҳои шинос – падару модар, бародару хоҳарон, шавҳараш, падаршӯю модаршӯ ва ниҳоят, симои ягона писаракаш намудор шуд. Медид, ки писарҷонаш

мададҷӯёна ба ӯ чашм медӯзад, талвоса карданист ба бағалаш дарояд, дастони хурдакаш ба сӯйи ӯ дароз мешаванд. Ҳисси раҳму шафқат вуҷудашро фаро гирифт, ба худ омаду чашмонашро кушод ва пай бурд, ки бо дастҳои ларзон ҳалқаи дорро дошта меистад. Хунсардона ресмонро аз гардан берун овард ва ба зер назар афканда як пояшро озод кард, то ба замин фарояд. Аммо дар муҳити нимаравшани оғил канори тағораро надида монд ва пойи овезонаш ба поин лағҷида рафт. Танааш тоб хӯрду бо вазни худ гӯрсас зада ба замин афтид. Сатили филизӣ ҳам аз рӯйи тағора онсӯтар парида рафт ва ба замини хушку сутуни васатӣ бархӯрда, тақар-туқур садои баланд дардод. Афтидани зан базарб буд магар, натавонист аз ҷо баланд шавад, чанд бор бо пою даст талвоса карду беҳаракат монд...

Модаршӯйи аламзада намехост бо хости сарнавишт муросо кунад. Агар дирӯз бо арӯси худ мисли ду мағз дар як пӯст буданд, баъд аз ҷавонмарг шудани писараш аз ӯ рӯ гардонд, рӯзе набуд, ки орому дам дар дарун бошад. Чун саги сӯзанзада ҷойи нишаст намеёфт, мехост аламу оташи сари дили худро бо ҳақорату носазогӯйиҳо ба сари келини бадбахт резад. Мисли ин ки пардае пеши ҳушу имонашро гирифта буд, барои худ чунин мепиндошт, ки гӯё маҳз ҳамин арӯси шумқадам писарашро аз вай рабудааст ва аз пайи нафс ӯро ба доми марг фиристодааст. Мехост ҳамон рӯзҳои аввал ӯро аз хонааш берун созад, аммо истиҳола кард, дар пеши ҳаққу ҳамсояҳо, дар назди дӯсту душман айб мешуд. «Ҳадди ақал то баромадани чила бояд сабр кард, – меандешид дар худ модаршӯ, – он вақт ҳатман кафшашро дар пеш мегузорам».

Он рӯз модаршӯ арӯсро ба алафи об фиристода, худаш хеле вақт бо корҳои хона андармон шуд. Ба шавҳараш, ки аз кор баргашта буд, чой дам карда дод. Либосҳои набераи хокбозашро иваз кард ва дасту рӯйи ӯро шуста дар назди шавҳараш оварда шинонд. Вақте ки пай бурд рӯз ба шом наздик шудаву аз келин ҳанӯз дараке нест, тааҷҷуб кард. Боз ҳам зери лаб нафрину дуои бадзанон ба самти оғилхона роҳ пеш гирифт. Дари нимабози оғилхонаро калон кушода ба дохил даромад, мехост бубинад, ки келин корашро анҷом додааст ё не. Ба маҳзи ин ки вориди тавила шуд, тағора ва сатили чаппаю дурафтода, ресмони дар болор овезон ва ҷасади ба замин сарнагуншудаи зани ҷавонро диду ҳуш аз сараш парид. Ҷонам-ҷонсарак ба сӯйи ӯ давид ва дар паҳлуяш зону зада сарашро бардошт. Чун воқиф шуд ӯ беҳолу беҳаракат аст, ҳамоно «вой дод!»-гӯён фиғон бардошт ва ба ақиб гашт. Ӯ ба самти хона давида истода бо овози баланд гуфтан гирифт: «Вой дод, хонам сӯхт!», «Вой дод, ин чӣ балое буд, ки ба сарамон омад!», «Шӯрам хушк шуд, вой дод!». Баробари шунидани ин шевану фарёди бемаҳал шавҳараш бо тарсу ҳарос худро аз хона ба берун зад ва ба самти гиряву лоба дартоз шуд. Бо ишораи зан ба оғилхона зада даромад ва ӯ низ бо дидани манзараи дохили он ба ваҳшат афтод. Беист ба сӯйи арӯси дарозкашида қадам партофт ва аввалин коре, ки кард, бо ангушт набзи ӯро санҷид. Пай бурд, ки арӯсаш зинда аст, фақат аз ҳуш рафта буд. Ӯро озод рӯйи даст бардошта ба хона бурд...

Беҳуда нагуфтаанд, ки модарро дил сӯзаду дояро доман. Вақте ки падару модараш зани ҷавонро ба хонаи худ оварданд, ӯ ҳанӯз шифо наёфта буд. Барои муолиҷаи тану ҷони латхӯрдаи духтари худсар модари бечора ҳар коре аз дасташ меомад анҷом медод. Ӯ муллои деҳаро оварда чилёсин кунонд, бо тавсияи духтур малҳамҳоеро дар маҳалҳои захмхӯрдааш молида дорую даво додан гирифт, худ як қадам дуртар нарафта аз гарму хунукаш хабардор мешуд, намегузошт дубора маъсумият ҳис кунаду рӯҳафтода шавад. Зани ҷавон бо ин гуна ҳоли залил дар пеши падару модар бистарӣ шудан намехост, аммо беандешагии лаҳзаина ӯро ба ин кӯй афканд. Агарчи ҷудоӣ аз шавҳар барояш сахт буд, ҳарчанд модаршӯ то ҷое ба ӯ зулм мекард, ҳеҷ гоҳ нияти худкушӣ кардан надошт. Он рӯз ӯро чӣ шайтоне аз роҳ зад, маълум набуд. Он амали сабуксаронаи ӯ барои модаршӯ дастаки хубе шуд. Ба маҳзи ин ки арӯси «бехосият» ба худ омад, ба падару модараш хабар фиристод ва бо омадани онҳо ошкоро арз кард, ки дигар ёрои ҳамзистӣ бо ин шумқадами сархӯрро надорад. Равшан ба назар мерасид, ки модаршӯ дилмонда асту ба ӯ нафрат дорад.

Чанд рӯз гузашт, зани ҷавон ба по хест. Ӯ дигар дардеро дар вуҷудаш эҳсос намекард, захмҳои сурину сихзаниҳои ҷонгири камар рафъ шуда буд. Бо нияти ин ки ба корҳои зани бародар – янгааш мадад расонад, ба ошхона гузашт. Янга барои пухтани хӯроки нисфирӯзӣ тараддуд дошт. Ӯ якрост омада табақи пиёзу сабзиро, ки барои пӯст кандану наргаса рӯйи миз гузошта буд, гирифт ва оромона гуфт:

– Янгаҷон, ту равғанатро доғ куну гӯштатро андохтан гир, инҳоро ман омода мекунам.

Аммо, ғайричашмдошт, янга чанг зада табақро аз дасти зани ҷавон кашида гирифт ва бепарда ба сараш дод зад:

– Ман ба ту зор намондаам, раву хук барин дар кӯрпаат печонда хоб рафтан гир!

– Янга... – зани ҷавон мехост «ман ёрдам карданӣ будам»-гӯяд, вале зани бародар аз ӯ рӯ гардонд ва зери лаб суханҳоеро ғур-ғур кард, ки аз онҳо фақат «сархӯрони сарборӣ» гуфтанаш ба гӯш расид.

Дили зани ҷавон тах кашид. Лаҳзае карахту лол шуда монд. Чун ин гуна бархӯрдро мунтазир набуд, худро хеле ҳақиру забонкӯтоҳ дид. Дигар ҳарфе нагуфта ба ақиб гашт. Дар рӯзҳои бистарӣ, вақте ки янга барояш чою нон медод, қавоқҳои овезони ӯро медид, аммо ба дил намегирифт, гумон мекард, ки чеҳраи ӯ ё аз хастагӣ ё ҳамин тавр зотан гирифта аст. Ҳоло бошад, ба нимкосаи зери коса пай бурд, зани бародар ӯро намефоронад, аз ӯ хушаш намеояд.

Зани ҷавон хаёломез ба ҳуҷраи худ даромада, дар лаби кӯрпачаи дами дар нишаст ва бо ҳоли гирифта ҷисми наҳифу лоғарашро ба рӯйи кӯрпача партофт. Ҳақорату пӯписаи зани бародар ҳамоно дар пушти гӯш садо медод, фикр намекард дар хонаи падарӣ ҳам ба ин гуна сарзаниш рӯ ба рӯ мешавад. Ӯ наметавонист бо янгааш даъво кунад, пай бурда буд, ки ин кадбону бар рӯйи қил истодааст, эҳтимол дорад аз як гапи ӯ достон созад. Феълан ягона роҳи дуруст муҳри хамӯшӣ бар лаб задан аст, зеро дар ҳар сурат ваю писараш дар ин хона нонхӯрҳои зиёдатӣ ҳастанд. Дар ҳамин ҳолате, ки зани ҷавон побанди фикрҳои печида буд, ногоҳ садои чирросии писараш баланд шуд. Якбора парида аз ҷо хест ва ба остонаю ҳерраи дар пешпохӯрон худро ба берун зад. Вақте ки ба ҳавлӣ баромад, манзараи дилхуркунандае ӯро ба таҳлука андохт. Дар бағали танӯрхона янга писари ӯро зери по гирифта бераҳмона калтаккорӣ мекард. Ҳам бо чӯб мезад, ҳам бо ҳама ҳарфи баде, ки медонист, ба сари кӯдак борони ҳақорат мерехт.

Зани ҷавон бо ҳавлу ҳарос худро ба сари писараш расонд. Ӯро бо тамоми қувват аз зери дасти янгаи башӯромада кашида гирифту канортар бурд. Садои дағалу дилхароши янга бошад кам намешуд, бо тамоми овоз ҳанӯз ҳам дод мезад:

– Ҳе сағири дарбадар, як бори дигар бинам ба бачаҳоям ангуштат расад, хуната аз ҳалқат меорам! Гумон кардӣ инҳо бесоҳибанд, ҳар чӣ хоҳед гуфтаи шумо мешавад?! Бинам, то кай аз суфраи ман нон мехуред, сарбориҳои зиётӣ!

Зани ҷавон бо азоб ин муомилаи дуруштро низ таҳаммул кард. Сахт ба риққат омада, дарду сӯзи дарунашро, ки то гулу омада буд, базӯр фурӯ бурд ва писарашро дар бағал гирифта, дубора ба ҳуҷраи худ даромада рафт.

Он рӯз модари зан дервақт аз меҳмонӣ баргашт. Ӯ хушҳолу самимӣ, аз пештар ҳам меҳрубонтар буд. Шириниҳои овардаи худро ба духтару набераaш дода, гашта-гашта илтифот мекард:

– Гиред, бачаҳоям, хуред, инҳо аз арӯсии духтари Хадичаапа. Имрӯз тӯй доштанд, аз се қишлоқ одами бисёр омад. Ана зиндагии пурфайз, ана хонаю дари ободи, дидагӣ ҳавас мекунад! Аз ҳеҷ чиз камӣ намекашанд, Хадичаапа, меҳмону ризвондорӣ ҷону дилашон, ҳар чи доранд ба дастархон мебароранд.

Зани ҷавон ҳис кард, ки дар пушти ин таърифҳои модар гапе ҳаст. Зеро модараш то ин ҳад ба ҳолату кайфияти ӯ бефарқ набуд. Модар пай намебурд, ки имрӯз дили ваю писараш чӣ қадр хунобу озурда аст. Ӯ фақат побанди ситойишу ҳавасҳои худ буд ва бешубҳа, ин кӯли таъриф аз хонаи Хадичахола об мехӯрд, дарахт бе шамол намеҷунбад.

– Як хона пури зан будем, ҳама аз дастбакории писари хурди Хадичаапа гап мезад, – ба суханаш идома дод модар. – Мегӯянд, кораш даромаднок, ҷиҳези хоҳарашро яклухт худаш харидаст. Баъди даргузаштани падар корҳои мардона ба ӯҳдаи вай мондааст. Коргарию ободкунӣ ҷону дилаш, ана, ба ин мегӯянд меросхӯри падар, қандаша занад!

Барои зани ҷавон ин таърифҳои модар он қадар ҷолиб набуд, дили озурдааш намегузошт, ки ба хушҳолии ӯ шарик шавад. Бо ин ҳол, мунтазир буд модараш муддаои дили худро гӯяд, зеро пай мебурд, ки бо ин гуфтаҳо ба вай хабареро расонданист. Ниҳоят, модар ӯро зиёд нигарон намонда, пас аз лаҳзае хомӯш шудан арзи матлаб кард:

– Духтарам, орзуи ман ин аст, ки ту ҳамеша дар пешам бошӣ, ба поят хор нахалад, сарат дар амон бошад. Лекин ҳанӯз ҷавонӣ, ба тақдир тан дода, аз зиндагӣ ноумед шудан ба ту намезебад. Имрӯз ё фардо рӯзғори худатро ташкил мекунӣ, аз ин ҷойи гурез нест. Ману дадоят фақат хушбахтии туро мехоҳем.

Модар як лаҳза ором шуд. Духтари худро сархаму хомӯш дида ба суханаш давом дод:

– Дар тӯй хоҳари Хадичаапа ба ман гӯшзад кард, ки дасти туро пурсиданӣ будаанд. Баъди гусел кардани духтарашон ба хостгорӣ меомадаанд. Агар гапи маро гӯш кунӣ, ба онҳо ҷавоби рад надеҳ. Ҳарчанд писарашон аз зани аввалаш ҷудо шудааст, марди нағз менамояд, оилаашон ҳам бад не, ба қадрат мерасанд...

Модар насиҳат мекарду зани ҷавон сархам менишаст, маълум набуд аз хурсандӣ ё аз хӯрӣ дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Бе гуфтаҳои модар ҳам дарк карда буд, ки барои ӯ ҳатто хонаи падарӣ бегона аст, ҳатман бояд зиндагии худро созад. Аз Худо мехост ҳар чи зудтар он лаҳзаи хостгорӣ фаро расад, зеро дигар тавони таҳаммули бевагиро надошт.

---

(1) **Алафи об** – алафи худрӯйи қадкӯтоҳ, ки бештар дар водуҳадди боғ мерӯяд ва даравида ҷамъ кардани он хеле мушкил аст, аммо барои гову гӯсолаҳо озуқаи хушхӯрест

## *АРЗИ СИПОС*

Бо камоли мамнуният ба устодони арҷманди забону адабиёти тоҷикӣ – шоир, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Абдулло Субҳон, рӯзноманигор, коршиноси шӯъбаи таҳлили иттилооту маводи табъу нашри Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Шоқаҳҳор Муҳаббатзода, рӯзноманигор, корманди масъули нашриёти «Шарқ» Барно Эшпӯлотов, омӯзгор, адиб Абдуназари Набӣ, ки дар таҳриру тасҳеҳ ва ворасии мантиқии навиштаҳои инҷониб ёрии худро дареғ надошта изҳори назар кардаанд, ташаккур ва сипоси бепоёни худро баён медорам.

***Муаллиф***

**МУНДАРИҶА**

**Муқаддима**

**ҚИССАҲО**
Гурез аз худ
Равзанаи умед

**ҲИКОЯҲО (Достонҳои кӯтоҳ)**
Доғи рӯйи санг
Чашмаи Холмурод
Писарак
Дарди бедаво
Марди мусофир
Садои қалб
Амонат
Арӯси «тоҷик»
Тақозои табиат
Ҷазои худсарӣ
«Хоктеда»
Бевазан

**Арзи сипос**

# ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

# ҶОМИ САРГАРДОН

**(Овора жом.**
**Қисса ва ҳикоялар тӯплами, тожик тилида)**

***Мусаҳҳеҳ:*** Абдуназари НАБӢ
***Ходими оройиш:*** Баҳманёр ЮНУСЗОДА
***Муҳаррири техникӣ:***
***Саҳифабанди компютерӣ:***

Литсензияи нашриёт:
Ба матбаа 00.00.2014 супурда шуд. Ба чопаш 00.00.2014
имзо шуд. Андозаи 60x80 $^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопӣ: 20.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр: 1000 нусха.
Супориши № 00.

«Тамаддун» нашриёти,

Тел.:
e-mail:
web-site:

«...» босмахонасида чоп этилди.

**Ҷомест, ки ақл офарин мезанадаш,**
**Сад бӯса зи меҳр бар ҷабин мезанадаш.**
**Ин кӯзагари даҳр чунин ҷоми латиф,**
**Месозаду боз бар замин мезанадаш.**

*(Хайём)*